Для определения степени интеграции экономики Таджикистана в мировом рынке считаем важным рассчитывать ряд показателей, которые характеризуют масштабы и динамику объемов взаимных потоков, степени интеграции рынка товаров, услуг, рынка труда и капитала.

Таким образом, результаты проведенного исследования показывает, что интеграция Таджикистана на мировом рынке товаров происходит быстрыми темпами по сравнению с мировым рынком капитала. Это говорит о том, что в

Республике Таджикистан по мере либерализации внешнеторговой деятельности сформировалось благоприятное условие для торговли товарами. Однако выгода от такого условия больше остается иностранным товаропроизводителям, чему свидетельствует большой объем импорта по сравнению с экспортом в Республики Таджикистан. Низкий показатель взаимных потоков инвестиций из исследуемых интеграционных группировок говорит о том, что повышение степени открытости экономики Таджикистан еще не способствовал значительному росту притока иностранных инвестиций в страну. Исходя из этого, независимо от наличия интеграции по исследуемому направлению, влияние торговых потоков инвестиций в развитие экономики Таджикистана остается незначительным, что актуализирует поиск механизмов обеспечения внешнеэкономической безопасности в условиях его членства в международных торговых организациях. Таким образом, обеспечение внешнеэкономической безопасности в условиях участия Таджикистана в международных торговых организациях и региональных интеграционных группировках, является необходимым для сохранения экономической стабильности, снижения внешних угроз на деятельность отечественных предприятий и организаций, а также адаптации экономики страны к международной конкуренции. Используя преимущество режима наибольшего благоприятствования, необходимо принимать меры по укреплению репутации и престижа страны в мировой арене посредством его представления как надежного партнера, которое необходимо для притока иностранных инвестиций. Когда более одной трети ВВП страны создается при прямом участии во внешней торговли, поиск внутренних источников для расширения экспорта товаров и услуг значительно снижает зависимость страны от импорта.

В Республике Таджикистан имеются достаточно природно-климатические ресурсы для организации производства промышленных и сельскохозяйственных товаров внутри страны и наращивания экспортного потенциала. Развитие финансирования в сфере производства готовой продукции внутри страны, и разработка механизма государственной поддержки национальных интересов страны в условиях членства в интеграционных группировках могут стать важным направлением обеспечения экономической безопасности в стране. Развитие инвестирования в сфере человеческого капитала позволяет снизить зависимость страны от объема денежных переводов и способствовать диверсификации структуры экспорта услуг в стране. Инвестирование в создание хороших рабочих мест для увеличения доходов населения страны является другим важным направлением повышения внешнеэкономической безопасности страны. Создание высококачественных рабочих мест и развитие экономических

отношений со странами членами ВТО помогает увеличить национальный доход и открыть новые рынки сбыта для товаров отечественного производства за рубежом. Повышение конкурентоспособности национальной экономики на основе переоснащения производственных технологий, внедрение инновации в производстве является другим важным направлением обеспечения экономической безопасности. Наряду с этим, разработка эффективного механизма регулирования внешнеторговой деятельности страны с интеграционными группировками при соблюдении экономических интересов Таджикистана, поддержка интересов отечественных экспортеров на мировом рынке стабилизация курса национальной валюты может существенно повлиять на уровень внешнеэкономической безопасности в стране.Все это в итоге позволяет снизить зависимость экономики от экспорта сырья, обеспечить необходимый уровень развития отечественных отраслей промышленности, повысить занятость и способствует реализации политики импортозамещения в стране.

Литература:

1. Джумъаев Б. М. Развитие торговли услугами в условиях вступления Республики Таджикистан во всемирную торговую организацию. Диссертации. Душанбе. 2010 ТГУК. -22с.
2. Джумъаев Б. М. Таджикистан и ВТО: вопросы секторальной адаптации и путы нейтрализация возможных угроз. – Душанбе: Ирфон, 2016.-128с.
3. Золкин И.С., Зубенко В.А. Место внешнеэкономической безопасности в общеэкономической безопасности государства. / Золкин И.С., Зубенко В.А.// Преобразования, риски, безопасность: социально-экономические, правовые, международные аспекты развития предпринимательства: сборник научных трудов Международной межвузовской научно-практической конференции. Выпуск 13. – М.: Московский институт предпринимательства и права, 2015. – С. 212-219.
4. Кодирзода Д.Б., Бобохонзода, Р.Х. Внутренний рынок Республики Таджикистан: современное состояние и меры его защиты [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2019. - №6. - С.5-10 (в соавторстве, авторских – 0,5 п.л.).
5. Кодирзода Д.Б., Бобохонзода, Р.Х. Омилҳои рушди бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият ба созишномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ [Матн] / Р.Х. Бобохонзода, Д.Б.Қодирзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ: – Душанбе, 2020. - №8. - С.94-100.

6. Липин А.С., Полякова О. В. Оценка интеграционных процессов в едином экономическом пространстве на примере торговли товарами. Практика интеграции ЕЭИ. № 1 (22) февраль 14 –С.80-96

7. Методические подходы к анализу интеграционных процессов в Таможенном союзе и Едином экономическом пространстве http://www.eurasiancommission.org/ru /act/integr_i_makroec/dep_makroec_pol/research/Documents/integr_meths.pdf

8. Молчан А.С., Кочьян Г.А., Шадрина Ж.А. Трансформация угроз экономической безопасности в продовольственной сфере / В книге: The International Scientific and Practical Congress of Economists and Jurists "The global systemic crisis: new milestone in development or an impasse?" ISAE "Consilium". г. Давос, Швейцария, 2015. С. 153-157.

9. Статистический ежегодник Республики Таджикистан // Статистический сборник. - Душанбе, АСПРТ, 2020. -495с.

Назаров Холназар Давлатшоевич - дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги ДБССТ

ҒУРУРИ МИЛЛӢ ДАР СИМОИ ҚАҲРАМОНОНИ ОСОРИ МАРДУМӢ

Эҷодиёти даҳонии мардуми тоҷик дорои панду ҳикмат ва афкори баргузидаест, ки дар ташаккули шахсият ва ғурури миллӣ нақши муҳим дорад. Дар ин осор шахси комил, ки дорои хусусиятҳои махсуси сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ буда, ин хусусиятҳои гуфторӣ, рафторӣ, пиндорӣ ва кирдорӣ бо ғурури миллӣ амалӣ гардонида машавад, қаҳрамон ҳисобида мешавад.

Ин гуфтаҳо далели онанд, ки дар ҷомеаи тоҷик фардияти шахси алоҳида ҳеҷ гоҳ паст намегашт, ҳамзамон ҳар як тоҷик худро таҷассумгари манфиатҳои инфиродии коллектив, яъне манфиатҳои оилаи худ ва халқи худ дар умум ҳис мекард.

Чунин шахсиятҳо дар осори халқӣ Эраҷи Тилисмшикан, Ҳотами Тай, Самаки Айёр, Аваз ва дигарон мебошанд. Онҳо фидокору ҷавонмарданд, ки аввалин шуда, дар набард бо душманон иштирок мекунаду худро зери хавфу хатар мегузорад. Нигоҳдории шарафу номус, иҷрои қарз барои паҳлавони ватандӯст аз ҳама болост ва бо ин мақсад онҳо омода ҳастанд, ки ҷони худро фидо намояд. Шахсони мазкур манзалати калон доранду дар қарори қабулкардаашон гузаштнакунандаву устувор. Дарки қувваи баҳодуронаи худ дар аксари мавридҳо ба тундмизоҷӣ, азнавбаҳодиҳӣ ба қувваҳои худ оварда мерасонад, вале ҷасуриву далерии ӯ, ки интиҳо надорад, асоси хислати қаҳрамононаро ташкил медиҳад. Муҳаққиқ И.С.Брагинский қайд менамояд, ки «образи Нуралии паҳлавон маҳсули тахайюли бойи халқ буда, дарки қаҳрамониву мардонагиро инъикос менамояд» [2, 255].

Осори шифоҳӣ нишон медиҳад, ки халқ киро ва барои кадом кораш қаҳрамон меҳисобад. Тасвири рафтори паҳлавон шунавандаро ба ваҷд меорад, чунки корномаҳои ӯ барои ҳифзи манфиатҳои умумихалқӣ содир мегарданд.

Ҳар як паҳлавон бо хислатҳои наҷиб ва фавқулодаи худ нақши асосӣ дорад. Қаҳрамонони ҳамосаҳои халқӣ чун шахсияти комил дар меҳнат, фаъолият, мубориза ташаккул меёбанд. Онҳо сифатҳои бузурги паҳлавонӣ, доҳии хирадмандро доро буда, беғараз ва некӯахлоқ, шахси аз ҳама хирадманди кишваранд ва фикру суханонашон беғалату амиқанд. Фарқи байни шахсиятҳои авал ва навкарони онҳо на танҳо функсионалист, балки боз дар он аст, ки ин шахсиятҳо истеъдоди барҷаста доранд. Онҳо ҳамчун инсони ягона буда, касе ба онҳо баробар шуда наметавонад. Зери таъсири афканишоти офтобӣ-кайҳонӣ дар ҷомеаи инсонӣ одамоне таваллуд меёбанд, ки онҳоро олимон «пассионарӣ» меноманд. Одамони пассионарӣ бо партавафкании пуриқтидори нерӯи худ ба атрофиён ташаббус мебахшанд, одамонро ба фаъолияту корномаҳо ва ба пешрафти маданият ҳидоят мекунанд.

Дар образи Аваз орзуи чандинасраи халқ дар бораи ҳокими идеалӣ, ки ҳокимиятгари халқ, ҳомии сулҳ, озодӣ ва адолат мебошад, таҷассум ёфтааст. Барои ба дараҷаи ахлоқии қудсиён расидан доштани ахлоқи баланду рӯҳан тоза будан зарур аст. Танҳо шахси комил беҳтарин ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки ба халқ роҳбарӣ кунад. Дар назари қаҳрамонон – паҳлавонони кишвари Чамбул ҳокимияти Аваз такягоҳи ягона мебошад. Ин ҳокимият на бо қувва, балки ба адолат асос меёбад. Образи қаҳрамони доҳӣ аз доираи ҳаёти реалӣ берун мебарояду идеалӣ мегардад, ки он пуробуранг тасвир менамояд. Образи Аваз – арзиши асосии тарбиявии ҳамоса аст.

Дар он давраи тӯлонии таърихӣ, вақте ки ҳамосаҳои халқӣ офарида мешуданд, идеали рафтор шахсе буд, ки дар ташаббуси инфиродӣ озод ҳисоб меёфт, вале ҳамзамон, барои манфиатҳои тамоми ҷомеаи ҳамқавмӣ мезистанд. Дар ин масъала, ҳамосаҳои тоҷикӣ ба достонҳои халқҳои дигар мушобеҳ аст. Муҳақиқи достони гурҷии Шота Руставели «Паҳлавони пӯстини палангпӯш» Саргис Сашивили қайд мекунад, ки идеал дар тасаввуроти халқи гурҷӣ паҳлавони ҷавонмард мебошад. Паҳлавони ҷавонмард намунаи марди идеалӣ дар ҳамоса ҳисоб меёбад. Паҳлавони ҷавонмард – на танҳо қаҳрамон, паҳлавоне, ки хоҳиши аз дигарон фарқ карданро дорад, он бидуни қаҳрамонӣ ва паҳлавонӣ аз шахс хоксорӣ, садоқат ва худфидоӣ дар дӯстиро талаб мекунад. Қаҳрамонҳои идеалии ҳамоса ба ҳисси амиқи муҳаббат ва дӯстӣ такя менамоянд». Шота Руставели ин адолатҳоро ба мадди аввал гузошт ва бо қувваи бузурги шоирона идеали баланди паҳлавони ҷавонмардро тасвир намуд.

Дар бораи одамони давраи таърихӣ Гегел навиштааст, ки онҳо «…бо нокифоягии идеалии манфиатҳои рӯҳӣ қонеъ намегарданд, балки бо майлу рағбатҳои амиқ ба ҳаяҷон меоянду дар назди худ мақсадҳои калон мегузоранд. Ҳамзамон, муҳити наздиктарини фардҳо, қонеъгардонии талаботҳои бевоситаи онҳо боз натиҷаи фаъолияти шахсии онҳо мебошад» [3, 172]. Идеале, ки ба он дар ҳаёти худ қаҳрамонон-паҳлавонҳои мамлакати Чамбул мекӯшиданд, чун иҷрои қарзи қаҳрамонӣ, майл ба ҳаёти зебои қаҳрамонона, ки шоистаи эҳтиром мебошад, муайян кардан мумкин аст. Ба ҳамаи онҳо дарки озодии амалҳои худ хос буда, масъулият барои ҳар як амали худро дорад. Қобилияти бартарафсозии бадӣ, ба пешвози душман баромада, дар мубориза бо ӯ ғолиб омадан аз ҳама зарур ҳисоб меёбад. Тоҷикон, пеш аз ҳама халқи далеру нотарс буданд. Онҳо чуноне ки худро дарк мекарданд бо ривоятҳои хеш ғолиб мебаромаданд. Ин ба хотираи таърихии халқ ворид шуд ва дар эҷодиёти шифоҳии халқ маҳфуз монд, ки муҳориба, набард – иштиёқи асосии паҳлавонони мамлакати Чамбулро дар бар мегирифт. Илова ба ин, онҳо нисбати душманони мағлубшуда раҳм доранд, замини онҳоро ба хок яксон намекунанд, одамонро асир намегиранд, яъне нисбати онҳо инсондӯстӣ зоҳир менамоянд.

Дар ҳамосаҳои халқӣ, ҳатто дӯстдории оддии кӯдакон мушоҳида намегардад ва ба онҳо ояндаи муайяни таърихӣ алоқаманд аст.

Қаҳрамонони хӯрдсол далерона ватани худро ҳифз мекунанд, супоришҳои ба онҳо додашударо бо сари баланд иҷро менамоянд. Онҳо моҳирона аз яроқ истифода мебаранд, мисли падарони худ шуҷоъ, далер, ҷасур ва қавиродаанд. Бояд гуфт, ки онҳо ҳатто дар сафарҳои худ ҳам вазифаҳои муҳими давлатӣ, ҳам ҳимояи манфиатҳо, маъмул ва машҳур кардани сарзамини худро ба зима мегиранд. Барои ин кор дар тамоми набардҳо ва лаҳлаҳои зарурии ҳимояи Ватан ҳунарнамоӣ кардани онҳо зарур аст [4, 14].

Ҳамин тариқ, халқи тоҷик худро дар ҳамосаҳо ва дигар намунаи жанрҳои халқӣ дар симои паҳлавоне, ки ҳаётро ба пеш бурдан мехостанд, сурудааст ва бо тобоварии фавқулодааш худро машҳур карда, ба он номи Эраҷи паҳлавон, ҷасорати Восеъ, зарофати Гуланор, хирадмандии Ҳотами Той ва истеъдоду сухандонии Самаки Айёрро нисбат додаанд. Номи кӯдакони дигар низ, бо таъиноти ӯ бояд тавъам бошад. Чунин ҳисоб мешуд, ки аз интихоби дурусти ном ҳаёти ояндаи кӯдак, тақдири ӯ вобастааст. Номи дуруст интихобшуда кӯдакро мебоист аз бадбахтиҳо ҳифз мекард, ба ӯ дар ҳаёт кӯмак мерасонд. Афзалият ба номҳое дода мешуд, ки падидаҳои мусбӣ, сифатҳои хуби инсон, хусусиятҳои ашёҳоро тавсиф мекунанд.

Дар нақшҳои асосӣ, пеш аз ҳама он тарафҳои табиати инсон, ки дар назари халқ аҳамияти тарбиявӣ доштанд, ва писандидаву аз дигарон нисбатан хуб арзёбӣ мегаштанд, инъикос ёфтаанд. В.Д. Шадриков онро ҳамчун «ғояи Ватан» ва ҳисси ватандӯстиро асоснок кардааст, ки мо онро сарфи назар карда метавонем. Дар қаҳрамони халқӣ, нобиға он чизе зоҳир мегардад, ки дар якчанд насл рушд меёбад. Аҷдоди умумӣ ибтидои маънавии қавмро таҷассум додааст. Барои миллат ин нақшро қаҳрамонони миллӣ мебозанд. Бе қаҳрамонон миллат вуҷуд надорад, мисли он ки бе аҷдод қавм нест» [7, 169]. Тасаввуроти халқӣ дар бораи шахси комили идеалӣ ба тарбияи чунин ашхоси комил мусоидат намуданд.

Аҷдодони мо дар асарҳои халқӣ образи нодири «зебосанами олам»-ро офаридаанд, вале қувваи бештари бадеии тарбиявӣ ва ҷозибияти бештареро ба ҳар тасвири эҳсосот, фикру ақоид, амалу намуди зоҳирии онҳо ба даст меоранд. Ҳамосаҳои халқии тоҷикӣ, ин мадҳияи покдоманӣ, поквиҷдонӣ, покизагии маънавӣ, олиҳиммативӣ, ахлоқи баланди инсон мебошад.

Рӯ овардан ба ҳамосаи халқӣ, ҳамчун қомуси тоҷикони қадим, имкон медиҳад, ки ҷавонон ба пайгирӣ кардани он, ки чӣ тавр дар ин ҷо персонажҳои истеъдоднок арзёбӣ мегарданд ва соҳиби меҳру муҳаббати хосаанд қадамҳои устувор гузоранд. Онҳо дастовардҳои арзишноктарини мамлакат ҳисобида мешаванд, зеро ки сурудхони ҷавон – Соқӣ берун аз қаламрави мамлакат машҳур буд ва паҳлавони ҷасур низ, сароянда ва навозандаи нотакрор буд, ки имрӯзҳо ҳам бармало намоён аст

Шахси комил – шахси оқил, ҷасур ва боистеъдод аст. Дар анъанаҳои тоҷикон навохтани асбобҳои мусиқӣ аз қадиммулайём ба номгӯи малакаҳои ҳатмие дохил мешуд, ки дар ҷараёни тарбияи оилавӣ, хусусан тарбияи духтарон дарк мегардид. Тақсимоти анъанавии нақшҳо дар мусиқӣ то дер боз маҳфуз мемонд. Занҳо бошанд дар санъати баланд рақс

мекарданд ва «Суруд хонда натавонистани духтар» ба «бофтану дӯхта натавонистан» монанд буд.

Ҳамин тариқ, дар фолклори тоҷик нақши занон ва мардони ватандӯст васеъ инъикос ёфтааст, ки дар тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонону нақши мусбат дорад.

Адабиётҳо

1. Амонов Р. Аз паи ҳикмати халқ. Р. Амонов.– Душанбе, 1963.-104 с.
2. Брагинский И.С. О таджикском эпосе «Гуругли» и его художественных особенностях И.С. Брагинский. – Сталинабад, 1938. - 101с.
3. Гегель Эстетика. Т.1 Гегель. – М., 1968. - 441 с.
4. Кодиров К., Назаров Х. Эстетико-нравсвенные идеалы эпоса «Гургули» и их воспитательная роль К. Кодиров, Х.Назаров. – Душанбе: Нашри Камол, 2019. - 207с.
5. Лутфуллоев М. Инсон ва тарбия М. Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2013. - 462 с.
6. Хоҷаев Қ. Афкори педагогӣ Қ. Хоҷаев. – Душанбе: Эр-граф, 2004. - 250 с.
7. Шадриков В.Д. Народная школа В. Д. Шадриков. – М., 1993. – 201с.

Ҷамшедов М., - д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони ДБССТ

СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО: АФЗАЛИЯТҲО, МУАММОҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ, “САБЗ” ва ИННОВАТСИОНӢ

15 апрели соли 2025 ба имзо расонидани Созишномаи Уругвай оид ба таъсис додани СУС беш аз 31 сол гузашт. Созмони мазкур 1 январи соли 1995 ташкил ёфт. Созмон вориси Созишномаи кулл оид ба савдо ва тарифҳо (ГАТТ) мебошад. Ин низом оид ба танзими савдои байналмилалӣ тавассути механизмҳои таъсиррасонандаи амали яктарафаи худ қариб 50 сол фаъолият кард ва қобилияти худро ба сифати асосҳои ҳуқуқии бисёрҷонибаи мубодилаи молҳо исбот намуд.

Ёдовар мешавем, ки таъсисёбии Созишномаи кулл оид ба савдо ва тарифҳо 30 октябри соли 1947 дар ш. Женеваи Швейтсария аз ҷониби 23 мамлакати таъсисдиҳандаи он имзо гардид.

Миқдори аъзои он соли 1994 - 118 давлат буд.

Созмони мазкур иҷрои се вазифаро бар дӯш дошт:

1) *тартиб додани қоидаҳои савдои ҷаҳонӣ;*
2) *таъсир расонидан ба сиёсати савдои давлатӣ;*
3) *ташкили форумҳо барои гуфтушуниди савдои озод ва танзими масъалаҳои баҳсноки он.*

Ҷадвали 1. Гуфтушунидҳои конференсияҳои вазирони СКТС/СУС дар давоми солҳои 1947-2024

Р/т	Ҷой ва мавқеи баргузории гуфтушунидҳо	Сол	Теъдоди кишварҳои аъзо	Самтҳои асосии гуфтушунидҳо	Номи раундҳо
1	Женева (Швейтсария)	1947	23	Паст кардани мизони тарифои гумрукӣ	конференсияи Женева
2	Анси (Франсия)	1949	13	-«-	конференсияи Анси
3	Торки (Англия)	1950	38	-«-	конференсияи Торки
4	Женева (Швейтсария)	1956-1960	26	-«-	конференсияи Женева

5	Женева (Швейтсария)	1961-1964	26	-«-	раунди Диллон
6	Женева (Швейтсария)	1967-1973	62	Паст кардани мизони тарифои гумрукӣ ва таҳияи кодекси зиддидемпингӣ	раунди Кеннеди
7	Токио, кор дар Женева (Швейтсария)	1979	102	Паст кардани мизони тарифои гумрукӣ ва тадбирҳои ғайриттарифӣ	раунди Токио
8	Пунта-дел-Эста (Уругвай), кор дар Швейтсария	1986-1994	125	Бунёди СУС, паст кардани мизони тарифои гумрукӣ	раунди Уругвай
9	Доҳа, Қатар	2001 -2013	153	Паст кардани мизони тарифои гумрукӣ	раунди Доҳа ба мақсади ягона нарасид
10	Найроби	2015	160	-«-	раунди Найробӣ ба мақсад ноил нагашт
11	Буэнос-Айрес, Аргентина	2018	164	-«-	раунди Аргентина
12	Остона, Ҷумҳурии Қазоқистон	VI.2021 (нақша)	164	-«-	раунди Қазоқистон
13	Абу-Даби, АМА	2024	166	-«-	раунди АМА

Аз соли 1947 то соли 2024 тавассути саъю кӯшиши СКСТ - 8 ва СУС – 5 маротиба гуфтушунидҳои тиҷоратӣ бо мақсади ташкили озоди хариду фурӯши молу хизматрасониҳо ва аз байн бардоштани ҳар гуна монеа ва маҳдудиятҳо гузаронида шуданд (ниг. ба ҷадв.1).

Низоми мазкур дар раванди силсилаи гуфтушунидҳои тиҷоратии гузаронидашуда дар чорчӯбаи фаъолияти СКСТ хеле ривоҷу равнақ ёфт. Дар аввалин гуфтушунидҳо асосан масъалаҳои

паст кардани сатҳи тарифҳои гумрукӣ баррасӣ шуданд, вале баъдтар гуфтушунидҳои мутақобилан судмандро оид ба сиёсати зиддидемпингӣ ва тадбирҳои ғайритарифиро низ дар бар гирифт. Гуфтушуниди охирини СКСТ (солҳои 1986-1994) бо номи «Раунди Уругвай» ба таъсисёбии СУС оварда расонид ва минбаъд он ба фаъолияти гуногунҷабҳаи амалии СКСТ таъсири

назаррас расонид, онро ба кори самарабахши савдои хизматрасониҳо ва хусусиятҳои хоси ҳуқуқи объектҳои моликияти зеҳнӣ таъсири нек бахшид. Ҳамин тариқ, механизми СКСТ ҳаматарафа ташаккул ёфт ва ба марҳилаи рушди муосири савдои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуд.

Асосҳои ҳуқуқии СУС иборатанд аз:

- **Созишномаи кулл оид ба савдои молҳо дар таҳрири соли 1994 (СКСМ-1994);**
- **Созишномаи кулл оид ба савдои хизматҳо (СКСХ) ва**
- **Созишнома оид ба роҳҳои савдои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (СРСҲМЗ).**

Кишварҳои аъзои СУС, ки алҳол 166 давлати ҷаҳонро дар бар мегирад, ин масоилро бо роҳи назорати иҷрои созишномаҳои бисёрҷониба, гузаронидани гуфтушунидҳои тиҷоратӣ, танзими савдо тибқи механизмҳои муайян намудаи СУС ва инчунин ёрии ҳаматарафа ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва ба амал баровардани сиёсати иқтисоди миллии давлатҳоро ҳаллу фасл менамояд. Қарорҳо аз тарафи кулли мамлакатҳои иштирокчӣ, маъмулан бо усули мувофиқа (консенсус), ки ҳавасмадкунии иловагӣ барои устувор гардонидани розигӣ дар қатори давлатҳои СУС қабул карда мешаванд.

Қарорҳо дар сатҳи олии СУС - ***Конференсияи Вазирони давлатҳо***, ки ҳадди ақал дар ду сол як маротиба баргузор мегардад, ба тасвиб мерасанд. Конференсияи нахустини Вазирони СУС дар давлати Сингапур моҳи декабри соли 1996 (Конференсияи охирини Вазирони СУС 25 феврали соли 2024 дар шаҳри Абу-Дабии АМА) шуда гузашт, ки он сиёсати асосии пешгирифтаи кишварҳои аъзоро доир ба озодии савдо тасдиқ намуд.

Ба сохтори ташкили идоракунии амалкунандаи СУС боз се гурӯҳҳои нави корӣ, ки бештар ба масъалаҳои мубрами таносуби савдову сармоягузорӣ, таъсирнокии савдо ва сиёсати рақобатнок, инчунин шаффофият дар соҳаҳои хариди давлатӣ, илова гардид. Конференсияи дувум, соли 1998 дар ш. Женева баргузор гардид, ки он ба 50 - солагии СКСТ бахшида шуда буд. Ба ғайр аз ин дар он давлатҳои аъзои СУС оид ба масоили **тиҷорати электронӣ** гуфтушунид намуданд. Дар итоати Конференсияи Вазирон - Шӯрои кулл, ки бештар иҷрои корҳои ҷориро ба зимма дорад, якчанд бор дар як сол тавассути маркази маъмуриаш дар ш. Женева ҷамъ мешаванд.

Дар ҳайати бонуфузи намояндагони СУС, маъмулан аз сафирон ва сарони давлатҳои иштирокчӣ иборат мебошанд. Ҳайати Шӯрои кулл инчунин ду мақомоти махсус доир ба таҳлили савдо ва ҳаллу фасли баҳсу муноқишаҳоро дар бар гирифтааст. Ба ғайр аз ин, Шӯрои кулл ба ҳайати худ якчанд комитетҳоро оид ба савдо ва рушд; оиди мамнуият ва монеаҳои вобаста ба тавозуни савдо; оид ба буҷет, молия ва масъалаҳои маъмуриро дар бар

мегирад.

Шӯрои кулл вазифаи намояндагии се Шӯрои дигари дар сохтори СУС амалкунанда: оид ба савдои молҳо, оид ба савдои хизматрасониҳо ва оид ба савдои объектҳои моликияти зеҳниро ба зиммаи хеш вогузор намудааст.

Шӯро оид ба савдои молҳо фаъолияти комитетҳои махсусгардонидашударо роҳбарӣ менамояд, назорат ва риояи принсипҳои СУС ва иҷрои созишномаҳои СКСТ соли 1994-ро дар соҳаи савдои молҳо дар амал татбиқ мегардонад.

Шӯро оид ба савдои хизматҳо, назорат ва иҷрои созишномаҳои СКСТ ба амал мебарорад. Ҳайати он аз Комитет оид ба савдои хизматрасонии молиявӣ ва Гурӯҳи корӣ оид ба хадамоти касбӣ иборат мебошад.

Шӯро оид ба савдои объектҳои моликияти зеҳнӣ ба ғайр аз татбиқи амалии назорат ва идораи созишномаҳои мувофиқашуда (ТРИПС), инчунин ба масъалаҳои рафъи низоъҳои ба вуқӯъ пайваста, вобаста ба савдои байналмилалии молҳои худсохт ва ғ. сару кор дорад.

Кишварҳои аъзои Созмон аз рӯйи санаи воридшавиашон ба СУС дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2

Кишварҳои аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо
(дар санаи 13.04.2025)

Рақами тартибӣ	**Кишварҳо**	**Сана ва соли дохилшавӣ**
1	Австралия	01.01.1995
2	Австрия	01.01.1995
3	Албания	08.09.2000
4	Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА)	10.04.1996
5	Ангола	23.11.1996
6	Антигуа ва Барбуда	01.01.1995
7	Афғонистон	29.07.2016
8	Арабистони Саудӣ	11.12.2005
9	Аргентина	01.01.1995
10	Арманистон	05.02.2003
11	Бангладеш	01.01.1995
12	Барбадос	01.01.1995
13	Белгия	01.01.1995
14	Белиз	01.01.1995
15	Бенин	22.02.1996
16	Боливия	12.09.1995
17	Ботсвана	31.05.1995
18	Бразилия	01.01.1995
19	Бруней Доруссалом	01.01.1995

20	Булғория	01.12.1996
21	Буркино-Фасо	03.06.1995
22	Бурунди	23.07.1995
23	Венгрия	01.01.1995
24	Ветнам	11.01.2007
25	Габон	01.01.1995
26	Гаити	30.01.1996
27	Гайана	01.01.1995
28	Гамбия	23.10.1996
29	Гана	01.01.1995
30	Гватемала	21.07.1995
31	Гвинея	25.10.1995
32	Гвинея-Бисау	31.05.1995
33	Германия	01.01.1995
34	Гондурас	01.01.1995
35	Гонконг (Хитой)	01.01.1995
36	Гренада	22.02.1996
37	Гретсия	01.01.1995
38	Гурҷистон	14.06.2000
39	Дания	01.01.1995
40	Замбия	01.01.1995
41	Зеландияи Нав	01.01.1995
42	Зимбабве	05.03.1995
43	Иёлоти Муттаҳидаи Америка (ИМА)	01.01.1995
44	Иттиҳоди Аврупо	01.01.1995
45	Индонезия	01.01.1995
46	Иордания	11.04.2000
47	Ирландия	01.01.1995
48	Исландия	01.01.1995
49	Испания	01.01.1995
50	Исроил	21.04.1995
51	Италия	01.01.1995
52	Кабо-Верди	23.07.2008
53	Камбоҷа	13.10.2004
54	Камерун	13.12.1995
55	Канада	01.01.1995
56	Кения	01.01.1995
57	Кипр	30.07.1995
58	Колумбия	30.04.1995
59	Конго	27.03.1997
60	Корея (Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ)	01.01.1995
61	Коста Рика	01.01.1995
62	Кот д*Ивуар	01.01.1995
63	Куба	20.04.1995

64	Қатар	13.01.1996
65	Қувайт	01.01.1995
66	Латвия	10.02.1999
67	Лесото	31.05.1995
68	Либерия (Ҷумҳурии Либия)	14.07.2016
69	Литва	31.05.2001
70	Лихтенштейн	01.09.1995
71	Люксембург	01.01.1995
72	Маврикий	01.01.1995
73	Мавритания	31.05.1995
74	Мадагаскар	17.11.1995
75	Макао (Хитой)	01.01.1995
76	Малави	31.05.1995
77	Малайзия	01.01.1995
78	Малдиви	31.05.1995
79	Мали	31.05.1995
80	Малта	01.01.1995
81	Марокаш	01.01.1995
82	Маянма (Бирма)	01.01.1995
83	Мексика	01.01.1995
84	Миср	30.06.1995
85	Мозамбик	26.08.1995
86	Молдова	26.07.2001
87	Муғулистон	29.01.1997
88	Намибия	01.01.1995
89	Непал	23.04.2004
90	Нигер	13.12.1996
91	Нигерия	01.01.1995
92	Никарагуа	03.09.1995
93	Норвегия	01.01.1995
94	Панама	06.09.1997
95	Папуа- Гвинеяи Нав	09.06.1996
96	Парагавай	01.01.1995
97	Перу	01.01.1995
98	Покистон	01.01.1995
99	Полша	01.07.1995
100	Португалия	01.01.1995
101	Руанда	22.051996
102	Руминия	01.01.1995
103	Самоа	10.05.2012
104	Свазиленд	01.01.1995
105	Сенегал	01.01.1995
106	Сент-Винсент ва Гренадин	01.01.1995
107	Сент-Китс ва Невис	21.02.1996

108	Сент-Люсия	01.01.1995
109	Серра-Леония	23.07.1995
110	Сингапур	01.01.1995
111	Словения	30.07.1995
112	Соҳили Устухони Фил	01.01.1995
113	Суринам	01.01.1995
114	Таиланд	01.01.1995
115	Тайпейи (Хитой)	01.01.2002
116	Танзания	01.01.1995
117	Того	31.05.1995
118	Тонга (Шоҳигарӣ)	27.07.2007
119	Тринидод ва Тобаго	01.03.1995
120	Тунис	29.03.1995
121	Туркия	26.03.1995
122	Уммон	09.11.2000
123	Уганда	01.01.1995
124	Украина	16.05.2008
125	Уругвай	01.01.1995
126	Федератсияи Россия	22.08.2012
127	Филиппин	01.01.1995
128	Финландия	01.01.1995
129	Фичи	14.01.1996
130	Франсия	01.01.1995
131	Хитой (Ҷумҳурии Мардумии Хитой)	11.12.2001
132	Хорватия	30.11.2000
133	Ҳиндустон	01.01.1995
134	Чад	19.10.1996
135	Черногория	29.04.2012
136	Чили	01.01.1995
137	Ҷазираи Саламон	26.07.1996
138	Ҷазираҳои Сейшел	26.04.2015
139	Ҷибути	31.05.1995
140	Ҷумҳурии Африқои Марказӣ	31.05.1995
141	Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ	01.01.1995
142	Ҷумҳурии Демократии Конго	01.01.1997
143	Ҷумҳурии Доминикан	09.03.1995
144	Ҷумҳурии Вануату	24.08.2012
145	Ҷумҳурии Венесуэла	01.01.1995
146	Ҷумҳурии Македония	04.04.2003
147	Ҷумҳурии Мардумии Демократии Лаос	02.02.2013
148	Ҷумҳурии Қазоқистон	30.11.2015
149	Ҷумҳурии Қирғизистон	20.12.1998
150	Ҷумҳурии Словакия	01.01.1995

151	Ҷумҳурии Тоҷикистон	02.03.2013
152	Ҷумҳурии Чехия	01.01.1995
153	Ҷумҳурии Яман	26.06.2014
154	Шведсия	01.01.1995
155	Швейтсария	01.07.1995
156	Шоҳигарии Баҳрайн	01.01.1996
157	Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландия	01.01.1995
158	Шоҳигарӣ дар Аврупо ва Нидерландияи Антилли	01.01.1995
159	Шри-Ланка	01.01.1995
160	Эквадор	21.01.1996
161	Эл Салвадор	07.05.1995
162	Эстония	13.11.1999
163	Ямайка	09.03.1995
164	Япония	01.01.1995
165	Тимори Шарқӣ	25.02.2024
166	Ҷазираҳои Комор	25.02.2024

Кишварҳое, ки дар СУС дорои мақоми нозирӣ мебошанд:

1. Алҷазоир
2. Андорра
3. Озарбойҷон
4. Багам
5. Белорус
6. Бутан
7. Босния ва Герсеговин
8. Ватикан
9. Эрон
10. Ироқ
11. Ливан
12. Сан-Тома ва Принсип
13. Сербия
14. Судон
15. Сурия
16. Ӯзбекистон
17. Гвинеяи Эквадорӣ
18. Эфиопия
19. Туркманистон

Кишварҳое, ки на аъзо ва на дорои мақоми нозирӣ дар СУС мебошанд:

1. Аруба

2. Ҷерси
3. Ҷазираи Фолкленд
4. Гибралтар
5. Гернси
6. САДР
7. Ҷазираи Кайман
8. Кирибати
9. ҶХДК
10. Ҷумҳурии Косово
11. Ҷазираи Кук
12. Курасао
13. Монако
14. Монтсеррат
15. Науру
16. Ниуэ
17. Палау
18. Сан-Марино
19. Ҷазираи Еленаи Биҳиштӣ, Вознесения ва Тристан-да-Куня
20. Синт-Мартен
21. Сомали
22. Токелау
23. Тёркс ва Кайкос
24. Тувалу
25. Иёлоти Федеративии Микронезия
26. Эритрея
27. Осетияи Ҷанубӣ
28. Судони Ҷанубӣ

Кишварҳое, ки солҳои охир пайдарпай аз рӯйи сана ва соли шомилшавӣ ба узвияти комилҳуқуқи СУС шинохта шуданд:

1.Самоа - 10.05.2012; рақами - **155**
2.Федератсияи Россия - 22.08.2012; рақами - **156**
3.Ҷумҳурии Вануату - 24.08.2012; рақами - **157**
4.Ҷумҳурии Лаос - 02.02.2013; рақами - **158**
5.Ҷумҳурии Тоҷикистон - 02.03.2013; рақами - 159
6.Ҷумҳурии Яман - 26.06.2014; рақами - **160**
7.Ҷазираҳои Сейшел - 26.04.2015; рақами **161**
8. Ҷумҳурии Қазоқистон – 30.11.2015; рақами - **162**
9. Либерия - 14. 07.2016; рақами - **163**
10. Афғонистон - 29. 07.2016; рақами - **164**

11. Тимори Шарқӣ - 25. 02. 2024; рақами **165**

12. Ҷазираҳои Комор - 25. 02. 2024; рақами **166**

Маркази маъмурии СУС ш. Женеваи Швейтсария мебошад.

Ба он 166 кишвар **аъзои комилҳуқуқ** ва 19 мамлакати дигар бошад, соҳиби **мақомоти нозирӣ** мебошанд.

Буҷети солонаи СУС беш аз 195 млн. франки швейтсариро ташкил менамояд.

Шумораи кормандони он – 600 нафар аст.

Мақомоти роҳбарикунандаи он – Директори генералӣ (**Нгози Оконҷо-Ивеала** – шаҳрванди **Нигерия,** аз 1 марти соли 2021 то имрӯз фаъолият дорад) мебошад.

Мақсади асосии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо:

- савдои озоди байналмилалӣ;
- таъмини адолат ва пешгӯйии савдои байналмилалӣ;
- мусоидати рушди иқтисодӣ ва афзоиши баланди сатҳи зиндагонии аҳолӣ ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки сохтори гардиши моли савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити аъзогӣ ба СУС аз рӯйи нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаи мо дар солҳои 2000-2022, аз он ҷумла солҳои 2013-2022 чунин хулоса баровардан мумкин аст (ҷадв.2).

Ҷадвали 2

Гардиши моли савдои хориҷӣ, аз он ҷумла молҳои содиротӣ ва воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2022, млн. доллари ИМА [1, с. 10; 4, с. 308-320; 5, с. 355, 359,363; 6, с.357]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**								
	2000	**2005**	**2010**	**2012**	**2013**	**2015**	**2020**	**2022**	**Соли 2022 нисбат ба соли 2000**
Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ, Аз он ҷумла:	1678,0	2238,8	3851,6	5138,1	4988,8	4326,2	4557,8	7309,5	4,4
- мамлакатҳои ИДМ	737,4	1042,2	1724,1	2311,4	2093,0	2045,4	2357,9	3870,4	5,2
- мамлакатҳои дигари ҷаҳон	940,6	1196,6	2127,5	2826,7	2895,8	2280,8	2199,9	3439,1	3,7
Содирот – ҳамагӣ	797,2	908,7	1194,7	1359,7	943,4	890,6	1406,8	2142,0	2,7

Аз он: - мамлакатҳои ИДМ	138,5	177,9	161,2	239,6	177,4	226,7	289,4	761,4	5,5
- мамлакатҳои дигари ҷаҳон	658,7	730,8	1033,5	1120,1	766,0	663,9	117,4	1380,6	2,1
Воридот – ҳамагӣ	880,8	1330,1	2656,9	3778,4	4045,4	3435,6	3150,9	5167,5	5,9
Аз он: - мамлакатҳои ИДМ	598,9	864,3	1562,9	2071,8	1915,6	1818,7	2068,4	3109,0	5,2
- мамлакатҳои дигари ҷаҳон	281,9	465,8	1094,0	1706,6	2129,8	1616,9	1082,5	2058,5	7,3

Таҳлили нишонидандаҳои ҷадвали 2 истоби онанд, ки ҳаҷми умумии гардиши моли савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2000-2022 - 4,4 маротиба афзуд, аз он ҷумла ҳаҷми молҳои содиротӣ ва хизматрасониҳо - 2,7 маротиба, молҳои воридотӣ бошад бо суръати баланд, яъне 5,9 маротиба зиёд гардиданд. Тавозуни савдои хориҷии кишвар дар ин давра манфӣ арзёбӣ гардид. Дар соли 2022 бақияи манфии тавозуни савдои хориҷӣ ба андозаи 3025,5 (с.2020. – 1744,1) млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки он аз натиҷаи бемасъулиятии мутасаддиёни соҳа оид ба чораҷӯӣ накардан ба масъалаҳои рушди истеҳсолоти ватанӣ ва дар ин радиф тараққӣ додани сиёсати содиротӣ ва татбиқи амалии сиёсати воридотивазкунии мамлакат саҳлангорӣ нишон доданд. Агар вазни қиёсии молҳои содироти ҷумҳурӣ соли 2022 дар байни кишварҳои ИДМ - 35,5 дарсад (с.2020- 20,8 дарсад)-ро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар воридот ба 64,5 дарсад (с.2020 – 79,2 дарсад) баробар буд. Ҳиссаи молҳои содиротӣ 14,7 дарсад (35,5-20,8) зиёд гардида ҳиссаи молҳои воридотӣ тӯли ин солҳо бо ҳамин натиҷаи фоизӣ кам шуд, ки натиҷаи нек арзёбӣ мешавад.

Ҳаҷми гардиши умумии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 8,3 млрд доллари ИМА-ро ташкил намуд, суръати афзоиш нисбат ба соли 2022 13,6 дарсадро дар бар гирифт. Дар ин давра кишвари мо дар савдои хориҷӣ бо 111 кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла бо 10 давлатҳои ИДМ муносибатҳои хуби тиҷоратӣ барпо кард. Соли 2024 мутаносибан 121 ва 10 мамлакат сурат гирифт.

Шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон мисли солҳои қаблӣ Федератсияи Россия (беш аз 2,9 млрд. доллари ИМА), Ҷумҳурии Халқии Хитой (1,5 млрд. доллари ИМА) ба ҳисоб мераванд. Инчунин ҷойи сеюмро Швейтсария (беш аз 1,3 млрд. доллари ИМА) ишғол намуд, ки асосан аз ҳисоби афзун намудани воридоти флизоти қиматбаҳо фаъолияти тиҷоратиашро таҳким бахшид. Ҷойи чорум насиби Қазоқистон (бо зиёда аз 1,1 млрд. доллари ИМА) гардид.

Ҳолати воқеии савдои хориҷӣ (содирот ва воридот)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи наздик дар ҷадвали 3 овардашуда собит менамоянд, ки суръати афзоиши савдои хориҷӣ дар давраи таҳлил тамоюли афзоиш дорад.

Ҷадвали 3

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
бо мамолики Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000 – 2022, млн доллари ИМА [1, с. 14-21; 2, с. 15-17; 3, с. 15; 5, с. 341, 345]

Нишондиҳанд аҳо	Солҳо								
	2000	2002	2003	2004	2005	2015	2020	2022	Вазни қиёсӣ
Ҷумҳурии Қазоқистон									
Воридот аз Қазоқистон	89,1	72,2	95,8	152,6	168,3	555,6	757,5	957,7	18,5
Содирот ба Қазоқистон	3,1	3,5	4,6	3,5	19,7	146,5	152,2	483,9	22,6
Ҷумҳурии Ӯзбекистон									
Воридот аз Ӯзбекистон	150,7	132,4	132,7	168,8	152,9	5,9	250,3	377,0	7,3
Содирот ба Ӯзбекистон	87,2	72,9	67,1	65,9	66,5	6,1	83,6	178,3	8,3
Ҷумҳурии Қирғизстон									
Воридот аз Қирғизстон	5,7	5,2	27,5	17,6	20,6	24,4	27,2	13,8	0,3
Содирот ба	2,0	3,7	3,7	4,4	3,2	9,4	9,6	1,2	0,1
Ҷумҳурии Туркманистон									
Воридот аз Туркманистон	62,3	47,1	31,6	33,7	53,8	106,6	7,8	52,1	1,0
Содирот ба Туркманистон	9,7	10,0	2,2	7,6	0,0	2,5	-	-	-

Аз натиҷаи нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 маълум мешавад, ки дар давраи таҳлил содироти Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Қазоқистон 156,1 маротиба, Ӯзбекистон 2,0 баробар афзоиш ёфт, вале ҳаҷми содирот бо Қирғизистону Туркманистон бараъкс аз 40,0 то 100,0 дарсад коҳиш ёфтааст. Вазни қиёсӣ бошад тӯли ин солҳо дар Қазоқистон 22,6 дарсад, Ӯзбекистон 8,3 дарсад зиёд гардид, ҳиссаи Қирғизистону Туркманистон коҳиш ёфт. Дар воридот бошад натиҷаҳо чунинанд: суръати афзоиши воридот бо Қазоқистон 10,7 маротиба, бо Ӯзбекистон 2,5 маротиба, бо Қирғизистон 2,4 маротиба афзоиш ёфта, бо Туркманистон баръакс ба андозаи 16,4 дарсад коҳиш ёфтааст.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки гарчанде сатҳи инкишофи мавҷудаи бозори дохилии молҳои истеъмолӣ, дар шаҳру деҳот беҳтар шуда бошад ҳам, вале он ҳоло ҳам ба талаботи доимо афзояндаи шарти рушди савдои озод, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС, ки расман аз 2 марти соли 2013 ба ҳайси аъзои комилҳуқуқ шинохта шудааст, самараи ниҳоиаш бо гузашти вақт ҳоло ҳам дилхоҳ намебошад.

Баъди аъзогӣ ба СУС дар даҳ соли охир ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ, аз он ҷумла ҳаҷми содироту воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2024, млн. доллари ИМА [1, с. 14; 2, с. 11; 4, с. 308-320]

Солҳо	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла	
		Содирот	Воридот
2013	4988,8	943,4	4 045,4
2014	5 274,7	977,3	4 297,4
2015	4 326,2	890,6	3435,6
2016	3 929,9	898,7	3 031,2
2017	3972,9	1198,0	2774,9
2018	4224,3	1073,3	3151,0
2019	4523,7	1174,4	3349,3
2020	4557,8	1406,8	3150,9
2021	6359,1	2149,6	4209,5
2022	7309,5	2142,0	5167,5
2023	8328,9	**2448,8**	5888,0
2024	9023,4	1947,4	7076,0
2024 нисбат ба соли 2013	180,9	206,4	174,9

Маълумотҳои зикршудаи ҷадвали 4 исботи он андешанд, ки дар ёздаҳ соли аъзогӣ ба СУС ҳаҷми савдои хориҷии кишвар ба андозаи 1,8 баробар афзоиш ёфта нишондиҳандаи мутлақи он соли 2024 - 9023,4 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд. Тӯли ин солҳо суръати афзоиши содирот ба андозаи 2,1 маротиба расид ва дар тамоми фаъолияти савдои хориҷӣ маблағи ин нишондиҳанда ба 1947,4 млрд. доллари ИМА баробар гардид. Воридот бошад 1,7 маротиба афзоиш намуд, гарчанде суръати содирот нисбат ба воридоти молҳо бештар бошад, ҳам маблағи молҳои воридоти ҳоло ҳам таҷдиди назарро мехоҳад.

Тамоюли зикршуда ва самтҳои ҷуғрофии ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ ва вазни қиёсии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла

дар мамлакатҳои - аъзои ИДМ ва боқимонда кишварҳои ҷаҳон солҳои 2013-2022 дар ҷадвалҳои 5-7 оварда шудаанд.

Тавре маълум аст, СУС - ташкилоти тиҷоратии байналмилалӣ буда, бо мақсади таъмини савдои озоди байналмилалӣ ва танзими тиҷоратию иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои мутақобилан судманд дар байни давлатҳои аъзо тавассути риояи принсипҳои поягии он, тасъсис дода шудааст. Дар ҳайати СУС дар шароити имрӯза 166 давлат аъзо мебошанд, ҳиссаи онҳо дар савдои ҷаҳонӣ 98,0 дарсадро ташкил менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 декабри соли 2012 аз тарафи Шӯрои кулли СУС, бо тасдиқи Парламенти мамлакат, баъд аз як моҳ узви комилҳуқуқи **159-мини ташкилоти зикршуда** гардид.

Ҷадвали 5

Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, млн. долл. ИМА ва % нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 12; 2, с. 13; 4, с. 308-320]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					**Тафовути (+, -) соли 2022 нисбат ба соли 2013**	
	2013	**2014**	**2015**	**2020**	**2022**	**млн. долл. ИМА**	**% нисбат ба ниш-и ҷамъ-тӣ**
Ҳамагӣ	**4988,8**	**5274,7**	**4326,2**	**4557,8**	**7309,5**	**+ 2320,7**	**+ 46,5**
аз он ҷумла: Мамлакатҳои ИДМ	2093,0	2405,7	2045,4	2357,9	3870,4	+ 1777,4	+ 84,9
Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон	2895,8	2869,0	2280,8	2199,9	3439,1	+ 543,3	+ 18,8
аз он ҷумла:							
Мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо	526,1	436,6	567,7	286,1	490,2	- 35,9	- 6,8

Иттилооти омории дар ҷадвали 5 овардашуда гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи таҳлилшуда ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба андозаи 2320,7 млн. долл. ИМА ё худ 46,5 дарсад нисбат ба соли 2013 афзоиш ёфт. Умуман дар ин давра афзоиши нишондиҳандаи зикршуда аз тарафи мамлакатҳои ИДМ дар ҳаҷми - 1777,4 млн. долл. ИМА, мамлакатҳои хориҷи дур – 543,3 млн. доллари ИМА ба даст оварда шудааст. Ҳиссаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бараъкс дар ин давра - 35,9 млн. долл. ИМА ё худ 6,8 дарсад кам гардидааст.

Ҷадвали 6

Содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, дарсад нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 13]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					**Соли 2022 дар қиёс бо соли 2013**
	2013	**2014**	**2015**	**2020**	**2022**	
Ҳамагӣ	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	
аз он ҷумла: **Мамлакатҳои ИДМ**	18,8	25,2	25,5	20,6	35,5	+ 16,7
Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон	81,2	74,8	74,5	79,4	64,5	- 16,7
аз он ҷумла: **Мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо**	3,0	2,9	26,3	4,7	6,4	+ 3,4

Иттилооти иқтисодии ҷадвали 6 ба таври ошкоро нишон медиҳад, ки вазни қиёсии гардиши савдои хориҷии кишварҳои - иштирокчии ИДМ дар давраи таҳлил ба андозаи 16,7 адади фоизӣ ва ҳамзамон камшавии ҳамин гуна нишондиҳадаи адади фоизии бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон, аммо бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи таҳлил ба андозаи 3,4 адади фоизӣ зиёд гардидааст.

Қисмати дигари таҳқиқот масоили мубрами аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС пайомадҳои мусбат ва манфии онро дар солҳои 2013-2022 таҳлил намуда, дар асоси маводҳои оморӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст.

Ҷадвали 7

Воридоти молу хизматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, дарсад нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 13]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					**Соли 2022 дар қиёс бо соли 2013**
	2013	**2014**	**2015**	**2020**	**2022**	
Ҳамагӣ	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	**100,0**	
аз он ҷумла: **Мамлакатҳои ИДМ**	47,4	50,3	52,9	65,6	60,2	+12,8
Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон	52,6	49,7	47,1	34,4	39,8	- 12,8
аз он ҷумла: **Мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо**	12,1	9,5	9,7	7,0	6,8	- 5,3

Ҳаҷми савдои берунӣ, аз ҷумла гардиши содироти молу хизматрасониҳо ва молҳои воридотӣ дар Тоҷикистон тӯли солҳои 2000-2022, аз ҷумла кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳои боқимондаи ҷаҳонро ба анҷом расонидем. Таҳлили инҷониб нишон ва исбот намуд, ки ҳаҷми умумии гардиши мол дар соли 2022 нисбат ба соли 2000 4,2 маротиба зиёд шуд, аз ҷумла содироти молу хизматҳо 2,7 маротиба, вале воридот бо суръати баланд - 5,7 маротиба зиёд шудааст. Бақияи савдои хориҷӣ дар ин солҳо асосан манфӣ боқӣ монд ва дар соли 2022 ин натиҷаи манфӣ 3025,5 млн.доллари ИМА-ро ташкил кард, ки он нишонаи нокифояи самаранокӣ дар савдои хориҷӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар иртибот бо ин суханҳо дар пажӯҳиш зарурати бо суръат пеш бурдани сиёсати ба содирот нигаронидашудаи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ва ҳамзамон сиёсати воридот-ивазкунанда бояд дар солҳои минбаъда мавқеи устувори рушдкунанда пайдо намояд ва ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки иқтисоди Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили пешрафта ва рақобаттавон арзёбӣ намояд.

Адабиёт:

1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2023.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018.
3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2016.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агеентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023.
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Статистический сборник // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018.
6. Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2016
7. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати Байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 247 саҳ.
8. Джамшедов М. Последствия членство Республики Таджикистан в ВТО и его влияние на состояние потребительского рынка // Вестник Таджикского

государственного университета коммерции (научно-практический журнал). - Душанбе: ТГУК, 2019, №1(26). - С.116-125 и №2(27) . - С. 61-70.

9. Джамшедов М., Хабибов С. Всемирная торговая организация: ключевой институт развития и регулирования свободной торговли между странами в условиях политики глобализации // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: ТНУ, 2016, № 2/7 (213). - С. 173-179.

10. Джамшедов М. Вступление Таджикистана в Всемирную Торговую Организацию: необходимость, преимущества, барьеры и перспективы// Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал). - Душанбе: ТГУК, 2011, №1. С.18-32.

11. Джамшедов М. Этапы вхождение Республики Таджикистан в ВТО: преимущества и барьеры// В кн.: Проблемы рыночной экономики. Выпуск 5.- Душанбе: ТГУК, 2003. - С.129-135.

Шарифова Г.А. доктори илмҳои филологӣ, и.в.профессори кафедраи забон ва фарҳанг

ТАРҶУМАИ БАДЕЙ ВА НАҚШИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ОН

Ҳар як муҳаққиқро лозим аст, ки қабл аз ҳама бояд ба робитаҳои байни ҳамдигар эътибор диҳад, зеро ҳодиса, ҷунбиш ва зиддиятҳои он асоси такони ҳамагуна равия ва ҷараёнҳои адабиёт, яъне ин робитаҳо дар такомули симои эҷодии як ё як гурӯҳ адибон хоҳу нохоҳ таъсири худро мерасонад. Хулоса, ин ҳодисаҳо оғози ҳамаи робитаҳост. Таъсири ғазалиёти Ҳофиз ба эҷодиёти шоирони минбаъдаи тоҷику форс ё таъсири ғазалиёти шоирони турк ба осори шоирони минбаъдаи тоҷику турк ифодакунандаи моҳияти робитаҳои байниҳамдигарӣ шуда метавонад. Адабиётшиноси маъруфи рус Д.С.Лихачев доир ба унсурҳои реалистӣ дар адабиёти классикии рус таваққуф намуда, маҳз таъкид мекунад, ки ин унсурҳоро дар ҳамон жанрҳое мушоҳида мекунем: “которые создавались на русской почве и были слабее всего связаны с канонами Византийской литературы”.

Дар тӯли қарнҳо таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки ҳеҷ як адабиёт, ҳатто адабиёти бузурги миллатҳои бонуфуз низ бе робита ба адабиёту маданияти ҳалқҳои дигар ташаккулу такомул наёфтааст. Ин ҳақиқати равшани таърихӣ ва адабӣ беш аз пеш диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда, онҳоро ба олами мушоҳидаю тадқиқ ҷиддитар раҳнамун сохтааст. Ҳоло барои исботи мулоҳизаҳои хеш як мулоҳизаи адиби олмонӣ Иоҳаннес Бехерро, ки масъаларо хеле нозук ҳис карда, мантиқан хуб ба қалам додааст, зикр менамоем: “... адабиёти ҳақиқатан миллӣ танҳо ба шарофати робитаҳои самарабахш бо адабиёти халқҳои дигар ба миён омада, камол меёбад”.

Олими Эрон Алии Даштӣ ҳангоми муайян кардани ҳунари ғазалсароии Ҳофиз ва манбаъҳои истифодаи ӯ пеш аз ҳама таъсири фикри Хайём, забони Саъдӣ ва рӯҳи Чалолиддини Румиро дар ғазалиёти Ҳофиз пай бурда, ин қисмати корро “таҷаллии се гӯяндаи бузург дар девони Ҳофиз” номида, бо ҳамин он қуввахоеро, ки ғазалсарои бузург аз он шодоб гардида буд, равшан намудааст, ки ин ҳама барои равшан дидани ҳодисаҳои байниҳамдигарии ҷараёни адабӣ кӯмаки ҷиддӣ мерасонад.

Дар баробари ин ба робитаҳои адабии ду кишвар диққати махсус дода, онро бо диққату покизакории тамом тадқиқу таҳлил намудан лозим аст. Робитаҳои адабии тоҷику турк дар қарни XX ба таърихи адабиёти Шарқ ва ҷаҳонӣ маводи ғанию пурифтихоре дода, тавассути ин иртиботи маънавӣ ба миқёси ҷаҳонӣ баромада, ба равиши ҷаҳонии ҷараёни адабӣ ҳиссаи муносиб гузошт ва худ дар ниҳоят қисми таркибии он гардид. Муносибати оламиён, аз ҷумла, демократҳои маорифпарвари Туркия ба ғазалиёти Ҳофиз, тоҷику форсро ба ғазалиёти Фузулӣ, аврупоиён бо осори Пушкин шаҳодати равшани робитаҳои адабӣ шуда метавонад.

Ҳофиз, Фузулӣ ва Пушкин вазну эътибори осору афкори худро дар байни халқҳои гуногун пай бурда, онро махсус қайд ва таъкид кардаанд. Ҳатто Пушкин дар замонаш мақоми худро дар муносибатҳои адабии халқи рус бо халқҳои дигар ҳис карда, худро чун “вазири корҳои хориҷии адабиёти рус” таъбир кардааст.

Истилоҳи робитаҳои байналмилалӣ рӯз аз рӯз дар адабиётшиносии рус ва ҷаҳон дақиқ таъкид шуда истодааст, ки ин барои равшану возеҳ муайян кардани мулоҳизаҳои муҳаққиқон аҳамияти махсус дорад. Проф. В.М.жирмунский қабл аз ҳама ба ҷараёни адабии халқу миллатҳо диққат дода, онро ба маҳорати тамом ба робитаҳои байналхалқӣ пайваст мекунад.

Проф. А.С.Бушмин ирсияти робитаҳои адабиро дар системаи мураккаби робитаҳо тадқиқ карда, ба хулосае омадааст, ки он инкишофи адабию бадеиро муайян карда метавонад .

Таърихи ғании адабиёти халқҳои форсу ҳинд, арабу рус, аврупо ва махсусан, тоҷику турк шаҳодат медиҳад, ки пеш аз зуҳур ёфтани ягон ҳодисаи алоқаҳои адабӣ, аз ҷумла, таъсири адабиёти як халқ ба олами адабии халқи дигар ворид шуда, он ҷо нуфузу эътибор пайдо карда, дар ҷараёни адабии он фаъолона иштирок мекунад ва ё баръакс бо мурури замон оҳиста-оҳиста ҳазм шуда, мавҷудияти худро аз даст медиҳад. Даврае буд, ки илму адабиёти Юнон байни арабҳо, илму адабиёти араб байни аҷамиҳо ва адабиёти бузурги тоҷику форс байни қабилаҳои туркӣ дар аслаш ворид шудааст. Донишманди бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ба адабиёти илми араб дар нусхаи асл шинос шуд. Мутафаккирони зиёди тоҷику форс низ ба мисли Сино адабиёту илми арабро бевосита омӯхтанд ва ба воситаи арабҳо ба илму адаби юнониён шинос шуданд. Чунончӣ, Сино тарҷумаи арабии “Рисолаи шеър” (поэтика)-и Арастуро бо майлу рағбати тамом омӯхта, онро шарҳу тафсир навишт ва ақидаҳои зиёди ӯро эҷодкорона инкишоф дод.

Асарҳои Синоро ҳанӯз дар охири қарни Х1 ва нимаи аввали қарни ХП Мхитар Герац ба забони арманӣ тарҷума ва тафсир кардааст.

Тарҷума дар адабиёти халқе, ки онро писандидааст, бетаъсир наmemонад. Дар вақташ тарҷумаи русии достони “Рустам ва Сӯҳроб”-и Фирдавсӣ диққати адибон ва хонандагони русро бо таърих ва адабиёти Аҷам дучанд намуд. Н.Г.Чернишевский пеш аз навистани тақриз ба тарҷумаи мазкур илми таърих ва нажодшиносии Аҷамро бо диққати тамом омӯхт. Як насли адибони рус бошанд, баъди мутолиаи тарҷумаи “Рустам ва Сӯҳроб” ва тақризи Н.Г.Чернишевский на танҳо ба адабиёт, балки ба таърих ва маданияти мардуми эронинажод эътибори бештар медоданд. Чунин ҳодисаҳои таърихиро низ бояд қайд кард, ки он вақт ҷашни Русия ба мисли давлатҳои дигари Аврупо ба сӯи шарқӣ дар назари аврупоиён аҷиб менамуд.

“Шоҳномаи”-и Фирдавсӣ асосан тавассути тарҷумаҳо ба оламиён дастрас гардидааст. Аз порчаҳо ва достонҳои алоҳидаи он мардуми фарҳангдӯсту адабиётдӯсти Туркия барои ифодаву омоли хеш фаровон истифода кардаанд ва ҳатто корнамоӣ ва қаҳрамониҳои достонҳои “Шоҳнома”- ро ба корномаҳои эпосҳои халқи худ муқоиса кардаанд. Оид ба тарҷумаҳои арманӣ, русӣ, қазоқӣ, тоторӣ ва узбекии он инчунин, ҳусну қубҳи онҳо дар таърихи

пайвандҳои адабии то замони инқилоб ва баъдиинқилобии собиқ Шӯравӣ ва Аврупо тадқиқотҳои арзишманд ба миён омадааст.

Асоси мушоҳида ва мулоҳизаҳо доир ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, “Хамса”-ҳои Низомӣ, муносибати Низомӣ ба “Шоҳнома” ва таъсири ин ду шоҳкории бузург дар тақдири баъдинаи адабиёти халқҳои Шарқ, пеш аз ҳама тоҷику турк сурат гирифта, ба ҳодиса ва масъалаҳои адабии қарни XX мебошад. Аз ҷумла, ҷиддитарин мақолаи дар ин бобат ба миён омада, ки бо қалами проф. Ш.Ҳусейнзода марбут аст, чунин ишора дорад: “...ин робита дар охирҳои асри Х1Х ва аввали асри XX шавқангезтар мегардад”. Ё худ М.Шукуров, ки мақолааш ба нашр расидааст, пас аз муносибати Низомиро ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ нишон додан, бевосита ба ҳодисаҳои адабии баъди соли 1905 мегузарад. Мутаассифона, масъалаҳои мухталифи робитаҳои адабии чанд асри охир, аз ҷумла, асри XX аз доираи мушоҳида ва мулоҳизаҳои пурбаҳои Ш.Ҳусейнзода ва М.Шукуров берун мондааст.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки бори асосии ҳодиса ва масъалаҳои равобити адабии халқҳои тоҷику турк дар асрҳои гузашта бар дӯши маорифпарварон афтода будааст.

Устод Айнӣ то андозае ба ин масъала ишора карда навиштааст, ки “чандин сол боз дар миёнаи мусулмонон ислоҳи алифбо... масъалаи пурхархашае шуда омад... донишмандони форсизабон илоҷи комилро дар туркӣ кардани алифбои араб ва қабул кардани алифбои лотинӣ медонистанд....дар Бухоро аз алифбои лотинӣ гап задан он тараф истад, танҳо масъалаи усули таълимро ҳам дар миён ниҳода намешуд, зеро... болои ин масъала хунҳо рехта ва хонумонҳо барбод рафта буд”.

М.Ф.Охундов барои илму адабиёти халлқҳои туркзабон ба адабиёти классикии тоҷику форс муносибати эҷодӣ дошт. Ин адабиёт махсусан, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар дилу шуур ва умуман, тақдири эҷодии ӯ табаддулоте ба вуҷуд овард. Се мактуби беимзое, ки аз Бухоро ба М.Ф.Охундов расидааст, шаҳодат медиҳад, ки номбурда аз байни тоҷикон шиносҳо доштааст. Ин фикрро низ далели зерин тақвият медиҳад. Шахси номаълуме ба забони русӣ дар санаи 25.11.1853 аз Тифлис ба Охундов мактуб навишта, хоҳиш мекунад, ки маводҳои ба Саидалӣ Саидаҳмади Бухоройӣ мансубро ҳатман ба забони русӣ тарҷума кунад ва мазмуну мақсади тарҷумаро махфӣ нигоҳ дорад.

In conclusion, the Republic of Tajikistan, under the leadership of President Emomali Rahmon, through its international initiatives, makes a significant contribution to green development and the achievement of the Sustainable Development Goals. It stands as a leader in green diplomacy, actively promoting mutually beneficial cooperation with the global community and international organizations.

REFERENCES

1. Bernauer T. Climate Change Politics. Annual Review of Political Science, 16, 421-448// https://www.annualreviews.org/content/journals/10.1146/annurev-polisci-062011-154926

2. Brundtland Commission Our Common Future. Oxford University Press 1987, pp. 1-383// United Nations Digital Library

3. Elliott L. The Global Politics of the Environment. Palgrave Macmillan,2021. pp. 42-178. Available at: SpringerLink.

4. Government of Tajikistan. National Sustainable Development Strategies. 2021// https://prezident.tj

5. Hopwood, B., Mellor, M., & O'Brien, G. Sustainable Development in Practice: Case Studies for a Sustainable Future. Routledge, 2021, pp. 22-102// https://nrl.northumbria.ac.uk/id/eprint/9387/

6. Renewable Energy in Central Asia: Opportunities and Challenges. International Energy Agency, 2023, pp. 10-65// https://www.iea.org/reports/renewables-2023

7. Climate Change 2022: Impacts, Adaptation, and Vulnerability. Intergovernmental Panel on Climate Change, pp. 1-95// https://www.ipcc.ch/report/ar6/wg2/

8. Kumar P., & Prasad R. Regional Integration and Sustainable Natural Resource Management in Central Asia. Journal of Environmental Management, 317, 115732, 2023, pp. 56-72

9. Rahmon, E. Address at the 79th Session of the UN General Assembly. New York//UN Website

10. Sachs J. D. Sustainable Development for the 21st Century: Solutions and Strategies. Princeton University Press, 2023, pp. 123-188.

11. Susskind L. E., Ali S. H. Environmental Diplomacy: Negotiating More Effective Global Agreements. Oxford University Press, 2014, pp. 201-256.

12. Tomer A., & Kane J. W. Navigating Climate Policy: Bridging the Gap Between Science and Practice. Harvard University Press, 2022, pp. 67-145.

13. United Nations Conference on Environment and Development (UNCED). Rio de Janeiro 1992//UN Digital Library

14. United Nations. Transforming Our World: The 2030 Agenda for Sustainable Development. New York: United Nations, pp. 10-80//UN Website

15. Paris Agreement. UNFCCC, 2015, pp. 5-30//UNFCCC Website

16. United Nations. The Sustainable Development Goals Report. United Nations, 2023, pp. 15-90//UN SDG Website

17. Ecosystem Resilience and Climate Adaptation in Central Asia. United Nations Environment Program, 2023, pp. 18-64//UNEP Website

18. Yergaliyeva Z., Marat S. Central Asia's Green Growth Pathway: An Evaluation of Renewable Energy Policies. Energy Policy Journal, 156, 112312, 2022 pp. 45-72.

Ҳотамова Муҳайё Ғафуровна - номзади илмҳои фалсафа, омӯзгори калони кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДБССТ

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР

Калидвожаҳо: *сиёсати хориҷӣ, ҷаҳонишавӣ, ҷомеа, давлат, давлатдорӣ, сиёсати дарҳои кушод, амнияти ҷомеа, фаъолияти давлат, ҷаҳони муосир, тартиботи ҷамъиятӣ.*

Мақола масъалаи сиёсати хориҷии кишварро бо назардошти фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки нақши Пешвои миллатро дар рушди сиёсати хориҷии мамлакат нишон диҳад. Инчунин, соҳибмақола бо баробари омӯзиши масъалаи мазкур, бо истифода аз сарчашмаҳо далелҳои лозимро овардааст, ки мубрамияти мавзуъро тақвият мебахшад.

Ключевые слова: *внешняя политика, глобализация, общество, государство, политика открытых дверей, общественная безопасность, государственная деятельность, современный мир, общественный порядок.*

В статье рассматривается и анализируется вопрос внешней политики страны с учетом деятельности Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона и Правительства страны. Автор постарался показать роль Лидера нации в развитии внешней политики страны. Также, исследуя данный вопрос, автор привел необходимые доказательства с использованием источников, что усиливает актуальность темы.

Key words: *foreign policy, globalization, society, state, open door policy, public security, state activity, modern world, public order.*

The article examines and analyzes the issue of the country's foreign policy, taking into account the activities of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Government of the country. The author sought to demonstrate the role of the Leader of the Nation in the development of the country's foreign policy. Furthermore, in exploring this issue, the author provided the necessary evidence using sources, enhancing the relevance of the topic.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ муносибати давлат бо кишварҳои хориҷа то рафт мураккаб гашта, сиёсати давлат марҳилаи нави ҳамкориро муайян месозад. Бе шубҳа, рушди давлатдорӣ аз муайян кардани самтҳои сиёсати хориҷии кишвар вобастагии амиқ дорад. Дар таҷрибаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо ташаббус ва сиёсати дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдадти миллӣ – Пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати хориҷӣ дарҳои кушод амал мекунад. Сиёсати дарҳои кушод аз як тараф инъикоскунандаи шаффофияти фаъолияти давлат буда, аз ҷониби дигар имкони амали кардани фаъолияти давлатро барои рушди ҷомеа ва масъалаҳои давлатӣ фароҳам меоварад. Бояд қайд намуд, ки сиёсати хориҷӣ бо мақсади таъмини манфиатҳои миллии

кишвар ташаккул меёбад ва он барои ҳифзи ҳифзи сулҳ, суботи иқтисодӣ, амният ва таҳкими давлатдорӣ дар арсаи байналмилалӣ равона гардидааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси қисми 1 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ аз 27 апрели соли 2000 инҷониб бо Паём "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар баромад менамояд. Дар асоси баромадҳои роҳбари давлат гуфтан мумкин аст, ки мақсади фаъолияти давлат дар ин самт ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории тарафайн аст [2].

Бе шубҳа дар ташаккули сиёсати хориҷии кишвар нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориз аст. Чун, аз оғози ба сари қудрат омадани Пешвои миллат фаъолияти худро бо ба роҳ мондани муносибати дӯстона бо ҳамсоякишварҳо оғоз намуданд. Нахуст сафари корӣ Пешвои миллат соли 1993 ба Ҷумҳурии мардумии Чин буд, ки дар ин давра новобаста аз вазъияти бӯҳронии ҷумҳурӣ, Президенти кишварро дар кишвари ҳамсоя Чин дар сатҳи баланд истиқбол гирифта буданд.

Имруз фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами сиёсати дохилӣ ва хориҷиии ҷумҳурӣ нақши бениҳоят муҳим дорад. Пешвои миллат дар ҳар як Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар масъалаҳоро доир ба самти сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ин ҳам бошад, мақсаднок ба роҳ мондани сиёсати хориҷии кишвар ба таъмини манфиатҳои миллӣ, баланд рафтани мақому манзалат ва нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ. Гузашта аз ин, сиёсати дарҳои кушод дар самти сиёсати хориҷии кишвар имкон фароҳам овард, ки сайёҳон аз минтақаҳои сайёҳии кишвар дидан намоянд. Ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки онҳо аз вазъи кишвар шиносои пайдо намоянд. Таи чанд соли охир ташрифи сайёҳон, ки зиёд мегардад ва он аз боварии шаҳрвандони хориҷӣ ба амнияти худ дарак медиҳад.

Масалан соли ҷорӣ Маркази таҳлили амрикоии «Gallup» дар пайи як назарпурсии шаҳрвандони 142 давлати дунё Тоҷикистонро дар зинаи дуюми ҷадвали амнтарин кишварҳои олам ҷой додааст. "Маркази таҳлилӣ дар натиҷаи гузориши худ кишвари Сингапурро дар ҷойи аввал ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар зинаи дуюм ҳамчун давлатҳои амнтарин дар ҷаҳон эълон кард. Дар воқеъ, натиҷаи тадқиқоти чунин як маркази таҳлилии ҷаҳонӣ барои ҳар давлат хеле муҳим дониста мешавад. Зеро, дар шароити пурихтилофи вазъияти муосир, авҷи фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва тундрав, ки ҳамарӯза метавонанд хатар эҷод кунанд, дар сатҳи қобили таваҷҷуҳ таъмин кардани амнияти шаҳрвандон ва меҳмонон,

нишондиҳанди кори шоистаи мақомоти амниятӣ ва ҳифзкунандаи тартиботи ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад”[2].

“Имрӯз сиёсати хориҷии кишвар таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобарор ва самарабахш арзёбӣ мегардад. Айни ҳол, Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешбари сиёсати хориҷии сулҳҷуёна ва ташаббускори ҳалли проблемаҳои глобалӣ ва масъалаҳои умдаи башар эътироф шуда, онро 193 давлати ҷаҳон расман мешиносанд, ва бо 183 кишвар муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ мондааст. Илова ба ин, кишвари мо узви комилҳуқуқи ҳамаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ буда, иштирокдори беш аз 170 конвенсияи байналмилалӣ мебошад”[3]. Ин нишондиҳанда фаъолияти пурсамари Ҳукумати кишварро таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикос менамояд.

“Ҳамзамон дар асоси принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба беш аз 350 санадҳои байналмилалӣ аъзо шуда, бо мамлакатҳои гуногуни дунё зиёда аз 2100 санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дутарафаро ба имзо расонидааст, ки асоси робитаву ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ таъмин менамояд. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо якчанд ташаббусҳои муфид оид ба истифодаи оқилонаи об аз минбари Созмони Милали Муттаҳид баромад намуданд. Дар соҳаи сиёсати байналмилалии обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои фаъол, ташаббускор ва аз субъектҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори асосии Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), ҳамчунин Даҳсолаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор» (2018-2028) мебошад. Ҳамчунин дар радифи ташаббусҳои зикргардида соли 2022 бо ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025, инчунин, 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо барои ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим ва мояи ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст” [3]. Дар умум, сиёсати хориҷии кишвар, ки фаъолияти дурбинонаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули ин самт нишон медиҳад, сазовори баҳои баланд дар давлатдорӣ аст. Дар тӯли наздик 35-соли Истиқлолияти кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист аз буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ баромада, муносибатро бо давлатҳои хориҷӣ барқарор созад. Ин аст, ки имруз миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун халқи ватандор, дорои фарҳанги ғанӣ ва мардумаш сулҳҷу эътироф шудааст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

1. Сайнозимзода Ф.С.Табиати ҳуқуқии Паёми Президенти ҶТ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: монография.-Душанбе,ҶДММ«Абдулло ва Искандар Ко».-292саҳ.

2. Саҳифаи ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН**:** **“Тоҷикистон – яке аз давлатҳои амнтарини ҷаҳон”:** https://www.vkd.tj/312-toikiston-jake-az-davlatoi-amntarini-aon.html] санаи мурочиат: 229.09.2025.

3. Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Санаи мурочиат 29.09.2025.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28 декабри соли 2024. Душанбе: «Шарқи озод», 2025.-40с.

5. Эмомалӣ Насриддинзода: «Пазируфтани ташаббусҳои Пешвои тоҷикон аз ҷониби СММ бори дигар аз нуфузи ҷаҳонии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад» [манбаи электронӣ: https://teleradiocom.tj/tj/node/49] санаи мурочиат:29.01.25.

6. Эмомалӣ Раҳмон: СММ барои таҳкими сулҳ қатъномаи нав қабул кунад.[манбаи.электронӣ:https://halva.tj/tj/news/emomal_ra_mon_smm_baroi_ta_kimi_sul_atnomai_nav_abul_kunad/] санаи мурочиат:29.01.25.

Самиров Б.А. – ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДБССТ

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ УЗВИЯТ БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО (СУС) ВА ҶАҲОНИШАВӢ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як кишвари рӯ ба рушд, пас аз соҳибистиқлол шудан, ба низоми иқтисоди бозорӣ гузашт ва барои ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ чораҳои гуногун андешид. Яке аз иқдомҳои муҳими он — шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мебошад, ки дар соли 2013 расман амалӣ гардид. Узвият ба СУС имконияту мушкилоти нав ба миён овард, ки ба рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар таъсир мерасонад.

Афзалиятҳои узвият ба СУС барои иқтисоди хориҷии Тоҷикистон:

1. Дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ: Узвият ба СУС ба содиркунандагони тоҷик имконият дод, ки молу маҳсулоти худро дар бозорҳои хориҷӣ бо шароити беҳтар пешниҳод кунанд.

2. Ҷалби сармояи хориҷӣ: Вуруд ба низоми танзимшуда ва шаффофи тиҷорати байналмилалӣ сабаби ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ гардид.

3. Баланд шудани рақобатпазирӣ: Корхонаҳо маҷбур шуданд, ки сифат ва самаранокии маҳсулоташонро баланд баранд.

4. Рушди соҳаҳои содиротӣ: Бахшҳое мисли кишоварзӣ, саноати сабук ва канданиҳои фоиданок бештар ба содирот равона шуданд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба унсури муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо бозорҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармояву технологияҳои нав ба воситаи иштироки фаъол дар муносибатҳои тиҷорати ҷаҳонӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Тоҷикистон 2 марти соли 2013 ба ҳайси узви комилҳуқуқ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) пазируфта шуд, ки марҳилаи навро дар равобити иқтисодии хориҷии кишвар ифтитоҳ намуд.

1. Вазъи кунунии фаъолияти иқтисоди хориҷии Тоҷикистон Фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир пешрафтҳои назаррасро таҷриба кардааст. Шарикони асосии тиҷоратии кишвар – Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қазоқистон, Туркия ва Ӯзбекистон мебошанд. Маҳсулоти асосии содиротии кишварро алюминийи аввалия, пахта, мева ва сабзавот ташкил медиҳанд. Аз сӯи дигар, Тоҷикистон ба таври назаррас вобаста ба воридоти маҳсулоти сӯзишворӣ, хӯрокворӣ, маҳсулоти саноатӣ ва таҷҳизот мебошад.

2. Таъсири узвият ба СУС ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ Узвият ба СУС барои Тоҷикистон як қадами муҳими стратегӣ буд. Он имконият дод, ки кишвар ба низоми савдои ҷаҳонӣ ворид шуда, аз меъёрҳо ва механизмҳои байналхалқии танзими иқтисод истифода барад. Аз ҷумла: Созишномаҳои СУС ба Тоҷикистон имкон доданд, ки сиёсати иқтисодии худро бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ созад; дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ бо шартҳои шаффофу нисбатан баробар таъмин гардид; зарурати такмил додани қонунгузории иқтисодии дохилӣ ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар бахшҳои бехатарии озуқаворӣ, бозори мол ва хидматрасонӣ ба вуҷуд омад.

3. Ҷаҳонишавӣ ва имкониятҳои рушди иқтисоди хориҷӣ Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванд ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки дар фазои ягонаи иқтисоди ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд. Ин раванд имкониятҳои зеринро фароҳам меорад: ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахшҳои калидии иқтисод (энергетика, нақлиёт, саноати сабук); ба роҳ мондани ҳамкориҳои технологиявӣ бо ширкатҳои хориҷӣ; табдил додани Тоҷикистон ба пайванди транзитӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо истифода аз манфиатҳои ҷуғрофӣ.

4. Чолишҳо ва тавсияҳо. Дар роҳи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ Тоҷикистон бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯст: норасоии инфрасохтор; сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ; норасоии маблағгузории инноватсионӣ; бюрократия ва монеаҳои маъмурӣ барои содироткунандагон. Барои рафъи ин мушкилот ва истифодаи самараноки имкониятҳо тавсия мешавад: ҷорӣ кардани сиёсати ҳавасмандгардонии содирот; дастгирии соҳибкорони хурду миёна; барномаҳои таълимии омодасозии мутахассисон; сохтани инфрасохтори логистикии замонавӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ.

5. Нақши минтақа ва ҳамгироии минтақавӣ. Дар баробари ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ, Тоҷикистон ҳамкории минтақавиро низ васеъ намуда истодааст. Узвият дар созмонҳои минтақавие чун ИДМ, СПАД ва СҲШ имконият медиҳад, ки кишвар тавассути механизмҳои дастаҷамъона дастрасӣ ба бозорҳои ҳамсоя ва ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ ва гумрукиро беҳтар намояд. Равобити мутақобилан судманд бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барои рушди савдо ва инфрасохтор, махсусан дар соҳаи энергетика ва нақлиёт, муҳиманд.

Масалан, лоиҳаҳои муштараки нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва хати интиқоли барқ (CASA-1000) на танҳо ба рушди содироти барқ, балки ба тақвияти мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ мусоидат мекунанд. Ҳамкориҳои минтақаӣ инчунин метавонанд ба коҳиши хатарҳои геосиёсӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат намоянд.

7. Рушди содирот ва сиёсати дастгирии он. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд барнома ва стратегияҳоро барои рушди содирот қабул кардааст, аз ҷумла: Барномаи миллии рушди содирот барои солҳои 2021–2025. Ин барномаҳо ҳадаф доранд, ки монеаҳои мавҷударо бартараф намуда, инфрасохтори содиротро такмил диҳанд, дастрасии соҳибкорон ба маълумот, бозор ва маблағгузориро беҳтар созанд.

Дар ин самт нақши марказҳои логистикӣ ва коркардгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ хеле калидист. Рушди чунин марказҳо ба содироти маҳсулоти тайёр ва нимтайёр мусоидат мекунад, ки арзиши иловашудаи бештар доранд. Ҳамзамон, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МММ), ба мисли «Суғд» ва «Данғара», метавонанд ба ташкили шароити мусоид барои истеҳсол ва содироти маҳсулоти рақобатпазир мусоидат кунанд.

8. Зарурати ислоҳоти сохторӣ. Барои истифодаи самараноки узвият ба СУС ва рушди иқтисоди хориҷӣ, зарурати ислоҳоти ҷиддии сохторӣ вуҷуд дорад. Ин ислоҳот бояд бахшҳои асосии иқтисод, аз ҷумла кишоварзӣ, саноат, соҳаи бонкӣ ва гумрукро фаро гирад. Муҳим аст, ки механизмҳои шаффофи субсидиядиҳӣ, дастгирии содиркунандагон ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар доираи қоидаҳои СУС роҳандозӣ шаванд.

Илова бар ин, зарурати рушди технологияҳои рақамӣ ва савдои электронӣ барои беҳтар кардани ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Бо истифодаи платформаҳои рақамӣ, ширкатҳои ватанӣ метавонанд маҳсулоти худро ба бозорҳои нав муаррифӣ кунанд ва равандҳои содиротро содда гардонанд.

Раванди узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС ва ҷараёни ҷаҳонишавӣ имкониятҳои васеъеро барои рушди иқтисоди хориҷӣ ба вуҷуд овардаанд. Вале истифодаи самараноки ин имкониятҳо аз сиёсати давлатӣ, дастгирии соҳибкорон, беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ ва мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ вобаста мебошад.

Адабиёт ва манбаъҳо.

1. Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (WTO). "Trade Policy Review: Tajikistan 2021". https://www.wto.org

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гузоришҳои расмӣ, 2020–2024.

3. World Bank. "Tajikistan Economic Update", Fall 2023. https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan

4. Мировая экономика / Под ред. А.С. Булатова. – М.: Экономика, 2022.

5. Раҳимзода М. Иқтисоди бозорӣ ва Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2021.

6. IMF. "Republic of Tajikistan: Selected Issues", 2023.

7. ЮНЕСКО. "Globalization and the Challenges for Developing Countries", 2020.

8. Саидов Ш.Ш. Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ. – Душанбе: Дониш, 2022.

9. Asian Development Bank. Tajikistan Development Outlook, 2023. https://www.adb.org

10. Агентии омори назди Президенти ҶТ: https://stat.tj

Исматова Назрбӣ Шириншоевна - номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносии ДБССТ

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон таърихи қадима дошта, давра ба давра инкишоф ва ташаккул меёбанд. Чун дигар кишварҳои минтақа Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд соли охир бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ робитаҳои пурмаҳсул дорад. Вале дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои марҳилаи соҳибистиқлолӣ ин муносибот акнун фарогирӣ манфиатҳои судманди ҳарду ҷониб мегардад.

Аз давраи аввали ба даст овардани истиқлолияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф карда ба расмият шинохт. Инчунин Ҷумҳурии Исломии Эрон нахустин шуда робитаҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намуд. Санаи 8 – уми январи соли 1992 Ҷумҳурии Исломии Эрон сафорати худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Теҳрон моҳи июли соли 1995 ба фаъолият шурӯъ кард **[2].** Пас аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатии ду кишвар ҷонибҳо омодагии хешро барои густариш додани ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун арзёби намуданд.

Рӯзи 25 – уми июли соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Худи ҳамон рӯз мулоқоти расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод баргузор гардид.

Зимни мулоқоти пурмӯҳтаво, ки дар фазои созанда ва ҳусни тафоҳум оиди тамоми масоили мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо ҷараён гирифт, тарафҳо омодагии худро баҳри таҳкиму тавсеаи минбаъдаи робитаҳои мутақобилан судманди ду кишвари дӯст таъкид намуданд. Баъди анҷоми мулоқотҳо маросими имзои санадҳои ҳуқуқию қарордодии ҳамкориҳои дуҷониба баргузор гардид, ки зимни он шаш санади муҳим ба имзо расид [9. с 340].

Ба баёнияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Исломии Эрон оид ба густариши муносбатҳои дуҷониба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод имзо гузоштанд.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳури Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи адлия, созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳури Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, созишномаи тиҷорати имтиёздор байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон, Барномаи иҷрои ҳамкориҳои туризм байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон баро солҳои 2006-2009, Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломи Эрон оиди минтақаҳои озоди иқтисодиро Вазири иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданд **[10].**

Боздиди гуруҳи байнипарлумонии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 то 6 сентябри соли 2007 бомуваффақият анҷом гирифт. Ошноии ин гуруҳ ба фаъолияти гуногунҷабҳаи парлумони Тоҷикистон, боздиди онҳо аз шаҳрҳои Кулобу Турсунзода ва мавзеи сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтуда-2» инчунин дидору мулоқот бо роҳбарони вазорату идораҳои марбутаи Тоҷикистон нигоҳи онҳоро ба вазъи кунунии Муносибатҳои гуногунҷабҳаи Тоҷикистону Эрон равшантар кард.

Аз 18 то 20 ноябри соли 2007 дар шаҳри Теҳрон дуюмин Маҷлиси Маҷмааи Маҷлисҳои Осиёи баргузор шуд, ки дар кори он ҳайати парлумони Тоҷикистон бо роҳбарии муовини раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Оллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Убайдулло Давлатов иштирок дошт. Ҳайати Тоҷикистон ба шаҳри Рашти устони Рашт сафар карда, бо шаҳрдори Рашт мулоқот ва санади бародаршаҳриро байни шаҳри Рашт ва ноҳияи Рашти Тоҷикистон ба имзо расонид. Инчунин ин гуруҳ бо Раиси Кумитаи имдодди Имом Ҳумайни низ мулоқот кард. Дар давоми соли 2007 якчанд сафари кори ҳайати эронӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расид, ки зимни онҳо масъалаҳои мухим бараси гардида, ҳамзамон санадҳои муфиди ҳамкориҳои соҳавӣ оид ба маориф, мудофиа, саноат, кишоварзи ва сохтмон ба имзо расиданд.

8-13 марти соли 2008 сафари хайати расмии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сурат гирифт. Зимни он ёддошти тафоҳуми ҳамкориҳои беҳдошти ва дармони байни Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати бехдошт, дармон ва омузиши пизишкии Ҷумҳурии Исломии Эрон, инчунин ёддошти тафоҳум байни Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи улуми пизишкии шаҳри Машҳад ба имзо расид.

21–25 октябри соли 2008 сафари намояндаи макомоти оллии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Кумитаи байналмилалии Имдоди Имом Ҳумайни ва раиси Шурои марказии ин созмони хайрияи байналмилали Ҳабибуллоҳи

Аскаравлоди ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

27-28 ноябр сафари дустонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сурат гирифт. Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Теҳрон бо мулоқоти расмии ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Маҳмуди Аҳмадинажод оғоз ёфт. Масоили ҷори ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории ду кишвар бо иштироки ҳайатҳои расмии ҳардуҷониб барраси шуд. Масъалаҳои ҳамкории сиёсӣ, ҳарбӣ – техники ва энергетики байни ду кишвар мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Аз руи натиҷаи мулоқоту гуфтушунидҳо ду ҳудҷати нав дар бораи ҳамкори ба имзо расид. Баёнияи муштараки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба; ёддошти тафоҳум оид ба ҳамлу нақл байни вазорати нақлиёт ва комуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорати роҳу нақлиёти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расид.

8–9 декабр дар маркази мутолиоти сиёсӣ ва байналмилали дар Теҳрон мизи мудаввар дар мавзуи «Эрон – Тоҷикистон масъалаҳои муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳамкории минтақавӣ» баргузор гардид **[11. с 442].**

Моҳи марти соли 2009 мулоқоти навбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Иқтисоди (ЭКО) дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид. 12 марти соли 2009 бо Мақсади иштирок дар мулоқоти навбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО) ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар намуд. Дар шаҳри Теҳрон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон бо роҳбари муаззами Ҷумҳурии Исломии Эрон Саид Алии Ҳоменеи вохурӣ намуд. Зимни суҳбат Эмомали Раҳмон нахуст Саид Алии Хоменеиро нахуст ба фатҳи кайҳон, ки тавасути мушаки эрони сурат гирифт, шодбошт гуфта, ин руйдодро намунаи барҷастаи болоравии иқтидори кишвари Эрон ва боиси ифтихори дустони он дар тамоми олам маънидод кард **[1. с 296].**

Моҳи сентиябри соли 2014 нахустин сафари расмии раиси Ҷумҳурии Ислмоии Эрон Ҳасан Рӯҳонӣ ва иштироки ҳайати воломақоми ин кишвар дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ (11-12 сентиябри соли 2014) сурат гирифт, ки барои тавсеаи бештари муносибатҳои кишварҳои мо замина гузошт **[3. с 220].**

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар формати васеътар - сегона (Тоҷикистон–Афғонистон ва Эрон) низ босамарона густариш ёфта буд. Аввалин мулоқоти муштараки сарони се кишвари форсизабон - Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон ҳануз дар10 майи соли 1997

дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, баъдан ин гуна ҳамоишҳо муддати чанд вақт анъанавӣ шуданд. Маҳз Тоҷикистонро метавон ташаббускори асосии ҳамкории сеҷонибаи кишварҳои форсизабон арзёбӣ намуд. Зимни мулоқотҳои сегона масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавӣ дар соҳаҳои алоқаю коммуникатсия, наклиёти автомобилию роҳи оҳан, бунёди НОБ, интиқоли неруӣ барқ ба Афғонистон, Эрон ва Покистон баррасӣ гардида буданд **[12. с 340].**

Қайд намудан ба маврид аст, ки Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббускори аслии тақвияти ҳамкориҳои сеҷониба бо Эрон ва Афғонистон низ мебошад. Агар ба мавқеияти геополитикии Тоҷикистону Эрон назар кунем, ин воқеиятро мушоҳида менамоем, ки ин ду кишвар дар миёни мамолики ғайри форсизабон қарор гирифтаанд ва ҳалқаи васл Афғонистон мебошад.

Мубодилаи пайдарпайи боздидҳои расмии роҳбарияти олии ду кишвар, мулоқоту гуфтушунидҳои пурмуҳтавои онҳо дар давоми 30 сол барои тавсеаи доираи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвари дӯст нақши калидӣ доштанд, ки дар натиҷа зиёда аз 160 снади дуҷонибаи ҳамкорӣ байни тарафҳо ба имзо расид **[13].**

Ҳаҷми мубодилоти молӣ миёни ду кишвар дар соли 2011 ба беш аз 204 миллион доллари амрикоӣ расид, ки нисбат ба соли 2010 102% зиёд буд. Дар 8 моҳи соли 2013 гардиши мол байни ду кишвар дар ҳудуди 280 млн доллярро ташкил дода буд **[14].** Дар натиҷаи чунин ҳамкориҳои муштарак то соли 2017 зиёда аз 200 ширкати эронӣ дар Тоҷикистон фаъолияти босамар доштанд.

Дар бахши ҳакмкориҳо дар самти сайёҳӣ тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар мулоқоти Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷиддин Ҷӯразода ва Вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноати дастии Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иззатуло Зарғомӣ, ки дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ ба Душанбе ташриф оварда буд, мавриди баррасӣ қарор гирифт **[15].**

Ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳавасмандии кишварашро ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ дар рушди самтҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологию солимгардонӣ ва таърихию фарҳангӣ изҳор намуд. Дар бораи зарфияти сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта метавонем, ки мероси бойи таърихию фарҳангӣ, кӯҳҳои баланд ва осоишгоҳҳои муолиҷавӣ, табиати нодири ҳайвоноту растаниҳо, барои ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд дар самти таърихию фарҳангӣ, табобатию солимгардонӣ, сайёҳии экологӣ, саёҳати сайругаштӣ, кӯҳнавардӣ ва агротуризм мусоидат менамояд.

Ҷонибҳо метавонанд, барои истифода аз чунин шароити хуби саёҳӣ-истироҳатӣ истифода намуда соҳибкориро дар ин самт роҳандозӣ намояд.

Дар санаи 8 ноябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳими Раисӣ Ҳамоиши иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва соҳибкорони Тоҷикистону Эрон баргузор гардид **[4].** Ин чорабинии сатҳи баланди сиёсӣ дар ҳошияи сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон гузаронида шуда, дар он ҳайатҳои ҳукумати ду мамлакат ва доираи васеъи соҳибкорони Эрону Тоҷикистон иштирок намуданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба самтҳои асосию стратегии мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръати мамлакат ва имкону захираҳои табии Тоҷикистон суханронӣ намуда, сарватҳои фаровони табиӣ, махсусан захираҳои обу маъданро муаррифӣ намуданд. Дар ин чорабинии муҳим Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ, инчунин оид ба зарфиятҳои мавҷудаи рушди “иқтисоди сабз”, рушди ҳамкории доираҳои соҳибкории ду кишвар дар соҳаҳои барои ҷонибҳо манфиатовар, саноати маъдан, кимиё, металлургӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати сабук, хӯрокворӣ, кишоварзӣ, дорусозӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, куҳнавардӣ андешаҳо ва пешниҳодҳои ҷолиб иброз карданд. Соҳаҳои номбаршуда ва дигар самтҳои иқтисодиву тиҷоратӣ метавонанд барои тавсеаи ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд заминаи муносиб бошанд.

Санаи 8 ноябри соли 2023 дар ҳошияи ин вохурии бузурги ояндасоз байни кишварҳо ва дар доираи Форуми соҳибкории Тоҷикистон ва Эрон вохурии “Соҳибкор бо Соҳибкор” (B2B) дар меҳмонхонаи “Тоҷикистон” дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар ин вохӯрӣ беш аз 150 ширкат аз ҳарду ҷониб дар гуруҳҳои алоҳида аз ҷумла намояндагони вазорату идораҳо, сармоягузорону соҳибкорон инчунин намояндагони ширкату корхонаҳои соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории Эрону Тоҷикистон дар соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, инфрасохтор, фарматсевтика, хизматрасониҳои молиявӣ ва сайёҳӣ, технологияҳои иттилоотӣ иштирок доштанд. Байни субъектони бахши хусусии ду давлат дар рафти вохӯрии мазкур як қатор санадҳои нави ҳамкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки онҳо барои рушди ҳамкориҳои ҳарду ҷониб манфиатовар мебошад.

Дар санаи 30 июли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боздиди корӣ ба шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар намуданд **[5].** Дар доираи сафар Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси Шӯрои исломии

Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф мулоқот анҷом доданд. Дар ин вохӯрӣ доир ба ҷанбаҳои мухталифи муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвари бародару ҳамзабон гуфтугӯйи манфиатовар сурат гирифт. Қайд шуд, ки арзишҳои муштараки тамаддунӣ, таърихиву фарҳангии ду кишвари ҳамзабон заминаи устувори муносиботи дуҷонибаро ташкил менамоянд. Ҳамзамон аз раванди таҳкиму ташаккули робитаҳои парлумонӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда идомаи муколамаи созандаи байни давлатҳоро манфиатовар арзёбӣ намудаанд. Ба андозаи панҷ маротиб афзоиш ёфтани гардиши молу маҳсулот, ки тайи солҳои ахир сурат гирифтаст, нишондиҳанда аз иқтидори бузурги ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвар мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи чорабинии марбут ба маросими савгандёдкунии Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Теҳрон бо Раҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаӣ мулоқот анҷом доданд. Дар вохӯрӣ доир ба мустаҳкам ва ташаккули бемайлони робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунсамтаи Тоҷикистону Эрон гуфтугӯйи судбахш дар фазои ҳусни тафоҳум анҷом ёфт. Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузории муваффақонаи интихоботи Раиси Ҷумҳурии Исломии Эронро табрик гуфта, бо боварӣ ва эътимоди комил изҳор намуданд, ки ҷониби Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ҳукумати нави Эрон муносибатҳои ду кишварро боз ҳам рушд ва густариш хоҳанд дод. Дар идомаи суҳбат аз таъриху фарҳанги муштараки мардумони дӯсту бародари ду кишвар ва алоқамандии ҷонибҳо ба тавсеаи робитаҳо дар рӯҳияи ҳусни тафоҳум, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдоварӣ намуда, “азму иродаи устувори ҷониби Тоҷикистонро ба идомаи ин раванд” таъкид намуданд **[6].**

Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сафар бо Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён вохурӣ намуда ба муносибати оғози фаъолияташон ба ҳайси Президенти кишвар, табрику таҳният намуда, ба он кас комёбиҳо таманно намуданд. Ҷонибҳо ҳангоми суҳбат аз вазъи кунунии ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, саноат, кишоварзӣ ва тандурустӣ, энергетика, тиҷорат, ҳамлу нақл, илму маориф ва фарҳанг изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид намуданд, ки ин раванди манфиатовар дар оянда низ густариш ёфта идома ёбад. Ҳамзамон аз ҷонниби гурӯҳи кории кишвари мо барои ҳамлу нақли молу маҳсулоти Тоҷикистон судманд будани истифодаи имконоти бандарҳои Бандар-Аббос ва Чобаҳор изҳори андеша намуданд.

Ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон аз умқи таърих сарчашма мегиранд ва дорои пайвандҳои таърихию меросӣ мебошанд. Густариши ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои хориҷӣ, дар асоси моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», яъне ташкили ҳамкории фарҳангии байналмилалӣ, барқарор намудани робитаҳои фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг ба роҳ монда шудааст. Равобити фарҳангию адабӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон аз солҳои аввалӣ соҳибистиқлолӣ дар сатҳи баланд қарор доранд. Дар асоси густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанба дар байни Тоҷикистону Эрон шарикии табиии стратегӣ ташаккул ёфт.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои бисёрҷониба, аз 11 то 13 майи соли 2024 дар шаҳри Душанбе симпозиюм бахшида ба “Шашмақом” баргузор шуд, ки дар он ҳунармандон ва санъаткорон аз кишварҳои Эрон, Узбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Озарбойҷон ширкати фаъолона намуданд. Дар ҳамин раванд намояндагони Вазорати фарҳанг аз 8 то 18-уми майи соли 2024 дар 35-умин Намоишгоҳи китоби Теҳрон иштирок намуда, зиёда аз 150 номгӯи китобҳои илмӣ, бадеӣ, таърихиро ба намоиш гузоштанд.

Дар вобастагӣ дар самти муносибатҳои дуҷониба, робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистону Эрон беш аз пеш ташаккул ёфта, миёни кишварҳо Комиссияи муштараки байнидавлатии иқтисодиву тиҷоратӣ амал менамояд, ки фаъолияти назаррасро касб намудааст. Нақши Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки дар он самтҳои асосии ҳамкориҳо миёни созмону ширкатҳо, идораву муассисаҳои ду давлат мушаххас карда шуданд, дар баланд гардидани сатҳи муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо ва ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Тоҷикистон ва Эрон бузург мебошад. То имрӯз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон беш аз 15 ҷаласаи Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ баргузор шуда, дар ин замина айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 150 ширкатҳои кишвари Эрон фаъолияти рушдкунанда доранд.

Дар соҳаи нақлиёту роҳсозӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, дар бунёди нақби «Истиқлол» («Анзоб») ва лоиҳакашии нақби «Хатлон» («Чормагзак») ва сохтмони марҳилаи дуввуми роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар аст, ки ба охир расидааст.

Дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ, нозири Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Тоҷикистону Эрон фаъолияти муштарак доранд ва пайваста аз мавқеъ ва самтгирии ҳамдигар дар ин созмонҳо дифоъ менамоянд. Иҷро ва амалишавии бархе аз тарҳҳои иқтисодии

Эрон дар Тоҷикистон дар чорчӯби барномаҳои пешниҳодшудаи Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ (ЭКО) сурат мегиранд.

Натиҷаи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи байни кишварҳо, дар иртибот ба Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи лағви раводид барои дорандагони шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷӣ, ки 8 ноябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шудааст ва дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2024, №1 тасдиқ гардидааст, тибқи қарори нави ҳайати вазирони Ҷумҳурии Исломии Эрон, шаҳрвандони Тоҷикистон ва Эрон, ки шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷӣ доранд, метавонанд бидуни раводид ба қаламрави якдигар тавассути роҳи ҳавоӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ва баръакс сафар намуда то 30 рӯз дар ҳар давраи 90 рӯз сафар намоянд **[8].**

Дар густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳо Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Эрон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад, ки то имрӯз 16 нишасти Комиссия дар Теҳрон ва Душанбе баргузор шудааст. Дар соли 2024 гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо Эрон наздики 377,7 млн. доллари ШМА-ро ташкил дод. Аз ин маблағ тақрибан 114,5 миллион доллар содирот ва 263,2 миллион доллар воридот мебошад **[7].**

Дар санаи 15 январи соли 20125 Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуд Пизишкиён бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Эрон бо иштирок ва дар ҳузури Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуд Пизишкиён 23 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Баррасии маҷмуи васеи масоили вобаста ба таҳкиму густариши робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории Тоҷикистону Эрон дар мулоқоти хоссаи сарони ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Масъуд Пизишкиён оғоз ёфта, дар музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои ду ҷониб дар Қасри миллат идома ёфт. Зикр гардид, ки ҳоло дар Тоҷикистон 160 ширкат бо сармояи эронӣ фаъолият дорад ва соли 2024 ҳаҷми интиқоли молу коло нисбат ба ду соли пеш 3,2 баробар афзоиш ёфт **[16].**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми 33-соли муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар боздидҳои аз Ҷумҳурии Исломии Эрон солҳои 1995, 1996, 1997, 1998, 2000, 2003, 2006, 2007, 2008, 2009, 2010, 2011, 2013, 2022, 2024 ва боздидҳои сарварони Ҷумҳурии Исломии Эрон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1997, 2000, 2002, 2004, 2006, 2008, 2010, 2011,

2012, 2014, 2019, 2021, 2023, 2025 ба вуқӯъ пайвастаанд. Сафарҳои мутақобилан судманди ду кишвар дар сатҳи олӣ буданд, ки натиҷаи хуби робитаҳои гуногунҷабҳаи ду давлатро ба вуҷуд оварданд. Дар ин муддат байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва илм-маориф ба имзо расид. Айни замон тибқи маълумотҳо зиёда аз 200 созишномаю тафоҳумномаҳо ва дигар санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Шартномаҳои байни кишварҳо дар бунёди асосҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати густариши минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст баҳри пешбурди вазъи иқтисодии кишвар муносибатҳои ҳаматарафа ва манфиятнокро бо Ҷумҳурии Исломии Эрон хубтару васеътар ба роҳ монад. Ҷумҳурии Исломии Эрон бо доштани захираҳои зиёди нафтӣ ва иқтисодиёти пешрафта метавонад саҳми худро дар рушди иқтисодӣ Тоҷикистон гузорад. Дар айни ҳол барои Тоҷикистон як шарики бо эътимод зарур аст, зеро ин кишвар баро рушд додани соҳаҳои гуногуни иқтисодию сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва бо таҳҷизотҳои ҳозира замон насб кардани корхона ва коргоҳҳои истиеҳсолӣ ниёзманд аст. Барои ҳамин Ҷумҳури Исломии Эрон метавонад, ки ҳамчун шарики боэътимод барои Тоҷикистон баромад кунад. Ногуфта намонад, ки барои кишварҳо дустӣ ва дигар пайвандиҳои таърихи лозим нест, танҳо он чизе, ки онҳоро водор ба ҳамкори менамоянд ин манфият мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пеша намудани сиёсати дарҳои боз метавонад сармоягузорони хориҷию ватониро ҷалб намояд. Эрон аз қабили ҳамон сармоягузорони хориҷие мебошад, ки сармояи зиёде дорад ва сармояи доштаи ин кишварро метавон бо роҳи ҳавасмндкунони вориди Тоҷикистон кард.

Адабиёт.

1. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. Ҷилди 1. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 саҳ.
2. 25 -қадам дар паҳнои олам Душанбе: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ) Ирфон, 2016, - 220 саҳ.
3. 25- қадам дар паҳнои олам. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (СХТ). Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 саҳ.
4. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Эрон. 09.01.2023. https://mfa.tj/tg/main/view/28/munosibathoi-tojikiston-bo-eron. Дастраси 04.04.25.
5. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Эрон. https://mfa.tj/tg/main/view/28/munosibathoi-tojikiston-bo-eron. Дастраси 04.04.2025.

6. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Эрон. https://mfa.tj/tg/main/view/28/munosibathoi-tojikiston-bo-eron. Дастраси 04.04.2025.

7. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Эрон. https://mfa.tj/tg/main/view/28/munosibathoi-tojikiston-bo-eron. Дастраси 04.04.25.

8. Низоми бераводид бо Ҷумҳурии Исломии Эрон. https://mfa.tj/tg/main/view/16551/nizomi-beravodid-bo-jumhurii-islomii-eron. Дастраси 04.04.25.

9. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2011, 340 саҳ.

10. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.http://www.president.tj/.

11. «Сиёсатшиноси», китоби дарсӣ., Махмадов, А. Н. Душанбе, 2010, саҳ. 442.

12. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.http://www.mfa.tj/.

13. Сомонаи пресса ТҶ., https://pressa.tj/ 30.09.2021. дастраси 04.04.25

14. Санадҳои нави ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Эрон. https://www.amit.tj/index.php/tj/imzoi-sanadkhoi-navi-khamkori-bayni-tochikistonu-eron-yanvar-16-2025?page=38 дастраси 04.04.25.

Икромова Махина Нумоновна - старший преподаватель кафедры международных отношений и политологии

ТАДЖИКИСТАН 17 ЦЕЛЕЙ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ: ОТ СТРАТЕГИИ ДО РЕАЛИЗАЦИИ

За годы независимости наша страна добилась ощутимых успехов посредством мудрой политики Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. Глобальные инициативы нашего Президента были поддержаны международным сообществом, тем самым, благодаря Главе государства, Республика Таджикистан укрепила свои международные позиции. В новой системе международных отношений, в силу продуманной внешней политики, основу которой составляет политика «открытых дверей», Республика Таджикистан смогла наладить сотрудничество и прочные связи со многими странами мира, международными и региональными организациями, влиятельными финансовыми институтами. Несмотря на непростые годы становления в качестве независимого государства Республика Таджикистан под лидерством Главы государства – Эмомали Рахмона предприняла твердые шаги в выборе и реализации успешной внешней политики, результатом чего является сегодняшний международный авторитет Таджикистана. Как известно, в первое десять лет независимости все усилия руководства страны были направлены на стабилизацию внутренней ситуации и укрепление основ государственности.

Пройдя этот непростой этап, Таджикистан открыл свои двери миру. С принятием первых документов, определивших направление внешней политики – Закона Республики Таджикистан «О дипломатической службе», Концепции внешней политики Республики Таджикистан и полноправного членства в международном сообществе активизировался процесс установления двусторонних и многосторонних отношений с зарубежными странами и различными организациями. Безусловно, в процессе формирования нового таджикского государства и его международной репутации очень важна роль национальной дипломатии. Хотя вначале у нас и не было полноценного института или структуры, реализовывающей внешнюю политику, сегодня, благодаря мудрости и дальновидности Главы государства, мы имеем Министерство иностранных дел, которое обладает достаточным потенциалом для успешной реализации поставленных перед ним задач. В этой связи логично будет сказать, что внешняя политика, установление международных связей и в целом, осуществление дипломатической

деятельности были налажены в период независимости, а ее архитектором и основателем является Лидер нации. В то же время, исторический путь нашего государства и таджикской дипломатии за 33 год независимости под руководством Лидера нации Эмомали Рахмона был весьма непрост. С первых дней своей деятельности в качестве Главы государства Эмомали Рахмон наладил тесные связи с международными организациями и странами региона, что стало движущим фактором экономического развития Таджикистана, важной основой обеспечения безопасности и стабильности государства. Обладая политической дальновидностью, Президент понимал, что без широкого политического и экономического сотрудничества невозможно выполнить сложные и комплексные задачи построения и укрепления независимого Таджикистана, создания его экономического потенциала. Поэтому Республика Таджикистан в своей многовекторной внешней политике уделяет приоритетное внимание сотрудничеству с международными организациями, такими как Организация Объединенных Наций, Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе, Организация исламского сотрудничества, Шанхайская организация сотрудничества и Организация Договора о коллективной безопасности. Именно благодаря Государственной независимости и продуманной внешней политике сегодня Таджикистан имеет дипломатические отношения более чем со 180 странами мира, в целях эффективной деятельности и защиты национальных интересов на международной арене поэтапно создаёт широкую сеть дипломатических представительств и консульских учреждений за рубежом. Международное сообщество признает, что в XXI веке глобальные инициативы Президента Таджикистана служат интересам всех народов и призваны обеспечить достойную жизнь человечества. Четыре инициативы Таджикистана – «Международный год пресной воды, 2003 г.», «Международное десятилетие действий «Вода для жизни, 2005-2015 гг.», «Международный год водного сотрудничества, 2013 г.» и Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» были всецело поддержаны международным сообществом, поскольку основной целью этих инициатив является решение глобальных проблем планеты, в том числе предотвращение изменения климата и нехватки воды. Игнорирование этих проблем может привести к серьезным трагедиям. С другой стороны, важность водных инициатив уважаемого Президента заключается в том, что первостепенно они направлены на укрепление и регулирование отношений в этой жизненно важной сфере, дают новый взгляд на использование водных ресурсов в регионе и мире и закладывают прочную основу для достижения Целей Устойчивого Развития. Поддержка международным сообществом инициатив

Таджикистана в лице Лидера нации Эмомали Рахмона в решении водно-энергетических проблем, борьбе с терроризмом, экстремизмом и наркотрафиком, содействии решению проблем Афганистана свидетельствует об особом положении Таджикистана в системе международных отношений и высоком авторитете Президента Таджикистана в политических кругах мира. Мудрая и всесторонняя политика Главы государства позволила таджикскому народу вписать новую страницу в летопись многолетней государственности, опираясь на высокие национальные ценности и современную политическую культуру. Сегодня мы можем с гордостью сказать, что за короткий исторический период были предприняты эффективные шаги по укреплению основ подлинно независимого, демократического, светского и социального Таджикистана, определены основные направления внутренней и внешней политики с учётом национальных интересов. С целью развития всех сфер общественной жизни идет реализация масштабных программ, в том числе в социально-экономической области. Независимая внешняя политика, определяемая Лидером нации и проводимая под его руководством, позволяет Таджикистану сохранять сбалансированные и равноправные отношения со всеми важными центрами силы в регионе и мире. Внешняя политика Таджикистана транспарентна, наряду с приверженностью международным принципам и уважением интересов партнеров в ее приоритете находится соблюдение национальных интересов. Следует отметить, что деятельность дипломатических представительств и консульских учреждений Таджикистана за рубежом направлена на защиту стратегических интересов страны и это главная цель нашей внешней политики. Примечательно, что мировое сообщество признает решимость нашего государства в свете конструктивных и созидательных инициатив, объективных подходов к современным глобальные проблемам и активного участия в их решении. Данная позиция будет способствовать расширению конструктивных отношений с другими странами мира и активному участию Таджикистана в мировой политике. Мы уверены, что под руководством Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Республика Таджикистан, энергично участвуя в решении глобальной повестки дня и обладая уникальным дипломатическим подходом, добьется еще больших успехов и упрочит свои позиции на международной арене.

ЛИТЕРАТУРА

1. Инициативы Таджикистана в векторе предупреждения и профилактики терроризма и экстремизма. Журнал РТСУ 2024г.
2. Пулод Гафаров, кандидат исторических наук. Журнал “Станрадар” Политика и безопасность. 2024г.
3. Декларация Международной конференции высокого уровня по итогам реализации Международного десятилетия действий «Вода для жизни», 2005-2015
4. https://www.stanradar.com/news/full/5630
5. https://mfa.tj/ru/main/view/

ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕР ҚУРБОН - асистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносӣ

ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ БА СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳлили равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин масъала барои кишвар нав нест, зеро то замони ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шуравӣ аҳолӣ даромади камтар дошт. Агар имрӯз сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ муқоиса кунем, метавонем мушкилиҳои зиёди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, маънавӣ, идеологӣ ва фарҳангии ҷомеаро мушоҳида кунем, ки дар самти афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ монеаҳо эҷод намудаанд.

Таҳлили масъалаи муҳоҷират дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва давраи баъдиҷангӣ дар қатори дигар мушкилоти иҷтимоӣ, ки дар назди ҷумҳурӣ қарор дошт, ҷиддитарин ва муҳимтарин мушкилот ин камбизоатӣ ба шумор мерафт. Дар он давра зиёда аз 64% аҳолӣ ва ҳатто аз ин ҳам бештар зери таъсири камбизоатӣ қарор доштанд. Дар асоси баррасии ҳолат ва сатҳи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд қайд кард, ки Ҳукумати кишвар марҳила ба марҳила баланд бардоштани сатҳи таъминоти неъматҳои моддии аҳолиро пайгирӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки онро ба талаботи одамон ҷавобгӯ гардонад. Яке аз чаҳор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба хотири таъмини амнияти озуқаворӣ қабул гардидааст.

Таҳлили мафҳум ва моҳияти муҳоҷират дар сиёсати иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Агар таҷрибаи таърихӣ ва натиҷаи амалӣ ба назар гирифта шавад, пас метавон қайд намуд, ки муҳоҷират ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири сиёсати иҷтимоӣ дар ҳар як давлат ва ҷомеа вуҷуд дорад ва амал менамояд.

Пайдо шудани давлатҳои нави мустақил дар қаламрави собиқ Иттифоқи Шӯравӣ аҳолии як замон муттаҳидро бо монеаҳои шаҳрвандӣ, асъор ва гумрукӣ ҷудо намуд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ, панҷ ҷумҳурӣ, ки ба ҳайати давлати шӯравӣ шомил буданд: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон - ҳамчун давлатҳои мустақил дар раванди ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона ҳамроҳ шуданд. Вазъияти нав зарурати ворид шудан ба сиёсати ҷаҳонӣ ва мувофиқан таҳияи афзалиятҳои рушд дар сиёсати дохилӣ ва хориҷиро пешниҳод менамуд. Чунин ҳолат ба масъалаи танзими равандҳои муҳоҷират дар

Осиёи Марказии пасошӯравӣ низ дахл дорад, ки он ба таври дуруст ҳамчун яке аз ҳаракатҳои васеътарин ва мураккабтарини аҳолӣ дар минтақа ва ҷаҳон дар солҳои охир муайян карда шудааст.

Ин проблема то ба имрӯз бо назардошти як қатор омилҳои барои Осиёи Марказӣ хос шиддатнок боқӣ мондааст. Муҳимтарини онҳо инҳоянд:

-таркиби мураккаби этникии аҳолӣ;

- ноустувории сарҳадоти маъмурӣ-ҳудудии байни кишварҳои нави Осиёи Марказӣ, ки ҳамчун сарчашмаи шиддатнокии муносибатҳои байнидавлатӣ баромад менамояд;

-ба миён омадани низоъҳои ҳарбӣ дар ҳудуди Афғонистон, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон сарҳади тӯлонӣ дорад, инчунин ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-мавҷудияти миқдори зиёди офатҳои экологӣ ва минтақаҳои техногенӣ дар маҳалҳои гуногуни Осиёи Марказӣ;

-ҳимояи нокифояи сарҳадоти берунаи давлатҳои минтақа, ки ба заифгардӣ ё самараи пасти назорати амалкунандаи муҳоҷират оварда мерасонад;

- қувват гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои Осиё тариқи ҳудуди минтақа ба кишварҳои рушдкардаи Ғарб;

- хусусияти умумии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар номутаносибии сохтории пойгоҳи захиравии онҳо зоҳир мегардад ва ба мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар давлатҳои минтақа оварда мерасонад.

Дар шароити имрӯза дар баҳогузории равандҳои муҳоҷират дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ду мавқеи мухталиф ташаккул ёфтаанд. Хусусияти онҳо барои беҳтар фаҳмидани тамоюлҳои асосии рушди ҷараёни баррасишавандаи муҳоҷират дар робита ба марҳилаи ибтидоии рушди соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Мувофиқи мавқеи якум, муҳоҷирати “анъанавӣ” (ҷойивазнамоӣ дар алоқамандӣ бо таҳсил ва издивоҷ) дар Осиёи Марказӣ бо муҳоҷирати иҷборӣ дар як қатор ҷойгир карда шудааст ва васеъ паҳн гардидааст. Ин мавқеъ дар таҳқиқоти Л.Л. Рибаковский ифода карда шудааст. Ба андешаи ӯ, қариб тамоми муҳоҷироне, ки солҳои 1989-1994 ба Федератсияи Россия ворид шудаанд, асосан бо ангезаҳои сиёсӣ ҳиҷрат кардаанд [10, с.72-73].

Намояндагони мавқеи мухолиф чунин мешуморанд, ки муҳоҷират дар шароити нав аз муҳоҷирати мавҷудаи давраи шӯравӣ фарқияте надорад ва бештар хусусияти иқтисодӣ дорад. Муҳим он аст, ки чунин

мулоҳизарониҳо асосан дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аҳолии онҳо ба муҳоҷират рӯй овардаанд, паҳн шудааст [8, с.25].

Муаллиф чунин мешуморад, ки таснифоти пешниҳодгардида нодуруст аст. Омилҳои иқтисодии муҳоҷирати аҳолии русзабон аз Осиёи Марказӣ омили ягона нест, зеро садҳо ҳазор нафар ба Русия, кишваре, ки худ дар вазъи душвори иқтисодӣ қарор дорад ва пешбинии вазъи сиёсии он ғайриимкон аст, ҳиҷрат менамоянд. Ба гумон аст, ки таъсири бартаридошта ба муҳоҷирати русҳо омили сиёсӣ бошад, ки дар мисоли кишварҳои назди Балтика тасдиқ мегардад. Ҳуқуқи русҳо ҳамчун шаҳрванд, ҳамчун ақаллияти этникӣ дар он ҷо поймол карда мешавад, лекин муҳоҷират аз кишварҳои назди Балтика дар алоқамандӣ бо вазъи мусоиди иқтисодии ин кишварҳо дар сатҳи паст қарор дорад [12, с.51].

Барои баррасии муфассали таъсири омилҳои алоҳида ба раванди муҳоҷирати русзабонон, чунин категорияҳо, ба монанди омилҳо ва сабабҳои муҳоҷирати аҳолиро бодиққат таҳлил кардан лозим аст. Дар ин ҳолат сохтани занҷираи мантиқӣ мувофиқи мақсад аст: омил - сабаб - таъсир. Ин метод барои таҳлили амиқи равандҳои муҳоҷират дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолии русзабон аз Тоҷикистон кӯмак мекунад.

Таҷрибаи таърихӣ, таҳлили назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи нав ба ғайр аз гурӯҳҳои гуногуни этникии Осиёи Марказӣ, намояндагони бисёр миллату халқиятҳо зиндагӣ мекарданд, ки барои онҳо Тоҷикистон ватани таърихӣ нест. Вазъияте, ки гурӯҳҳои серфарзанди русҳо, халқҳои Қафқоз ва ғайраҳоро дар иқомат дар ҳудуди Тоҷикистон маҷбур намудааст, хеле гуногун аст. Аксариятро асолати беназири табиии ин минтақа, захираҳои табиии он, иқлими аҷоиб ба худ ҷалб кардааст.

Лекин, қисми зиёди муҳоҷирон на бо хоҳиши худ ба Тоҷикистон омадаанд. Чун қоида, се сабаб вуҷуд дошт. Ҷангҳо, сиёсати забткорона ва ҷазодиҳандаи Русияи подшоҳӣ ва сипас Иттифоқи Шӯравӣ буд, ки зери таъсири халқҳои славянӣ, олмониҳо, намояндагони ҳама халқҳои Қафқоз, миллату халқиятҳои назди Балтика, юнониҳо, тоторҳои Қрим ба Тоҷикистон кӯчонида шуданд. Ҳамаи онҳо дар Тоҷикистон дар шароити қаноатбахш зиндагӣ намуда, барои фаъолияти иқтисодӣ, дастрасии манзил ва ҳифзи фарҳанг ва забони худ имконият пайдо кардаанд.

Дар натиҷаи тағйироте, ки дар асоси ҳаракати табиии муҳоҷират ва инчунин равандҳои вобаста ба афзоиши худшиносии этникӣ дар байни аҳолии таҳҷоии ҷумҳурӣ ба амал омадаанд, боиси коҳиш ёфтани ҳиссаи аҳолии

русзабон ва тағйирёбии нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсии Тоҷикистон гардид.

Дар сарчашмаҳои илмӣ ташаккули равандҳои муҳоҷират дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба се давра ҷудо карда мешавад. Нишондиҳандаи муайяннамоии онҳо тағйироти сифатӣ дар рушди равандҳои муҳоҷират аз ҷумҳурӣ, ки ҳам аз дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва ҳам аз давраҳои асосии ташаккули сиёсати давлатӣ дар ин соҳа бармеояд, ба ҳисоб мераванд.

Давраи аввал аз феврали соли 1990 то ноябри соли 1992-ро дар бар мегирад. Ин марҳилаи муборизаи шадиди нерӯҳои гуногуни сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимият ба шумор меравад. Дар ин давра бесарусомонӣ ва бетартибиҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон авҷ гирифта буд. Дар ин давра муҳоҷирон асосан ба ду самт ҳаракат намудаанд: ба кишварҳои ИДМ (асосан ба Федератсияи Русия) ва ба кишварҳои хориҷи дур (ба Олмон ва Исроил), ки бо таркиби қавмии муҳоҷирон алоқаманд буданд.

Давраи дуюм аз моҳи ноябри соли 1992 то соли 1997 -ро дарбар мегирад. Дар ин давра мақсади асосии раванди сиёсӣ хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани ҳамдигарфаҳмӣ ба ҳисоб мерафт. Самти асосӣ тасдиқи асосҳои давлати нави демократӣ, дунявӣ, ягона ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол - ҳамчун кафили ислоҳоти сиёсӣ ва такмили низоми нави сиёсии демократӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезагон хеле зиёд гардида буд. Мақсади онҳо дарёфти маконҳои боамн ва наҷоти ҷони худ буд. Дар ин давра ангезаҳои иқтисодии муҳоҷират хеле кам ба назар мерасид.

Давраи сеюм аз соли 1997, аниқтараш баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад. Ба ин марҳила беҳтар гардидани иқтисодиёт ва баргузории чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ хос аст.

Дар марҳилаи ибтидоии инкишоф, яъне баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо миқдори зиёди мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуд, ки онҳо бо тағйирёбии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ташкили давлатҳои мустақил алоқаманд буданд. Воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ барои ҷумҳурӣ бениҳоят душвор буд ва чунин ҳолат ба вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ таъсир мерасонид. Саноати Тоҷикистон аз оғози ташаккулёбӣ вобастаи ашёи хом, таҷҳизот, инчунин коргарони техникӣ, муҳандисон ва мутахассисони воридшуда буд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ воридшавии ашёи хом ва таҷҳизот (барои корхонаҳо ва заводҳо) қатъ гардиданд ва бидуни онҳо фаъолияти истеҳсолӣ ғайриимкон гардид. Ғайр аз ин, дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба

маҳсулоти истеҳсолшудаи техникӣ талабот ҷой надошт, балки дар аксар корхонаву заводҳо дастгоҳҳои техникӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ вайрону валангор карда шуда, ғорат гардиданд. Аз ин рӯ, дар охири солҳои 90-ум ҳарчанд ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфта бошад ҳам, аммо мушкилиҳои ҳалталаби иҷтимоию иқтисодӣ то дер боз боқӣ монданд. Аз ин рӯ, дар солҳои минбаъда омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ сабабгори ташаккул ёфтани равандҳои муҳоҷират гардиданд.

Муҳоҷирати дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷамъиятӣ дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи гуногун дорад. Дар шароите, ки ҷомеа давраи баъдиҷангиро паси сар мекунад ва ҳанӯз ҳам ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад, муҳоҷират дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нақши калон мебозад. Бахусус дар шароите, ки дар кишвар сатҳи камбизоатӣ хеле баланд буд, муҳоҷират дар афзоиши аҳолӣ ва рушди сиёсати иҷтимоии давлат нақши бузург дорад. Вазифаи муҳимми иҷтимоӣ-сиёсии муҳоҷират дар таъмини сатҳи муайяни ҳаракати аҳолӣ ва азнавтақсимнамоии ҳудудии он зоҳир мегардад. Илова бар ин, муҳоҷират ба истифодаи пурраи қувваи корӣ ва рушди минтақа мусоидат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки ҳам минтақаи қабулкунанда ва ҳам минтақае, ки муҳоҷир онро тарк менамояд, аз раванди муҳоҷират манфиати муайян ба даст меоранд.

Муҳоҷират мавқеи иқтисодӣ ва иҷтимоии одамонро дигаргун менамояд. Он аксар вақт бо афзоиши имкониятҳои таълимӣ ва касбӣ, бо сатҳи баланди татбиқи касб, дониш ва таҷрибаҳо мусоидат менамояд. Аз ин хотир, ҷойгоҳ ва нақши муҳоҷирати аҳолӣ дар сиёсати иҷтимоӣ сол то сол афзоиш меёбад.

Ҷойгоҳ ва нақши муҳоҷиратро дар сиёсати иҷтимоӣ баррасӣ намуда, Э.Б. Беева чунин қайд менамояд: «Муҳоҷират ба сохтори иҷтимоии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин шароит муҳоҷират дар асоси шиддатнокӣ, таъсиррасонии фаврӣ ва дарозмуддат баҳогузорӣ карда мешавад” [1, с.171].

Яке аз сабабҳои рукуди саноат шиддат гирифтани раванди ғайрисаноатикунонии кишвар ба ҳисоб мерафт. Соли 1989 ҳиссаи аҳолии дар саноат фарогирифташуда 20,55% -и шумораи умумии қувваи кориро ташкил медод. То ба соли 1993 он ҳамагӣ 10,6% -ро ташкил медод, ки ин шаҳодати афзоиши ҳиссаи бахши кишоварзӣ дар иқтисоди кишвар буд. Чунин шароит дар соҳаи кишоварзӣ инкишоф ёфт. Содироти ашёи хом, аз ҷумла ашёи хоми кишоварзӣ ба минтақаҳои дигар, бинобар набудани корхонаҳои маҳаллӣ барои коркарди онҳо, ба қашшоқии мардуми деҳот оварда мерасонид, ки зиёда аз сеяки он дар зери хатти камбизоатӣ қарор дошт.

Дар соҳаи иҷтимоӣ вазъият аз он сабаб бад мегардид, ки бекорӣ бинобар таназзули истеҳсолот, болоравии бемайлони нархҳо ва таваррум меафзуд. Дар

натиҷа, вазъи ҷиноятӣ шадид гардида, ҷиноятқорӣ меафзояд. Ҳамаи ин боиси тезутунд шудани муносибати байни миллатҳо, пайдоиши низоъҳо дар заминаи этникӣ мегардад.

Яке аз оқибатҳои гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ пастравии бесобиқаи сатҳи зиндагӣ ва якбора коҳиш ёфтани имтиёзҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ буд. Раванди хусусигардонӣ ва либерализатсияи нархҳо фарқияти сатҳи даромадро суръат бахшида, фарқияти байни камбизоатон ва сарватмандонро зиёд намуд.

Чунин ҳолати ногувор равандҳои муҳоҷиратро дар кишвар фаъол гардонид. Яке аз самтҳои шиддатгирии ин раванд дар болоравии муҳоҷирати аҳолии русзабон аз ҷумҳурӣ зоҳир мегардид. Дар чунин шароит равандҳои муҳоҷират, аз бисёр ҷиҳат, хусусияти иҷбориро касб намуданд.

Дар раванди таҳқиқот ошкор карда шуд, ки қисми асосии намояндагони аҳолии русзабон, ки ҷумҳуриро солҳои 1991-1993 тарк намуданд, дар соҳаи саноат, хизматрасониҳо, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ фаъолият менамуданд. Сарфи назар аз самти афзоиши таъсири манфӣ дар ивазнамоии байниҷумҳуриявӣ дар марҳилаҳои қаблӣ, афзоиши босуръати он дар аввали солҳои 90-ум боиси пайдоиши оқибатҳои манфии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии кишвар гардид.

Ҳодисаҳои пурфоҷиа, ки бо оғози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1991-1992 алоқаманд аст, боиси ба амал омадани мавҷи пуркуввати муҳоҷирати русзабонон аз Тоҷикистон гардид. Дар раванди мухолифати яроқнок аз рӯйи як қатор баҳогузориҳо зиёда аз 60 ҳазор одамон дар шаҳрҳо, аз нисф зиёди он дар Душанбе, ҷони худро аз даст доданд. Дар хоҷагии қишлоқ ҳамагӣ аз даҳ як ҳиссаи онҳо машғул буданд.

Муайян намудани омилҳои муҳоҷират ва нишон додани фарқияти байниҳамдигарии онҳо бо мақсади ташаккули стратегияи самараноки идоракунии равандҳои муҳоҷиратӣ муҳим аст. Л.Л. Рибаковский қайд менамояд, ки дар навъбандии омилҳои муҳоҷират муқаррароти асосӣ ташаккул ёфтаанд, ки истифодаи онҳо ба таъмини самаранокии танзими равандҳои муҳоҷират мусоидат менамоянд. Якум, муқаррароти нисбатан муҳим дар он зоҳир мегардад, ки омилҳо ба муҳоҷират ҳамеша ба таври маҷмуавӣ таъсир мерасонанд, яъне шиддатнокӣ ва натиҷанокии раванди муҳоҷират аз маҷмуи омилҳои таъсиррасон вобаста аст. Дуюм, олимон чунин мешуморанд, ки дар қатори маҷмуи омилҳои асосӣ, омили иқтисодӣ асосӣ ва ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Ба андешаи Л.Л. Рибаковский, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани шароити зиндагии аҳолӣ фишангҳои асосии танзими равандҳои муҳоҷират ба ҳисоб мераванд. Сеюм, барои идоракунии

муҳоҷират на омилҳои сатҳи зиндагӣ дар ифодаи мутлақи онҳо, балки тафовути ҳудудӣ байни онҳо аҳамияти муҳим доранд [11, с.162-164].

Равандҳои муосири муҳоҷират дар Тоҷикистон бо маҷмуи муайяни ҳолат алоқаманд мебошанд. Раванди муҳоҷирати аҳолӣ ба маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобаста - иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, этникӣ, равонӣ ва ғайра асос ёфтааст. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, ки бо ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ, ноустувории арзи миллӣ пайгирӣ карда мешавад, ба вазъи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири калон мерасонад.

Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистони соҳибихтиёр бо гузаштаи таърихии он алоқамандии зич доранд. То аввали солҳои 70-уми асри XX афзоиши муҳоҷират бо афзоиши табиӣ дар як қатор қарор мегирифт ва манбаи муҳими афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ин давра азхудкунии босуръати сарватҳои табиӣ ва афзоиши пойгоҳҳои истеҳсолии саноатӣ дар кишвар ба миён омаданд, ки бо ҷалби аҳолии баландихтисос аз дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ гардид. Мардуми таҳҷоии маҳаллӣ, ки асосан дар бахши кишоварзӣ машғул буданд, ҳанӯз барои ишғоли ҷойҳои корӣ дар шаҳр омода набуданд.

Моҳи апрели соли 1999 Президенти Тоҷикистон ба Русия сафари расмӣ анҷом дод, ки дар ҷараёни он як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расиданд. Дар байни онҳо Созишномаи ҳамкории иттифоқӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки ба асри XX1 равона карда шудааст, Аҳднома дар бораи мақом ва шароити ҳузури пойгоҳи низомии Русия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оид ба вазъияти Осиёи Марказӣ ва дигар проблемаҳо ҷои махсусро ишғол карданд [6].

Ҳамзамон, дар ҳуҷҷатҳои зикргардида масъалаи танзими равандҳои муҳоҷират ҳам дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар дигар давлатҳои ИДМ таҷассум гардидааст. Лекин пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ барои қишрҳои гуногуни ҷомеа проблемаҳои зиёдро ба миён овард. Бӯҳрони системаи пешини иқтисодӣ, ки бо душворӣ ва мураккабии ислоҳот шиддат гирифта буд, боиси паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва истеҳсолот гардид. Норасоии буҷа ва сатҳи таваррруми зиёд ба афзоиши сатҳи камбизоатӣ, коҳиш ёфтани имтиёзҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ мусоидат намуд.

Барои муҳоҷирати беруна алоқамандии омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ хос аст. Дар муҳоҷирати беруна, дар навбати аввал, таъсири омили иқтисодӣ – нобаробарии шароити иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти одамон, гуногунӣ дар сатҳи зиндагии мардум, шиддатнокии бозори маҳаллии меҳнат, мавҷуд набудани кафолат ва дурнамои бо кор таъмин намудани насли наврас ва ғайраҳо ба ҳолати муҳоҷират бузург аст.

Сабабҳои сиёсии муҳоҷирати иҷборӣ бо сабабҳои фаъолияти хориҷӣ, ки дорои таъсиррасонии махсус аст, алоқаи ногусастанӣ доранд. Чунин алоқамандӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар Тоҷикистон манфиатҳои Россия, Эрон, Чин, Амрико ва Туркия бархӯрд менамоянд.

Ба афзоши фаъолгардии сармояи Ғарб дар иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин ба рақобати иттифоқи давлатҳои мухталиф дар назорати конҳои калони нафту газ, рушди алоқаи нақлиётӣ, азхудкунии захираҳои гидроэнергетикӣ, ки метавонанд ба тавозуни ҷаҳонии қувваҳо байни Ғарб ва Шарқ таъсири назаррас расонанд (газ дар Туркманистон, Ӯзбекистон, нафти баҳри Каспий, Қазоқистон, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон), диққат додан зарур аст.

Бо вуҷуди дур ва алоҳида будан, ки ба назар мерасад, ин омилҳо ба рафтори муҳоҷирати аҳолии ғайритаҳҷоӣ таъсир расонидаанд, оянда низ таъсир хоҳанд расонд. Дар чунин ҳолат ҳар чи қадаре, ки кӯмаки молиявии ин ё он кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар шавад, то ҳамон андоза таъсири он ба элитаи ҳукмрони ҷумҳурӣ меафзояд. Аҳолии русзабон дар чунин сиёсат пайдоиши шарикони нави Тоҷикистонро мебинад, ки роҳи бунёди муҳити бегонаи ҳаётро пешниҳод менамоянд.

Ба вазъияти муҳоҷират равандҳои фаъолияти хориҷӣ дар доираи ИДМ ба таври мухталиф таъсир мерасонанд. Қувват гирифтани қишрҳои марказгурез ва ноустувор дар ИДМ ба пурзӯр гардидани мавҷи муҳоҷират аз Тоҷикистон мусоидат менамояд, ва баръакс, ҳамкории кишварҳои ИДМ ва таъмини устувории вазъият боиси коҳиш ёфтани сатҳи муҳоҷират мегардад. Дар байни ин ду тамоюлот алоқаи ногусастанӣ мушоҳида карда мешавад. Аз бисёр ҷиҳат, калавиш ба ин ё он тараф аз мавқеъ ва сиёсати Федератсияи Россия вобаста аст [9, с.154].

Таҳлили хронологии ҳамкориҳои Россия ва Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират дар марҳилаи якуми муҳоҷират нишон медиҳад, ки ба як қатор ҳолатҳои муайяни мусбат дар ташаккули асосҳои ҳамкорӣ байни ин ду кишвар нигоҳ накарда, ба масъалаи муҳоҷират дар ин давра ба таври зарурӣ диққат дода намешуд. Масъалаи муҳоҷирати аҳолии русзабон ё дар радифи шартномаҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои умумии ҳамкорӣ ё дар доираи вохӯриҳои расмӣ, бо нигоҳ доштани сатҳи кафолат ва эъломияи шифоҳӣ, баррасӣ мегардид.

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, эълони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ намуд, ки дар ҳалли онҳо ҷумҳурӣ тачрибаи зарурӣ надошт. Хоҳиши истиқлолият ва бӯҳрони иҷтимоию иқтисодии давлати ҷавон ба он оварда расонид, ки афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ на дар асоси мулоҳизаҳои оқилона ва дурнамои он, балки вобаста ба қудрати иқтисодӣ ва қобилиятҳои сармоягузории давлатҳои манфиатдор муайян карда мешуд. Қайд намудан зарур аст, ки Федератсияи Россия ба проблемаҳои дохилии худ машғул буд ва наметавонист

чунин ғасби давлатҳои Осиёи Марказиро пешгирӣ кунад ва дар таҷрибаи сиёсати муҳоҷират аз Тоҷикистон таҷрибаи бештаре надошт.

Дар марҳилаи таҳқиқшаванда Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои устуворӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкории баробарҳуқуқро гузоштанд, лекин ба хотири пурра амалӣ гардидани шартнома ва қарордодҳо таъмини чунин принсипҳо, ба монанди кӯмаки тарафайн, кафолати ҳуқуқӣ ва иҷроиши масъулиятҳо зарур буд.

Кишварҳо давраи муҳимеро, ки дар он ба проблемаҳои муҳоҷират, муносибатҳои байни миллату халқиятҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намудан зарур буд, аз даст доданд, дар гузаронидани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ низ ба бисёр хатогиҳои ҷиддӣ роҳ доданд. Дар натиҷаи чунин ҳолат равандҳои муҳоҷирати аҳолии русзабон шиддат гирифта, хусусияти идоранашавандаро касб намуд. Бо сабабҳо ва омилҳои зикргардида нишон додани пойгоҳҳои дигари иҷтимоиву сиёсии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алоқамандии ин масаъала бо дигар кишварҳои ИДМ зарур аст.

Бояд гуфт, ки моҳияти ҳаракати муҳоҷирати муосир ва иҷборӣ дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: якум, давлати нав дар раванди дигаргуншавии ҷиддӣ бо муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос рӯ ба рӯ мешавад ва коргарони баландихтисосро аз даст медиҳад; дуюм, дар мушкилоти ҷойгиршавӣ ва мутобиқгардии муҳоҷирони ҷумҳурӣ, ки ба Федератсияи Россия муҳоҷири маҷбурӣ гардидаанд, ҳангоми ба қайд гирифтан, гирифтани мақоми "муҳоҷири маҷбурӣ", дар натиҷаи муддати дароз истифода накардани қувваи кории худ, маҳрум шудан аз музди меҳнат, манзил, ҳифзи иҷтимоӣ ва инчунин рақобатпазирӣ дар бозор мушкилоти зиёдеро эҳсос менамоянд.

Дар шароити имрӯза дар шаҳри Душанбе Маркази иттилоотӣ-захиравӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ амал менамояд, ки аз тарафи Созмони байналмиллалии муҳоҷират бо дастгирии Маркази Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар шаҳри Душанбе бунёд карда шудааст. Сардори намояндагии Созмони байналмиллалии муҳоҷират дар шаҳри Душанбе қайд намудааст, ки ҳамасола наздикии 620 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба таври мавсимӣ муҳоҷират менамоянд [7].

Мувофиқи пешбинии хидмати муҳоҷират, дар солҳои наздик зиёдшавии муҳоҷирон дар Федератсия Рссия аз 1 то 2 миллион нафар дар назар аст. Аз як тараф, ин сармояи арзишманди қувваи кории нав, аз тарафи дигар низоми ғайрисамараноки хароҷот барои қабул ва ҷобаҷокунии онҳо аст. Дар кишврҳои ғарб, ки коргарони хориҷиро қабул менамоянд, аз истифодаи онҳо даромади назаррас ба даст меоранд.

Муҳоҷирони иҷбориро матавон шартан мувофиқи ҳалли нисбатан мураккаби масъалаҳои иҷтимоиву маишӣ ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд. Барои онҳо мушкилоти барасмият даровардани буду бош ва расмиёти бақайдгирӣ, ба

даст овардани мақом дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии ин тамоюлотро чунин баён намудан мумкин аст:

-муҳоҷирати оммавӣ ба Федератсияи Россия, ки авҷгирии он бо солҳои 1994-1995 рост меояд, тадриҷан на танҳо бо сабаби пиршавии аҳолӣ, балки бо сабаби сиёсати муҳоҷиратӣ ва дар алоқамандӣ бо мушкилоти ба даст овардани мақоми "муҳоҷири иҷборӣ" ва "гуреза" коҳиш ёфта истодааст;

- коҳиши авҷи муҳоҷират ба Федератсияи Россия дар асоси камшавии аҳолӣ, ки соли 1992 оғоз гардидааст, ба миён омадааст. Муҳоҷирати иҷборӣ аз ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ дар соли 1994, қариб пурра камшавии табии аҳолиро таъмин намуд, аз соли 2001 бошад, то ба 120 ҳазор нафар коҳиш ёфт;

-имконияти қонеъ намудани талаботи Федератсияи Россия ба қувваи корӣ аз ҳисоби муҳоҷирати дохилии иҷтимоиву иқтисодӣ бо сабаби коҳиш ёфтани миқдори аҳолии наврас (то 16 сола) хеле маҳдуд аст. Коҳиши умумиро дар давраи солҳои 2006-2015 Кумитаи омори давлатии Федератсияи Россия ба 9,3 миллион нафар баҳогузорӣ менамояд [13]. Чунин коҳишёбӣ ҳам аз ҳисоби муҳоҷирони иҷборӣ ва ҳам аз ҳисоби муҳоҷирони иқтисодӣ аз кишварҳои ИДМ, махсусан аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Кавказ, ки дорои миқдори зиёди қувваи корӣ мебошанд, пурра карда мешавад. Аксарияти чунин кишварҳо, махсусан, Тоҷикистон, дар шароити имрӯза дар ҳолати ногувори иқтисодӣ қарор дорад;

-Тоҷикистон дар давраи мавҷудияти давлати шӯравӣ аз марказ дастгирӣ карда мешуд, ки имрӯз чунин дастгирии молиявиро аз даст додааст;

- натиҷаи муҳоҷирати аҳолии русзабон аз кишварҳои ИДМ дар асоси тағйироти сохтори этникӣ пайгирӣ карда мешавад, ки дар болоравии мутлақ ва нисбии миллату халқиятҳои таҳҷоии ин кишварҳо ва дар коҳиши мутахассисони баландихтисос таҷассум мегардад.

Таназзулии тӯлонӣ дар иқтисодиёт боиси бартарии посух ба савол дар бораи он гардид, ки чӣ метавонад қарори ҷойивазкуниро тағйир диҳад, 39% посухгӯяндагон ишора карданд, ки чизе нест, 26-28% афзоиши сатҳи зиндагӣ, беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ ва амнияти ҷойгоҳро таъкид намудаанд. Ба мавҷудияти робитаҳои наздики оилавӣ байни аҳолии русзабони Тоҷикистон бо намояндагони миллати худ дар Россия 46% нишон додаанд [3, с.36-37].

Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки ташвиш барои ояндаи кӯдакони худ, паст рафтани сифати маориф, сатҳи баланди бекорӣ ва ҷой надоштани талабот ба мутахассисони ҷавон, вазъи нохуби иқтисодӣ, ки аз қатъ гардидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ки дар онҳо асосан аҳолии ғайритаҳҷоӣ ҷалб гардида буд, ба миён омадаанд, паст гардидани сатҳи зиндагӣ сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконият медиҳад, ки дар ин зербоб хулосаҳои муайян бароварда шаванд. Муҳоҷирати аҳолӣ аз Тоҷикистон аз маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд, бо афзалияти омили иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ин ё он марҳила, бармеояд. Таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон имконият медиҳад қайд намоем, ки сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар шароити имрӯза дар сатҳи зарурӣ бартараф карда шудаанд.

Проблемаҳои ҷиддии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ махсусан дар асоси болоравии устувории иқтисоди Федератсияи Россия ва нарасидани сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати Федератсияи Россия зоҳир мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки нерӯи муҳоҷирони русзабон ҳанӯз ба итмом нарасидааст, чун пештара дар ҷумҳурӣ миқдори зиёди русҳо (68,2 ҳазор дар соли 2000) зиндагӣ менамоянд, ки пас аз ӯзбекон дар сохтори иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ҷои сеюмро ишғол менамоянд [4, с.31].

Дар ҳолати зиёд гардидани буҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар ояндаи наздик, коҳиш ёфтани фаъолнокии муҳоҷирати аҳолии ҷумҳурӣ ғайриимкон мегардад, дар ҳолати афзоиши падидаҳои бӯҳронӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳаҷми муҳоҷират метавонад якбора афзоиш ёбад. Нишондиҳандаҳои заифи макроиқтисодӣ кишварро дар муқоиса бо Русия ва дигар кишварҳои ИДМ, ки захираҳои бештари иқтисодӣ доранд, дар ҳолати ногувор мегузорад.

Ба таъсири дақиқи омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба раванди муҳоҷирати аҳолӣ аз Тоҷикистон нигоҳ накарда, омили фаъолияти хориҷӣ, мавқеи охиринро ишғол намекунад. Қайд намудан зарур аст, ки аз тарзи ташаккули муносибатҳо байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутаносибан рафтори муҳоҷирати шаҳрвандон тағйир меёбад. Дар чунин ҳолат устувор гардидани неруи давлатии ҷумҳурӣ як навъ кафолати коҳиши зуҳуроти манфии самтҳои муҳоҷират мегардад. Сиёсати фаъоли давлатӣ, ки ба беҳтар намудани вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, пешгирӣ намудани низоъҳо дар заминаи нажодӣ ва этникӣ, устувории вазъияти сиёсӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои ИДМ шароити зарурии танзими равандҳои муҳоҷиратӣ дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Адабиёт

Бреева, Е.Б. Основы демографии [Текст] / Е.Б. Бреева. – М.: Издательство «Дошков и К», 2004. –С.171.

Визиты российских президентов в Узбекистан [Электронный ресурс]. – URL: https://tass.ru/info/1634881 (дата обращения: 12.11.2022 г.)

Витковская, Г.С. Экономический фактор миграции из стран Центральной Азии: фон или доминанта? [Текст] / Г.С. Витковская // Современные

этнополитические процессы и миграционная ситуация в Центральной Азии. – М., 1998. – С.36-37.

Госкомстат Республики Таджикистан: Сравнительные статистические данные переписи населения в РТ 1989-2000 гг. [Текст]. – Душанбе, 2000. – С.46.

Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан (Москва, 25 мая 1993 г.)

Межгосударственные отношения России и Таджикистана [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20190416/1552705446.html (дата обращения: 14.03.2022 г.)

Муҳоҷирати корӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.iom.tj/index.php/tj/2017-08-14-14-50-07/labour-migration-taj (санаи мурочиат: 26.10.2022)

Перуашев, А. Миграция славян из Казахстана как проблема личного выбора [Текст] / А. Перуашев // Евразийское сообщество: экономика, политика, безопасность. – 1995. – № 6-7. – С.25.

Пядухов, Г.А. Современные этнополитические процессы и миграционная ситуация в Центральной Азии [Текст] / Г.А. Пядухов. – М.: Конфирм, 1998. –С.154.

Рыбаковский, Л. Центральная Азия и Россия: межгосударственный миграционный обмен [Текст] / Л. Рыбаковский // Миграция русскоязычного населения из Центральной Азии: в 2 т. – М.: Карнеги, 1996. – С.72-73.

Рыбаковский, Л.Л. Миграция населения (вопросы теории). Монография [Текст] / Л.Л. Рыбаковский. – М.: ИСПИ РАН, 2003. – 238 с.

Садовская, Е.Ю. Миграция в Казахстане на рубеже XXI века: новые тенденции, и перспективы [Текст] / Е.Ю. Садовская. – Алма-Ата, 2001. –С.51.

Трудовая миграция внутри России достигла минимума с 2015 года [Электронный ресурс]. –URL: https://iz.ru/1506794/2023-05-02/trudovaia-migratciia-vnutri-rossii-dostigla-minimuma-s-2015-goda (дата обращения: 25.09.2022 г.)

Трудовая миграция из Таджикистана [Текст]. –Душанбе: МОМ, 2003. – С.19.

Чилаев Р.С. - устоди калони кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносии ДБССТ

НАҚШИ НБО -РОҒУН ДАР МУНОСИБАТҲОИ СИЁСИИ МИНТАҚА

Муддати беш аз сиву ду сол мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди бисёр мушкилоту монеаҳо тавонист муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва таҳкурсии давлатдории худро мустаҳкам намояд ба корҳои азиму созандаги ва бунёдкорӣ шуруъ намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири мустаҳкам намудани фазои сиёси ва рушди иқтисодию иҷтимои тағиротҳои ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ иҷтимоиро дар самтҳои гуногуни ҳаёти кишвар пайгирона амал намуда истодааст. Таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ ва сиёсӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар то ба имрӯз ҳадафи асосии давлату ҳукумат қарор дорад.

Ин чаҳор ҳадафи бузург - таъмини истиқлолияти энергетики, аз бунбасти коммуникатсиони раҳои намудани кишвар, таъмини амнияти озуқавори ва саноаткунонии босуръати кишвар аз бисёр ҷиҳат бо самаранокии татбиқи ҳадафҳои сиёсати энергетикӣ алоқаманд аст.

Энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли ҳар мамлакати дигар заминаи асосии ба даст овардани ҳадафҳо ва амали гаштани нақшаҳои бузурги сиёсию иҷтимои ва иқтисодӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани ин ҳадафҳо на танҳо манфиатҳои худ, балки афзалиятҳои сиёсии умумиминтақавиро низ ба назар гирифтааст, зеро таъмини тамоми соҳаҳои иқтисодиёти минтақа бо қувваи барқи арзон аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар кафолати амнияти сиёсии тамоми кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад.

Дар ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ ва мушкилоти муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ захираҳои бузурги дарёи Вахш ва самаранок истифода бурдани онҳо нақши муҳим дорад. НБО- Роғун дар ҳаёти тамоми соҳаҳои гуногуни кишвар, махсусан кишварҳои минтақа нақши калиди дошта ва низоми соҳаҳои энергетикиро ба танзим медарорад .

Дар ҳамин асос, коршиносони СММ иброз намудаанд, ки то соли 2030 талабот ба об 30%, энергетика 40% ва хурока 50% афзуда, ба ин мушкилот аз 2/3 аҳолии ҷаҳон рӯ ба рӯ мегарданд.[1] Аз як тараф, суръати баланди афзоиши

[1] Ҳасан Асоев. НБО-и “РОҒУН” кафолати руди устувории минтақа. Ҷилд-2. Душанбе “Дониш”2019. //С-82.

табии аҳоли, аз дигар тараф талабот ба обу энергетика афзоиш ёфта, дар солҳои минбаъда ин мушкили бузурги сиёсӣ пайдо хоҳад гашт.

То солҳои наздик мушкилоти муносибатҳои байни кишварҳои Шарқи Наздик, Африқо ва Америкаи Лотинӣ барои нафту газ буд, ҳоло бошад гӯфтушунид барои ҳалли мушкилоти оби нӯшоки ва нерӯи барқ бурда мешавад. Аз эҳтимол дур нест, ки дар асри XXI дар баробари нафту газ масъалаи об ва энергетика дар байни кишварҳо боиси зидиятҳои шаддид мегардад.

Бо таъкид бар ин нуқта, метавон гуфт, ки раванди таҳаввулотҳои ҷаҳони муосир моро водор месозад, ки бештар ба ҷалби сармояи хориҷи ва технологияҳои инноватсиони муҷаҳаз намудани соҳҳаои энергетикӣ, инчунин ҳамкориҳоро бо ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ бароҳ монда, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар байни кишварҳои иқтисоди сабз устувор ва инкишоф диҳем.

Дар шароити ҳозира энергетика пояи асосии муносибатҳои сиёсӣ ва рушди устувори иқтисодии ҳар як кишвар гардидааст, ки тамоми соҳаҳои гуногуни технологи аз ин соҳа яъне неруи барқ вобастаги дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди гидроэнергетикаи худ умедҳои калон дорад. Пешбини шудааст, ки иқтидори дарёҳои хурд ва бузурги ҷумҳури ҳангоми ба анҷом расонидани сохтмони нерӯгоҳҳои хурд 30 млн кВт мешавад. Татбиқи лоиҳаҳои иншооти энергетикии нерӯгоҳҳои “Шӯроб” 1000 мВт, “Нуробод” 1 ва 2, 400 мВт, “Айнӣ” 170 мВт, омили пешбурди соҳаи энергетикаи ҷумҳури гардида, барои кишварҳои ҳамсоя ва минтақа имкониятҳои шароитҳоро фароҳам меорад.

Дар айни замон Эрон масъалаи интиқоли нерӯи баркро тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Туркманистон меомӯзад ва сохтмони хатти барқи 400 кВт, дарозиаш 245 км-ро аз шаҳри Марви Туркманистон то шаҳри Машҳади Эрон оғоз кардааст ва ҳамзамон хоҳиши барқи изофаро харидори карданро дорад[2]. Кишвари мо метавонад, ки ин имкониятҳои бузурги мавҷударо пайгири намуда, дар бозори фурӯши барқи кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ҷойгоҳи беҳтарро соҳиб гардем. Дар ҷаҳони муосир, талабот бо қувваи барқ сол то сол афзуда, инчунин раванди ҳаёт сиёсиро низ муаян менамояд. Айни ҳол талабот ба қувваи барқ дар бозорҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ зиёд аст. Махсусан ҳамасола ба кишварҳои ҳамсоя, 2 милиарду 478,3 милион киловат соат, асосан ба Афғонистону Ӯзбекистон ва Қирғизистон фурухта мешавад, ки ин басанда нест.

[2] Нозир Ёдгорӣ. Энергетикаи Тоҷикистон. Дирӯз, имрӯз ва фардо. Душанбе, “Эҷод”, 2006, //с-40.

Бинобар сабаби боло рафтани нархи маводҳои нафту газ ва гаронарзиши қувваи барқ корхонаҳои ин кишварҳо аз нарасидани онҳо танқиси мекашанд.

Ҳамзамон таъкид бояд кард, ки ҳалли бисёр проблемаҳои энергетикии Осиёи Марказӣ аз захираи оби дарёи Вахш ва сатҳи самаранок истифода бурдани он вобастаги дорад. Дар баробари ин, олимон муайян намудаанд, ки як километри мақрои дарёи Вахш дар як соат имкони тавлиди 13000 кВт қувваи баркро дорад.[3]

Манбаъҳои энергетикии ин дарё хеле бузург буда, он як ҳалқаи занҷири пуриқтидори сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар рушди муносибатҳои сиёсии минтақа ва мустаҳкам намудани муносибатҳою ҳамкориҳои байналмилалии нақши муаянкунанда хоҳад гузошт.

«Далелҳои илми гувоҳӣ медиҳанд, ки ба бунёди ин неругоҳ дар ин мавзеъ барои дигар силсиланеругоҳҳои рӯди Вахш қобилияти муҳофизатҳи дошта, онҳоро аз селобҳои ғализи баҳр эмин нигоҳ медорад. Тибқи далелҳои илмии замони Шӯравӣ, агар ин неругоҳ сохта нашавад, баъд аз 50-70 сол обанбори Норак аз гализиҳо пур шуда, аз истифода мебарояд. Дарвоқеъ, ҳаҷми обанбори Норак дар ибтидо 10,5 кубаметрро ташкил медод, алҳол ба 8,633 кубаметр расидааст. Дар давоми солҳои 1972 то 2001 ба обанбори Норак тақрибан дар ҳаҷми1,867 кубаметр лойқа пур шудааст. Қобили зикр аст, ки ҳамасола дар обанбори Норак 72 млн метри мукааб обовардаҳо ҷамъ шудаанд, пас ҳамин миқдор обовардаҳо дар обанбори Роғун тагшин шуда, хавфи НБО-Норакро бартараф ва давомнокии истифодабарии онро дароз мегардонад»[4]

Нерӯгоҳи “Роғун” дар якҷояги бо нерӯгоҳи “Норак” имкон фароҳам меорад, ки ҳаштод дар сади мақрои дарёи Вахшро ба танзим дароварда ва ба ин васила дар тӯли зиёда аз 170 сол барои тамоми неругоҳҳои пойоноб хизмат намуда, дастрасии аҳолии минтақаро ба об таъмин намуда ва ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро беҳтар намояд.

Бо ҳамин минвол бозори энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ ин маҷмӯи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие мебошад, ки ҳангоми ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ташкил шудааст ва тавассути созишномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқҳ ва муносибатҳои минтақавӣ ташакул ёфтааст.

Айни замон рушди ҷаҳон бо василаи ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти байналмилалӣ, аз ҷумла бахши энергетикаро низ фаро гирифтааст. Амнияти

[3] Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун”-кафолати рушди устувори минтақа. Ҷилди -2. Душанбе –“Дониш”-2019.//С-55.

[4] Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун” намунае аз иқтисоди сабзи минтақа. Ҷилди-3.// Душанбе –“Дониш”-2022.//С-42.

устувор ва боэътимоди энергетикӣ асоси амнияти миллӣ, ҳадафи стратегӣ буда, дар сиёсати ҳар як давлат мавқеи муайянро ишғол менамояд. Рушди инкишофи ҷомеаи ҷаҳони аз захираҳои энергетикӣ вобастаги дошта, боиси афзоиши таъсири омилҳои энергетикӣ гардида низоми муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисоди ва геополитикии ҷаҳон мегардад. Ин раванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои зиёди об, сӯзишвори ва энергетикӣ мебошад, таъсири худро низ мерасонад. Қисми асосии захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад. Рушди муносибатҳои байналмилали дар марҳилаи кунуни, аз як тараф, дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи энергетика сурат гирифта, аз тарафи дигар, шиддат гирифтани мубориза барои манбаъҳои барқарорнашавандаи энергетикиро дар бар мегирад. Дар айни замон ҷомеаи ҷаҳонӣ ба "фазо"-и муноқишаҳои энергетики ворид мегардад, ки он ба нарасидани манбаъҳои энергетикӣ рабт дорад. Бо назардошти ин, давлатҳои тараққиёфта аз лиҳози иқтисодӣ, пайваста роҳи таъмин намудани дастраси ба захираҳои дар қаламрави дигар кишварҳо мавҷудбударо меҷӯянд. Дар ин асно мо шоҳиди он мегардем, ки диққат ба кишварҳо ва минтақаҳои дорои захираҳои бойи обу энергетика, аз ҷумла интиқолдиҳандагони энергия якбора меафзояд.

Давлатҳои Араб аслан дар тӯли панҷоҳ соли охир манбаъҳои нафтии худро самаранок истифода бурда, дар байни кишварҳои минтақа мавқеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳадафҳои геополитикии худро ба роҳ мондаанд. Имрӯз бо боло рафтани нархи нафт ширкатҳои бонуфӯзи мошини барқибарории ТЕСЛА ва ширкатҳои Чини истеҳсоли мошинҳои барқиро ба роҳ мондаанд, ки ин ҳам нуфӯзи энергетикаро боло мебардорад. Аллбата захираҳои энергетики дар ояндаи наздик барои ҳали мушкилотҳои ҷомеа нақши бузург дошта, ба ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири бевоситаи худро мегузорад. Инчунин захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду инкишоф, низоми сиёсию иқтисодӣ ва муносибатҳои кишварҳои минтақа нақши муҳим дорад ва ҳамкориҳои кишварҳоро дар сатҳи хуб ба роҳ мемонад.

«Бояд қайд кард, ки мубориза барои аз худ кардани захираҳои энергетикӣ метавонад ба мушкилотҳои энергетикӣ оварда расонад, ки хавфи муқовимати мусаллаҳонаи байни давлатҳоро зиёд мекунад. Имрӯзҳо тамоми кишварҳои ҷаҳон ва Осиёи Марказӣ, алахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъмини амнияти энергетикиро, ки асоси таъмини амнияти миллӣ ва ҳадафи стратегии сиёсати давлатӣ, василаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, суботи кишварҳо, инчунин омили муваффақи муносибатҳои байналмилали мебошад, дарак медиҳад».[5]

Масъалаҳои сиёсати амнияти энергетикии обӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва махсусан дар фазоии имрӯзаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз масъалаҳои мубрами таҳқиқталаб буда, муносибатҳои дӯстонаҳои ин кишварҳо ва умумияти ҳадафҳои онҳо дар ин самт ба таври рӯзафзун мусоҳидат ҳоҳад кард. Бинобар ин, аз ҳамаи кишварҳои минтақа тақозо мешавад, ки сиёсати минтақавӣ дар самти амният ва ҳамчун рушди маҷмааи энергетикии обӣ ба таври пайваста ва мунтазам такомул дода шавад, дар дигар самтҳо низ пешрафтҳои назарас ба чашм хоҳад расид.[6]

Дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи гидроэнергетика зина ба зина расидан ба истиқлолияти энергетикӣ диққати махсус дода, тамоми имконияту қувваи худро сафарбар намуда истодааст. Аз ин нуқтаи назар, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар сиёсати оид ба муносибатҳои марбут ба захираҳои обию энергетикӣ самтҳои муҳимтарини рушди ин соҳаҳоро бо назардошти талаботҳои зерин ба назари этибор гирад;

А) зарурати таъмини рушди устувори иқтисодии худ, истифода ва ҳимояи оқилонаи манбаҳои захираҳои об дар асоси риояи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии марбут ба захираҳои обию энергетикӣ.

Б) ҳамкории дӯстона ва мутақобилан судманд бо давлатҳои минтақа ва хориҷӣ.

В) таъмини амнияти умумии экологӣ вам рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ғайра.[7]

Имрӯз дар як қатор кишварҳо нархи оби нӯшокӣ нисбат ба нархи сӯзишворӣ боло рафтааст. Айни воқеати зиндагӣ замон собит менамояд, ки агар мо дар масъалаи оқилона истифодабарии об муросою мадоро ва гуфтушунидҳои созандаро дар байни кишварҳои ҳамҷавор ба роҳ намонем, он гоҳ дар ояндаи наздик оқибатҳои ногуворро ба бор меоварад, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ ба ин манзур шуда метавонад.[8]

Бинобар маълумоти мутахасисони соҳа, манбаҳои обию энергетикии Осиёи Марказӣ дар натиҷаи омилҳои таъсирии табии ва афзоиши аҳолии минтақа, инчунин, кам шудани норасоии об оварда мерасонад, ки он аз ҳисоби барзиёдшавии аҳолӣ дар кишварҳои минтақа, афзоиши талаботҳои заминҳои обёришуда, аз тарафи дигар соҳаҳои саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишкарҳои минтақа мебошад. НБО–и Роғун бузургтарин ва муҳимтарин

[5]Ғаффорзода Нигорахон. Мавқеи амнияти энергетикӣ дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. // Автореферат. Душанбе -2021. Саҳ-40.

[6] Ибодуллозода А.И. Фаъолияти байналмилалии ҶТ дар самти таъмини амнияти энергетики О.Марказӣ (1991-2020) Автореферат. Душанбе-2021.Саҳ-59.

[7] Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди Миллӣ. Душанбе Ирфон. 2018. Саҳ-350-351.

[8] Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун” намунае аз иқтисоди сабзи минтақа. Ҷилди-3.// Душанбе –“Дониш”-2022.//С-253.

иншооти гидроэнергетики Тоҷикистон ба шумор рафта, мавқеи бузургро дар байни кишварҳои минтақа пайдо намудааст. Неругоҳи Роғун рушду тараққиёти кишварро дар ташакули муносибатҳои истеҳсоли махсусан сиёсию иқтисодӣ нақши бузург бозида ва ояндаи пурсаодатро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя фароҳам меорад. Иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳи Роғун бо 6 чарха 3600 мВт буда, сарбанди обанбораш бояд 335 м бардошта шуда, ҳаҷми умумии оби обанбор 13,3 км3 ташкил дода, он бояд давоми 15-17 сол ҷамъовари мешавад ва барои неругоҳҳои дарёи Вахш 200 сол хизмат хоҳад кард.([9])

Неругоҳи барқи оби Роғун натанҳо мушкилиҳои иқтисоди, иҷтимоиро, таъмин менамояд балки барои кулли минтақа манфиати зиёдро ба бор меоварад, зеро баъди ба кор шурӯъ намудани он кишвари моро ба таври фаровон неруи арзони аз ҷиҳати экологи безарар, нерӯи «сабз» истеҳсол намуда, ҳамзамон метавонад кишварҳои поёнобро ҳатто дар солҳои хушки камбориш бо оби нушокию кишоварзӣ таъмин намояд. Дигар фазилати Роғун ин аст, ки дар ҳамаи марҳилаҳои сол, кишвари азизи моро аз буҳронҳои барқи ва камоби наҷод хоҳат дод. Бо пурра ба кор даромадани НБО-и Роғун ва таъмини барқи доими дар кишвар, якбора иқтидори корхонаҳои бузурги саноати, сармоягузории дохилию хориҷро афзоиш дода, сатҳи зиндагии ахолиро боло мебарорад ва ба сатҳи муҳоҷирати меҳнати таҳсири бевосита мерасонад. НБО-Роғун якҷо бо НБО-Шуроб метавонад дар истеҳсоли неруи барқ заминаи устувор ва инкишофи неруи барқи барзиёдро дар минтақа ташакул диҳад. Асоснокунии техникиву иқтисодии пешаки барои 6 лоиҳа оидба сохтмони неругоҳҳои калон бо таҳлили молиявӣ ва техникӣ омода гардидааст.

Бо бунёди хатҳои баландшиддати фаромарзи ба Ҷумҳурии Ӯзбекистону Қирғзистон ва таввасути онҳо ба кишварҳои сеюм низ аз тарҳҳои муҳим ва ояндадори энергетикии кишварҳо минтақа ба шумор меравад. Яке аз тарҳи бунёди инфрасохтории ин лоиҳаи КАСА- 1000 мебошад, ки мақсад аз он истифодаӣ оқилонаи захираҳои гидроэнегетикӣ дар минтақа аст, амалӣ шудани лоиҳаи КАСА-1000, ки зимни он бунёдӣ хатти баландшиддати интиқоли барқ аз Қиргизистон то Тоҷикистон 477 километр ва аз Тоҷикистон ба Афғонистону Покистон 750 километрро ташкил хоҳад дод. Барои интиқоли барқ ва ба ин васила ноил шудан ба ҳакориҳои судмандӣ энергетикӣ шаоиту имконият фароҳам меоварад то бунёдӣ НБО- Роғун ҳам алҳол дар Тоҷикистону Қирғизистон дар фаслҳои гарм барқи фаровон мавҷуд аст ва дар марҳилаи аввал, ҳатто ва бунёди иқтидорҳои иловагӣ низ мумкин аст аз ин хатти интиқоли барқ фоидаи зиёд ба даст оваранд. Дар назар аст, ки неруи

[9] Эмомали Раҳмон. Эҳёгари Роғун. Душанбе-2018. //С-58.

барқ Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳар сол аз моҳи апрел то октябр мутаносибан 3 миллиард ва 2 милиаард киловат соат барқро метавонанд таввасути ин хатт таҳвил диҳанд, хатти интиқоли барқи ҳозиразамон ва пурманфиати КАСА-1000, имконияти ин минтақарро ба кулли тағир дода бобати ташкили бозори минтақавии неруи барқ дар Осиё Марказӣ ва Осиёӣ Ҷанубӣ қадам ба шумор мервад. Барои амалӣ гаштани ин лоиҳа Шӯрои байниҳукуматӣ созмон ёфтааст, ки он дар марҳилаи аввали фаъолияташ ҳамкории манфиатнокии байни минтақавиро таъмин менамояд. Дар доираи Шӯрои байниҳукуматӣ ин чор давлати ба лоиҳа алокаманд барои амалӣ шудани нақшаҳо, ҷори кардани нуқтаи назар ба қоидаҳои умуми, истифодаи меъёрҳои техникию экологи ва таъмини стартегияҳои бехатари қарорҳои муштарак кабул менаоянд. Барои амалисозии лоиҳаи КАСА-1000, бунёди иншооти зерин дар назар дошта шудаанд, ки онҳо имконияти техникии низоми энергетикӣ кишварҳои иштирокдори лоиҳаҳо таҳким мебахшанд.

1 бунёди хатти интиқоли барқи 500 кВ аз зеристигоҳи «Дака»-и Қиргизистон то Хуҷанд 477км

2 бунёди зеристгоҳи конвертори (табдилдиҳандаи чараёни тағирёбанда ба ҷараёни доими)бо иқтидори интиқоли 1300мВ, дар Сангтуда

3 бунёди хатти баландшиддати ҷараёни доими дар масофаи 750 км аз Сангтуда ба Кобул ва Пешовар

4 бунёди зеристгоҳи конвертори (табдилдиҳандаи чараёни тағирёбанда ба ҷараёни доими) бо иқтидори интиқоли 300 мВ дар Кобул

5 бунёди зеристгоҳ конвертори (табдилдиҳандаи ҷараёни тағирёбанда ба ҷараёни доими) бо иқтидори интиқоли 1300ммВ, дар Пешовар.[10]

Хулоса баҳри амалӣ гардидани лоиаҳҳои КАСА-1000 на танҳо барқи Неругоҳи обии Роғунро то Ҳиндустону Покистон мебарад, балки боиси ҳамкориҳои бештари минтақави ва муносибати ҳасана дар байни ин чор давалтҳои Осиё хоҳад гузошт.

АДАБИЁТ

1 Ҳасан Асоев. НБО-и “РОҒУН” кафолати руди устувории минтақа. Ҷилд-2. Душанбе “Дониш”2019. //С-82.

2 Нозир Ёдгорӣ. Энергетикаи Тоҷикистон. Дирӯз, имрӯз ва фардо. Душанбе, “Эҷод”, 2006, //с-40.

3 Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун”-кафолати рушди устувори минтақа. Ҷилди -2. Душанбе –“Дониш”-2019.//С-55.

4 Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун” намунае аз иқтисоди сабзи минтақа. Ҷилди-3.// Душанбе –“Дониш”-2022.//С-42.

5 Ғаффорзода Нигорахон. Мавқеи амнияти энергетикӣ дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. // Автореферат. Душанбе - 2021. Саҳ-40.

6 Ибодуллозода А.И. Фаъолияти байналмилалии ҶТ дар самти таъмини амнияти энергетики О.Марказӣ (1991-2020) Автореферат. Душанбе-2021.Саҳ-59.

7 Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди Миллӣ. Душанбе Ирфон. 2018. Саҳ-350-351.

8 Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун” намунае аз иқтисоди сабзи минтақа. Ҷилди-3.// Душанбе –“Дониш”-2022.//С-253.

9 Эмомали Раҳмон. Эҳёгари Роғун. Душанбе-2018. //С-58.

10 Нозир Ёдгорӣ. Баъде, ки «РОҒУН» сохта мешавад..... Ҷумҳурият 05.02.2025. №28 (25 143).

Абдуллоева Латофат Музафаровна - ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсатшиносии ДБСТ

ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ИДОРАНАМОИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН.

Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъала ва пешомади идоранамоии сиёсӣ дар илми сиёсии ҷаҳони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарра табдил ёфтааст. Идоранамоии сиёсии ҷомеа дар низоми сиёсӣ мақоми махсус дошта, ба раванду инкишофи ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки самаранок фаъолияти намудани онҳо яке аз шартҳои зарурии ташаккули ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад. Идоранамоии сиёсӣ низ чун дигар ва унсуроҳои муҳими ҳаёти сиёсии ҷомеа маҳсули инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии сиёсии одамон буда, аз ташаккули онҳо дар сатҳи зарури қарор гирифтани маданияти сиёсӣ, андешаҳои сиёсӣ ва сиёсатофаринии одамон вобаста мебошад. Идоранамоии сиёсӣ дар низоми сиёсии ҷомеа нақши хосса дошта, дар танзими равандҳо ва муносибатҳои сиёсии одамон, давлат ва ҷомеа нақши беандоза дорад. Ҳар як ҳадафи ниҳоӣ ва мухталифи идоранамоии сиёсӣ ин ба танзим даровардани муносибатҳои байни инсон ва ҷомеа буда, бо дар назардошти сатҳи инкишофи низоми ҷомеа ба роҳ монда мешавад.

Низоми идоранамоии сиёсӣ маҷмӯи қоидаҳое мебошад, ки қонун, санад ва меъёри муайяни худро дорад. Дар Тоҷикистон низ раванди идоранамоии сиёсӣ дар шакли демократиӣ ба роҳ монда шудааст. Дар Конститутсия ҳуқуқҳои асосии муносибатҳои ҷомеа бо инсон инъикос гаштааст. Одамон уҳдадоранд, ки давлатро ҳифзу ҳимоя намоянд, истиқлолияти онро таҳким бахшанд ва шакли беҳтарини идоранамоиро такмил диҳанд. Низоми идоранамоии Тоҷикистон гуногуншакл буда, қисматҳои таркибӣ ва бунёдии он дар шакли демократӣ зоҳир мегарданд.

Дар Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ ба сифати парламенти мамлакат, ҳамчун мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар амал менамояд. Маҷлиси Олӣ дорои вазифаҳо ва салоҳиятҳои муайян буда, тамоми фаъолияти он инкишофи идораи мамалакат мусоидат мекунад. Санадҳои сиёсӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ фаъолият ва муносибатҳои онро бо мақомоти дигари давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ танзим менамояд. Онҳо раванди таъсисёбӣ, сатҳи фаъолият ва салоҳияти палатаҳои Маҷлиси Олӣ – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро муқаррар менамояд.

Дар фаъолияти Маҷлиси Олӣ иҷлосияи якҷояи ҳар ду палата аҳамияти муҳим дорад. Одатан чунин иҷлосияро Президент даъват мекунад ва

салоҳияти маҷлиси мазкурро мувофиқи меъёр ва қонуни конститутсионӣ то андозае васеъ менамояд. Дар иҷлосияи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегирад: [6, №2 С.6.]

- фармони президентро дар бораи таъйин ва озод намудани сарвазир ва аъзои ҳукумат мавриди муҳокима қарор дода, муносибатро ба масъалаи мазкур муайян месозад. Он ҳолатест, ки масъулияти намояндагони мардумро дар раванди идоранамоии давлатӣ ба таври барҷаста нишон медиҳад;

- фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодаро таҳлилу баррасӣ намуда, муносибати худро мушаххасан муайян менамояд. Тасдиқи фармони мазкури тамоми мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятиро вазифадор менамояд, ки баҳри таъмини амнияти кишвар ва ташкили ҳимояи он тамоми чораҳоро андешанд. Аз ҳамин давра сар карда, масъулияти тамоми мақомоти идоранамоӣ хусусияти ҳалкунанда ва иҷрои ин фармон хосияти ҳатмиро пайдо менамояд;

- масъалаи додани ризоият ба истифодаи қуваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии мамлакат аз мақомоти олии қонунбарор, ки бевосита оммаи мардумро муаррифӣ менамояд, масъулияти баландро талаб дорад;

- ҷаласа якҷояи палатаҳои парламент интихоботи президентро таъйин менамояд, ки дар доираи низоми ҳуқуқӣ ва риояи меъёрҳои дигари сиёсӣ сурат мегирад;

- ҷаласаи истеъфои президентро қабул намуда, ҳолати мунтазамӣ ва даврагии тағйири ҳокимиятро собит месозад. Қабули истеъфои президент ва ташкили интихоби нави он аз мавзунии низоми идоранамоии сиёсӣ дарак медиҳад;

- Маҷлиси Олӣ Президентро бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи ҳарбӣ сарфароз менамояд. Бо мукофотҳои давлатӣ қадр намудани сарвари давлат аз номи халқ ҳамчун ифодагари ҳокимияти олӣ ба амал бароварда мешавад.

Салоҳият ва вазифаҳои дигари маҷлиси якҷояи палатаҳои парламент дар дастурамалҳои кор дар дастгоҳи ҳокимияти қонунбарор сабт гардидаанд.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар шакли иҷлосияи даъватӣ сурат мегирад. Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ мувофиқи дастур асосан тавассути супориши раиси Маҷлиси миллӣ на камтар аз 2 маротиба дар 1 сол даъват карда мешавад. Маҷлиси миллӣ дорои салоҳиятҳои асоси зерин аст: [6, С. 12]

- воҳидҳои марзию маъмурии Тоҷикистонро таъсис, тағйир ва барҳам медиҳад;

- раис, муовини раис ва судяҳои Суди Конститутсионӣ, Суди Олии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодиро бо пешниҳодоти президент интихоб менамояд ва аз рӯи зарурат бо тартиби муайян онҳоро бозхонд менамояд;

- масъалаи дахлнопазирии раис, муовини раис ва судяҳои Суди Конститутсионӣ, Суди Олии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодиро мариди муҳокима ва қабули дахдор қарор медиҳад;

- масъалаи таъин ва озод кардани Прокурори Генералӣ ва муовини ӯро муҳокима намуда, қарори дахлдор қабул менамояд. Яъне, барои амалишавии фармони президент розигӣ изҳор менамоянд;

- муносибати Маҷлиси миллӣ ба мақомоти дигари ҳокимияти давлатиро танзим намуда, дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ онро ба расмият медарорад.

Дар низоми идораи Маҷлиси миллӣ раиси он нақши асоси мебозад. Ӯ ба тамоми фаъолияти Маҷлиси миллӣ роҳбарӣ мекунад. Аз ҷумла тақсими вазифа ва салоҳият дар байни муовинон, раиси комитетҳо, пешниҳоди қарорҳо барои имзо гузоштан ба президент, муаррифӣ намудани кишвар дар дохил ва хориҷи кишвар, имзои аҳдномаи байнипарламентӣ ва ғайра ба зиммаи ӯ гузошта шудаанд.

Маҷлиси Намояндагон ба сифати парламенти касбӣ амал мекунад. Шакли асосии фаъолияти он низ иҷлосия мебошад. Ҷаласаи Маҷлиси намояндагон дар як сол як маротиба даъват гардида, аз рӯзи аввали кории моҳи октябр то рӯзи охирини кории моҳи июн идома меёбад. Маҷлиси намояндагон салоҳияти зеринро дорад: [4,С.17]

- комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Тоҷикистонро таъсис медиҳад. Раис, муовини раис ва аъзоёни комисияро бо пешниҳоди президент интихоб ва боз мехонад;

- масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятиро ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод менамояд;

- барномаи иҷтимоӣ ва иқтисодиро бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки онҳо асосан хосияти мақсаднок дошта, ба рушди соҳаҳои муайяни ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат хоҳад кард ва ё чунин шароити мусоидатро фароҳам меоварад;

- барои доду гирифти қарзи давлатӣ ризоият медиҳад, ҳарчанде, ки масъули масъалаи мазкур ҳукумат аст;

- шартномаҳо бо мамлакатҳо ва созмону ширкатҳои байналмилалиро, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба тавсиб расонидааст тасдиқ менамояд ва ё онҳоро беэтибор эълон медорад.

Фаъолияти асоси Маҷлиси намояндагон қонунгузорӣ аст. Қонунҳо ба хотири танзими муносибатҳо қабул мешаванд. Онҳо муносибати соҳаҳои гуногунро танзим менамоянд ва хосияти умумӣ доранд. Аз ҳолати мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки дар оянда таҷдиди сохтории низоми мазкури идоранамоӣ ва иҷроиши корҳо дар сатҳ ва сифати ҷадид метавонад, ки дар кишвар ниҳоди бо низоми идоранамоии мукаммалро ба миён орад.

Қобили тазаккур аст, ки дар баробари асноди меъёрии идоранамоии дохилӣ дар раванди роҳандозии низоми идоранамоии сиёсӣ инчунин як қатор санадҳои махсуси дохиливу байналмилалӣ низ ҳастанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф ва ба тасвиб расонидааст ва онҳо дар амалисозии ҳадафҳои муҳим, аз ҷумла пиёда сохтани сиёсати ислоҳоти давлати чи дар самти идоранамоӣ ва чи дар дигар соҳаҳо ва ҳатто бахшҳои иқтисоди миллӣ кумак мерасонанд. Ба монанди:

- Эъломияи ҳадафҳои ҳазорсолаи Созмони Милали Мутаҳҳид;
- Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-ум;
- Стратегияи ислоҳоти низоми идоранамоии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2013-2015;
- Консепсияи гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор;
- Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барномаи давлатии рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чанде дигар.

Масъалаи идоранамоии муосир ҷузъи муҳими ҳамаи ин ҳуҷҷатҳои барномавӣ аст. Феълияти мавзуъ пеш аз ҳама бо ҷомеаи дар ҳоли рушд қарордоштаи Тоҷикистон ва ниёзи кишвар ба таҷрибаи назарии пайвастаи худ иртибот дорад. Ҳадафи асосии даст ёфтан ба идоранамоии муосир – ин ташкил намудани ҷомеаи демократӣ ё демократикунонии ҷомеа, яъне ҷалби бештари аҳолӣ ба идоранамоии васеи давлат ва коҳиш додани фосилаи мавҷудаи байни давлат ва халқ, ки давлат ифодагари иродаи он мебошад, ташкил медиҳад.

Дар шароити Тоҷикистони муосир, ки асосҳои бунёдӣ ё худ конститутсионии идоранамоӣ таҳрезӣ шудааст, шароити мусоиди дарёфт намудани тарҳи хоссаи идоранамоии сиёсӣ пайдо гардидааст. Он дар заминаи таълимот ва консепсияҳои гуногуни идоранамоии муосири илмӣ воқеият мегардад. Аз ҷумла, консепсияи миллии рушд барои давраи то соли 2030-ум дар ҳамин поя таҳия гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳимоя ва кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин индекси рушди инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда истодааст, ки далели гуфтаҳои боло ин қабул ва тасвиби Консепсияи миллии таҳқиқоти илмии мақсаднок оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2018» (№288 аз 02.07.2013) мебошад.

Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии омма, хусусан, насли наврас, самти асоситарин ва муҳимтарини рушди мамлакат дар ояндаи наздику дур ба шумор меравад. Иқтидори маълумотнокии миллӣ ба пешрафти ҷомеа, аз ҷумла ба иқтисодиёту фарҳанги он иртиботи ногусастанӣ дошта, ба устувор гардидани мавқеи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ва ҳалли самаранокии масоили дохилӣ мусоидат менамояд.

Зарурат ва талабот ба касбӣ гардонидани идоранамоии давлатӣ бештар дар раванди демократикунонии сохтори сиёсат сурат мегирад. Мураккабгардонии корҳои идораи давлатӣ ва афзоиши салоҳият ва масъулияти давлат ва инчунин гардиши демократии одамон ва вазифаҳо раванди мазкурро ба ҳукми зарурат ворид намудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки ишғоли вазифаҳо дар муассисаҳои марказӣ ҳамчун низоми дарёфтҳо аз рӯи присипи «ғолиб ҳама чизро соҳиб мешавад» ба амал меояд.

30-юми декабри соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ Консепсияи ташкили ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуд, ки ҳадафҳои асосии он иборат аст аз: [1, С.15]

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоранамоӣ тавассути ба таври васеъ истифода бурдани технологияҳои иттиллот ва иртиботот;
- беҳ кардани сифат ва дастрасии хизматҳои ҷамъиятӣ, ба шаҳрвандон ва созмонҳо;
- сода кардани равишҳо ва кутоҳ намудани муҳлати расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин коҳиш додани музди марбут ба хизматрасонӣ;
- афзудани талабот ба дастрасии иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ташкили низоми ягонаи табодули иттилоот бо истифода аз манбаъҳои иттилоотии электронӣ ва иртиботӣ, ки бо низом ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии тамоми коргарон пайваст аст;
- ташвиқи иқтисодии истифодаи интернет ва технологияҳои иттилоотии муосир.

Дар ин росто аҳамияти бебаҳси автоматкунонии раванди хизматрасонӣ ва ташаккули хизматрасонии электронии мақомоти иҷроия ва ҳокимияти давлатиро махсусан зикр кардан ба маврид аст

Татбиқи ҳукумати электронӣ ба тағйиротҳои мусбат дар муносибатҳои ҳукумат бо тамоми истифодабарандагон, аз ҷумла шаҳрвандон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони тиҷорат, оварда мерасонад.

Беҳтар гардидани сифат ва кутоҳкардани муҳлатҳои пешниҳоди хизматҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шаҳрвандон ва

муассисаҳо натиҷаи амалӣ намудани Консепсия, ба ҳисоб рафта, боиси таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мегардад. Дар оянда (дурнамо) бошад, такмилёбии низоми маъмурӣ боиси таъсиси дастгоҳи давлатии самаранок ва аз нигоҳи сохтор ҷавобгӯ мегардад. Таъсиси ҳукумати электронӣ бояд тамоми зинаҳои идоранамоии давлатӣ аз ҳамкориҳои мутақобилаи байниидоравӣ то ба ҳамкориҳои мутақобилаи байни давлат ва шаҳрвандонро азнавсозӣ кунад ва инкишоф диҳад.

Муҳимтарин принсипҳо, ки дар ташаккул ва рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон нақши муассир мегузоранд, аз инҳо иборат аст: [5, санаи мурочиат 25.07.2018]

- мутобиқ гардонидани ҷараёни иттилоотонӣ ба вазифаҳои афзалиятноки низоми идораи давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пурра ва ягона будани инфрасохтори иттилоотӣ коммуникатсионии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- таносуб ва ҳамоҳангсозии суръат ва самтҳои иттилоотонии мақомоти алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ;
- стандартизатсияи ҷараёни иттилоотонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон.

Аввалин бор маҳз, дар Консепсияи ташкили ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «хизмати давлатӣ» ҳамчун хизматҳои ба ҳайси меъёр муайяншуда, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон ва муассисаҳо тибқи муқаррароти маъмурӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом мешавад, ба чашм мерасад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ҷомеаҳои имрӯза бахусус ҷомеаи Тоҷикистонӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз таҳдиду хатарҳо ба инобат гирифтани на ҳамаи падидаю равандҳоеро талаб мекунад, ки маҷмӯи мушаххаси муносибатҳоро тавсиф менамоянд, балки он падидаю равандҳоеро тақозо менамояд, ки асоси ҳаётии фаъолияти ҷомеа ва шаҳрвандони онро ташкил мекунанд. Табиист, ки тамоми соҳаҳои истеҳсолию иқтисодии ҷомеа, робитаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии инсон, инчунин ҳаёти маънавии ӯ ба таъмини бехатарӣ ниёз доранд. Бо мақсади роҳ надодан ба ҳодисаҳои сиёсии стихиявӣ ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба андешидани чораҳои махсуси танзим таъмини рушди устувору бемайлони ҷомеа ва ҳифзи он аз сӯиқасди душманони берунӣ ва дохилӣ эҳтиёҷ доранд.

Ҳоло соҳаи амният ҳамчун яке аз соҳаҳои асосии фаъолияти ҳар як давлат, таваҷҷуҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Ин, дар навбати худ, муносибати ҷиддиро ба масъалаҳои

амнияти миллӣ ва байналмилалӣ на фақат аз тарафи мутахассисон, балки аз тарафи доираи васеи шаҳрвандон талаб мекунад.

Агар имрӯз амниятро ҳамчун чораи муҳофизати манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат ҳисоб намоем, пас манфиатҳои миллӣ ҳамеша ниёз ба ҳимояву идоранамоии илман асоснок доранд. Аз ин рӯ, тағйиротҳои солҳои охир дар амри таъмини сулҳу ризоияти миллӣ ва муносибати геополитикии кишварҳои дуру наздик зарурати самаранок амалӣ гардонидани идеяҳои дар консепсияи амнияти миллии ҷумҳурӣ пешбинишударо тақозо менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз барои рафъи тамоми мураккабӣ ва мушкилиҳое, ки ба таъмин ва татбиқи амнияти миллӣ таъсир расонида метавонад, чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Барои ин пеш аз ҳама дар байни аҳолии кишвар ташаккул додани сатҳи зарурии худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ, фарҳанги сиёсӣ, муҳаббат ба ватан, ифтихор аз миллат будану давлат доштан, дарк намудани ҷавобгарӣ дар назди наслҳои имрӯзу фардо, иродаи матин ва дарки воқеияти сиёсии ҷаҳони имрӯза лозим аст. Амалӣ гардонидани арзишҳои мазкур имкон медиҳад, ки нуфӯзи давлатдории Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам намуда, мақоми миллат ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намоем.

Ҳамин тариқ, қобили тазаккур аст, ки равандҳои идоранамоии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз аз рӯз ба худ табиати миллӣ гирифта, дар ҳоли мукаммалгардӣ қарор дорад. Ҳолати мазкур гувоҳ аз он медиҳад, ки дар ояндаи наздик низоми мукаммали арзишӣ дар ҷомеаи мо ташаккул ёфта, самарнокии идоранамоии сиёсиро таъмин менамояд.

РУЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии компютеркунонии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои солҳои 2012-2015
2. Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон. - Душанбе, 2014
3. Дар бораи Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
5. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [электрони ресус. www. filial-nic-mkur. tj дата обрашения. 25.07.2018]

6. Қонуни коститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1999. – №2 моддаи 3.

Ҳасанзода Фарзона Шермадхон– н.и.и., дотсент мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ

МОҲИЯТ, ҚОНУНИЯТҲОИ ТАЪСИС ВА СОХТОРИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ

Дар шароити муосир, ки равандҳои глобализатсионӣ фаъолона дар иқтисодиёт рушд мекунанд, дар навбати аввал зарурати фароҳам овардани шароитҳои рақобатпазир ҳам барои иқтисоди миллии ҳар як давлат ва ҳам барои субъектҳои хоҷагидории он шарти зарурии тараққиёти иқтисодиёти ҳар як мамлакат мебошад. Ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии рушди устувор, олимони тоҷик дар пайравии ҳамтоёни хориҷии худ ҳарчӣ бештар истифода бурдани кластерикунонии соҳаи иқтисодро пешниҳод мекунанд, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии он бо таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот шудааст.

Яке аз стратегияҳои афзалиятноки ҷаҳонӣ дар солҳои охир, барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, консепсияи ташаккули кластерҳо ба ҳисоб меравад. Вусъатёбии ҷолибият нисбат ба ташкилотҳои кластерӣ дар рушди минтақаҳои агоросаноатӣ мамлакатҳои Аврупо пешрафт ба ҳисоб мераванд. Заминаи чунин модели муваффақи ташкилотҳои кластериро принсипҳои махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат, инчунин таъсиси шароитҳо барои рақобати озод ҳангоми дастгирии фаъоли сохторҳои давлатӣ ташкил намуданд. Консепсияи ташкилотҳои кластерӣ дар корхонаҳои хурду миёна дар кулли қитъаҳои ҷаҳон паҳн гардидааст, махсусан, онҳо дар мамлакатҳои тараққикунанда васеъ паҳн гардидаанд. Аз ҷумла, дар Осиёи Ҷанубӣ ва Америкаи Лотинӣ кластерҳои зиёде фаъолона амал менамоянд, ки фаъолнокии назаррас ва қобилияти ғасб намудани ҳатто бозорҳои сатҳи баланди рақобатро доро мебошанд.

Дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ ба таври амиқ масоили умумии кластеризатсияи саноат таҳқиқ гардидаанд. Вале, масъалаҳои мукаммалгардонии низомноки механизми рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он то ҳол ҳалли қонеъкунандаро дар адабиёти иқтисодӣ пайдо нанамуда, соҳаи ҳалли вазифаҳои амалӣ ва конструктивии рушди кластерҳои агросаноатӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифа боқӣ мондаанд.

Истилоҳи кластер ҳамчун категорияи иқтисодӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ба илм ворид карда шудааст. Муаллифи мафҳуми кластер дар иқтисод барандаи ҷоизаи Нобел, олими амрикоӣ Майкл Э.Портер мебошад. Ӯ назарияи «рақобатпазирии миллӣ ва маҳаллӣ»-ро пешниҳод карда буд, ки дар он нақши асосӣ ба кластерҳо гузошта шудааст. Аммо вз тарафи ӯ ба кластерикунонӣ

таърифи аниқ дода нашудааст. Баъдтар, М.Портер кластерро ҳамчун гурӯҳи ширкатҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ алоқаманде, ки дар як минтақаи муайян фаъолият карда, бо фаъолияти муштарак ва якдигарро мукаммал мекунанд, тавсиф мекунад.

Дар муддати ду даҳсолаи охир аз ҷониби таҳқиқгарон мушаххасот ва тағйиротҳои назаррас дар назарияи агломератсияи ҳудудӣ, рушди минтақавӣ ва идентификатсияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии равандҳои ба ҳам алоқаманд ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, дар якҷоягӣ бо кластерҳо, барои ифшои консентратсияи фирмаҳо, соҳаҳо ва равандҳои бо онҳо алоқаманд, айни замон истилоҳҳои нави муқарраргардида истифода мешаванд:

- ноҳияҳои саноатӣ;
- доираҳои саноатӣ;
- комплексҳои ҳудудии истеҳсолӣ (КҲИ);
- муҳити минтақавии инноватсионӣ (низом);
- соҳаҳои шабакавӣ;
- минтақаҳои омӯзанда ва ғ.

Ин истилоҳҳо аз рӯи мазмун ва моҳият хеле гуногун буда, дар вақтҳои охир, ҳамчун муродиф истифода гардида, нофаҳмии методологиро эҷод месозанд. Ба андешаи мо, онҳо ба таҳқиқотҳои низомноки минбаъда, коркарди мафҳумҳои муфассалтар, доираи истифода ва гуруҳбандӣ эҳтиёҷ доранд. Бояд таъкид намуд, ки мафҳуми мушаххаси ягона, эътирофгардида ва ҷиддие вуҷуд надорад, ки ҳам бо хусусияти таъсиси назарияи кластерӣ, ва ҳам бо консепсияи номукаммали кластерии М. Портер ва М. Энрайт алоқамандӣ дошта бошад.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар ин соҳа нишон дод, ки кластер дар шакли умумӣ шакли фазоии ташкили қуввaҳои истеҳсолкунанда, омилҳои истеҳсолот ва муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дорои хусусиятҳои асосии зерин мебошад:

1. Ҳамгироии ҷуғрофӣ – мувофиқи назарияи кластерикунонӣ ҷойгиршавии наздики корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ алоқаманд дар як минтақаи ҷуғрофӣ ба ҳамаи иштирокчиёни он афзалиятҳои рақобатпазири зеринро медиҳад: дастрасӣ ба омилҳои махсуси истеҳсолот, паҳншавии навовариҳо ва технологияҳо, кам кардани харочот, хамкорӣ ба институтҳои тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сохторҳои давлатӣ. Ин ҳамгироӣ; мавҷудияти шаклҳои муайяни моликиятро таъмин мекунад ва имконияти ҳамкории онҳоро ба таври назаррас афзоиш медиҳад.

2. **Махсусгардонии ширкатҳои истеҳсолӣ** шарти муҳими фаъолияти кластерҳо буда, истеҳсоли як ё якчанд маҳсулоти якхела ба корхонаҳо имкон

медиҳад, ки тавассути рушди босубот ва татбиқи инноватсияҳо, малакаҳои махсуси коргарон, мубодилаи таҷриба, ва технологияи иноватсионӣ босуръат рушд намоянд.

3. **Гуногунӣ ва бисёрии иштирокчиёни кластер**, вобастагии мутақобила ва мукаммалии онҳо, хусусияти махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ, имкон медиҳад хароҷот (аз ҷумла хароҷоти муомилот) кам карда шавад ва сифати маҳсулотро тавассути тақсим кардани вазифаҳои иҷрошуда дар байни иштирокчиёни кластер беҳтар гардида, таҳия ва татбиқи стратегияи умумии рушд, ки манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёнро инъикос мекунад, амалӣ карда шавад.

4. Рақобат. Рақобат дар байни аъзои кластер озод буда, иштирокчиёнро ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ, баланд бардоштани қобилияти навоварӣ, таъсиси ширкатҳои нав, ки азнавсозии кластерҳоро таъмин мекунанд, ҳавасманд мекунад.

Ба назари мо, заминаи объективии ташаккули кластерҳо, шароитҳои таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки танҳо ба як ҳудуди мушаххас дар як лаҳзаи муайяни вақт хосанд, ки мо онро дорои (сарват)-ҳои хоси ҳудуд мешуморем.

Ба шароитҳои таърихӣ инҳо дохил намудан мумкин аст: мавҷудияти ҳунарҳо ва таҷрибаҳоии дар тӯли асрҳо ташаккулёфта, ки дар асоси онҳо малакаҳои истеҳсолӣ, анъанаҳои маҳаллӣ, низоми меъёрҳо ва қоидаҳои иҷтимоии муносибатҳои инсонӣ ташаккул ёфтаанд.

Захираҳои гуногун: шароитҳои табиӣ, иқтидори меҳнатии аҳолӣ, таҳқиқоти илмӣ, мавҷудияти унсурҳои инфрасохтор, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ғайра, ки ба ин ҳудуд хосанд ҳамчун дороиҳои иқтисодӣ амал мекунанд. (расми 1).

Мавҷудияти дороиҳои нодири ҳудуди муайян талабот ба таъсиси кластерро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷа ташаккул ва рушди муҳити институтсионалӣ, фазои корӣ ва сармояи иҷтимоӣ дар якҷоягӣ барои фаъолияти бомуваффақияти кластер шароит фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, шакли кластерии ташкили истеҳсолот барои рушди инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ҳавасмандии қавӣ ба вуҷуд меорад. Кластер - ҳамчун яке аз шаклҳои нави ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии истеҳсолот, ки тавассути фаъолияти инноватсионӣ ба вуҷуд омадааст, дастрасиро ба навовариҳо, технологияҳо ва ноу-хау васеъ мекунад. Дар баробари ин, сохтори уфуқии интегратсионии кластери агросаноатӣ хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳад ва тамоми захираҳои корхонаҳоро, ки кластерро ташкил медиҳанд, муттаҳид мекунад.



АДАБИЁТ:

1. Асаул, А.Н. Организация предпринимательской деятельности [Текст]: учебник / А.Н. Асаул, М.П. Войнаренко, П.Ю. Ерофеев. СПб.: Гуманистика, 2004.110 с.

2. Асанов В. С., Виноградов М. А. Проблемы управляемого развития региона посредством кластерных структур // Научная сессия МИФИ. – 2009. – С. 143.

3. Винокурова Ю. В. Влияние кластеров на развитие территорий // Новое в экономике и управлении. – М.: МАКС Пресс, 2007. – С. 7.

4. Давлатов К.К. Кооперация и интеграция в агропромышленном комплексе Республики Таджикистан. Автореферат диссертантские доктора экономических наук. Воронеж, 2008.

4.Глотко А.В. Формирование и развитие кластера садоводства в региональном АПК (теория, методология, практика): автореф. дис. ...д-ра экон. наук. Новосибирск, 2010.

5. Клейнер Г.Б., Качалов Р.М., Нагрудная Н.Б. Формирование стратегии функционирования инновационно-промышленных кластеров. М.: ЦЭМИ РАН, 2007.

6.Паньков В.С. Организационно-экономические инструменты формирования и развития кластеров в региональной экономике (по материалам Краснодарского края): автореф. дис. ... канд. экон. наук. Краснодар, 2011.

Саидова М.С. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДБССТ

НАҚШИ СОҲИБКОРӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҶТИМОӢ - ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии иқтисоди бозорӣ буда, ба оқилона истифода намудани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Ташкили оқилонаи фаъолияти соҳибкорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ аҳамияти шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро ҳам дар рушди кишвар ва ҳам дар маҷмӯъ, баланд гардонд. Соҳибкорӣ, чуноне, ки таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, омили муҳими ташаккули муносибатҳои бозарӣ, таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва рушди сектори хусусӣ чун унсури пешбари иқтисодиёти бозарӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки ҳамаи дигаргуниҳои бозарӣ дар давраи охир баргузоршаванда барои ташкили шароит ва заминаҳои иқтисодӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шуда буданд. Бо мурури воридшавии тағйиротҳои бозорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ зарурати рушди босуръат ва ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ ба миён меояд.

Фаъолияти пурра ва самарабахши соҳибкорӣ мавҷудияти шароитҳои заруриеро, ки ба иқтисодиёти солими бозорӣ хос аст, талаб менамояд. Пеш аз ҳама, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид талаб менамояд, ки аз маҷмӯи шароитҳои аввалиндараҷа ва зарурӣ иборат аст.

Ба ташаккулёбии соҳибкорӣ чунин шароитҳо мусоидат мекунанд:

1.Шароитҳои сиёсӣ .Устувории вазъи сиёсӣ дар мамлакат омили пешрафти иқтисодӣ ва демократӣ гардонидани аҳли ҷамъият мебошад. Дар ин ҷода таъмини устувории вазъи сиёсӣ, баланд шудани дараҷаи боварии халқ ба ҳукумат ва дигаргунсозиҳои иқтисодӣ нақши муҳим дорад. Устувории вазъи сиёсӣ шароит муҳайё месозад, ки соҳибкорӣ масъалаҳои мушкили ҳаёти ҷамъиятиро ба ӯҳда гирад ва дар асоси истифодаи навовариҳо пешрафт ва рушди иқтисодиро таъмин намояд [5.с.418].

2.Шароити иқтисодӣ Ба шароитҳои иқтисодӣ метавон дохил кард: пешниҳоди молҳо ва талабот ба онҳо; намуди молҳое, ки харидорон ба даст оварда метавонанд; ҳаҷми маблағҳои пулӣ, ки харидорон метавонанд барои харидорӣ намудан сарф намоянд; барзиёдатӣ ва ё норасоии ҷойҳои корӣ, қувваи корӣ, ки ба дараҷаи музди меҳнати коргарон, яъне ба имконияти онҳо барои харидани молҳо таъсир мерасонанд.

3.Шароити иҷтимоӣ. Шароитҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои фарди алоҳида ба меҳнат таъсир мерасонанд, ки дар навбати худ ба муносибати ӯ ба андозаи музди меҳнат, шароитҳои меҳнати пешниҳодшаванда низ таъсир мерасонанд. Соҳибкор аз фаъолияти соҳибкорӣ бояд қаноатмандӣ гирад. Вай дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоии фаъолияти меҳнатии кормандони худ иштирок мекунад: ҳифзи саломатии онҳо, нигоҳдории ҷойҳои корӣ ва ғайраҳо.

4. Шароити ҳуқуқӣ. Ҳар як фаъолияти соҳибкорӣ дар чорчӯбаи муҳити ҳуқуқии муайян сурат мегирад. Бинобар ҳамин муҳайёкунии шароитҳои ҳуқуқии зарурӣ аҳамияти калон дорад. Дар навбати аввал ин мавҷудияти қонунҳо мебошад, ки фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд ва барои тараққиёти соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоранд [4.с.14].

Дар давраи соли 2025 дар самти дастгирии соҳибкорӣ, пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо як қатор корҳо амалӣ шуданд.

Тавассути низоми «Равзанаи ягона» ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар миқёси ҷумҳурӣ 365,3 ҳазор адад субъектҳои хоҷагидор фаъолият мекунад, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-юм 15,0 ҳазор адад ва ё 4,3фоиз зиёд мебошад. Аз он ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 1, 2 ҳазор ва 13,8 ҳазор соҳибкорони инфиродиро ташкил дод [6.с.2].

Рушди ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бештари мавридҳо бо ҳаҷми сармоягузориҳо барои ташаккул ва фаъолияти соҳа алоқамандӣ дорад. Ҳамзамон ҳаҷми сармояҳогузориҳо аз мавҷуд будани захираҳои молиявии худӣ, инчунин воридот аз манбаъҳои дигари дохилӣ ва беруна робитаи зич дорад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар шароити муносибатҳои бозарӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавҷудияти захираҳои молиявии худӣ ба мушкилиҳо дучор мешавад ва соҳибкорӣ дар ҷанбаи молиявӣ ба дастгирӣ ниёз доранд. Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои таъмини рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муҳими рушт дар кишвар маҳсуб мешавад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ - дар соли 2024 воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 4,9 миллиард доллярро ташкил дод.Афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ нисбат ба соли 2023 - 2,1 млрд доллар ё 72,7 фоизро ташкил дода, аз ҳисоби зиёдшавии дигар намуди сармоя ба андозаи 26,1 фоиз (маблағи 510,8 млн.доллар) ташаккул ёфтааст[7.с.2].

Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд [1.с. 2].

То имрӯз ба соҳибкорон беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст [2, с. 3].

Таҳлили вазъи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди соҳибкорӣ миёни давлатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи 126 - ро касб намудааст.

Ҳамин тавр, мавриди зикр аст,ки соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии иқтисоди бозорӣ буда, ба оқилона истифода намудани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Ташкили оқилонаи фаъолияти соҳибкорӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Дар низоми хоҷагидории бозорӣ рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодиёти миллии кишвар яке аз самтҳои асосии ислоҳот мебошад, ки барои рушди рақобат, пур ва қонеъ кардани бозори истеъмолӣ бо молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, ташкили ҷойҳои корӣ нав, ташаккули табақаи калони соҳибмулкон ва соҳибкорон мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1.Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба маҷлиси Олӣ . 28.12.2023. ш. Душанбе.

2.Раҳмон Э. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ба маҷлиси Олӣ . 22.12.2022. ш. Душанбе.

3.Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Варақаи иттилоотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2023. 10.02.2024. Investcom.tj.

4.Фаррухи Раҳимбердӣ. Асосҳои соҳибкорӣ. Маводи таълимӣ. Душанбе, 2009.-109с.

5.Комилов С.Х.Ҷ.. Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. – Душанбе , 2015. – 640 с.

6.Маннонов **А.** В Таджикистане увеличилось число предпринимателей.//Народная газета .13.03.2025.

7.Таджикистан увеличил объем притока иностранного капитала в 2024 году. НИАТ «Ховар».февраль 12, 2025 10:44[электронные ресурсы].

Джалилов Р.Р – к.э.н., доцент кафедры мировоё экономики МУТПТ

ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В настоящее время вопросы обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан, особенно в условиях активизации его интеграции в мировую экономику посредством участия в международных торговых организациях и региональных интеграционных группировках приобретает особую актуальность. Так как темп развития интеграционных связей Республики Таджикистан во внешнем мире и степень либерализации внешнеторговой деятельности намного превышает темп роста конкурентоспособности национальной экономики в целом и его приоритетных отраслей в частности. Наряду с этим, многие отрасли экономики становятся на стадии возрождения, обеспечения конкурентоспособности, которое требует определенного усилия со стороны отечественных товаропроизводителей, и государственной поддержки для адаптации к требованиям мирового рынка.

За годы независимости Республика Таджикистан стала полноправным членом в ряде международных организаций и региональных интеграционных группировок, важнейшими из которых является ВТО, СНГ, ШОС. Кроме того Таджикистан хорошо сотрудничает со странами ЕАЭС, и ведется активная дискуссия о возможности его членства. Однако независимо от того что участие Таджикистана в таких престижных интеграционных группировках оказывают положительное влияние на развитие внешнеторговых отношений страны и облегчает его выход на международный рынок, оно создает так и новые угрозы для национальной экономики. Угрозы национальной экономики, в условиях расширения его участия в интеграционных группировках, заключаются в возможности упадка производства в зарождающихся отраслях экономики, снижения конкурентоспособности производимых ими продукции, потери доли рынка отечественных товаропроизводителей и росте безработицы вследствие сокращения производства в неконкурентоспособных отраслях экономики и др. «Наибольшие опасения вызывает угроза захвата рынка мощными и многоопытными зарубежными конкурентами, их утверждение в самых выгодных секторах, использование наиболее квалифицированной части рабочей силы» [1, с.80]. Исходя из этого, для обеспечения внешнеэкономической безопасности в рамках интеграции Таджикистана в

мировую экономику необходимо поиск механизмов эффективной интеграции страны в мировую экономику.

Кроме того, перспективы интеграции экономики Таджикистана в мировую экономику и обеспечение конкурентоспособности национальной экономики должна, на наш взгляд, рассматриваться через призму вопросов экономической безопасности, государственного суверенитета, перспектив социально-экономического и политического развития страны [1, с.118].

«Внешнеэкономическая безопасность государства представляет собой такое состояние его экономической системы, при котором обеспечивается защищенность национальных экономических интересов от воздействия внешних угроз» [3, с.212].

«Развитие процессов глобализации и международной экономической интеграции, повсеместное усиление конкуренции на различных уровнях хозяйствования, попытки использования роста влияния международных организаций в интересах отдельных государств или групп государств возводят проблему национальной экономической безопасности». [8, с.212].

В то же время расширение участия Таджикистана на региональных интеграционных группировках и международных торговых организациях, повышает степень открытости экономики страны, гарантирует свободный ввоз иностранных товаров и услуг и капитала, что в итоге полностью устраняет механизм защиты национальных интересов. Учитывая неизбежность участия страны в глобализационных процессах из-за повышения степени взаимозависимости страны и развития международного разделения труда под эгидой ВТО, выражающейся как в положительных моментах, так и в угрозах внешнеэкономической безопасности страны, необходимо разработать новый механизм обеспечения внешнеэкономической безопасности, который не противоречит принципам ВТО и других интеграционных группировок, членами которых является Республика Таджикистан. Все это требует принятия комплекса мер направленных на улучшение тех отраслей национальной экономики, развитие которых препятствует недобросовестной иностранной конкуренции в условиях членства Республики Таджикистан во Всемирную торговую организацию.

Для определения степени интеграции экономики Таджикистана в мировом рынке считаем важным рассчитывать ряд показателей, которые характеризуют масштабы и динамику объемов взаимных потоков, степени интеграции рынка товаров, услуг, рынка труда и капитала.

Таким образом, результаты проведенного исследования показывает, что интеграция Таджикистана на мировом рынке товаров происходит быстрыми темпами по сравнению с мировым рынком капитала. Это говорит о том, что в

Республике Таджикистан по мере либерализации внешнеторговой деятельности сформировалось благоприятное условие для торговли товарами. Однако выгода от такого условия больше остается иностранным товаропроизводителям, чему свидетельствует большой объем импорта по сравнению с экспортом в Республики Таджикистан. Низкий показатель взаимных потоков инвестиций из исследуемых интеграционных группировок говорит о том, что повышение степени открытости экономики Таджикистан еще не способствовал значительному росту притока иностранных инвестиций в страну. Исходя из этого, независимо от наличия интеграции по исследуемому направлению, влияние торговых потоков инвестиций в развитие экономики Таджикистана остается незначительным, что актуализирует поиск механизмов обеспечения внешнеэкономической безопасности в условиях его членства в международных торговых организациях. Таким образом, обеспечение внешнеэкономической безопасности в условиях участия Таджикистана в международных торговых организациях и региональных интеграционных группировках, является необходимым для сохранения экономической стабильности, снижения внешних угроз на деятельность отечественных предприятий и организаций, а также адаптации экономики страны к международной конкуренции. Используя преимущество режима наибольшего благоприятствования, необходимо принимать меры по укреплению репутации и престижа страны в мировой арене посредством его представления как надежного партнера, которое необходимо для притока иностранных инвестиций. Когда более одной трети ВВП страны создается при прямом участии во внешней торговли, поиск внутренних источников для расширения экспорта товаров и услуг значительно снижает зависимость страны от импорта.

В Республике Таджикистан имеются достаточно природно-климатические ресурсы для организации производства промышленных и сельскохозяйственных товаров внутри страны и наращивания экспортного потенциала. Развитие финансирования в сфере производства готовой продукции внутри страны, и разработка механизма государственной поддержки национальных интересов страны в условиях членства в интеграционных группировках могут стать важным направлением обеспечения экономической безопасности в стране. Развитие инвестирования в сфере человеческого капитала позволяет снизить зависимость страны от объема денежных переводов и способствовать диверсификации структуры экспорта услуг в стране. Инвестирование в создание хороших рабочих мест для увеличения доходов населения страны является другим важным направлением повышения внешнеэкономической безопасности страны. Создание высококачественных рабочих мест и развитие экономических

отношений со странами членами ВТО помогает увеличить национальный доход и открыть новые рынки сбыта для товаров отечественного производства за рубежом. Повышение конкурентоспособности национальной экономики на основе переоснащения производственных технологий, внедрение инновации в производстве является другим важным направлением обеспечения экономической безопасности. Наряду с этим, разработка эффективного механизма регулирования внешнеторговой деятельности страны с интеграционными группировками при соблюдении экономических интересов Таджикистана, поддержка интересов отечественных экспортеров на мировом рынке стабилизация курса национальной валюты может существенно повлиять на уровень внешнеэкономической безопасности в стране.Все это в итоге позволяет снизить зависимость экономики от экспорта сырья, обеспечить необходимый уровень развития отечественных отраслей промышленности, повысить занятость и способствует реализации политики импортозамещения в стране.

Литература:

1. Джумъаев Б. М. Развитие торговли услугами в условиях вступления Республики Таджикистан во всемирную торговую организацию. Диссертации. Душанбе. 2010 ТГУК. -22с.
2. Джумъаев Б. М. Таджикистан и ВТО: вопросы секторальной адаптации и путы нейтрализация возможных угроз. – Душанбе: Ирфон, 2016.-128с.
3. Золкин И.С., Зубенко В.А. Место внешнеэкономической безопасности в общеэкономической безопасности государства. / Золкин И.С., Зубенко В.А.// Преобразования, риски, безопасность: социально-экономические, правовые, международные аспекты развития предпринимательства: сборник научных трудов Международной межвузовской научно-практической конференции. Выпуск 13. – М.: Московский институт предпринимательства и права, 2015. – С. 212-219.
4. Кодирзода Д.Б., Бобохонзода, Р.Х. Внутренний рынок Республики Таджикистан: современное состояние и меры его защиты [Текст] / Р.Х. Бобохонзода, Д.Б. Кодирзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук: – Душанбе, 2019. - №6. - С.5-10 (в соавторстве, авторских – 0,5 п.л.).
5. Кодирзода Д.Б., Бобохонзода, Р.Х. Омилҳои рушди бозори дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити узвият ба созишномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ [Матн] / Р.Х. Бобохонзода, Д.Б.Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ: – Душанбе, 2020. - №8. - С.94-100.

Ҷалолов Абдуфайёз Абдумуминович – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ.

НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАРИДҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ: МЕХАНИЗМҲО ВА ВОСИТАҲО

Низоми идоракунии хариди давлатиро метавон ҳамчун маҷмӯи усулҳои назариявию амалии муайян намуд, ки барои муайян кардани роҳҳои самаранок ва оқилонаи ҳалли масъалаҳое, ки бо мақсадҳои низоми хариди давлати муайян карда шуда талаботи харидорон пурра конеъ мегардонад маънидод намуд.

Дар аксари кишварҳо, харидҳои давлатӣ яке аз муҳимтарин унсурҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб мешаванд. Масалан, дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, харидҳои давлатӣ тақрибан 14%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳанд. Тавассути ин механизм давлатҳо хизматрасониҳои гуногун ва молҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳимро ба аҳолӣ мерасонанд ва ҳамзамон барои пешрафти иқтисоди миллӣ рушди бахши хусусиро дастгирӣ менамояд [3].

Баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии хариди давлатӣ дар айни замон бо мутобиқати низоми мавҷудаи хариди давлатӣ ба муқаррароти зерин таъмин карда мешавад: аз байн бурдани маҳдудияти рақобат, ташкили тадбирҳо зидди фасод, риояи принсипҳои ошкоро баёнкардани андешаи худ ва шаффофияти иттилоот дар бораи низоми шартномавӣ дар соҳаи харид, касбияти муштариён, ҳавасмандгардонии инноватсионӣ, ягонагии низоми шартномавӣ дар соҳаи хариди давлатӣ, масъулият барои самаранок конеъ гардондани эҳтиёҷоти давлатӣ ва коммуналӣ, самаранокии харид, баробарҳуқуқӣ ва муносибати одилона нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун, инчунин таҳвилгарон, ки шартномаҳои хариди давлатиро иҷро мекунанд [2, с. 65].

Хариди давлатӣ – ин аз ҷониби ташкилоти харидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ мегардад [1, с. 2].

Низоми хариди давлатӣ бо модели низоми идоракунии харидҳои давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар айни замон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд моделҳои ташкили низоми идоракунии хариди давлати вуҷуд доранд, ба монандӣ:

- модели мутамарказ;
- модели ғайримарказонидашуда;
- модели омехта.

Таҳлили адабиёти илмие, ки ба ин масъалаҳо бахшида шудаанд, ба мо имкон медиҳад, ки тарзи татбиқо онҳо, афзалиятҳо ва нуқсонҳои ин моделҳоро муайян кунем.

Модели мутамарказ дар низоми идоракунии хариди давлатӣ як аз намоёнтарин моделҳо мебошад. Дар ин модел, тамоми равандҳои хариди давлатӣ тавассути як мақоми марказонидашуда, ки масъули идоракунии харид мебошад, амалӣ татбиқ карда мешаванд. Ин мақоми марказӣ метавонад агенти давлатӣ, вазорат ё кумитаи махсуси харидҳои давлатӣ бошад. Модели мутамарказ дорои хусусиятҳои асосии зерин мебошад:

- мақоми марказии идоракунии харид. Як мақоми марказонидашуда тамоми равандҳои харидро, аз қабили таҳияи талабот, банақшагирии харидҳо, интихоб ва баимзорасонии шартномаҳоро назорат мекунад;

- стандартизатсия ва якхелагӣ. Ин модел ба стандартизатсияи равандҳои харид ва қоидаҳои умумӣ барои ҳамаи воҳидҳои давлатӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ аз як низоми харид истифода мебаранд, ки ин метавонад хароҷотро коҳиш диҳад ва самаранокиро беҳтар намояд;

-тафаккури стратегӣ. Модели мутамарказ имконияти беҳтарро барои банақшагирии стратегӣ дар соҳаи харидҳои давлатӣ фароҳам меорад. Мақоми марказӣ метавонад таҳлили бозорро анҷом диҳад ва қарорҳои стратегиро барои оптимизатсияи равандҳои харид қабул кунад;

- назорат ва шаффофият. Азбаски ҳамаи харидҳо тавассути як мақоми марказӣ мегузаранд, назорат ва ҳисоботдиҳӣ осонтар мешавад. Ин метавонад хатари фасод ва бетаваҷҷӯҳиро аз байн барад.

Модели мутамарказ дорои афзалиятҳои зерин ба монандӣ коҳиши хароҷотҳо, беҳтар кардани назорат, шаффофият, стандартизатсияи равандҳо ва ҳуҷҷатгузорӣ мебошад.

Камбудиҳои мадели мутамарказ аз бюрократияи зиёд, ки метавонад равандҳоро тӯлонитар кунад ва набудани имкони мутобиқсозӣ барои ниёзҳои махсуси муассисаҳои алоҳида мебошад.

Модели мутамарказ бештар дар кишварҳое истифода мешавад, ки мехоҳанд хароҷоти давлатӣ ва равандҳои харидро ба танзим дароранд ва шаффофиятро таъмин намоянд. Ин модел бештар дар кишварҳои Аврупо, аз он ҷумла дар Британияи Кабир ва кишварҳои дигари Иттиҳоди Аврупо мавриди истифода васеъ қарордарад.

Модели ғайримарказонидашуда (децентрализатсияшуда) дар низоми идоракунии хариди давлатӣ низ як аз моделҳои маъмул мебошад, ки дар он ваколати харид ба як мақоми марказӣ мутамарказ намегардад. Ба ҷои ин,

идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ мустақилона харидҳои худро анҷом медиҳанд. Модели ғайримарказонидашуда дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

-мустақилияти идораҳо. Ҳар як муассисаи давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки равандҳои хариди худро мустақилона идора намояд. Онҳо метавонанд худ шартнома банданд ва молу хизматрасониҳои заруриро харидорӣ намоянд;

-таъмини мутобиқшавӣ ба ниёзҳои махсус. Азбаски ҳар як идора ё муассиса равандҳои хариди худро мустақилона амалӣ мекунад, онҳо метавонанд қарорҳои харидро мувофиқи ниёзҳо ва талаботи хоси худ танзим намоянд. Ин метавонад барои таъмин кардани маҳсулоти махсус ё хизматрасониҳои махсус зарур бошад;

-фарқият дар равандҳо. Дар модели ғайримарказонидашуда равандҳои харид метавонанд дар муассисаҳои гуногун фарқ кунанд. Ин маънои онро дорад, ки стандартҳои ягона барои тамоми низомҳо вуҷуд надорад ва ҳар як воҳид метавонад қоидаҳои дохилии худро дошта бошад;

-масъулияти зиёдтар барои воҳидҳои алоҳида. Азбаски муассисаҳои давлатӣ барои харидҳои худ мустақилона ҷавобгар мебошанд, онҳо бояд худашош масъулияти банақшагирӣ, гузаронидани тендерҳо ва идоракунии шартномаҳоро ба дӯш гиранд;

-ҳамоҳангсозии камтар. Дар моделҳои ғайримарказонидашуда ҳамоҳангсозии умумӣ байни воҳидҳои гуногуни давлатӣ камтар аст, ки метавонад ба баъзе мушкилот дар масъалаҳои стандартизатсия ва назорат сабаб шавад.

Модели ғайримарказонидашуда дорои чунин афзалиятҳо мебошад, ки дар раванди хариди давлатӣ истифода мешаванд: ҳар як идора метавонад қарорҳои харидро мувофиқи талаботи махсуси худ қабул кунад; мустақилияти идораҳо имкон медиҳад, ки онҳо зудтар ва ба таври камтар бюрократӣ тасмим бигиранд; ҳар як идора метавонад равишҳои ба худ хосро барои харид истифода барад, ки ин метавонад ба пешниҳоди қарорҳои инноватсионӣ сабаб шавад.

Камбудиҳо модели ғайримарказонидашуда чунинанд: ҳар як воҳид худ харидҳои алоҳидаро анҷом медиҳад, имкон надорад, ки аз хариди миқёсан калон фоида бардорад ва нархҳои беҳтарро ба даст оварад; азбаски равандҳо фарқ мекунанд, қоидаҳои умумии равандҳои харид вуҷуд надорад, ки метавонад ба ношаффофӣ ва номувофиқатӣ сабаб гардад; аз сабаби он ки харидҳо дар сатҳи маҳаллӣ анҷом дода мешаванд, назорати марказӣ ва шаффофият камтар мешавад, ки хатари фасод ё нодурустии равандҳоро зиёд мекунад.

Модели ғайримарказонидашуда бештар дар кишварҳо ва сохторҳое истифода мешавад, ки онҳо мехоҳанд бештар ба мустақилияти муассисаҳо ва

идораҳои алоҳида такя кунанд. Ин моделро метавон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва баъзе кишварҳои федеративӣ ё кишварҳое, ки дараҷаи баланди автономияро ба сатҳҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ медиҳанд, пайдо намуд. Ин модел махсусан барои идораҳое мувофиқ аст, ки дорои ниёзҳои гуногун ва махсус мебошанд, ки наметавонанд тавассути равандҳои мутамарказ қонеъ гарданд.

Модели омехта дар идоракунии хариди давлатӣ як шакли мутобиқшудаи низоми идоракунии харид мебошад, ки унсурҳои моделҳои мутамарказ ва ғайримарказонидашударо муттаҳид мекунад. Дар ин модел, як қисмати равандҳои харид тавассути як мақоми марказӣ назорат ва идора мешавад, дар ҳоле ки қисми дигари равандҳо ба идораҳо ва муассисаҳои алоҳидаи давлатӣ ваколатдор карда мешаванд. Хусусиятҳои асосии модели омехта чунинад:

- қарорҳои калидӣ ва стратегияҳои умумии харид тавассути як мақоми марказӣ қабул мешаванд. Ин метавонад ба банақшагирӣ, таҳлили бозор, гузаронидани тендерҳои калон, ё хариди молҳо ва хизматрасониҳои умумӣ дахл дошта бошад;
- ба идораҳо ва муассисаҳои алоҳида имконияти мустақилона анҷом додани харидҳои хоси худ дода мешавад, махсусан вақте ки онҳо талаботҳои махсус ё маҳаллӣ доранд, ки ба хариди марказӣ мувофиқат намекунанд;
- равандҳои калидии харид, ба монанди тендерҳои калон ё харидҳое, ки барои якчанд муассисаҳо якбора заруранд, тавассути мақоми марказӣ гузаронида мешаванд. Дар навбати худ, равандҳои хурдтар ё мураккабу камтарро идораҳои алоҳида мустақилона мегузаронанд;
- дар ин модел, харидҳое, ки метавонанд аз иқтисоди миқёс фоида баранд, тавассути мақоми марказӣ анҷом дода мешаванд, дар ҳоле ки харидҳои махсус ё камтар аз ҷониби муассисаҳои алоҳида амалӣ мешаванд, ки имкон медиҳад чолокӣ ва суръати иҷроиш нигоҳ дошта шавад;
- ҳарду сатҳи марказӣ ва маҳаллӣ ба таври мувофиқ назорат ва ҳисоботдиҳӣ мекунанд. Харидҳое, ки тавассути мақоми марказӣ иҷро мешаванд, дар сатҳи миллӣ шаффофанд, дар ҳоле ки харидҳои маҳаллӣ низ бо қоидаҳои дохилии худ шаффофият ва ҳисоботдиҳиро саривақт иҷро менамоянд.
- Ба андешаи мутахасисон афзалиятҳои зерин дар модели омехта дида мешавад:
- бо назорати хариди калони молу хизматрасониҳои умумӣ тавассути мақоми марказӣ, имкон дорад, ки хароҷот кам карда шавад ва нархҳои беҳтар ба даст оварда шаванд;

- муассисаҳои алоҳида метавонанд худ мустақилона дар мавриди талаботҳои махсуси худ қарор қабул кунанд, ки ин ба саривақт иҷрошавӣ ва мутобиқшавӣ мусоидат мекунад;

- азбаски як қисми равандҳо марказонида шудаанд, назорат ва шаффофият осонтар мегардад. Инчунин, ваколат додан ба сатҳи маҳаллӣ ба муассисаҳою идораҳо имкон медиҳад, ки қарорҳои дурусту босифат қабул кунанд;

- ин модел як тавозуни дурусти масъулиятҳо ва назоратро байни мақомоти марказӣ ва муассисаҳою идораҳои маҳаллӣ фароҳам меорад.

Ба андешаи мо дар модели омехта камбудиҳо зерин дида мешавад**:**

- аз сабаби он ки баъзе равандҳо марказонида шудаанд, дар ҳоле ки дигарон равандҳо ғайримарказонида шуда мебошанд, ҳамоҳангсозии байни ин ду сатҳ метавонад мураккаб шавад;

- дар ҳолате, ки стратегияҳо ё афзалиятҳои хариди марказӣ ва маҳаллӣ мувофиқат намекунанд, ихтилофот ё нофаҳмӣ байни мақомотҳо ва идораҳо ба миён омада метавонад;

- барои самаранокиро таъминнамудан намудани модели омехта, зарур аст, ки як низоми идоракунии муназзам ва устувор ташкил шавад, ки ҳам марказро ва ҳам муассисаҳою идораҳои алоҳидаро дастгирӣ намояд.

Модели омехта дар бисёре аз кишварҳо бо низомҳои идоракунии гуногун, махсусан дар кишварҳои федеративӣ, маъмул аст. Ин моделро дар Британияи Кабир ва Канада дидан мумкин аст, ки дар онҳо мақомоти марказӣ хариди калони баъзе маҳсулот ё хизматрасониҳоро амалӣ мекунанд, дар ҳоле ки муассисаҳои маҳаллӣ мустақилона қарорҳои ба худхосро қабул мекунанд [5, с.40]. Ин модел бештар барои кишварҳое, ки мехоҳанд як тавозуни самаранокии иқтисодиро ҳам дар сатҳои гунагун ва равандҳои харидҳои маҳаллиро нигоҳ доранд, мувофиқ аст.

Яке аз мушкилоти асосӣ дар идоракунии харидҳои давлатӣ, ин истифодаи нодуруст ва ғайрисамараноки захираҳо мебошад. Ба таври мисол, дар якчанд кишварҳои рӯ ба рушд мушоҳида шудааст, ки фасод ва тиҷорат дар ин соҳаҳо ба камшавии самаранокӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки механизмҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ба кор бурда шаванд.

Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ низоми ҳуқуқии харидҳои давлатӣ тибқи қонунҳои махсус амалӣ мегардад. Қонунҳои миллӣ дар ин соҳа бояд ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шаванд, то ки шаффофият ва рақобати солим дар зариди давлати таъмин гардад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи харидҳои давлатӣ" (15 марти соли 2023, № 364 қабул шудааст) механизми асосии танзими ҳуқуқиро таъмин мекунад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии хариди давлатиро муайян намуда, ба ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ, ки истифодаи самарабахш ва сарфакоронаи маблағҳои

давлатиро дар заминаи принсипҳои рақобат, муносибати одилона нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ таъмин менамояд, равона карда шудааст [1, с. 4].

Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар аксари кишварҳо, истифодаи платформаҳои рақамӣ барои харидҳои давлатӣ (Digital Procurement Platforms) боиси шаффофтар ва кам кардани хатари коррупсия мегардад. Мисол, дар Украина платформаи ProZorro роҳандозӣ шуда, ки имконияти ширкатҳои хусусиро барои иштирок дар тендерҳо зиёд намуда, сатҳи шаффофиятро баланд мебардорад.

Дар шароити иқтисоди муосир бисёр кишварҳо барои беҳтар намудани низоми харидҳои давлатӣ ба ислоҳоти идоракунӣ рӯ меоранд. Мисол, дар Ҳиндустон барномаҳои махсус барои коҳиш додани фасод ва баланд бардоштани шаффофият дар харидҳои давлатӣ ҷорӣ шудаанд, ки натиҷаҳои мусбатро ба бор овардаанд.

Дар шароити иқтисоди муосир, низоми идоракунии харидҳои давлатӣ бояд бо воситаҳои технологӣ ва механизми шаффофият пурракарда шавад, то ки равандҳои харидҳои давлатӣ самараноктар ва шаффофтар гарданд. Таҳияи ислоҳот ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои рӯ ба рушд барои рушди босубот ва рақобатпазирии бозорҳо мусоидат мекунад.

Адабиётҳо

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи харидҳои давлатӣ"- 15 марти соли 2023, № 364;

2. Руководство по закупкам: учеб. пособие / под ред. Н. Димитри, Г. Пига, Дж. Спаньоло; пер. с англ. М. М. Форже, Е. В. Хилинской под ред. И. В. Кузнецовой; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2013. – 695с.

3. Таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба самаранокии харидҳои давлатӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд (https://www.worldbank.org/en/home);

4. Тадқиқоти байналмилалӣ оид ба истифодаи системаҳои электронии харидҳои давлатӣ (https://www.worldbank.org/en/home);

5. Ефремова Н.Н. Международный опыт повышения эффективности государственных закупок и его использование в российской практике: Дисс. ... канд. экон. наук. – М., 2010;

6. Данилова С.Н. Управление закупками продукции для государственных и муниципальных нужд: учеб. пособие «Экономика» – Саратов: Саратовский социально-экономический институт РЭУ им. Г. В. Плеханова, 2016. – 124 с.

Одиназода К.С. - н.и.и., дотсент мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССТ

УСУЛҲОИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ - ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ БОЗОРИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ ин идоракунии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва коркарду амалисозии сиёсати дурусти муҳоҷиартӣ мебошад, ки аз як тараф барои идоракунӣ ва танзими раванди муҳоҷират ва аз тарафи дигар барои танзими бозори дохилии меҳнат нигаронида шудааст. Равандҳои муҳоҷират солҳои охир тағйир ёфта истодааст. Аммо, худи иштирок дар муҳоҷирати меҳнатӣ аз давлатҳои вазъи иқтисодии пастдошта ба давлатҳои иқтисодиёти тараққикарда хеле афзоиш дорад**.** Вобаста ба ин масъала такмили низоми идоракунӣ ва танзими муҳоҷирати аҳолӣ саривақтӣ мебошад. Давлат ҷиҳати такмили механизми идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ хусусятҳои миллӣ, амнияти иқтисодӣ, арза ва тақозо дар бозори дохилии меҳнатро бояд ба инобат гирад. Такмили идоракунӣ ва танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ омузиши амиқи таҷрибаи давлатҳои дигарро тақозо менамояд. Зеро давлатҳои тараққикарда дар ин самт таҷрибаи кофӣ доранд. Истифодабарии таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Россия барои коркарди дурусти сиёсати муҳоҷиратӣ меҳнати метавонанд мусоидат намоянд. Бо назардошти афзоиши шумораи аҳолӣ, зиёдшудани аҳолии синну соли қобилияти меҳнатидошта муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ як ҷузъи хоҷагии ҷаҳониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон асосан давлате ба шумор меравад, ки қувваи кориро ба хориҷи кишвар содирот менамояд. Исботи он фарқият дар шумораи шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар фаъолияткунанда мебошанд.

Дар шароити имрӯза барои Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, роҳ надодан ба муҳоҷирати меҳнатии ғайриқонунӣ ва муайян намудани таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба иқтисоди миллӣ хеле муҳим мебошад. Самти асосии муҳоҷирати меҳнатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз ҳам Россия боқӣ мемонад. Аз ин рӯ бояд ҳангоми таҳлил ва омузиши масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ қонунгузории муҳоҷиратии Россия ба назар гирифта шавад. Федератсияи Россия яке аз давлатҳои пешсаф дар қабули муҳоҷирони меҳнатии давлатҳои пасошуравӣ маҳсуб меёбад. Ин пеш аз ҳама бо он алоқаманди дорад, ки байни Россия ва давлатҳои пасошуравӣ низоми раводид вуҷуд надорад. Гузашта аз ин шаҳрвандонии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони мустақилона ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин давлат сафар намуданро

доранд. Ин аст, ки ҳангоми таҳияи сиёсати муҳоҷиратӣ, амали намудани воситаҳои танзими он давлат бояд таҷрибаи ин давлат ва давлатҳои дигарро санҷида истифода намояд. Асоси сиёсати муҳоҷиратии давлатҳоро усул ва воситаҳои инфиродии танзими давлатии ин раванд ташкил менамоянд. Чи тавре, ки Тютерова А.Р., Кузнетсова М.М., қайд менамоянд: «... сиёсати муҳоҷиратии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ на назорати муҳоҷират балки, идоракунии раванди муҳоҷиратро дар бар мегирад»[1].

Дар ин давлатҳо пайваста бозори меҳнат омухта мешавад ва тақозо ба ҷойҳои корӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Ин амал имкон медиҳад, ки талаботи бозори меҳнат ба кормандони мавсимӣ ва доимӣ муайян карда шуда нафароне, ки дархост барои ҷустуҷуи кор равон менамоянд дақиқ аз санҷиш гузаранд. Дар ин давлатҳо сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ барои ҳавасмандгардонии қувваи кории тахасуснок нигаронида шудааст. То ҷое дуруст ҳам ҳаст зеро ин давлатҳо нуқтаи ҷалбнамоии мутахасисон ба ҳисоб мераванд.

Мутахасисони касбу кори гуногун аз ҷумла олимон, инженерон ва табибон, ки дар давлати худ музди кори паст мегиранд ба давлатҳои тараққикарда сафар намуда ба муҳоҷирати меҳнатӣ мепайванданд ва кору фаъолият менамоянд. Давлатҳои тараққикарда низ ин усули ҷалбсозии мутахасисони баландихтисосро идома медиҳанд. Таҷрибаи Британияи Кабир низ дар идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ назаррас мебошад. Онҳо дар интихоб, иҷозатномадиҳӣ ва қабул ба кор асосан аз руйи низоми холгузорӣ амал менамоянд. Ин тарзи баҳогузорӣ донистани забон, касбият, синну сол ва нишондиҳандаҳои дигарро дар бар мегирад. Таҷрибаи ин давлатро дар рафти қабули шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Инчунин, саҳми институтҳои ғайридавлатиро дар таҳким ва танзими шуғли аҳолӣ аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ нодида гирифтан лозим нест. Ин ташкилотҳо солҳои охир дар таъмини шуғли аҳолӣ махсусан сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба самтҳои нави муҳоҷират саҳми назаррас доранд. Асосан ин ташкилотҳо шаҳрвандони кишварро ба давлатҳои Иттиҳоди Авруппо, Аморати Араб, ИМА, Кореяи ҷанубӣ, Хитой ва ғайра сафарбар менамоянд, ки дараҷаи музди кор нисбати Россия баландтар ва шароити корӣ беҳтар мебошад.

Дар Британияи Кабир «Кумитаи машваратии муҳоҷират» амал менамояд, ки мутахасисонро вобаста ба бозори меҳнати дохилӣ интихоб ва ҷобаҷогузорӣ менамояд. Ин ниҳод пайваста маҳзанҳои иттилоотиро дар бораи бозори меҳнати дохилӣ таҳлил намуда оид ба мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ, тақозо ба қувваи корӣ, музди кор тадбирандешӣ менамояд. Омузиши бозори меҳнат, муайянсозии талаботи воқеии корфармоёне, ки муҳоҷирони

меҳнатиро ба кор қабул менамоянд имкон медиҳад, ки давлат Квотаи шаҳрвандони хориҷиро муайян намуда қарори дахлдорро барои интихоб ва қабули онҳо қабул намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон қувваи кории изофӣ дорад ва барои дар дохили кишвар бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани онҳо пурра имкон надорад. Гарчанде дар кишвар тадбирҳои зиёди судманд оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар аз ҳисоби рушди соҳаҳо ва бахшҳои муайяни иқтисоди миллӣ андешида шуда истода бошад, ҳам афзоиши босуръати аҳолӣ барои расидан ба таъмини шуғли пурраи аҳолӣ имкон намедиҳад. Вобаста ба ин шаҳрвандони Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун ба равандҳои муҳоҷират шомил мегардаднд. Бояд қайд намуд, ки таҳияи сиёсати муҳоҷиратии аҳолӣ бо назардошти вазъи бозори меҳнати дохилӣ сурат гирад [2].

Дар давлатҳое, ки норасоии қувваи корӣ ба назар мерасад, бояд сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ҳавасмандкунанда бошад. Норасоии қувваи корӣ дар Аврупо барои коркарди барномаҳои гуногуни ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ сабаб мегардад. Дар ин давлатҳо агар корфармоён муҳоҷирони меҳнатии маълумоти олидоштаро ҷалб намоянд имтиёзҳои иловагӣ дар шакли имтиёзи андозӣ ё озод намудани онҳо аз як қатор андозҳо пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла донишҷуёне, ки дар Иттиҳоди Аврупо таҳсил менамоянд метавонанд озод ба фаъолияти меҳнатӣ машғул гарданд. Ин таҷрибаро дар Тоҷикистон низ истифода намудан мумкин аст. Зеро дар Тоҷикистон низ шаҳрвандони хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили механизми идоракунии муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ Хадамоти муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамкории худро бо ташкилотҳои ғайрирасмии дар хориҷи кишвар амалкунанда, ки вазифаашон омузиши бозори меҳнати дохили кишварашон аст ҷоннок намояд.

Зеро омузиши бозорҳои нав, самтҳои нави муҳочирати меҳнатӣ ба диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ оварда мерасонад. Самтҳои дигари муҳоҷирати меҳнатӣ имкон медиҳад, ки ба ғайр аз Россия шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба дигар давлатҳо низ қонунӣ сафар намуда ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд. Махсусан сафарбар намудани қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии аз Россия депортшуда ба Иттиҳоди Аврупо ё давлатҳои дигар. Ин имкон медиҳад, ки вазнинии бозори меҳнати дохилӣ аз ҳисоби зиёд будани аҳолии қобили меҳнат камтар гардад. Дар Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои пасошуравӣ қарорҳои дахлдорро дар мавриди сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мақомоти дахлдор омода менамояд ва танҳо Ҳукумат онро тасдиқ менамояд. Дар амалисозии сиёсати муҳоҷиратӣ ва қабули он аҳолӣ (ҷамъият) иштирок намекунанд.

Яке аз самтҳои муҳими танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ муайян намудани квота мебошад. Квотаи шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар доираи 4200 нафаро ташкил менамояд, ки дар асоси дархости корфармоён ба қувваи кории хориҷӣ муайян карда мешавад [3]. Чи тавре, ки дар боло қайд намудем Тоҷикистон давлати содиркунандаи қувваи корӣ баҳисоб меравад ва дар ин самт вазифаи мақомоти дахлдор ин зиёд намудани квотаи шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мебошад. Квотаи қувваи корӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад. Ин як воситаи муҳими танзими сифатию миқдории муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Гузашта аз ин беҳтар мешавад, агар дар Тоҷикистон пеш аз сафарбар намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ дар дохили кишвар курсҳои омузишӣ оид ба қонунгузории давлатҳо, таърих ва забономузӣ ба роҳ монда шавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба давлатҳои дигар сафар менамоянд на ҳамавақт забони онҳоро медонад ва на ҳамавақт шартҳои будубоши ин давлатро азхуд менамоянд.

Дар Австралия маҳаки асосии қабули шаҳрванди хориҷӣ ба кор ин доштани касбияте мебошад, ки дар бозори меҳнат тақозо ба он бештар бошад. Дар ин давлат муҳоҷирони меҳнатии касбияти маҳдуддошта хубтар қабул карда мешаванд. Дар Италия бошад дар қатори квота барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ қарордодҳои байнидавлатӣ истифода карда мешавад. Дар асоси қарордодҳои байнидавлатӣ ба давлатҳои алоҳида Италия квотаи иловагиро пешниҳод менамояд. Таҷрибаи Италия низ барои Тоҷикистон хеле муфид мебошад. Зеро Тоҷикистон имкон дорад, ки бо давлатҳои эҳтимолии муҳоҷирони меҳнатиро қабулкунанда масалан Кореяи Ҷанубӣ, як қатор давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Араб қарордоди дуҷониба қабул намояд ва шаҳрвандони кишварро барои шуғли мувақатӣ ба ин давлатҳо равона намояд. Дар Ирландия барнома оид ба қабули кормандони соҳаи тиб мавҷуд аст, ки дар доираи он ба ҳамаи мутахасисони соҳаи тиб, ки иҷозатнома дар соҳаи тиб коркарданро доранд иҷозат дода мешавад.

Ба ҳамин монанд барнома дар Австралия низ мавҷуд аст, ки ба кормандони соҳаи тиб имкони ба зуди гирифтани раводидро барои кор медиҳад. Дар Италия аз руи баъзе маълумотҳо варзишгарон, кормандони соҳаи тиб, тарҷумонҳо имкони гирифтани иҷозати корро берун аз квота доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбияти муҳоҷирон, донишу малакаи онҳо таваҷҷуҳ медиҳанд. Бозори меҳнатро омухта ба ҳамон касбу ҳунарҳое имтиёз медиҳанд, ки тақозо ба онҳо зиёд бошад. Дар Испания низ барномаи махсуси ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба кор мавҷуд аст. Дар асоси омузиши бозори меҳнат ҷойҳои кории

холӣ ва норасоии кормандон руйхат карда мешавад. Аммо, хусусияти миллии ин барнома дар Испания аз он иборат аст, ки корфармо пеш аз додани иҷозат бояд мутмаин бошад, ки ҷойи кори пешниҳодшаванда аз тарафи сокини муқимии ин давлат банд карда намешавад. Яъне дар инҷо таваҷҷуҳ бештар барои бо шуғл таъмин намудани аҳолии худӣ дода мешавад. Танҳо дар он маврид шаҳрванди хориҷӣ ба кор қабул карда мешавад, агар шаҳрвандони худи давлат онро банд карда натавонанд. Ба ҳамин монанд сиёсат дар Тоҷикистон низ мавҷуд аст. Сармоягузорони хориҷӣ, ки бо Ҳукумат шартнома мебанданд ба онҳо шартҳои муайян гузошта мешавад ва яке аз шартҳо ин дар баробари истифодабарии кормандони хориҷӣ ба кор қабул намудани шаҳрвандони маҳалӣ (Тоҷикистон) мебошад.

Масъалаи дигаре, ки ба ақидаи мо ҳангоми амалигардонидани сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад ин бо манзил таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатии ҷалбшуда мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Россия сафар менамоянд дар зиёд ҳолатҳо бо кор таъмин карда мешаванд, аммо бо манзил таъмин карда намешаванд. Барои назорати самараноки муҳоҷирати меҳнатӣ корфармоён агар кормандони ҷалбнамудаи худро бо манзил таъмин намоянд хубтар аст. Ин таҷриба дар як қатор давлатҳои Иттиҳоди Аврупо мушоҳида мегардад. Дар Италия ин амал ҳатмист, дар Испания таҷрибаи сохтмони манзили иҷтимоӣ барои муҳоҷирон васеъ истифода карда мешавад. Албатта ин ҳолат хароҷоти корфармоёнро метавонад зиёд намояд. Аммо, ҳалли ин масъала аз ҳисоби худи кормандон пурра ё қисман пардохт намудани иҷорапулии манзил мебошад. Корфармо танҳо манзили зистро пешниҳод менамояд ва коргар аз музди кор иҷорапулии манзилро пардохт менамояд. Таҷрибаи Ҳиндустон ҷиҳати ба ватан баргардонидани мутахасисони баландихтисос хеле ҷолиб мебошад. Ин давлат бо намояндагиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар дигар давлатҳо ҳамкорӣ намуда муҳоҷирони дар гузашта ба давлатҳои дигар рафта шаҳрвандии ин давлатҳоро гирифтаро ба давлат даъват менамоянд. Онҳоро барои хондани лексияҳо, иштирок дар форуму семинарҳои илмӣ даъват менамоянд. Имтиёзҳои зиёд пешниҳод менамоянд то онҳо ба ватани аҷдодии хеш баргарданд ва донишу малакаи андухтаашонро барои рушди иқтисодии давлати худ истифода намоянд.

Пешниҳоди ҳаргуна имтиёзҳо ба эмигрантҳо имкон медиҳад, ки онҳо ба ватанашон баргарданд ва корхонаҳои худро таъсис диҳанд. Ингуна барнома барои шаҳрвандони Тоҷикистон низ бояд истифода шавад, ки дар хориҷи кишвар кору фаъолият менамоянд ва таҷрибаи кории хеле зиёд низ доранд. Онҳо метавонанд тавассути сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ барои ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд. Хитой низ пайваста бо

диаспораҳои хориҷии худ робитаи зич дорад ва мутахасисони хитоиро ҳамчун машваратчӣ ё эксперт дар соҳаҳои гуногун ҷалб менамояд ва тамоми хароҷоти роҳ, манзил ва ҳуҷҷатгузориро аз ҳисоби худ анҷом медиҳад. Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки тамоми давлатҳои ҷаҳон бо диаспораҳои хориҷии худ бояд робитаи зич дошта бошанд. Вазорату идораҳои дахлдори танзими шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати байналхалқӣ ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонашонро ҳимоя карда тавонанд. Бо ташкилотҳои ғайридавлатии ба корсафарбаркунандаи шаҳрвандони кишвар ҳамкории зич дошта бошанд ва фаъолияти онҳоро низ зери назорат қарор диҳанд. Зеро наҳамаи ин ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳадафи бо кор таъмин намудани аҳолиро дар хориҷи кишвар доранд.

Масъалаи дигар ин аст, ки чаро ширкатҳои хусусӣ имкони бо кор таъмин намудани аҳолиро дар хориҷи кишвар доранд аммо, мақомоти шуғли аҳолии расмӣ ин имконро надорад. Ба ақидаи мо таҷрибаи кории ташкилотҳои ба хориҷи кишвар ба корсафарбарнамоӣ дар вазорату идораҳои дахлдор мавриди омузиш қарор дода шавад. Беҳтар аз ин агар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи давлат баромад менамояд бо Вазоратҳои ҳамтояшон дар давлатҳои хориҷӣ ҳамкориро судманд намоянд. То ин, ки шаҳрвандони кишвар, ки тавакали зиёд намуда, маблағи зиёдро сарф менамоянд бидуни миёнаравҳо ба шуғл дар хориҷи кишвар таъмин карда шаванд. Шаҳрвандони Тоҷикистон инчунин дар бозии “Грин кард” низ иштирок менамоянд ва тавассути ин барнома ба ИМА расман сафар менамоянд ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд. Аммо, ин барнома эҳтимол дорад, ки дар солҳои оянда маҳдуд гардад ва танҳо барои мутахасисони баландихтисос иҷозати ворид шудан ва бо кор таъмин шуданро диҳад.

Хулоса

Дар раванди таҳлили истифодаи усулҳои таҷрибаи хориҷӣ идоракунии раванди муҳоҷирати меҳнати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фосилавӣ ба чунин хулоса омадан мункин аст:

1. Дар асоси равандҳои таҳили ва омӯзиши бозори меҳнатӣ давлатҳои хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии бояд омоданамудани мутахасиссонро дар асоси талаботи бозори меҳнатӣ давалтҳои қабулкунадади қувваи кори омода намояд.

2. Таҷрибаи Австралия барои танзим намудани бозори меҳнат яке аз беҳтарин бозорҳои меҳнати ба ҳисоб рафта дар раванди қабул намудани қувваи корӣ яке аз талаблот доштани касбияти баланд ва дар бозори меҳнат тақозо ба он бештар бошад.

3. Дар Италия дар асоси қабули квота барои ба танзим даровардани муҳоҷирати меҳнати аз қарорҳои байналилаии истифода мешавад.

4. Таҷрибаи Ҳиндустон ҷиҳати ба ватан баргардонидани мутахасисони баландихтисос хеле ҷолиб мебошад ва шарҳвандони ин давлат барои рушд додани самти бозори меҳнат мутахасисонро омода месозанд то дар давалтҳои қабул кунандаи қувваи корӣ рақобатпазир бошанд.

5. Дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Халқи Хитой бояд мутахасисон барои ширкат варзидан дар самтҳои машваратчӣ ё эксперт дар соҳаҳои гуногуни бозори меҳнат омода ва рақобатпазир гарданд, ки ҷалби онҳо зиёд гардад ин ба манфияити Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарда.

АДАБИЁТ

1. Тютерова А.Р., Кузнетсова М.М. Возможности применения зарубежного опыта для усовершенствования миграционной политики РФ //Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского. Экономика и управление. Том 2 (68). 2016 г. № 2. С. 143–150. (электроный ресурс). Дата обращения 25.01.2025.

2. Одиназода К.С. Роҳҳои беҳтар намудани шароити имконпазири нерӯи меҳнатӣ, шуғл ва муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ// Паёми Донишгоҳои давлати тиҷорати Тоҷикистон, Душанбе-2020, №1.(30). С 102-111.

3. Одиназода К.С. Роҳҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи таҷрибаи хориҷӣ // Паёми Донишгоҳои миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ –Душанбе-2020, №7.С 135 - 142.

Шарипов Ҳасан Абдусаломович - омӯзгори калони кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССТ

МОҲИЯТ, ЗАРУРАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ

Зуҳуроти бӯҳронӣ дар иқтисодиёт, мураккабӣ ва динамикаи баланди равандҳои тиҷоратӣ ва афзоиши фишори рақобат дар бозорҳои анъанавӣ аз корхонаҳо тақозо мекунад, ки рушди мунтазами системавӣ, татбиқи самараноки иқтидори мавҷуда, таҳияи усулҳои мувофиқи баҳодиҳӣ ва интихоби алтернативаҳои стратегӣ, ки ба талаботи иқтисодии воқеиятҳои кунунӣ ҷавобгӯ бошанд. Воситаи универсалӣ, ки метавонад раванди зарурӣ ва доимии мутобиқсозии корхонаро ба талаботи экологӣ таъмин намояд, стратегияи рушд мебошад. Мушкилиҳои гуногунҷанбаи ташаккули стратегияи корхонаҳо, таҳлил ва баҳодиҳии рушди ташкилотҳои саноатӣ амиқ омӯхта ва дар адабиёти иқтисодӣ васеъ пешниҳод шудаанд. Оид ба ин масъалаҳо як қаттор олимон аз қабили (Л. И. Абалкин, В. Г. Афанасьев, И. В. Блауберг, С. В. Валдайцев, С. Ю.) ва олимони ватанӣ Қаюмов Н., Умаров Х.У, Исломов С.И.,Раҳимов М.А саҳми калон гузоштанд.

Аммо, бисёр масъалахои вобаста ба ташаккул додани стратегияе, ки тараққиёти пай дар пай ва мутаносиби корхонаи саноатиро таъмин мекунанд, баҳои мунтазами онҳо чи дар илми иқтисодиёт ва чи дар амалияи иқтисоди суст омӯхта ва мавриди баҳсу мунозира мемонад. Тадқиқотҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар ин самт то ҳол консепсияи мукаммалеро пешниҳод накардаанд, ки равишҳои гуногунро оид ба фаҳмидани моҳият ва мундариҷаи стратегияи рушди корхона, хусусиятҳо, усулҳои ташаккул ва татбиқи он, баҳодиҳӣ ва интихобро, ба ҳам пайванданд инчунин дигар воситахои стратегии идоракунии техникиро дар бар мегирад.

Вобаста ба ин, равшан кардани дастгоҳи консептуалии масъалаи мавриди омӯзиш, муайян кардани стратегияи рушд дар системаи дигар стратегияҳои корхона ва нишон додани хусусиятҳои асосии он аҳамияти калон пайдо мекунад. Азбаски стратегияи рушди корхона мафҳуми мураккабест, ки унсурҳои асосии он «стратегияи корхона» ва «рушди корхона» мебошанд, муайян кардани он тавассути таҳлили ин ҷузъҳо мантиқӣ мебуд. Дар асоси он ки мохият ва мазмуни аввалин ҷузъҳои («стратегияи корхона») ба таври кофӣ омӯхта ва дар адабиёти илмӣ ва амалӣ тавсиф карда шудаанд, тавсия дода мешавад, ки муаллиф танҳо бо баррасии равишҳои дарки моҳияти ҷузъи дуюм – «рушди корхона» маҳдуд шавад ва пас концепцияи дилхох — «стратегияи тараккиёти корхона»-ро аник кунед.

Дар айни замон як қаттор таърифҳое, ки моҳияти тараққиёти корхонаи саноатиро комилан дуруст инъикос мекунанд, аз тарафи Л. Д. Гительман, А. Л. Гапоненко, А. М. Панкрухин. Ба андешаи муаллифон, ин раванди табиии гузариши идоракунӣ аз як сатҳу сифат ба сатҳи дигар аст, ки бартариҳои рақобатии истеҳсолотро таъмин мекунад ё саривақт ба бозорҳои дигар тағйир додани онро таъмин менамояд» [1]. назари алтернативӣ оид ба мушкилоти мавриди омӯзиш аз ҷониби Р.Л.Акофф пешниҳод шудааст, ки рушди корхона ба даст овардани потенсиал мебошад [2].

Бисёре аз муҳаққиқон рушди корхонаро ҳамчун раванде муайян кардаанд, ки бо ҳаракат ба пеш, ташаккули ҳадафҳои нав ва ташаккули хусусиятҳои инноватсионии системавӣ ва сохторӣ алоқаманд дониста ба андешаи онҳо, рушди корхона маънои афзоиш, тавсеъа, ва такмилро дорад.

Барои ба низом даровардани ақидаҳои илмии мавҷуда оид ба масъалаи мавриди омӯзиш, биёед ба таснифи равишҳо ба мундариҷаи консепсияи «рушди корхона», ки аз ҷониби А.В.Амелченко пешниҳод шудааст нигарем. (ба ҷадвали 1 нигаред).

Ҷадвали 1.

Таснифи равишҳо ба мундариҷаи консепсияи «рушди корхона» [3]

Навъи равиш	Мазмуни консепсияи «рушди корхона»
Эволютсионӣ	нигод доштани дараҷаи ба дастомадаи тараққиёти иқтисодиёти корхона
Устувор	таваҷҷуҳи менеҷмент ба соҳаҳои мавҷудаи тиҷорат
фаъол	вокуниши зуд ба ҳадди аксар расонидани фоида дар як муддати кӯтоҳ
табадуллотӣ	тағйироти зуд ва якҷониба дар бахшҳои асосии фаъолияти корхона
мутобиқшавӣ	Нигоҳ доштани сатҳи фоида ва ҳиссаи бозор тавассути мутобиқ шудан ба тадриҷан ба тағйироти муҳити зист
Интенсивӣ	Тағйр додани иқтидори истеҳсолии корхона бо роҳи самараноктар истифода бурдани воситаҳои меҳнат ва истеҳсолот
агрессивӣ	ба даст овардани бозорҳои нав аз ҷониби корхона тавассути якҷояшавӣ ва харид
Устувор	нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва мустақилияти молиявӣ аз нишондиҳандаҳои миёнаи соҳа
Экстенсивӣ	Тағйирёбии арзишҳои миқдории нишондодҳои техникӣ-иқтисодии корхона
Бӯҳронӣ	эҳёи корхона дар ҳолати бӯҳронии иқтисодиёт (ҳамчун асоси эҳё ва болоравии ояндаи ташкилот)
Инноватсионӣ	уҷуд овардани талабот ба молҳо ва хидматҳои инноватсионӣ ва рушди

Таҳлили таърифу таснифоти дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки рушди корхона чун қоида маънои тағйирёбии ҳолат, гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигар, ояндадортар, барои фаъолияти минбаъда мувофиқтар аст.

Аз рӯи фаҳмиши муаллиф, рушди корхонаи саноатӣ раванди объективӣ ва доимии мутобиқшавии пай дар пайи системаи ҷамъиятию истеҳсолӣ ба талаботи муҳити зист мебошад. Дар раванди рушд, корхона зиддиятҳои диалектикии доимо пайдошаванда ва такроистеҳсолшавандаро байни ҳадафи умумии рушди корхона ва муҳити беруна ҳал мекунад. Воситаи ноил шудан ба ин ҳадаф дигаргуниҳои сифатии дохилисистема ё ворид намудани унсурҳо ва робитаҳои сифатан нав мебошад, ки мазмун, хусусияти фаъолияти система ва сатҳи иқтидори истеҳсолии корхонаи саноатиро тағйир медиҳанд.

Ҳамин тариқ, рушд шарти зарурии ноил шудан ба бартариҳои рақобатии дарозмуддати ташкилоте мебошад, ки дар мӯҳлати дарозмуддат самаранок фаъолият мекунад. Бояд гуфт, ки ба ҳолати нави ояндадор гузаштани корхона бояд дурӯст ба нақша гирифта, ба максад мувофик бошад ва ин, дар навбати худ, маънои онро дорад, ки рушди муассир ва динамикии корхонарро тавассути такроистеҳсоли раванди ташаккул ва татбиқи стратегияи рушд таъмин кардан мумкин аст.

Барои бо ин мафҳум амал кардан ва фарқ кардани он аз мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд, биёед ба таърифҳои мавҷудаи мафҳуми «стратегияи рушди корхона» муроҷиат кунем.

Мувофиқи асарҳои Ф. В.Трофимова «Стратегияи рушди корхона мафҳуми маҷмӯӣ мебошад, ки маҷмӯи амалҳо ва равишҳоро барои ноил шудан ба нишондодҳои муайяни фаъолияти корхона бо истифода аз иқтидори мавҷуда, бо назардошти омилҳои муҳити зист ва мутобиқ гардонидани иқтидорро дар бар гирифта риояи талаботи муҳити беруна барои таъмини рақобатпазирӣ ва фаъолияти самаранок барои оянда» [4]. Э.В.Драгунова ташаккули стратегияи рушди корхонаро ҳамчун ташаккули симои якҷонибаи корхона дар оянда ва гузаштан ба он аз ҳолати кунунӣ бо истифода аз расмиёти расмӣ баррасӣ мекунад [5].

А.А.Черникова моҳият ва мазмуни стратегияи инкишофи системаи иқтисодиро дар нуқтаҳои зерин кушода медиҳад:

- ✓ таҳияи стратегияи рушд ба таъмини фаъолияти устувори системаи иқтисодӣ дар оянда тавассути муқаррар намудани мувозинати динамикии нерӯи он бо муҳити зист нигаронида шудааст;
- ✓ стратегияи рушд бештар ба ба назар гирифтани омилҳои беруна, ҷустуҷӯи роҳҳо ва имкониятҳои нави рақобат, назорат ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити зист равона карда шудааст;

- ✓ ҳангоми таҳияи стратегияи рушд таъмини захираҳо омили муҳимтарини маҳдудкунанда мебошад;
- ✓ самаранокии татбиқи барномаҳои стратегӣ дар он ифода меёбад, ки то кадом андоза ҳар як системаи иқтисодӣ ба тағйироти муҳити беруна саривақт ва дуруст вокуниш нишон медиҳад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили таърифҳои пешниҳодшуда, ки моҳият ва мундариҷаи стратегияи рушди корхонаро тавсиф мекунанд, бояд қайд кард, ки аз таърифҳои баррасишуда маълум нест, ки стратегияи рушди корхона ба маънои расмии ҳуҷҷатӣ чист ва чигуна аст нисбат ба хусусиятҳо ва сатҳ ба дигар стратегияҳои корхона. Дар асоси ин, ҳангоми муайян кардани мафҳуми «стратегияи рушди корхона» муқаррароти дар боло номбаршударо ба инобат гирифта, мафҳуми ин истилоҳро тавре тартиб додан лозим аст, ки он ба талаботи объективӣ, дурустӣ ва эътимоднокӣ ҷавобгӯ бошад.

Литература

1. Гительман Л. Д. преобразующий менеджмент : лидерам реорганизации и консультантам по управле- нию: учеб. пособие /л. Д. Гительман. … общий и спе- циальный менеджмент / под ред. а. л. Гапоненко, а. м. панкрухина. – м., 2003. – 568 с.
2. Акофф Р. Л. планирование будущего корпорации : пер. с англ. / р. л. акофф ; под ред. В. И. Данилова-Да- нильяна. – м. : прогресс, 1985. – 327 с.
3. Амельченко А. В. методология и методы форми- рования и оценки стратегий развития промышленного предприятия : автореф. дис. ... канд. экон. наук / а. В. амельченко. – Спб., 2010. – 40 с.
4. Трофимов О. В. Стратегия развития машинострои- тельных предприятий в современных экономических условиях : дис. канд. экон. наук / о. В. Трофимов. –Н. Новгород, 2004. – 210 с.
5. Драгунова Е. В. Формирование стратегии развития малого промышленного предприятия : дис канд. экон.

наук / Е. В. Драгунова. – Новосибирск, 2004. – 169 с.

Худойқулова Ё.К. – ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБСТ

НАҚШИ ТЕХНАЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ-ТЕЛЕКАМУНИКАТСИОНӢ ДАР НИЗОМИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

Аннотатсия. Мақола ба таҳлили нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (ТИТ) дар шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Муаллиф равандҳои глобализатсия, рушди дипломатияи рақамӣ, таъсири технология ба амнияти иттилоотӣ ва тағйироти сохтории муносибатҳои байнидавлатиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: Технологияҳои иттилоотӣ, телекоммуникатсияуносибатҳои байналмилалӣ, дипломатияи рақамӣ, амнияти иттилоотӣ, глобализатсия, идоракунии давлатӣ, кибертаҳдидҳо.

Аннотация.Статья посвящена анализу растущей роли информационно-телекоммуникационных технологий (ИТТ) в формировании новой системы международных отношений. Автор рассматривает процессы глобализации, развитие цифровой дипломатии, влияние технологий на информационную безопасность, а также структурные изменения в межгосударственных отношениях.

Ключевые слова: информационные технологии, телекоммуникации, международные отношения, цифровая дипломатия, информационная безопасность, глобализация, государственное управление, киберугрозы.

Annotation. The article is dedicated to analyzing the growing role of information and telecommunication technologies (ICT) in shaping the new system of international relations. The author examines the processes of globalization, the development of digital diplomacy, the impact of technology on information security, as well as structural changes in intergovernmental relations.

Keywords: information technology, telecommunications, international relations, digital diplomacy, information security, globalization, public administration, cyber threats.

Дар ҷаҳони муосир, равандҳои муносибатҳои байналмилалӣ дигаргун шудаанд ва омилҳои нав, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (ТИТ), нақши муҳимро дар шаклгирии ин муносибатҳо бозӣ мекунанд. Ин технологияҳо танҳо воситаи робитаи байни давлатҳо нестанд, балки муҳаррики таҳаввулот дар иқтисодиёт, сиёсати байналмилалӣ ва амният ба шумор мераванд.

Тавсеаи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, системаҳои иртиботи зуд ва дастраси иттилоот боис шудаанд, ки ҷаҳони муосир ҳар рӯз бештари ҳамгироӣ ва вобастагии тарафайнро эҳсос намояд. Давлатҳо тавассути платформаҳои рақамӣ робитаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худро вусъат медиҳанд.

Технологияҳо ба ҷаҳонишавии иттилоот мусоидат мекунанд, ки ин худ имкони таъсиргузорӣ ба ҷомеаҳои дигарро фароҳам меорад.

Дипломатияи муосир акнун танҳо бо вохӯриҳои рӯ ба рӯ маҳдуд намешавад. Дипломатияи рақамӣ – истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳо ва дигар воситаҳои рақамӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои таблиғи манфиатҳои миллӣ, мубодилаи иттилоот ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеаи байналмилалӣ ба як ҷузъи муҳими сиёсати хориҷӣ табдил ёфтааст. Мисоли равшан: фаъолияти фаъоли намояндагиҳои дипломатии кишварҳо дар Twitter, Facebook ва Instagram.

Дар паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад.

Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад.[1.,2с]

Дар раванди, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳои баландихтисос дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ аҳамияти калидӣ дорад. Зеро рушди устувори равобити байналмилалӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ танҳо дар шароите имконпазир аст, ки мутахассисони варзида, бо дониши муосир ва қобилияти таҳлилӣ дар ин самт фаъолият намоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва марказҳои омӯзишӣ бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардида, барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи ҷаҳонӣ навсозӣ шаванд.

Дар ҷаҳони муосири бо суръат тараққиёбанда фаъолият ва рушди давлатро бе истифодаи воситаҳо ва технологияҳои муосири идоракунӣ, коммуникатсия ва алоқа тасаввур кардан имконнопазир аст. Чуноне, ки тадқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, зиёд гардидани ҳаҷми иттилооте, ки дар соҳаи идоракунӣ истифода бурда мешавад, бояд ба манбаи ягонаи иттилоотӣ асос ёфта, коркарди замонавиро тақозо менамояд. Дар ин шароит идоракунӣ бе истифодабарии воситаю усулҳои муосири коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилооти электронӣ самаранок буда наметавонад. [2.,2с]

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ҳадаф дорад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ баланд бардошта шавад. Ин сиёсат ба асоснок намудани қарорҳои идорӣ тавассути таҳлили маълумоти дастрас аз маҳзани ягонаи иттилоотӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият дар самти ташаккули низоми ягонаи иттилоотии давлатӣ, инчунин ба оптимизатсия ва шаффофияти хароҷоти молиявӣ ва дигар сарфҳои марбут ба соҳа равона карда шудааст. Таъмини чунин равандҳо ба муассири таҳия ва татбиқ гардидани сиёсати давлатӣ ва иртиботи муассир бо шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, асоснокии қарорҳои дар заминаи маҳзани ягонаи иттилоотӣ таҳияшаванда, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба таъсиси низоми давлатии иттилоотӣ, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти молиявӣ ва дигар хароҷот дар ин соҳа равона гардидааст.

Бо рушди технологияҳо, масъалаи амнияти иттилоотӣ аҳамияти фавқулода пайдо кардааст. Киберҳамлаҳо, ҷосусии рақамӣ ва муборизаи иттилоотӣ имрӯз ба яке аз воситаҳои ҷангҳои геополитикӣ табдил ёфтаанд. Кишварҳо бояд стратегияҳои киберамниятро таҳия намоянд ва дар сатҳи байналмилалӣ ҳамкорӣ кунанд. Масалан, Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳо дар соҳаи таъмини амнияти киберӣ иқдомҳои муштарак анҷом медиҳанд.

Бо суръати босуръат рушд ёфтани технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз масъалаҳои стратегӣ ва дорои аҳамияти аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Дар шароити афзоиши вобастагии давлатҳо аз инфрасохторҳои рақамӣ, ҳамлаҳои киберӣ, ҷосусии рақамӣ, паҳншавии иттилооти бардурӯғ ва дасткорӣ шудани маълумот метавонад ба амнияти миллӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, кишварҳо маҷбуранд, ки сиёсати мукаммал ва устувори амнияти иттилоотиро таҳия ва роҳандозӣ намоянд, то аз таҳдидҳои муосири рақамӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эмин бошанд.

Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои рақамӣ, афрод ва созмонҳои ғайридавлатӣ метавонанд дар масоили байналмилалӣ саҳмгузор бошанд. Алоқаи мустақим байни халқҳо, паҳншавии ахбор ва ташаккули афкори умум ба раванди қабули қарорҳои сиёсатмадорон таъсир мерасонанд. Яъне, муносибатҳои байналмилалӣ дигар танҳо бо иродаи элитаҳои давлатӣ муайян намешаванд.

Дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ на танҳо воситаи ёрирасон, балки унсури асосии ташаккул ва тағйири равандҳо шудаанд. Онҳо муносибатҳои дипломатиро тағйир медиҳанд, иқтисодиётро рушд медиҳанд, амниятро таҳдид мекунанд ва нақши ҷомеаҳои шаҳрвандиро афзоиш медиҳанд. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, истифодаи самараноки ин технологияҳо метавонад василаи муҳими таҳкими мавқеи байналмилалӣ гардад.

Технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар замони муосир нақши калидӣ дар таҳаввулоти низоми муносибатҳои байналмилалӣ бозида истодаанд. Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ на танҳо равандҳои дипломатӣ ва ҳамкориро осон мекунад, балки ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамояд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дипломатия заминаи таҳия ва қабули қарорҳои асоснокро фароҳам оварда, барои муқобила бо таҳдидҳои киберӣ ва таъмини устувории низоми ҷаҳонӣ

муҳим мебошад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар ин самт бояд ҳамеша ҳамоҳанг бо рушди технологияҳо ва таҳдидҳои нав боқӣ монад.

Адабиёт.

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024
2. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017
3. Ахмадзода, Т. (2021). Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъсири он ба муносибатҳои байналмилалӣ. Душанбе: Нашриёти илмӣ. — Китоби миллӣ оид ба рушди технологияҳои рақамӣ ва сиёсати иттилоотӣ дар Тоҷикистон.
4. Мирзоев, Р. (2019). Дипломатияи рақамӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фан ва техника, №2, 45-52. — Мақола оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар дипломатияи Тоҷикистон.
5. Ҷалолов, Ш. (2020). Амнияти иттилоотӣ ва кибертаҳдидҳо: таҷриба ва дурнамо. Душанбе: ҶДММ «Илм». — Китоб дар бораи амнияти иттилоотӣ ва таҳдидҳои киберӣ дар Тоҷикистон.
6. Сафаров, Б. (2018). Идоракунии давлатии электронӣ ва технологияҳои иттилоотӣ. Душанбе: Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. — Муқаддима ба технологияҳои идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон.
7. Шарофиддинов, Ф. (2019). Кибер-амният ва сиёсати иттилоотӣ дар замони рақамӣ. Москва: Издательство «Наука».
8. Шарофиддинов, Ф. М. (2019). Кибербезопасность и информационная политика в эпоху цифровых технологий. Москва: Издательство «Наука». — Таҳлили таҳдидҳои киберӣ ва сиёсати амнияти иттилоотӣ.
9. Гусев, В. И. (2020). Цифровая дипломатия в современной международной политике. Международные отношения, №5, 56-67. — Мақола оид ба нақши дипломатияи рақамӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ.
10. Иванов, А. С. (2018). Информационные технологии и трансформация международных отношений. Вестник МГУ, Серия Международные отношения, №3, 34-45. — Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ.
11. Петрова, Е. В. (2021). Глобализация и информационные технологии: вызовы и возможности. Вестник международных исследований, №1, 12-22. — Таҳлили равандҳои глобализатсия дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотӣ.

Пирова Ш.С. - ассистенти кафедраи Идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ

НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Истиқлолият на танҳо ҳаққи қабул кардани қарорҳо дар сатҳи давлатӣ аст, балки қобилияти воқеии муҳофизат кардани манфиатҳои давлат ва шаҳр ванд, муайян кардани афзалиятҳои миллӣ ва мубориза барои мустақилият аз фишорҳо ва таҳдиди беруна мебошад. Тоҷикистон пас аз воридшави дар арсаи ҷаҳон 34 сол мешавад, ки ҳамчун субъекти сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалӣ фаъолият дорад. Дар даҳсоли аввали Истиқлолият, Тоҷикистон ба буҳрони сиёсиву ҳарбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар мушкилот рӯ ба рӯ шуд, ки хатари ҷиддӣ ба истиқлолии кишвар эҷод буд. Пас имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар назди Ҳукумати кишвар вазифа гузошта шуд, ки мавқеъ ва нақши Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ бо мақсади амалисозии афзалиятҳои кишварамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян созад.

Имрӯз бо итминон метавон гуфт, ки ба шарофати саъю талошу кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон , сиёсати созанда ва ҳамзистию осоиштаро ба вуҷуд оварда, Тоҷикистон дар ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол менамояд. Тоҷикистон давлатест, ки меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи муносибатҳои байналмилалиро пайваста риоя менамояд. Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистон тавонист, ба иқдомҳои амалии худ ба сиёсати сулҳофаринӣ, ҳалли масъалаҳои об, пиряхҳо ва сарҳадҳои худ дар таҳкими сулҳу субот ва амнияту мушкилоти глобалӣ ва минтақавӣ саҳми арзанда мегузорад.

Барқарорсозии соҳибихтиёрии кишвар дар шароити душворе, ки фазои пасошӯравӣ ба вуҷуд оварда буд, инчунин дар давраи дигаргуниҳои амиқи геосиёсӣ сурат гирифт. Дар баробари он пас буҳрони сиёсиву ҳарбӣ дар кишвар вазифа гузошта шуд, ки мувофиқи он фароҳам овардани шароити мусоиди сиёсати хориҷӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии тараққиёти мамлакат бо ҳам масъулиятноктар шуд.

Дар радифи амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрванд бешубҳа ба дипломатияи муосири тоҷик тааллуқ дорад. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки идоракунии давлатиро дар соҳаи муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Низоми Вазорат намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои кишвар дар ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагиҳо ва муассисаҳои тобеи Вазорат, ки барои таъмини фаъолияти Вазорат дар ҷумҳурӣ таъсис дода шудаанд, инчунин муассисаҳои таълимиро дар бар мегирад.Таҳияи стратегияи умумии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва ба пешниҳодҳои дахлдор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳимтарини Вазорат маҳсуб меёбад.

Пас аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ, Тоҷикистон соҳибистиқлолӣ ва мустақилияти давлатии худро эълон намуд. Санаи эълони таърихии кишвар 24 августи соли 1990 буда, дар даъвати дувоздаҳуми Иҷлосияи дувуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз эълони Истиқлолият дар муносибатҳои байналмилалӣ худро ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуд ва эълон дошт, ки фаъолияти он ҳамчун давлати комилҳуқуқи мустақил барои н ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои соҳибистиқлол равона карда мшавад. Ин масъала дар моддаи 15-и Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баръало ифодаи худро ёфтааст[7].

9 сентябри соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул ва эълон намуд. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 сентябри соли 1991 тағйироту иловаҳо ба Эъломияи мазкурро қабул кард. Бо шарофати истиқлолият миллати тоҷик баъди ҳазорсол бори дигар соҳиби давлат, замин ва дигар арзишҳои миллӣ гардид. Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди дарёфти истиқлолият аъзои созмонҳои байналмилалӣ , минтақавӣ ва ташкилотҳои молиявӣ гардида, моҳи декабри соли 1991 ба Протоколи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳод» дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия имзо гузошт. 26 феврали соли 1992 ба Созмони Милали Муттаҳид аъзо шуд. Инчунин моҳи апрели соли 1992 ба Созмони байналмилалии тандуристӣ ва октябри 1992 Ассотсиатсияи байналмилалии байторӣ аъзо гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани низоми муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, санади хотимавии Ҳелсинки, Баёнияи Париж ва дигар санадҳо зербинои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро бунёд намуда, инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онро сарфи назар аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, нажодӣ ва ҷинсӣ арзиши олӣ мешуморад. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳамкориҳои дипломатӣ ин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба шумор рафта, равобити муносибатҳои байналмилалиро ба танзим медарорад ва дар давлатҳо ратификатсия шудаанд. Ин низоми эътирофшуда байналмилалӣ, Эъломияи Вена дар бораи равобити дипломатӣ аз 18 апрели соли 1961, Эъломияи Вена дар бораи равобити консулӣ аз 24 апрели соли 1963 ва Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ мебошад, ки Маҷлиси Олии Ҷумҳурии То ҷикистон Консенсияро 11 марти соли 1996 ба тасвиб расонидааст. Эътиборномаи тасвиби Ҷумҳурии Тоҷикистон 6майи соли 1996 ба Котиби Генералии Созмони Миллал Муттаҳид супорида шуд [4].

Мавриди зикр аст, ки Конститутсия пас аз Эъломияи истиқлолияти давлатӣ яке аз заминаҳои асосии ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки паҳлуҳои байналмилалие, он зикр карда шудааст. Дар моддаи 10 ва 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои байналмилалии он зикр шудааст, ки чунинанд:

-Моддаи 10. Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст,пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.
-Моддаи 11.Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эътиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Ташвиқоти ҷанг манъ аст. Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.Давлат бо ҳамватанонибарунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад.[2].

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадаф сиёсати бисёрҷанбаи хориҷиро амалӣ менамояд, ки ба манфиатҳои олии давлатию миллӣ ҷавобгӯ буда, ба роҳандозии муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон хизмат мекунад ва ба эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Вобаста ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ва ба танзим даровардани муносибатҳои дипломатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қонунҳо, низомнома ва фармонҳоро қабул кардааст, ки чуни наст:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати дипломатӣ. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №12, мод.827) (Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон аз 2.01.2019 №1574).

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ, ки 23 июли соли 2016, №1326 тасдиқ шудааст.

-Низомномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №593 тасдиқ шудааст.

-Низома дар бораи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон.Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 январи соли 1995 №165 тасдиқ шудааст.

-Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30 июли соли 1998, таҳти №275 тасдиқ шудааст.

-Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27 январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 332 тасдиқ шудааст.

-Фармони Низомнома Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»(2).

Маҳз қонунҳои зикр гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти дипломатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии хизмати дипломатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар сиёсати хориҷии давлатҳо, аз ҷумла Тоҷикистон Консепсияи сиёсати хориҷӣ мавҷуд аст, ки соҳаҳои муҳими рушди давлатро дар бар мегирад. Тоҷикистон пас аз истиқлолият ба марҳилаҳои зерини Консепсияи

сиёсати хориҷиро қабул намуд, ки дар амалишавии ҳадафҳои гузоштаи давлат нақши назарраси худро гузошта истодааст.

Марҳилаи якум, 19 ноябри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» дар масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баромад намуданд, ки Консепсияи аввали сиёсати хориҷи ба ҳисоб мерафт. Аввалин самтҳои Консепсияи сиёсати хориҷӣ:

Ҳавзаи якум - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст,ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба самти таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дуввум- Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

Ҳавзаи сеюм - фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳануз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихи ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунанд.

Ҳавзаи чорум-доираи нуфузи давлатҳои мусалмониишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои руҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум -ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба суйи тамаддуни воҳиди умумибашари роҳ мепаймояд [5].

Бо шарофати Консепсияи зикргардида ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо таваҷҷуҳ намуда, дар натиҷа Тоҷикистон ҷавон, бо 80 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд. Дар ин давра Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, талафоти бузурги инсонӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавиро ба бор овард, ки барқарорсозии онҳо хеле душвор буд. Бо истиқрори ҳокимияти конститутсионӣ дар кишвар вазифа ва ҳадафи аслии Тоҷикистон масъалаи оташбас ва расидан ба сулҳ дар кишвар буд. Татбиқи ин ҳадафҳо ба тамоми сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ба хотири таъмини амнияти кишвар, таҳкими соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи тамомияти кишвар, таҳкими соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи тамомияти арзии он тобеъ буд. Ташаккул ва тасдиқи сиёсати берунии Тоҷикистон бо душвориҳои калон гузашт. Аммо ба ин нигоҳ накарда, яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти байналмилалии Тоҷикистон ташаккули заминаи ҳуқуқии байналмиллалии ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ҳам дар ҷоҳорчӯби дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба буд. Дар баробари ин андӯхтани таҷриба дар фаъолияти дипломатӣ ва вазифаи ташаккули механизми таъмини манфиатҳои стратегии миллӣ дар хориҷи кишвар дар мадди аввал меистад. Мушкилоти ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар он буд, ки вай амалан аз сифр оғоз ёфт. Дар мамлакат анъанаҳои мукаммали сиёсати хориҷӣ вуҷуд надоштанд. Бо дарназардошти он, ки дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва тамоми кӯшишҳо барои хотима додан ба он ва оғози барқарорсозии баъди ҷангӣ равона карда шуда буданд, ҳукумат воқеан танҳо дар соли 2001 ба таҳияи сиёсати хориҷӣ шурӯъ кард.

Марҳилаи дуюм, дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон пас аз сиёсати муваффақи сулҳҷуёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он давра созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон ба анҷом ёфта буд ва давлат ҳамчун кишвари ором дар ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуд, марҳилаи навро дар таърихи робитахои Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик сабт намуд. Вазъи оромии сиёсии хориҷии имкониятҳои навро ба давлати ҷавон дод. Соли 2001 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои равобити байналмилалии кишварамонро дар давраи нави баъди бозгашти сулҳу оромиш муайян кард [1]. 4 сентябри соли 2002 санади ҳуқуқӣ, яъне Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипҳои асосӣ,ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишварро бо дарназардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим намуд,ки аз тарафи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид [3]. Соли 2002 давраи даҳсолаи дуюми ташаккулёбӣ дар сиёсати дохилию хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин давра Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати дарҳои боз ва бисёрсамтаро эълон шуд.

Бояд қайд кард, ки баъди имзои созишномаи Ваҳдати миллӣ дар фаъолияти сиёсати дохилию хориҷии кишвар тағийрот ба амал омад. Дар сиёсати хориҷӣ бо эълони сиёсати «дарҳои боз» соли 2002 дар муносибатҳои сиёсию дипломатӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ бо давлатҳои хориҷӣ дар сатҳи олӣ мулоқотҳо анҷом ёфт, ки дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо давлатҳои ҷаҳон саҳифаи навро гузошт. Моҳияти сиёсати «дарҳои боз» аз он иборат аст, ки вобастагии сиёсии давлатро ба давлати дигар поён бурда, муносибати сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва дигар самтҳои робитаҳоро ба давлатҳои ҷаҳон барқарор ва густариш медиҳад.

Марҳилаи сеюм, дар тӯли беш аз 10 сол пас аз қабули Консепсияи қаблӣ раванди босуръати дигаргунсозии сиёсӣ ва иқтисодӣ идома ёфт,вазъи минтақавӣ тағийр ёфт,чолишҳо ва таҳдидҳои нав ба амният ба миён омаданд. Зарурати нав кардани Консепсияи ҳозираи сиёсати хориҷӣ ба миён омад.Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар назди кормандони дипломатии кишвар 15 марти соли 2013 ба зарурати таҳияи Консепсияи нави сиёсати хориҷии кишвар ишора намуда, ба Ҳукумати Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ супоришҳои дахлдор дод. Шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Хусусиятҳои геосиёсиву геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо мекунанд,ки ин афзалиятҳо пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва мӯҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлоли давлатӣ бо 187 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ дорад.

Дар шароити густариши босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии ҳамкориҳои бисёрҷониба бо созмонҳову ниҳодҳои минтақавию байналмилалиро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад. Иштироки ҷумҳурӣ дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ, САҲА, ИДМ, СПАД, СҲШ, ЭКО, МҲБТ ва ғайра) яке аз ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ қарор гирифта буд. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ муносибатҳои дарозмуддат ва устувор бо шарикони анъанавӣ, аз ҷумла кишварҳои узви ИДМ мебошад. Аз Консепсия бармеояд, ки Тоҷикистон бо дарназардошти суръат ва сатҳҳои гуногуни ҳамгироӣ дар доираи Иттиҳод барои амиқтар кардани ҳамкориҳои мутақобилан судманд сайъ хоҳад кард. Таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ муҷиби аҳамияти беш аз пеш пайдо кардани дипломатияи иқтисодӣ ва пайваста афзудани нақши унсури иқтисодии масъалаҳои умдаи сиёсати байналмилалӣ гардиданд. Аз ин рӯ, истифодаи муассир ва самараноки тариқаву василаҳои дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои милливу давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар ин раванд, мусоидат ба ташаккули иқтисодиёти самаранок тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин таъмини амнияти иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Тоҷикистон бо 110 давлат ҳамкориҳои иқтисодиро ба роҳ мондааст [6].

Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташкили давлати миллӣ, барқароршавии муносибатҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои аъзои Созмони Миллали Муттаҳид фароҳам овард, ки ҳамчун давлати мустақил дар муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1992 бо шарофати сиёсати хирадмандонаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маоҳилаи аввали соҳибистиқлолии давлат бо кишварҳои аъзои озмони Миллали Муттаҳид муносибатҳои мутақобилан судмандро тавассути дипломатияи сулҳҷӯёна ва ташаббускорона дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ оғоз намуд. Маҳз зери сиёсати босамари Пешвои тоҷикони ҷаҳон дипломатияи сиёсӣ, иқтисодӣ, мардумӣ ва парлумонӣ эҳё шуд. Яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати дохилию хориҷии кишвар (солҳои навадум) бо роҳи дипломатияи сиёсӣ ҳалли худро ёфт. Яъне Пешвои миллат бо роҳи гуфтушунид бо намояндагони хориҷиро мухолифин тавонист ҷанги шаҳрвандиро хотима бахшида, давлату миллатро аз вартаи нестшавӣ саривақт наҷот диҳанд [6].

Рӯйхати адабиёт

1.Аслов С. Эмомалӣ Раҳмон-Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ. Маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ. Сиёсати хориҷӣ,№ 2,2016 С-7

2.Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Заминаҳои ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ. (Манбаи электронӣ) URL: https:\\ mfa. tj/ q/main/sijosati-khoriji/zaminahoi-huquqii-sijosati-khoriji (санаи мурочиат: 16.03.2023)

3.Мирзоев Н.М. Ба истиқболи 30 солагии Истиқлолият: бунёдгузор ва рахнамои сиёсати муваффақи хориҷии Тоҷикистон. (Манбаи электронӣ) URL: https:\\tnu.tj wp-content/uploads/2021/05/ba-isti-boli-30-solagii-isti-lolijat.pdf

4.Нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ. Дар таҳкиму татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар замони Истиқлол. (Манбаи электронӣ) URL: https:\\amit tj/ru/node/1181? paqe=59 (санаи мурочиат: 16.03.2025)

5.Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эхё миллат (Текст)\Иборат аз чаҳор ҷилд.Ҷилди аввал-Душанбе. «Ирфон»,2002,512 с. С-167

6. Соҳиби Б. Ҷанбаҳои таърихии ҳамкориҳои дипломатии Тоҷикистон ва Индонезия дар даврони навин\Б Соҳиби\\ Осиё ва Аврупо-2025.-№2 (22).-P.132-138.-EDNZXRRGY.

7. Эъломияи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва оғози бунёди давлати навини Тоҷикистон. (Манбаи электронӣ) URL :https:\\donish. orq\ru\course\learn\36-sinfi-8\lesson\573-3-e-lomiyai-istiqloliyati-davlatii-tojikiston-va-o-ozi-bunyodi-davlati-navini-tojikiston(санаи мурочиат: 16.03.2023)

Қаландаров Аҳрорҷон Аҳмадович, номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи ДБССТ

НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

То имрӯз дар бораи хидматҳои бузурги Эмомолӣ Раҳмон, ки дар фоҷеабортарин давроне аз таърихи муосири миллати тоҷик бо ҷасорати инсонӣ ва хираду сиёсӣ тавонистааст, якҷоя бо ҳамсафони содиқаш, халқи хешро аз коми оташи ҷанг бираҳонад ва мамлакатро аз вартаи нобудӣ берун кашад, китобу мақолаҳои зиёде навишта шудаанд [1. с.3].

Қобили зикр аст, ки шахсиятҳое, ки зиндагии худро ба хотири ормонҳои баланду асили миллӣ бахшиданд ва хидматҳои фидокорона барои қавму миллатӣ хеш кардаанд, сарчашмаи илҳом ва неруи маънавии ояндагон мебошанд [2. с.3].

Шахсиятҳои бузург, ки худ офарандаи таъриханд, дар муносибат бо ҳодисаю падидаҳои дигари ҷамъиятию табиӣ мақсади мауайянро асоси фаъолияти худ қарор медиҳанд. Мақсад ва вазифаҳое, ки онҳо дар назди худ гузоштаанд аз бисёр ҷиҳат дар шакли муайян пайдо мегарданд, ки онҳоро равандҳои объективии ҳайёти ҷомеа муайян менамоянд.

Ҳамзамон лозим ба ёдоварист, ки дар ҷомеа нақши инсонҳо низ басо назаррас аст. Одамон асосан дар зери таъсири муҳити атроф амал менамоянд ва дар байни онҳо зарурияти иқтисодӣ, ки таҷассумгари манфиатҳои доираи муайяни одамон мебошад, нақши асосӣ мебозад. Онҳо низ қодиранд ба шароти ҳаёти худ таъсир расонанд ва ҳатто самти инкишофи онро тағйир бидиҳанд. Аммо бузургии шахсиятҳои бузург дар он аст, ки онҳо тавонистаанд манфиатҳои умумиро ифода намоянд ва баҳри амалӣ намудани ин манфиатҳо ва ҳимояи онҳо кушишҳои зиёде ба харҷ диҳанд. Аз ин хотир, оммаи мардум ин гуна одамонро эҳтиром намуда, пешвои худ мехонанд. Одамони бузург, пешвоён ва сарварон то ҳамон даврае вазифаи худро анҷом дода метавонанд, ки агар онҳо ба оммаи халқ такя намоянд[3. с.87].

Шахсиятҳои бузург раҳнамои инсоният ҳастанд ва инсонҳо дар ҳалли масъалаҳои печида ва мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ ба онҳо умед мебанданд. Маъмулан, ашхоси соҳибхирад ва боистеъдодро шароити ҳассос ва тақдирсози таърихӣ ба сиёсатмадорони барҷаста табдил медиҳад. Дар чунин даврaҳо сарвaроне (пешвоёне) бар арсаи сиёсат пой мениҳанд, ки қодиранд ҳама гуна саддро аз роҳи пешрафти ҷомеа бигиранд, роҳро барои рушду густариш омода созанд ва ба ибораи дигар шахсиятҳои барҷаста маҳсули даврони ҳассоси таърихӣ мебошанд [4. с.8].

Таърихи инсоният собит намудааст, ки пешрафт ва муваффақияти тамаддунҳои гуногун ба фаъолият ва нерӯи идоракунии самарабахши шахсони алоҳида робитаи зич доштааст, ки тавонистаанд тавассути маҳорат, дониш, қобилияти роҳбарӣ ва матонату ҷасорати шахсӣ номи худро дар таърихи башарият абадан сабт намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқӣ фаъолияти сиёсии

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дорои аҳамияти калони илмӣ маҳсуб меёбад.

Баъди барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи байналмиллалӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ворид гардид.

Дар давраи аввали гузариш ба шароитҳои нави иқтисодӣ кишвари мо ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ гардид. Ин мушкилотро аз рӯи моҳият ба ду қисми асосӣ, яъне ворид шудани тарзу усулҳои нави идоракунӣ дар низоми иқтисодии кишвар ва **дуюм** муқовимат ба он ва дар ин замина сар задани ҷанги шаҳрвандӣ тақсим кардан мумкинаст. Шартҳои асосии гузариш аз усули идораи давлатии иқтисодиёт ба усули нави бозорӣ, ин аз худтаъминкунӣ ва худидоракунии ташкилоту муассисаҳои гуногун иборат буд. Дар ин давра тамоми таъминоти давлатии ташкилоту муассисаҳои гуногун, ки аз маркази ягона идора мегардид аз байн рафт ва кишварро лозим омад, ки роҳҳои нави ҷалби сармоя ба низоми иқтисодии мамлакат мустақилона ҷустуҷӯ намояд [5. с.1].

Тоҷикистон имрӯз узви фаъол, эътирофшуда ва соҳибэҳтироми ҷомеаи байналмилалист ва мақоми шоистаи худро дар олами зудтағйирёбандаи муосир таҳким бахшида, ҳама гуна ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҷонибдорӣ менамояд.

Дар шароити ҷаҳонигардии бозорҳо ва пайваста таҳким ёфтани ҳамгироии иқтисодиёти кишварҳои олам дар доираи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳеҷ як давлати дунё наметавонад дар канор монад. Имрӯз муносибатҳои Тоҷикистон дар доираи ин созмон ғайр аз масоили зикршуда равобити судманди иқтисодиро низ дар бар мегиранд.

Аз ин рӯ, Тоҷикистон ҳамкории худро ҳам дар чаҳорчӯбаи ин сохтор ва ҳам мустақиман бо ҳар як кишвари узви он рушду нумӯъ мебахшад ва ҷонибдори таҳкими ин робитаҳо мебошад.

Бахусус сатҳ ва мӯҳтавои робитаҳои Тоҷикистон бо ҳамсояи бузурги худ - Ҷумҳурии Халқии Хитой боло рафт ва дар самти муҳимтарин лоиҳаҳои ҳамкории барои Тоҷикистон муфиду пурсамар ғанӣ гашт.

Бо имзои Аҳдномаи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкории миёни ду кишвар ҳангоми нахустин сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой марҳалаи сифатан нави равобит ва шарикии минтақавӣ оғоз гардид.

Соҳаи дигари афзалиятноки ҳамкориҳо туризм ба ҳисоб меравад. Табиат ва иқлими нотакрор, чашмаҳои шифобахш, захираҳои бузурги оби нӯшокӣ, меваҳои болаззат ва аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон барои рушди туризм, бахусус туризми кӯҳӣ ва солимгардонӣ фавқулода мусоид менамояд.

Аз фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ин рушди соҳаи коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, таъмини рушди бештари иқтисодиву иҷтимоии ноҳияҳои ниёзманд мебошад. Барои ташкили минтақаҳои махсуси саноатӣ ва сайёҳи дар мамлакатамон имкониятҳои васеъ

мавҷуданд ва онҳоро ба манфиати мардум ва баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ самарабахш истифода намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд[6-с4].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ сохтори ташкилию иқтисодие мебошад, ки ҳоло дар ҷаҳон густариши васеъ ёфта, дар кишварҳои зиёди дунё, новобаста аз иқтидори иқтисодӣ ва сатҳу сифати рушди иҷтимоии онҳо, бунёд гардидаанд ва бо ин васила барои ҳамгироии давлатҳо ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат намуда, барои рушди низоми равобити ҷаҳонӣ боис мегардад.

Дар Тоҷикистон то ба имрӯз 10 минтақаи озоди иқтисодӣ мавҷуд аст. Ин минтақаҳо ба мақсади ҷалби сармоягузорӣ, рушди саноат ва тиҷорат ва ташакули инфрасохтори иқтисодӣ таъсис дода шудаанд.

Дар Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодии зерин мавҷуданд:

1. Минтақаи озоди иқтисодии “Истаравшан”
2. Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”
3. Минтақаи озоди иқтисодии “Вахш”
4. Минтақаи озоди иқтисодии “Бохтар”
5. Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷакент”
6. Минтақаи озоди иқтисодии “Кулоб”
7. Минтақаи озоди иқтисодии “Хуҷанд”
8. Минтақаи озоди иқтисодии “Қайрақум”
9. Минтақаи озоди иқтисодии “Роғун”
10. Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”

Минтақаи озоди иқтисодӣ ифодакунандаи инкишофи робиттаҳои тиҷоратию молиявӣ, истеҳсолию технологии давлатҳо буда, ба макони густариши муносибатҳои бозорӣ, рушди соҳибкорӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ ва санъати идоракунӣ мубаддал гаштаанд[7-с.13].

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун қаламраве маънедод мешаванд, ки тавассути фишангҳои иқтисодию ташкилӣ ва ҷорӣ намудани реҷаи вориидотии бе гумрук фаъолияти иқтисодии беруна фаъол гардонида шуда, сармояи хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар такмили муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди кишварҳои ҷаҳон нақши намоёнро соҳиб шуда истодаанд. Давлатҳои ҷаҳон барои иштирок дар тақсимоти байналмиллалии меҳнат роҳҳои гайрианъанавии иштироки худро пешкаш намуда, модели нави тараққиети иқтисоди миллиро, ки ба бозори хориҷӣ нигаронида шудааст интихоб менамоянд.

Дар инкишофи иқтисодии давлатҳо махсусгардонии содиротӣ яке аз тадбирҳои стратегияи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дар ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ифода меёбад. Ҳоло ин гуна минтақаҳо дар шумораи зиёди кишварҳои ҷаҳон амал намуда, ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии онҳо таъсири назаррас мерасонад. Ҳадафи асосии ташкили онҳо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, инкишофи содирот, афзоиши воридшавии даромади арзӣ, ба даст овардани таҷриба ва технологияи навин, беҳсозии тавозуни пардохти мамлакат ва бо ҳамин роҳҳо таъмин намудани инкишофи иқтисоди миллӣ ва воридшави ба хоҷагии ҷаҳон мебошад.

Тараққиёти иқтисоди миллии моро бе мақоми Президенти кишвар тасаввур намудан ғайриимкон аст. Зеро ҳамаи марҳилаҳо ва самтҳои рушди иқтисодии Тоҷикистон маҳз аз ҷониби Сарвари давлат муайян ва пешбинӣ карда мешаванд. Зинаҳои аввалини низоми самараноки рушди иқтисоди миллии мо дар тасвиби санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар таҷассум меёбанд, ки ин нукта низ ба салоҳияти Президенти мамлакат ворид мешавад.

Пешвои миллат- роҳбари давлат ва шахси марказӣ дар идораи кишвар нақши хеле муҳим ва калидӣ дар таҳкими рақамикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон дорад. Ин нақш дар чанд ҷанбаҳои асосӣ намоён мешавад:

1. Сиёсати давлатии рақамикунонӣ: Пешвои миллат стратегияи рақамкунонии иқтисодиётро таҳия ва дастгирӣ мекунад. Ӯ таъқид менамояд, ки барои рушди саноат, хизматрасониҳо ва идоракунии самаранок бояд технологияҳои нав ва рақамӣ ворид шаванд.

2. Ташаббусҳо ва барномаҳои давлатӣ: Пешвои миллат барномаҳо ва лоиҳаҳои муҳимро барои рақамикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз қабили кишоварзӣ, саноат, хизматрасонӣ ва маориф роҳандозӣ мекунад.

3. Ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ: Ба хотири рушди технолгияҳои рақамӣ ва таъсиси инфрасохтори зарурӣ, Пешвои миллат кушиш мекунад, ки ҳамкориҳои байналмиллалӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи рақами ҷалб шавад.

4. Рушди истеъдодҳои инсонӣ: Пешвои миллат таваҷҷуҳ ба омӯзиши технологияи нав, баланд бардоштани малакаҳои кормандон ва омода намудани кадрҳои касбӣ дар саҳаи рақамикунонӣ дорад.

5. Таъмини муқаррароти ҳуқуқӣ: Қонунҳо ва меъёрҳои зарури барои дастгирии рақамикунонии иқтисодиёт таҳия ва қабул мешаванд, ки ин ҷараёнро расми ва идорашаванда месозад.

Омили асосии рушди босуботи ҳама гуна низом, ба вижа низоми иқтисодӣ ба фазои муносибатҳои байниҳамдигарӣ вобастагии калон дорад. Маҳаки асосии ин фазо, ё худ такягоҳи асосии фазои босуботи рушди иқтисодӣ дар оромӣ ва сулҳу суботи ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, агар сарчашмаи инкишофи иқтисодии кишвари мо Сарвари давлат маҳсуб шавад, роҳнамою раҳкушо, яъне ба вуҷудоварандаи низоми муайяни тараққиёти он ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи мардуми Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Мусаллам аст, ки ҳеҷ гуна низом, хосатан, низоми иқтисодӣ дар шароити номуътадили сиёсӣ тараққӣ намуда наметавонад. Аз ин ҷост, ки ба назари мо заминаҳои асосии рушди иқтисодиёти кишварро шартан ба се асоси зерин тақсим намудан мумкин аст:

Истиқлолияти давлатӣ;

Президенти кишвар;

Ваҳдати миллӣ.

Ин се асос ба ҳам иртиботи зич дошта, бе ҳамбастагии якдигар тараққиёти самараноки низоми иқтисодии кишварро таъмин карда наметавонанд.

Низоми иқтисодии кишвари мо пас аз расидан ба истиқрори сулҳу суббот ба марҳилаи сифатана нав, яъне иқтисоди бозоргонӣ ворид гашт, ки дар сари ин комёбӣ низ Президенти кишвар меистад. Ба вуҷуд омадани

минтақаҳои озоди иқтисодӣ марҳилаи дигари рушди иқтисодии кишвар ва дар ин замина метавон гуфт, ки дараҷаи ниҳоят баланди пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба вуҷуд овардани ин гуна минтақа низ маҳз ба салоҳият ва дастгириҳои Сарвари давлат роҳандозӣ шудааст, ки бори дигар исботи нақши бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон аст[8-с11].

Дар охир ҳамин нуктаро зикр намудан ба маврид аст, ки Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли равон ҳафт самти таъмини рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоии ҷумҳуриро муайян намудааст, ки онҳо аз тақвият бахшидан ва такмили сохтори ташкилӣ ва соҳавии иқтисоди кишвар, рушди босуръати соҳаи гидроэнергетика, идомаи ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди босуботи минтақаҳои кишвар, татбиқи сиёсати самараноки молиявӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ва рушди бемайлони соҳибкорӣ ҳамчун самти афзалиятноки тараққиёти мамлакат, инкишофи имкониятҳои коммуникатсионии мамлакат ва тақвият додани низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд бо мақсади таъмин намудани самаранокии идоракунии давлатӣ иборат мебошанд[9. С. 4]. Мо мутмаъинем, ки мардуми Тоҷикистон таҳти роҳбарии сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯтоҳтарин фурсат ҳамаи ин ҳадафҳоро амалӣ сохта, ҷумҳурии моро ба яке аз кишварҳои пешрафтаи Осиёи Марказӣ табдил хоҳанд дод.

Рӯйхати адабиёт

1.Саидзода З., Саидов Ф., Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон.- Душанбе, 2012.- С. 3.
2.Ҳамонҷо С. 4.
3.Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Душанбе:- ЭР-граф, 2010.- С. 87.
4.Саидзода З., Саидов Ф., Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон.- Душанбе, 2012.- С. 8.
5.Конститутсияи (Сарқонуни) Чумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 1.
6.Ниёзов М.А., Холбобоев Ф.С. Асосҳои иқтисоди бозорӣ. – Душанбе – 2007. С.9
7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2013. Душанбе, - 2013. С 13.
8.Ниёзов М.А., Холбобоев Ф.С. Асосҳои иқтисоди бозорӣ**. –** Душанбе **–** 2007. С.11.
9.Абдураҳмон Ҳакимзода. Минтақаҳои озрди иқтисодӣ. Душанбе. 2010.-С 4.
10.http://www.ecotourizm.com
11.http://redigo.ru/geo/North_America/USA?utm_source=Google_M&utm_medium=cpc&utm_campaign=USA

НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Қаландаров Аҳрорҷон Аҳмадович, номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи Донишгоҳи байналмилали

сайёҳи соҳибкории Тоҷикистон kalandarov71@.list.ru Телефон: (+992) 919 07 80 70.

Анататсия. Дар мақола ҷанбаҳои назарявии нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иқтисодиёти кишвар омӯхта шуда, доир ба зарурият, моҳият ва ҷанбаҳои рушди иқтисодиёти кишвар андешаҳои олимону сиёсатмадорони ватанию хориҷӣ мавриди тадқиқ қарор дода шуд. Ҷиҳати муаянсозии моҳият ва мафҳуми дурнамои нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иқтисодиёти кишвар шарҳ дода шуд. Ҳамзамон ҷиҳати таҳлилҳои минбаъдаи рушди иқтисодиёти кишвар пешниҳод карда шуда, сохтори дурнамо ва иқтисодиёти кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Калидвожа: равандҳои объективӣ, зарурияти иқтисодӣ, таърихи башарият, иқтисодиёти кишвар, идораи давлатӣ, субектҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, истиқлолияти давлатӣ

РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

***Каландаров Ахрорджон Ахмадович**, кандидат географических наук, доцент кафедры экономической географии и экологии Международного университета делового туризма Таджикистана kalandarov71@.list.ru, тел.: (+992) 919 07 80 70.*

Аннотация. В статье рассматриваются теоретические аспекты роли Президента Республики Таджикистан в развитии экономики страны, рассматриваются взгляды отечественных и зарубежных учёных и политиков на необходимость, сущность и аспекты развития экономики страны. Обосновывается цель определения сущности и понятия перспективы роли Президента Республики Таджикистан в развитии экономики страны. При этом предлагается дальнейший анализ развития экономики страны, а также представлена структура перспективы и экономики Республики Таджикистан.

Ключевые слова: объективные процессы, экономическая необходимость, история человечества, экономика страны, государственное управление, хозяйствующие субъекты, инвестиционная привлекательность, государственная независимость.

THE ROLE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

***Kalandarov Akhrorjon Ahmadovich**, Candidate of Geographical Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Geography and Ecology of the International University of Business Tourism of Tajikistan kalandarov71@.list.ru Phone: (+992) 919 07 80 70.*

Abstract. The article studies the theoretical aspects of the role of the President of the Republic of Tajikistan in the development of the country's economy, and examines the views of domestic and foreign scientists and politicians on the necessity, essence and aspects of the development of the country's economy. The purpose of determining the essence and concept of the perspective of the role of the

President of the Republic of Tajikistan in the development of the country's economy is explained. At the same time, further analyses of the development of the country's economy are proposed, and the structure of the perspective and economy of the country in the Republic of Tajikistan is presented.

Keywords: objective processes, economic necessity, history of mankind, the country's economy, public administration, economic entities, investment attraction, state independence

Исмоилова Машҳура Буҳоватдиновна; Саркорбобоева Мунзифа Муминҷоновна - сармуаллимони кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР

Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 - солагии Истиқлолияти давлатии хешро бо шукӯҳу шаҳомати хоса истиқбол гирифт. Сиёсати пешгирифтаи давлат таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи таъмин намудани рушди устувори кишвар, некӯаҳволии мардум ба комёбиҳои назаррас мушарраф гардида, ҷумҳурӣ тадриҷан мавқеву манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд.

Таърихи 34 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати хориҷии давлат муваффақона фаъолият намуда, дар роҳи афзоиши эътибори байналмилалии ҷумҳурӣ саҳми босазоеро соҳиб гаштааст.

Дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ – бартараф кардани низои дохилӣ тавассути ҷараён додани гуфтушунид бо мухолифин, аз байн бурдани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ, ҷалби сармояи берунӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дорад.

Моҳи сентябри соли 1991 - вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро ба даст овард, таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ самти барояш тамоман нав буд. Шурӯъ аз декабри соли 1991 давлатҳои хориҷӣ пайи ҳамдигар ба эътироф намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пардохтанд, моҳи январи соли 1992 дар Душанбе нахустин сафорати кишвари хориҷӣ ба фаъолият оғоз намуд, дар муддати кӯтоҳ ҷумҳурӣ узви бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ - Созмони Миллали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин бетаҷрибагии сиёсӣ дар баробари омилҳои дигар боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шуд.[1, с.108]

Раванди музокироти сулҳи тоҷикон низ яке аз саҳифаҳои махсус дар таърихи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Гуфтушунидҳои миёни тоҷикон байни ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии Созмони Миллали Муттаҳид сурат гирифтанд. Дар ин раванди мураккаб Намояндаи махсуси Дабири Кулли Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаи Тоҷикистон хизматҳои миёнаравӣ мерасонд, инчунин бо хоҳиши ҷонибҳои алоқаманд дар ҷаласаҳо раисӣ мекард. Дар вохӯриҳо намояндагони Созмони Милали Муттаҳид Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, дигар созмонҳои

байналмилалӣ ва давлатҳои дӯст, аз ҷумла, Россия, Эрон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сифати нозир ширкат меварзиданд.

Бо имзои Созишномаи сулҳ ва тадриҷан пиёдашавии рукнҳои он робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам густариш ёфта, эътибору нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ пайваста афзуд. Заминаҳои қарордодию ҳуқуқии муносибатҳо бо кишварҳои гуногуни дунё, созмонҳои мухталифи байналмилалӣ таҳким ёфта, дар мавриди роҳандозӣ ва инкишофи беш аз пеши ҳамкориҳои мутақобилан судманд қадамҳои устувор гузошта шуданд.

Дастовардҳои музокироти сулҳи тоҷикон барои пешрафти сиёсати хориҷии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам овард, зеро қаблан вазъи номуътадил ва номусоиди кишвар барои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ, бахусус дар бахши ҷалби сармояи берунӣ ба иншоотҳои муҳим халали ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, бо барқарор шудани сулҳу оштӣ дар кишвар таваҷҷӯҳи ҳамёрони хориҷӣ ба Тоҷикистон бамаротиб афзуд.

Ҷои таъкид аст, ки дар таърихи СММ сулҳи тоҷикон воқеаи нодир ба ҳисоб рафта, оштии миллӣ дар Тоҷикистон бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил ҳамчун намунаи дастоварди дипломатияи бездоранда барои кишварҳое, ки низоъҳои дохилӣ доранд, шуда метавонад.

Дар баробари ин, пойгоҳи назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, ҳамқадам бо равандҳои тағйирпазири ҷаҳонӣ такмил меёфт.

Сиёсати хориҷӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои худро ёфт, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар ин маврид муайян гардид. Соли 2007 дар заминаи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон 31 августи соли 2007 бо қарори №448 қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур таваҷҷӯҳ пеш аз ҳама ба тақвият ва таҳкими сохтори дастгоҳи марказии Вазорат, муҳайё намудани захираҳои кадрӣ, инчунин сафарбар намудани имкониятҳои ақлонӣ ва моддӣ барои иҷрои вазифаҳои муҳиме, ки аз ҷониби Роҳбарияти давлат дар назди Вазорат гузошта шудаанд, равона карда шуд. Ҳамчунин, Қонун дар бораи хизмати дипломатии Тоҷикистон қабул шуда, чанд фармони Президент ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияту ваколатҳои Вазорати корҳои хориҷии кишвар, сафорату консулгариҳо дар кишварҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои ҷумҳуриро дар назди созмонҳои байналмилалӣ муайян намуданд.

Ба раванди ҳамкориҳои фаъолонаи Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ сиёсати «дарҳои боз», ки оғози соли 2003 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълом дошта шуд, суръати нав бахшид. Дар баробари ин, теъдоди боздидҳо аз Тоҷикистон хеле зиёд гардида, кишварҳои ҳавасманд пайи ҳам дар Душанбе намояндагиҳои дипломатии худро кушоданд.

Сиёсати бисёрсамта ба ҷумҳурӣ имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиашро афзоиш диҳад.

Дигар самти муҳим – иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар ин маврид низ комёбиҳои ҷумҳурӣ чашмрасанд. Аз ҷумла, чандин ташаббуси кишвар, бахусус дар ҳаллу фасли масъалаҳои об ва энергетика, илавгирӣ аз офатҳои табиии марбут ба об, ҳифзи пиряхҳо, мубориза алайҳи терроризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон аз ҷониби соири кишварҳои ҷаҳон дар Созмони Миллали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд.

Хамин тариқ, имрӯз сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои бобарори фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуд дар муддати кӯтоҳ бо истифода аз роҳу равиши муносиби ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ Точикистон тавонист, ки бо доираи васеи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ робитаҳои худро вусъат бахшад.

То имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 179 кишвари хориҷӣ муносибати дипломатӣ барқарор намуда, бо аксари онҳо созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонидааст ва ҳамкориҳоро фаъолона ривоҷ дода истодааст. Ба хотири таҳкиму тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо ва дар тамоси доимӣ қарор доштан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон мақсад дорад, ки тадриҷан теъдоди намояндагиҳои хориҷии худро зиёд намояд.

Ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиё ва Африқо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро дорад. Агар Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо Хитой, Афғонистон, Эрон, Туркия, Покистон ва Ҳиндустон барин кишварҳо муносибатҳои ҳамёриро ба роҳ монда бошад, пас бо кишварҳои арабӣ робитаҳои фаъол аз соли 2007 шурӯъ шуданд, муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ - шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором бошад дар оянда рушду нумуъ хоҳанд ёфт. Дар ҳар сурат, ҷумҳурӣ бо даст додани имкони муносиб сатҳи ҳамкорию муносибатҳояшро бо ин кишварҳо тақвият мебахшад. [2,с.27]

Амалӣ шудани ҳадафҳо, ки аз он вазъи кунунии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ шаҳодат медиҳанд, ба рушди муносибатҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар самтҳои мухталиф вобастагӣ доранд. Миёни ҳамёрони асосии кишвар дар миқёси ИДМ ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад. [1,с.129] Тамосу вохӯриҳои доимии сарони давлатҳо ва роҳбарони вазорату идораҳои ду кишвар худ баёнгари ҷараёни робитаҳои неку густардаи Тоҷикистону Россия мебошанд. Ҳамкории ду кишвар пеш аз ҳама соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитариро дар бар мегиранд. Масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, афзоиши табодули мол, суръат бахшидан ба ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика ва коркарду истихроҷи газу нафт, канданиҳои фоиданок ва фарҳангӣ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо қарор доранд. Бо иштироки Россия лоиҳаҳои бузурги муштараки иқтисодӣ амалӣ мешаванд ва яке аз онҳо сохтмони НБО - и Сангтӯда - 1 мебошад, ки ҳоло бо иқтидори пурраш кор карда истодааст.

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва уқёнуси Ором дар давоми солҳои

истиқлоли давлатӣ барқарор карда шуда, дар таваҷҷӯҳи афзуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва густариши муносибатҳои мутақобилан судманди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо ин кишварҳо барои пешрафти ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад. Дар муддати 34 соли Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон тавонист, ки бо аксарияти давлатҳои дуру наздики Осиё муносибату ҳамкориҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар самтҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, фарҳанг, маориф натиҷаҳои муайянро соҳиб шавад.

Муносибатҳо бо ҳамёрони анъанавӣ аз миёни кишварҳои арабӣ ва шимоли Африка мӯътадил идома дошта бошанд ҳам, ҳодисаҳои сиёсии нимаи аввали сол ба онҳо бетаъсир намонданд. Сарфи назар аз ин бо Арабистони Саудӣ, Қатар ва Амороти Муттаҳидаи Араб, Миср робитаҳо ривоҷ доштанд. [1,с.118]

Густариши муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупо аз самтҳои афзвлиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб гардида, он дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ ва шарикӣ сурат мегирад.

Аз ҳама рӯйдоди муҳим дар муносибатҳои дуҷониба ва Созишномаи шарики ва ҳамкориҳо ин санади бунёдгузор хамкори байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аст, ки моҳи октябри соли 2004 дар Люксембург ба имзо расидааст.

Иттиҳоди Аврупо ният дорад, ки муносибатҳои дарозмуддати шарикиро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, бо Тоҷикистон дар пояи ҳадафу вазифаҳои муштарак оид ба таҳкими сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, риояи ҳуқуқи инсон, рушди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ бунёд намояд. Вобаста ба он моҳи октябри соли 2008 ҷаласаи якуми Муколамаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон баргузор гардид.

Моҳи феврали соли 2009 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла ба Парламенти он созмон дода шуд. Ин сафар ба густариши бештари муносибатҳою ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, гуманитарӣ ва муҳокимаи масъалаҳои амниятии минтақа байни Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо такони тоза бахшид. Сафари расмии Роҳбари Тоҷикистон ба шаҳри Страсбурги Фаронса (июни 2011) ҷиҳати мулоқот бо роҳбарияти Парлумони Аврупо ва суханрони аз минбари яке аз бонуфузтарин мақомоти қонунгузорӣ, руйдоди муҳими сиёсӣ буд. [5]

Инкишофи муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо, махсусан Фаронса, Олмон, Белгия, Австрия, Италия, Швейтсария ва Британияи Кабир барои Тоҷикистон мақоми аввалиндараҷа доранд.

Давраи мухим дар таърихи хамкории Тоҷикистон ва СММ қабули қатъ номаи бо ташаббуси Тоҷикистон пешниҳодшуда оид ба эълон намудани 2003 Соли байналмилалии Оби тоза мебошад,
ки дар натиҷаи баргузории он Дабири кулли СММ Шӯрои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис додааст. Тоҷикистон, ҳамчун кишвари ташаббускори Соли байналмилалии оби тоза, Даҳсолаи байналмилалии амал “ Об барои ҳаёт 2005-2015 " ва “Даҳсолаи амали об барои рушди устувор 2018-2028”, мутмаин аст, ки зимни ҷаласаҳои сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои

ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҷалб кардани таваччухи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои афзалиятноки оби тоза, таъмини вазъи устувори экологӣ бо мудирияти захираҳои об мумкин аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркия ва Туркманистон Ичлосияи 64 - уми Маҷмаи Кулли Созмони Миллали Муттаҳид доир ба 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз қатънома қабул кард, ки аз ин пас иди миллии тоҷикон Наврӯз расман ҳамчун иди бузурги байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад.

Умуман, Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои тахассусии он дар масъалаҳои сиёсии глобалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва гуманитарӣ ҳамкории фарогирро ба роҳ мондааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 ба узвияти СММ оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг низ ҳамкориҳои судманд дорад. [3,с.108]

Ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО 1150 - солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ, 100 - солагии шоир ва арбоби намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Турсунзода ворид гардиданд, мусиқии классикии Шашмақом шоҳкории шифоҳӣ ва мероси гаронбаҳои инсоният шинохта шуда, дар Тоҷикистон ҳамасола 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад, пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе бо мукофоти ЮНЕСКО «Шаҳри сулҳ» сарфароз гардидааст. Рӯйдоди муҳиме, ки дар ин самт ба вуқӯъ пайваст ин ворид гардидани якумин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ба ҳисоб меравад.

Солҳои ҳамкорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо нишон медиҳанд, ки ҷонибҳо на фақат ба ислоҳи вазъ дар равобиташон муваффақ шуданд, балки Созмони мазкур тавонист симои мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Аврупо ва созмонҳои байналмилалии аврупоӣ нишон диҳад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки вазифаҳои дарпешистодаро бо назардошти манфиатҳои худ ҳал намояд ва ин созмонро ба ҳамёри стратегии худ табдил диҳад.

16 декабри 2010 Маҷмаи Умумӣ лоиҳаи қатънома таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони хамкории исломӣ», ки онро Тоҷикистон, ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони ҳамкории исломӣ дар СММ, аз номи 57 кишвари узви СҲИ пешниҳод карда буд, қабул намуд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои фаъол ва судманд бо Созмони ҳамкории Шанхай ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 таъкид намуданд: «Чун сухан дар бораи минтақа рафт, ташкилоти калонтарини он - Созмони ҳамкории Шанхай ба мадди назар меояд, чунки он аз рӯзи таъсисаш барои ҳаллу фасли масоили минтақавӣ, ташкили ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узв дар асосҳои усулан нав ва дигар бахшҳои хамкорӣ, ки тадриҷан тамоми соҳаҳои хаёти хамарӯзаи моро дарбар мегиранд, корҳои зиёдеро анҷом додааст”. Сарвари давлат зикр карданд, ки дар доираи

фаъолияти созмони мазкур дар Тоҷикистон лоиҳаҳои зиёди дорои хислати умумимиллӣ бунёд шудаанд.

Дар давоми фаъолияти пурсамари худ Созмони ҳамкории Шанхай худро ҳамчун фазои босамари мубодилаи афкор, таҳияи мавқеъҳои муштарак ва ҳамоҳанг сохтани нуқтаи назари гуногун нишон дод. Бояд қайд кард, ки соли 2022 рузи ташкил гардидани ин созмон таҳти Раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дуҷониба ва бисёрчонибаи мутақобилан судмандро бо кишварҳои дигар хамеша бо назардошти манфиатҳои миллӣ, дар асоси принсипи баробарӣ инкишоф медиҳад. Табиист, ки сатҳи муносибати ҳар давлат, аз ҷумла, Тоҷикистон бо субъектҳои дигари байналмилалӣ яксон набуда, майлу алоқамандии ҷонибҳо бо таваҷҷӯҳ ба манфиати тарафайн онро муайян месозад ва вусъат мебахшад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори роҳандозии робитаҳои неку созанда бо ҳама кишварҳои дунё ва созмонҳои гуногуни минтақавиву байналмилалӣ буда, бо қаноатмандӣ метавон таъкид кард, ки сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Сарвари кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина зина ба зина амалӣ мегардад.

Бинобар ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун идораи асосии татбиққунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки бо роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сару кор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд. Дар марҳилаи ҳозира истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои ҳамшарикони хориҷӣ дар амалӣ намудани вазифаи стратегии давлат - таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми комёб шудан ба ин хадафҳои тақдирсоз Тоҷикистон сатҳи тамоман нави пешрафтро соҳиб хохад шуд.

Дар тӯли 34 соли Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дипломатияи тоҷик таҷрибаи бузурге ҳосил кард. Аз ин рӯ бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки бо такя ба ин таҷриба сохторҳои марбута ва дипломатҳои тоҷик дар иҷрои вазифаҳои худ - ҳифзи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ минбаъд низ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Рӯйхати адабиёт:

1.Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2018. - 384с.

2.Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

3. Салимов Носирҷон., Шарифзода Абдуфаттоҳ «Тоҷики оламшумул». - Душанбе: «Ирфон», 2011,- 372 саҳ.

4.Суханоронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои

нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15 марти соли 2013. URL: htpp: \\ www.president/tj/
5. Ҷумҳурият. №113, аз 17 июни соли 2019.

Абдуллоева Адолат Хабибуллоевна
магистрант направления 38.04.08 «Финансы и кредит», программы подготовки «Финансовое и банковское дело» Российско-Таджикского (Славянского) университета, Республика Таджикистан, г. Душанбе

УПРАВЛЕНИЕ ФИНАНСОВЫХ РЕСУРСОВ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

Аннотация. В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты управления финансовыми ресурсами коммерческих банков как ключевого фактора обеспечения их устойчивости и конкурентоспособности. Проанализированы структура и источники формирования финансовых ресурсов, особенности их распределения и использования в современных условиях. Особое внимание уделено роли управления ликвидностью, капиталом и рисками в деятельности банковского сектора. На основе анализа выявлены основные проблемы управления ресурсной базой коммерческих банков в развивающихся экономиках, в частности в Республике Таджикистан, и предложены направления совершенствования данного процесса. Сделан вывод о том, что эффективное управление финансовыми ресурсами способствует укреплению доверия клиентов, повышению инвестиционной активности и развитию национальной финансовой системы.

Ключевые слова: коммерческие банки, финансовые ресурсы, управление ликвидностью, банковский капитал, ресурсная база, финансовая устойчивость.

Коммерческие банки выступают основными финансовыми посредниками, обеспечивая перераспределение капитала в экономике. Их деятельность напрямую влияет на платежеспособность субъектов хозяйствования, эффективность денежного обращения и уровень финансовой стабильности в стране. [1] Управление финансовыми ресурсами банка представляет собой систему организационно-экономических мероприятий, направленных на оптимизацию структуры капитала, обеспечение ликвидности и снижение рисков.

В современных условиях глобализации и цифровизации финансового сектора банки сталкиваются с растущими требованиями к управлению ресурсами, необходимостью соблюдения нормативов международных и национальных регуляторов, а также с повышением конкуренции в области привлечения и размещения капитала. [2]

Финансовые ресурсы коммерческого банка включают совокупность собственных и привлеченных средств. К собственным ресурсам относят уставный капитал, резервы и нераспределенную прибыль, тогда как привлеченные средства формируются за счет депозитов физических и юридических лиц, межбанковских кредитов, выпуска долговых обязательств и других инструментов. [3]

Основная цель управления финансовыми ресурсами — достижение оптимального сочетания доходности, ликвидности и риска. Данный процесс включает планирование, контроль, анализ и корректировку финансовой стратегии банка, что позволяет своевременно реагировать на изменения экономической конъюнктуры.

Ресурсная база коммерческого банка формируется за счет нескольких ключевых источников:

1. Собственный капитал, обеспечивающий финансовую устойчивость и выполнение нормативов достаточности капитала. Он является гарантом защиты интересов вкладчиков и кредиторов.
2. Депозитная база, включающая средства физических и юридических лиц. Для большинства банков развивающихся стран депозиты остаются основным источником финансирования активных операций.
3. Внешние заимствования, в том числе межбанковские кредиты, международные кредитные линии и выпуск облигаций, позволяющие расширять кредитный потенциал и финансировать крупные проекты.
4. Инвестиционные и операционные доходы, формируемые за счет размещения активов в кредитные, финансовые и ценные бумаги. [4]

Структура ресурсов должна быть сбалансирована с точки зрения сроков привлечения и использования средств, а также с учетом уровня риска и требований регуляторов.

Управление финансовыми ресурсами включает комплекс мер:

- Управление ликвидностью, направленное на обеспечение возможности своевременного исполнения обязательств перед клиентами и партнерами. Недостаточная ликвидность может привести к системным кризисам.
- Управление капиталом, обеспечивающее соблюдение нормативов достаточности капитала и укрепление финансовой устойчивости.
- Управление рисками, включающее кредитный, рыночный, операционный и репутационный риски. Эффективная система риск-менеджмента позволяет минимизировать потери и повысить доходность.
- Оптимизация структуры активов и пассивов, направленная на максимизацию доходности при контролируемом уровне риска. [5]

Для повышения эффективности управления финансовыми ресурсами современные банки используют цифровые технологии, включая системы аналитики больших данных, автоматизированное управление ликвидностью и финансовые платформы для интеграции внутренних процессов.

Для банков развивающихся экономик, таких как Таджикистан, характерны следующие проблемы:

1. Высокая зависимость от депозитной базы населения, что делает банки уязвимыми к колебаниям ликвидности.
2. Ограниченные возможности фондового рынка для привлечения долгосрочного капитала, что снижает инвестиционную гибкость.

3. Низкий уровень диверсификации источников финансирования, повышающий риски при экономических и валютных колебаниях.

4. Необходимость совершенствования риск-менеджмента, в том числе внедрения современных методик оценки кредитного и рыночного рисков.

5. Регуляторные ограничения, требующие соблюдения сложных нормативов, что усложняет управление ресурсами в условиях ограниченной внутренней базы капитала.

Решение этих проблем требует комплексного подхода: развития инструментов фондирования, цифровизации процессов управления ресурсами, внедрения инновационных финансовых продуктов и расширения международного сотрудничества.

В Республике Таджикистан банковский сектор развивается динамично, однако он сталкивается с рядом специфических вызовов. Основная часть ресурсной базы формируется за счет депозитов населения и корпоративного сектора, при этом собственный капитал банков относительно невелик. Миграционные переводы граждан и трансграничные потоки капитала играют важную роль в поддержании ликвидности банковского сектора, однако высокая зависимость от этих источников создает уязвимость при внешнеэкономических колебаниях.

Ҳамчунин дар забони касбӣ калимаҳои «нестойкие» низ ҳастанд, ки байни калимаҳои «стойкие» ва ибораҳое, ки ҳар ду қисми онҳо баробар таъкид мешаванд, ҷойгир мешаванд. Масалан:

- Community-service (хизматрасонии ҷамъиятӣ);
- Image-right (ҳуқуқи тасвир);
- Corporate-governance (идораи корпоративӣ).

Ин истилоҳот барои кор дар муҳити тиҷоратӣ ва муошрати касбӣ хеле муҳиманд ва донистани онҳо барои коршиносон ва мутахассисон ҳатмӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, барои муваффақ шудан дар муошрат бо забони англисӣ на танҳо зарур аст, ки луғати калимаҳоро донем, балки бояд бо хусусиятҳои фарҳангӣ, ибораҳои маъмули зинда ва истилоҳоти касбӣ шинос бошем. Ин ба коҳиши мушкилот ва номуфаҳмиҳо мусоидат мекунад ва равандҳои муоширатро самараноктар мегардонад.

Таҳлили фаъолияти истилоҳоти иқтисодӣ нишон дод, ки онҳо мавқеи устуворро дар забони васоити ахбори омма ва тиҷорат касб мекунанд. Масалан, истилоҳоти «techno-nationalism» маъноях равона кардани рушди технологӣ ба манфиатҳои миллӣ мебошад, ки метавонад бо сиёсати кишварҳои гуногун дар бахши пешрафти технологӣ алоқаманд бошад [1, с. 10]. Яъне, кишвар мехоҳад ки технологияҳои асосиро барои ҳифзи иқтисоди миллӣ ва боло бурдани истеҳсолот дар дохил рушд диҳад. Ин истилоҳ дар хабарҳои иқтисодӣ ва таҳлилҳои сиёсӣ хеле маъмул аст.

Истилоҳи «policymaker» - шахсе ё гуруҳи масъул барои қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад. Дар муҳокимаҳои иқтисодӣ, гуфтугӯҳо ва хабарҳо дар бораи таъсири қарорҳои сиёсӣ ба бозор ва иқтисод хеле зиёд ба кор меравад. Масалан, дар мавриди таъсири тағйироти андоз ё таҳримҳои байналмилалӣ коршиносон мегӯянд, ки «policymaker»-ҳо бояд барномаи равшан ва устувор дошта бошанд.

Дар соҳаи тиҷорат ва маркетинг истилоҳоти монанди «frequent-flyer» истифода мешаванд, ки маънояш ба шахсоне дахл дорад, ки бисёр сафар мекунанд ва аксаран барои барномаҳои имтиёзноки ширкатҳои ҳавопаймоӣ иштирок мекунанд [5, с. 45]. Ин истилоҳро метавон дар рекламаву барномаҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва хизматрасониҳои туристӣ зиёд дид.

Ҳамчунин, истилоҳи «trustbuster» - шахс ё ташкилотест, ки бар зидди монополияҳо ва ширкатҳои калон мубориза мебарад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳида чунин шахсоне буданд, ки бо таъсиси қонунҳо ва тадбирҳои зиддимонополӣ иқтисодро ба танзим медаровардand.

Дар забони англисӣ низ мисолҳои зиёди сленг ё ибораҳои расмӣ мавҷуданд. Масалан, «all wet» маънояш иштибоҳ аст ва дар ҳаёти корӣ метавонад ба ҳолатҳои нодуруст ё носолим дахл кунад. Ҳангоми сӯҳбатҳои тиҷоратӣ, истифодаи дурусти чунин истилоҳот метавонад садди номуфаҳмиҳоро бардорад.

Яке аз истилоҳоти маъмул дар ҳисобдорӣ ва молия - «double-entry bookkeeping» мебошад, ки маънояш усули ҳисобдории дугона мебошад, ки дар он ҳар як амали молиявӣ ду бор қайд мешавад. Ин усул барои нигоҳ доштани ҳисоботҳои молиявӣ ва пешгирии хатогиҳо муҳим аст.

Ва ё истилоҳи «high-flyer» маънояш шахсе аст, ки дар кор ё таҳсил хеле муваффақ ва босуръат пеш меравад, яъне касе, ки мақсадҳои бузург дорад ва онҳоро амалӣ мекунад.

Ҳамин тавр, дар муҳити тиҷорат ва иқтисод истилоҳоти нав ва мураккаб пайдо мешаванд, ки барои муошрати дуруст ва муваффақият дар кор хеле муҳим мебошанд. Илова бар ин, омӯхтани навиштани мактубҳои тиҷоратӣ низ муҳим аст. Масалан, одати маъруфи англисӣ - «Keep It Short and Simple» - таъкид мекунад, ки мактубҳо ва муошират бояд кӯтоҳ ва равшан бошанд, то ҳангоми гуфтугӯҳо ҳеҷ гуна номуфаҳмиҳо ва таъхирҳо ба вуҷуд наоянд [3, с. 18].

Дар як ширкати амрикоӣ, барномаи омӯзиши кормандон асосан ба се принсип такя мекунад: таълими доимӣ, равишҳои амалӣ ва усулҳои фаъол. Масалан, кормандоне, ки дар маркетинг кор мекунанд ва забони англисиро хуб намедонанд, метавонанд бо кӯмаки ширкат ва омӯзишҳои махсус сатҳи дониши худро баланд бардоранд, ки ин ба фаъолияти самарабахши ширкат таъсири мусбат мегузорад.

Барномаи «Investors in People» низ барои ширкатҳо имконият медиҳад, ки дар рушди қобилияти кормандон сармоягузорӣ кунанд ва ба ин васила на танҳо ҳосилнокиро зиёд кунанд, балки эътибори ширкатро низ дар назарҳои сармоягузорон ва мутахассисон баланд бардоранд.

Таҳсилот, мисли ҳар раванд ё натиҷаи фаъолияти инсон, дорои сифати муайяне мебошад, ки онро метавон ҳамчун хосияти як институтсионии иҷтимоӣ баррасӣ намуд. Ин сифат метавонад ҳам бо маънои мусбат ва ҳам бо маънои манфӣ фаҳмида шавад ва паҳлӯҳои гуногуни равандҳои таълимиро инъикос намояд. Аз ҷониби дигар, сифати таҳсилот маҷмӯи хосиятҳоест, ки ба ташаккули пайдарпай ва самараноки компетентӣ ва шуури касбӣ мусоидат

мекунад, ки дар бар мегирад донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо. Аз ин рӯ, сифат ба сатҳи баланди омӯзиш мувофиқат мекунад.

Сифати дониш омилест, ки ҷалбкунандагӣ (attractiveness) ва рақобатпазириро (competitiveness) дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян мекунад. Дар забони англисӣ ин мафҳумҳоро чунин тавзеҳ медиҳанд: «attractiveness» - қобилияти ҷалб кардан, писандида шудан ва таваҷҷуҳро ҷалб намудан; «competitiveness» - қобилияти рақобат кардан, пешниҳод кардани молу хизматрасониҳо бо нархҳои рақобатпазир, ки баробарӣ ва фоидаи кофӣ аз манбаъҳои истифодашуда таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, сифати таҳсилот ҳамчун ҷалбкунандагӣ ва рақобатпазирӣ дар сатҳи байналмилалӣ тафсир мешавад: quality of education - international attractiveness and competitiveness.

Дар шароити рақобати шадид дар бозори меҳнат, донистани забонҳои хориҷӣ, бахусус англисӣ, дар ҳаёти инсон нақши муҳиме мебозад. Зеро бисёр ширкатҳо дорои ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошанд ва аз ин рӯ мутахассисоне, ки дорои дониш ва малакаи муошират бо забонҳои хориҷӣ ҳастанд, дар бозори кор талабот доранд, ки ин ба афзоиши фаъолиятҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунад.

Дар Тоҷикистон чанд муассисаи таълимии байналмилалӣ, мисли Мактаби байналмилалии Душанбе ё Академияи байналмилалии тадқиқот, таълимро асосан ба забони англисӣ пешниҳод мекунанд. Ин муассисаҳо на танҳо ба донишҷӯён донишҳои касбӣ медиҳанд, балки ҳамзамон малакаи муошират дар муҳити байналмилалиро такмил медиҳанд. Ин омил ба афзоиши имкониятҳои кории онҳо дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, муассисаҳои хусусӣ ва марказҳои омӯзиши забон, мисли «British Council» дар Душанбе, курсҳои гуногуни англисиро барои кормандон пешниҳод мекунанд, ки метавонанд барои сатҳҳои ибтидоӣ, миёна ва пешрафта бошанд ва ба соҳаи корӣ, мисли тиҷорат, туризм ё IT тамаркуз кунанд. Кормандон метавонанд дарсҳоро ба шакли гурӯҳӣ ё инфиродӣ дарс гиранд.

Ширкатҳои бузурги молиявӣ, IT ва тиҷорат, масалан «Somon Air», «Tcell», ё «Asia Alliance Bank», барои кормандонашон тренингҳои махсуси забони англисиро ташкил мекунанд. Дар ин тренингҳо ба кормандон на танҳо забони умумӣ, балки истилоҳоти махсуси соҳаи корӣ омӯзонида мешаванд, ки барои мулоқот бо шарикони хориҷӣ ва иҷрои вазифаҳо муҳим аст. Бо густариши технология дар Тоҷикистон, бисёри ширкатҳо ба омӯзиши забон тавассути платформаҳои онлайн, мисли Duolingo for Business, Coursera, ё BBC Learning English муроҷиат мекунанд. Ин шакли омӯзиш ба кормандон имкон медиҳад, ки дар вақти муносиб ва бо суръати худ омӯзишро идома диҳанд.

Барои беҳтар намудани малакаи муошират дар забони англисӣ, ширкатҳо семинарҳои коммуникатсионӣ ва тренингҳои «soft skills»-ро баргузор мекунанд. Масалан, тренингҳои «Effective Business Communication», ки тарзи муошират дар мулоқотҳои бизнесиро меомӯзонанд, ё тренингҳои «Negotiation Skills», ки малакаҳои музокиротро тақвият медиҳанд. Дар баъзе ширкатҳои калон, кормандон ба ҳайси мураббӣ (mentor) аз мутахассисони бо таҷриба ва дониши хуби забони англисӣ дастгирӣ мегиранд [6, с. 75]. Ин мураббиён ба

онҳо кӯмак мекунанд, ки дар вазъиятҳои воқеии корӣ забони англисиро амалӣ истифода баранд, масалан, дар зангҳои телефонӣ бо муштариён ва ё ширкат дар конфронсҳои видеоӣ.

Баъзе ширкатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон барномаҳои стажировка ё мубодилаи таҷриба доранд, ки дар онҳо кормандон дар муҳити корӣ дар хориҷа кор ва таҳсил мекунанд. Ин барномаҳо малакаҳои забонии онҳоро дар сатҳи баландтар мебаранд ва бо фарҳанги кор дар дигар кишварҳо ошно мегарданд. Дар бисёр ширкатҳо барои ҷалби бештар ва самаранокии омӯзиш аз усулҳои интерактивӣ, мисли ролплей (role play), симуляция (simulation), ва машқҳои амалӣ истифода мебаранд. Масалан, иҷрои нақшҳои мухталиф дар муҳити маҷозӣ ё воқеӣ, ки ба беҳтар шудани муошират ва фаҳмиши матни англисӣ кӯмак мекунад.

Дар ширкати Tcell, яке аз бузургтарин провайдерҳои мобилии Тоҷикистон, кормандон барномаи омӯзиши забони англисиро мегузаронанд, ки дар он истилоҳоти соҳаи телекоммуникатсия ва хизматрасонии мизоҷон омӯзонда мешавад. Ин барнома бо ҳамкории «British Council» амалӣ мешавад ва натиҷаҳои омӯзиш дар фаъолияти корӣ ба назар мерасанд: кормандон бо мизоҷони хориҷӣ бефосила муошират мекунанд, дар конфронсҳои байналмилалӣ иштирок мекунанд ва ҳуҷҷатҳоро бо забони англисӣ таҳия менамоянд.

Дар ширкатҳои бузурги байналмилалӣ, мисли ширкатҳои IT, молия ё тиҷорат дар Душанбе ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистон, корфармоён донистани англисиро ҳамчун як талаботи муҳим мебинанд. Масалан, ширкате, ки бо шарикони хориҷӣ кор мекунад, кормандонро водор мекунад, ки дар курсҳои забони англисӣ иштирок кунанд, то онҳо тавонанд дар мулоқотҳои байналмилалӣ ва тамосҳои бизнесӣ бомуваффақият иштирок кунанд. Бисёре аз донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон имкони кор ва таҷрибаи корӣ дар ширкатҳои хориҷӣ ё филиалҳои онҳо дар Тоҷикистонро доранд. Дар ин муҳитҳо истифодаи англисӣ ҳатмист, ки таҷрибаи муоширати касбиро ба онҳо меомӯзонад ва ба рушди касбиашон кумак мерасонад.

Барои мутахассисоне, ки дар соҳаи маркетинг ё тиҷорат кор мекунанд, донистани истилоҳоти махсуси англисӣ, ки ба маҳсулот ва хизматрасониҳо дахл доранд, муҳим аст. Масалан, фаҳмидани мафҳумҳое мисли «target audience» (ҳадафи аудитория), «market share» (қисми бозор), ё «brand loyalty» (вафодории бренд) барои муваффақият дар фаъолияти касбӣ зарур аст. Дар муҳити бизнеси байналмилалӣ аксар вақт музокирот ва имзои шартномаҳо ба забони англисӣ сурат мегиранд. Нодонистани забон метавонад боиси номуваффақият ва нобаробарӣ дар шартномаҳо гардад. Масалан, ширкатҳои тоҷикӣ, ки бо ширкатҳои хориҷӣ шартнома мебанданд, бояд кормандонеро дошта бошанд, ки дониши хуби забон ва маҳоратҳои муоширатӣ дошта бошанд.

Дар робита ба омӯхтани забон, мафҳумҳо ҳамчун воҳидҳои семантикӣ ҳастанд, ки хусусиятҳои фарҳангии ҷаҳонбинии забондоронро инъикос мекунанд. Модели мафҳум як экстраполясияи таҳқиқотӣ мебошад, зеро мафҳум ҳамеша васеътар аз усулҳои санҷиш ва таснифи таҷрибавии он аст. Аз

ин рӯ, донистани забони англисӣ ва фаҳмиши контексти фарҳангӣ ва лингвистӣ қисми ҷудонашавандаи таълимоти босифат ва фаъолияти касбии муваффақ дар ҷаҳони глобалӣ мебошад.

Дар натиҷа, донистани забони англисӣ ва доираи васеи истилоҳоти касбӣ барои муваффақият дар соҳаи тиҷорат ва иқтисод дар Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад. Таҷрибаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои байналмилалӣ, барномаҳои корпоративӣ, тренингҳо ва семинарҳо, ҳамчунин истифодаи технологияҳои муосир ва усулҳои интерактивӣ ба баланд бардоштани сифати таълим ва малакаи муошират дар муҳити касбӣ мусоидат мекунанд. Ин равандҳо имконият медиҳанд, ки кормандон на танҳо забонро фаҳманд, балки онро дар вазъиятҳои воқеии корӣ амалӣ кунанд ва бо шарикони байналмилалӣ бомуваффақият ҳамкорӣ намоянд. Ҳамин тариқ, таълими забон дар муҳити корӣ ва тиҷоратӣ нақши муҳимеро дар рушди иқтисоди кишвар ва афзоиши рақобатпазирии кадрҳои миллӣ мебозад.

Адабиёти истифодашуда:

1. Климин, А.А. Композиты-номинации в языке экономики и юриспруденции на материале английского языка: автореферат диссертации кандидата филологических наук: 10.02.04 / А.А. Климин; НОУ ВПО «Университет Российской Академии образования». – Москва, 2012. – 23 с.
2. Тюрнева, Т.В. Опыт анализа лингвосемиотического контекста education: концепт - понятие - термин: автореферат диссертации кандидата филологических наук: 10.02.04 / Т.В. Тюрнева; ФГБОУ ВПО «Иркутский государственный лингвистический университет». – Иркутск, 2012. – 26 с.
3. Морозова, Н.Н. Подходы к обучению персонала в условиях развития инновационной экономики / Н.Н. Морозова // Новая экономика, 2013. – № 1. – С. 171-180.
4. Раҳимзода, Ш. Ҷамъбасти назария ва таҷрибаи омӯзиши забони хориҷӣ дар Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 2018. – 120 с.
5. Қурбонов, Ф. Забони англисӣ ва омилҳои рушди иқтисод дар Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2020. – 95 с.
6. Ҳусейнов, М. Методикум оид ба омӯзиши забони англисӣ дар муҳити корӣ. Душанбе, 2019. – 110 с.

Аннотатсия

Мақола ба аҳамияти забони англисӣ дар муҳити иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он мисолҳои мушаххас аз муассисаҳои таълимӣ, тренингҳои корпоративӣ ва барномаҳои омӯзишӣ оварда шудаанд, ки нақши забони англисиро дар рушди касбӣ ва муошират байналмилалӣ равшан мекунанд. Ҳамчунин, усулҳои гуногуни омӯзиш, аз ҷумла тренингҳои интерактивӣ, платформаҳои онлайн ва барномаҳои стажировка мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Калидвожа: забони англисӣ, омӯзиш, муҳити корӣ, тиҷорат, тренинг, барномаи омӯзишӣ, корпоративӣ, муошират, Тоҷикистон, рушди касбӣ

Аннотация.

Статья посвящена значению английского языка в экономической и деловой среде Таджикистана. В ней приведены конкретные примеры учебных заведений, корпоративных тренингов и образовательных программ, которые демонстрируют роль английского языка в профессиональном развитии и международном общении. Также анализируются различные методы обучения, включая интерактивные тренинги, онлайн-платформы и программы стажировок.

Ключевые слова: английский язык, обучение, рабочая среда, бизнес, тренинг, учебная программа, корпоративный, коммуникация, Таджикистан, профессиональное развитие

Annotation.

The article focuses on the importance of the English language in the economic and business environment of Tajikistan. It provides specific examples of educational institutions, corporate trainings, and learning programs that highlight the role of English in professional development and international communication. Various teaching methods, including interactive trainings, online platforms, and internship programs, are also analyzed.

Keywords: English language, learning, work environment, business, training, learning program, corporate, communication, Tajikistan, professional development

Зокирова Д.Ғ. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи ДБССТ
Имомова Ф.С. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРИ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳуқуқи маъмурӣ соҳаи алоҳидаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, гурӯҳи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро танзим месозад. Доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи маъмурӣ танзим мекунад гуногунранг буда онҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ташкил ва фаъолияти низоми ҳокимияти иҷроия, фаъолияти дохилиташкилии мақомоти қонунгузор, суд ва прокуратура, фаъолияти сохтори иҷроиявии мақомоти худидораи шаҳраку деҳа ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд. Ин гуна муносибаҳои хислатан гуногунранг предмети ҳуқуқи маъмуриро ташкил медиҳанд. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки мавриди танзими ҳуқуқи маъмурӣ қарор доранд, бевосита ба фаъолияти идоракунандагии давлат ва амалисозии ҳокимияти иҷроия алоқаманд мебошанд ва аз ин рӯ дар бисёри адабиётҳои ҳуқуқи онҳоро муносибатҳои идоракунӣ низ меноманд. Аз рӯи хусусияти ҳайати иштирокчиён, ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои идоракунии зеринро танзим менамояд:

1) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва шахсони воқеӣ (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ).

2) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

3) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои хоҷагӣ ва иҷтимоӣ - мадании ғайридавлатӣ.

4) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва мақомоти иҷроияи низоми худидораи маҳаллӣ.

5) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои давлатие, ки дар тобеияти ташкилии онҳо мебошанд.

6) Муносибати байни субъектони ҳокимияти иҷроия ва иттиҳодия, корхона ва муассисаҳои давлатии дар тобеияти ташкилии онҳо набуда (масалан, аз рӯи масоили назорати молиявӣ, назорати маъмурӣ ва ғ).

Ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун дигар соҳаҳои ҳуқуқ усулҳои танзимсозии худро дорад. Усулҳои ҳуқуқи маъмурӣ дар хислати амрдиҳӣ, яктарафа изҳори ирода ва баробарҳуқуқ набудани иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ ифода меёбанд. Усулҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба усулҳои ехдадорсозӣ, манъсозӣ ва иҷозатдиҳӣ тақсим мешаванд. Низоми ҳуқуқи маъмурӣ аз ду қисм: қисми умуми ва қисми махсус иборат аст.

Ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ субъектҳои ба худ хос дорад. Субъектони ҳуқуқи маъмурӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) Шахсони воқеӣ - шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ.

2) Шахсони ҳуқуқӣ- мақомотҳои ҳокимияти иҷроия ва мақомотҳои тобеи онҳо, корхона, ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ, мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ташкилоту муассисаҳои хусусӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ.

Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ гуфта қоидаҳое, ки аз тарафи давлат муқарар шуда ба мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ равона гардидаанд ва дар ҳолати иҷро нашудан ба воситаи маҷбурсозии давлати таъмин мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ моҳияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар иҷроиши Конститутсия (Сарқонун) ва қонунҳо ифода мекунанд.

Меъёрҳои маъмури ҳуқуқ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд.

1) Дар фарқият аз меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ воситаи ҳимояи махсуси ҳуқуқи худро аз иҷро накардан ва бевосита иҷро накардани талаботи онҳо доро мебошанд.

2) Меъёрҳои маъмурӣ ҳуқуқи дар бисёр ҳолатҳо муносибатҳои ҷаъиятиеро низ танзим мекунанд, ки предмети танзими дигар соҳаҳои ҳуқук мебошад (мисол, ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи андоз ва ғайра).

3) Хусусиятҳои асосии меъёрҳои маъмурӣ ҳуқуқи аз он иборат аст, ки онҳо бевосита аз ҷониби субъектони ҳокимияти иҷроия дар ҷараёни идоракунии давлатӣ муқаррар карда мешаванд. (санадҳои меъёрии ҳукумат).

Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ вобаста ба як қатор хусусиятҳояшон тасниф мешаванд:

1) вобаста ба хислати ҳуқуқи ба ду гурӯҳ меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ;

2) вобаста ба мазмун ҳуқуқии меъёр ба ӯҳдадоркунанда, маънкунанда ваколатдоркунанда, ҳавасмандкунанда ва тавсиякунанда;

3) вобаста ба самти фаъолияташон:

а) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмурӣ ҳуқуқии шаҳрвандон равона шудаанд.

б) меъёрҳое, ки самтҳои алоҳида фаъолияти сохторҳои тиҷоратиро танзим менамояд.

в) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмури ҳуқуки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд.

г) меъёрҳое, ки масъалаҳои ташкил ва фаъолияти корхонаҳо ва муассисҳои давлатиро муайян менамоянд.

д) меъёрҳое, ки ба вазъи маъмури ҳуқуқи хизматчиёни давлатӣ равона шудаанд.

е) меъёрҳое, ки ба ташкил ва фаъолияти дастгоҳи идоракунии давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия равона шудаанд.

4) вобаста ба дараҷаи ба танзимандозии муносибатҳо меъёрҳои маъмурӣ ба меъёрҳои умумӣ; байнисоҳавӣ ва соҳавӣ тақсим мешаванд.

Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ қисми таркибии танзими маъмурии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳокимияти иҷроия ташкил мекунанд. Барои муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи характери якуминдараҷагии меъёри маъмурӣ хос мебошад, зеро маҳз асоси танзими муносибатҳои маъмурию ҳуқуқиро меъёрҳои маъмурӣ ташкил мекунанд, ва маҳз ин меъёрҳо бо тарзҳои муайян фаъолияти иштирокчиёни ин муносибатҳоро ба танзим меандозанд. Муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқӣ чунин хусусиятҳо доранд:

1) Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ аз дигар муносибатҳо ба он фарқ мекунанд, ки ин муносибатҳо, муносибатҳои ҳокимиятианд.

2) Иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи баробарҳуқуқ нестанд, ва муносибатҳо новобаста аз иродаи тарафи дигар ба вуҷуд меоянд.

3) Табиати фаъолияти идоракунии давлати, ки дар ҷараёни он ҳокимияти иҷроия амали мешавад, тақозо мекунад ки субъекти махсусе бошад, ки фаъолияти ҳокимиятиро амали намояд, ва муносибатҳои маъмурӣ ҳуқуқи, дорои чунин субъект мебошанд. Ба сифати чунин субъект мақомотҳои ҳокимияти иҷроия (шахсони мансабдор) баромад мекунанд, ки фаъолияти ҳокимияти барои амали кардани мақсаду вазифаҳои ҳокимияти иҷроия ба онҳо дода шудааст.

4) Хусусияти дигари муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ дар он аст, ки онҳо байни шаҳрвандон, байни шаҳрвандону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд намеоянд.

5) Муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ чун дигар муносибатҳо дорои объекти худ мебошанд. Объекти муносибатҳои маъмурию ҳуқуқиро ирода ва ифодаи иродаи идорашаванда дар амалишавии ҳокимияти иҷроия ташкил медиҳад.

6) Байни иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ баҳсҳо ба вуҷуд меоянд ва ин баҳсҳо бо тартиби маъмурӣ ҳал карда мешаванд.

2. Вазъи маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ

Шаҳрванд ҳамчун субъекти ҳуқуқи маъмурӣ – ин иштирокчии муносибати ҷамъиятиест, ки ба сифати барандаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайяни дар санадҳои меъёри пешбинишуда баромад мекунад. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрванд дар якҷоягӣ вазъи ҳуқуқии ӯро ташкил медиҳад. Дар баробари ин вазъи ҳуқуқи шаҳрванд як қатор хусусиятҳоро доро мебошад.

Вазъи маъмури ҳуқуқии шаҳрвандон таркиби мураккаби ҳуқуқи дошта дорои чор элемент асоси мебошад.

1) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқи инсон ва шахс.
2) Вазъи ҳуқуқии шаҳрванди ҶТ.
3) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқии иҷтимоӣ.
4) Вазъи маъмурӣ ҳуқуқии махсус.

Кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкили ва ҳуқуқи тақсим намудан мумкин аст. Кафолатҳои иқтисоди фаъолияти мунтазам ва самараноки соҳаи саноат, низоми мустаҳками молиявию пулӣ, сари вақт пардохти музди меҳнат, нафақа ва дигар маблағҳо, дараҷаи баланди сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғайраро дар бар

мегирад. Аз ин нуқтаи назар дар шароити имрўза таъмини кафолатҳои иқтисодии шаҳрванд хеле мушкил мебошад ва низоми ноустувори андозу-андозситони аз он шаҳодат медиҳад.

Кафолатҳои сиёсӣ таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бартари инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа ва давлат, эътирофи волоияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бисёрҳизбӣ, гуногунақидагии сиёсӣ, ҳокимияти давлатии пурзур ба сардори Президент ҳамчун ҳоми ва кафили Конститутсия, ҳамкори мутақобилаи ҳокимияти қонунгузор бо ҳокимияти иҷроия ва ғайра дар бар мегирад.

Кафолатҳои ташкилии ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои шаҳрвандро дар соҳаи идоракунии давлати низоми бисёрсоҳаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои назорати давлатӣ, инспексияҳо ва дигар мақомотҳои давлатию ҷамъияти дар марказ ва маҳалҳо, мақомоти судӣ, прокуратура, милиция, мақомоти адлия, натариат ва ғайраро дохил намудан мумкин аст. Ҳамаи ин мақомотҳо ҳаруза дар асос ва иҷроиши қонун барои таъмин ва амали гаштани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд фаъолият мекунанд.

Кафолати ҳуқуқии таъмини ҳуқуқ ва еҳдадориҳои шаҳрвандро дар соҳаи идоракунии давлати ба ду намуд тақсим мекунанд:

а) судӣ

б) ғайри судӣ.

Барои ин кафолат пеш аз ҳама кафили умуми қонун ва тамоми қонунгузорӣ инчунин меъёрҳои маъмурӣ баромад мекунад. Яке аз элементҳои вазъи маъмурӣ ҳуқуқи шаҳрвандро, ҳуқуқи Конститутсионии онҳо ба муроҷиат, шахсан ё гурўҳан ба мақомоти давлати ташкил мекунад . Дар баробари ин муроҷиати шаҳрвандон бо санадҳои меъёри ҳуқуқи таъмин шуда институти мураккаби ҳуқуқи маъмурӣ мебошад. Шаҳрвандон бо 3 шакл: таклифҳо, аризаҳо ва шикоятҳо ба мақомоти давлатӣ муроҷиат карда метавонад.

Таклифҳо - муроҷиатҳои шаҳрвандон, ки барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо равона карда шудаанд. Мақомоти давлатӣ ё идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо вазифадор мебошанд, ки таклифҳои шаҳрвандонро ҳаматарафа баррасӣ намуда, аз натиҷаашон мувофиқи хоҳиши он[о барояшон хабар диҳанд.

Аризаҳо - муроҷиатномаҳои шаҳрвандон, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои барояшон маълумшуда равона карда шудаанд ё аз хоҳиши амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо иборатанд.

Шикоятҳо - муроҷиатномаҳои шаҳрвандон бо талаби барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо, ки аз амал, беамалӣ ё бо қарорҳои мақомоти

давлатӣ, идтиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдор вайрон карда шудаанд. Муроҷиатҳо инфиродӣ ё коллективӣ (гуруҳӣ) буда метавонанд, ки дар шакли даҳонакӣ ё хаттӣ пешниҳод мегарданд. Ҳуқуки мароҷиат ин ҳуқуқи шахсии маҳдуднашаванда ва мусодиранашавандаи шаҳрванд мебошад.

Вазъи маъмури ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди дар ҳудуди ҶТ бо қонунгузори ва шартномаҳои байналхалқи танзим карда мешавад. Санадҳои асосии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Конститутсияи ҶТ, қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ» аз 1.02.1996., қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ, қоидаҳои убури таранзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи қаламрави ҶТ мебошанд.

3. Вазъи маъмурию ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия

Конститутсияи ҶТ ташкил ва фаъолияти давлатдории муосири Тоҷикистонро аз рӯи принсипҳо ва арзишҳои дар ҷомеаи ҷаҳони эътирофшуда қарор додааст. Дар ташкили ҳокимияти давлатӣ аз ҷумла ҳокимияти иҷроия принципи Конститутсионии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ки ҳокимияти давлатиро ба 3 шоха қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим менамояд нақши ҳалкунанда дорад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия, ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд. Ҳолати ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар хусусиятҳои зерини он ифода меёбанд.

1) Бо мазмуни конститутсионӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия қисми таркибии дастгоҳи давлатӣ буда ҳокимияти қонунгузориро дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлати ҳамроҳи мекунад.

2) Мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро дар асос ва барои иҷрои қонун пеш мебарад, яъне фаъолияти онҳо зерқонунӣ мебошад.

3) Мақомоти ҳокимияти иҷроия барандаи доираи муайяни вазифаҳои давлати ҳокимияти мебошанд. Ин вазифаи онҳо пеш аз ҳама дар қабули санадҳои ҳуқуқи дар доираи салоҳияти идоракуниашон амали мешавад.

4) Мақомоти ҳокимияти иҷроия бевосита ё ба воситаи зинаҳои болоӣ дар назди мақомоти намояндагии давлатӣ ҳисоботдиҳанда мебошанд.

5) Мақомоти ҳокимияти иҷроия аз коллективи меҳнатии муайяне иборат аст, ки аз тарафи давлат барои амали намудани мақсади муайян муттаҳид шудааст.

6) Мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар маҷмӯъ тасниф намуда, дар назар бояд дошт, ки аз номи онҳо дар муносибатҳои муайяни идоракуни шахсони мансабдори онҳо иштирок мекунанд.

7) Тартиби ташкилдиҳӣ, тағйирёбӣ ва барамдиҳии мақомотҳои иҷроия дар доираи муайянкардаи қонунгузори амали карда мешавад.

Низоми мақомотҳои ҳокимияти иҷроияро гуногунрангии ин мақомотҳо ташкил мекунад. Оноҳро аз рӯи якчанд хусусиятҳояшон тасниф намудан мумкин аст.

1) Аз рӯи ҳудуди фаъолияташон мақомоти ҳокимияти иҷроия ба мақомоти иҷроияи марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ:

2) вобаста ба тарзи ҳалли масъалаҳо ба мақомоти яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ:

3) вобаста ба доираи салоҳияташон бо мақомоти, салоҳияти умумӣ, салоҳияти соҳавӣ, салоҳияти байнисоҳавӣ, салоҳияти махсусдошта:

4) вобаста ба шакли ташкилӣ- ҳуқуқӣ (ҳукумат, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, кумита, хадамот, агентӣ, марказ, нозирот (инспексия), саридора, департамент, идора) ва ғайра:

5) вобаста ба тарзи созмон, таъинӣ ва интихобӣ.

Низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки тартиби ташкил ва фаъолияти онҳоро Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарар кардаанд дар асоси принсипҳои зерин амал мекунанд: принсипи мустақилияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, принсипи ягонагии мақомоти ҳокимияти иҷроия, принсипи қонуният, принсипи сарфакорӣ ва камхарҷӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроия, принсипи ҳокимияти халқӣ, принсипи ошкорбаёни, принсипи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, принсипи демократикунонӣ ва ғайра.

Салоҳиятҳои ҳукматро ба салоҳиятҳои умумӣ, соҳавӣ ва махсус тақсим намудан мумкин аст.

Ба салоҳиятҳои умумии Ҳукумат инҳо дохил мешаванд:

а) иштирок дар татбиқи сиёсати дохили ва хориҷии ҶТ,

б) таъмини роҳбарии самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ,

в) роҳбари ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия,

г) таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ,

д) ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ.

Ба салоҳиятҳои соҳавӣ Ҳукумат инҳо дохил мешавад:

а) роҳбари ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳои идоракунии давлат.

б) салоҳиятҳои ҳукумат дар соҳаи иқтисодиёт,

в) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи буҷет, молия, пул, қарз ва андоз,

г) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи иҷтимоӣ,

д) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ,

е) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи истифодабарии табиат ва муҳофизати муҳити зист,

ё) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ,

ж) салоҳияти ҳукумат оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ,

з) салоҳияти ҳукумат дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмиллалӣ ва ғайра.

Шакли асосии фаъолияти Ҳукумат маҷлиси Ҳукумат мебошад, ки моҳе камаш як маротиба гузаронида мешавад. Ҳукумат мутобиқи Конститутсия ва қонунҳои ҶТ қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави ҶТ ҳатмист.

Санадҳое, ки хусусияти меъёри доранд, дар шакли қарорҳои ҳукумат қабул карда мешавад. Санадҳо оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорӣ, ки хусусияти меъёри надоранд дар шакли фармоишҳои ҳукумат қабул карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ- мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор иҷрои Конститутсия қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд. Мақомоти иҷроияи маҳалли ҳуқуқи давлатӣ аз Раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, идораҳо кумитаҳо, шӯъбаҳо ва дигар сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд.

4. Хизмати давлатӣ- шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салохияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амали намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳамияти онҳо дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд. **Хизматчии давлатии сиёсӣ** - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умумидавлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. **Хизматчии давлатии маъмурӣ** - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амали намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

Ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1) **Хизмати давлатии шаҳрвандӣ,** ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ аз хизмати давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ иборат мебошад ва тибқи қонун ба амал бароварда мешавад.

2) **Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,** фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумхурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.

3) **Хизмати давлатии ҳарбӣ**, фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қўшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.

Самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи хизмати давлатӣ Президенти ҶТ дар асоси мақсаду вазифаҳо ва принсипҳои асосии фаъолияти муассисаи хизмати давлатӣ, таъмини кори самарабахши ҳамаи мақомоти давлатӣ мувофиқи салоҳияти онҳо муайян менамояд. Хизмати давлатӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи маъмурӣ ин маҷмӯи меъёрҳое мебошанд, ки онҳо муносибатҳои ҷамъиятии сиёсию ҳуқуқиро танзим менамоянд.

Ба хизмати давлатии сиёсӣ қабул шудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ба хизмати давлатии маъмурӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд, ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, метавонанд қабул шаванд.

Шакл ва усулҳои маъмури ҳуқуқ**ии амалисозии ҳокимияти иҷроия** Шаклҳои маъмури ҳуқуқи гуфта ифодаи берунии зоҳиршавии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳоро дар идоракунии давлатӣ меноманд, ки барои амалисозии вазифа, салоҳият, ва ваколат ҳокимияти иҷроия равона карда шудааст. Шакли маъмури ҳуқуқи ифодаи объективии меъёрҳои ҳуқуқӣ барои амалисози намудани ҳокимияти иҷроия дар доираи идоракунии давлати мебошад. Шаклҳои маъмури ҳуқуқи ба ду намуд тақсим карда мешаванд: 1) шакли ҳуқуқӣ 2) шакли ғайриҳуқуқӣ

Шакли ҳуқуқӣ гуфта шакле фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи содири фаъолияти идоракуни оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меорад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ шаклҳои ҳуқуқиро ба 3 намуд тақсимбанди мекунанд.

1) Ҳуқуқэҷодкунӣ - ин муайянкунии қоидаҳои рафтор чун шакли маъмури ҳуқуқие, ки дар доираи он меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд.

2) ҳуқуқтадбиққунӣ- ин механизми мураккаби идоракунии давлати мебошад, ки ҷараёни идоркунии давлати ба он нигаронида шудааст.

3)Маънкунӣ тавассути фаъолияти дахлдор бо қабули санади идоракуни, рафтор, амал ва фаъолиятеро маън мекунад.

Шакли ғайриҳуқуқӣ - ин фаъолияти ташкили мебошад, ки тавассути он фаъолияти иҷрокунандагӣ таъмин карда мешавад. (мисол: таъмин бо воситаҳои техникӣ ҳисоботҳо додан ва ғ). Шакли ғайриҳуқуқӣ фаъолияти дохилиташкилии мақомот мебошад.

Санади идоракунӣ - ин шакли ифодаёбии иродаи мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳо дар идоракунии давлати мебошад, ки хусусияти яктарафа дошта барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ва қатъ гардонидани муносибатҳои идоракуни равона карда шуда ҳадафи амалисозии ҳокимияти иҷроияро доро мебошад. Санадҳои идоракунӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

1) шакли асосии амалисозии ҳокимияти иҷроия мебошад;

2) тарзи ҳуқуқии ҳаллуфасли масъалаҳои идори мебошад;

3) шакли ифодаёбии иродаи мақомоти давлати доир ба амалисозии ваколатҳои онҳо мебошад;

4) санади ҳуқуқии идоракуни хислати зерқонуни доранд;

5) дар низоми санадҳои ҳуқуқӣ ҷои хоси иерархиро доро мебошанд;

6) шакли махсуси ҳуҷҷати хидматӣ мебошанд;

7) бо риоя намудани қоидаҳои махсус (расмиёти маъмурӣ) қабул, тағйир ва бекор карда мешаванд;

8) санадҳои маъмурӣ санадҳои дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ (мисол: қарори Маҷлиси Олӣ, қарори суд)-ро бекор ё тағйир дода наметавонанд.

Усулҳои маъмури ҳуқуқӣ. Дар баробари шаклҳои маъмури ҳуқуқи дар ҷараёни татбиқ ва амалисозии ҳокимияти иҷроия усулҳои идоракуни нақши ҳалкунанда доранд. Ҷараёни идоракуни интиҳои худро дар мақсаднок равонакунии таъсири субъект ба обекти идоракуни меёбад.

Усули идоракуни ин роҳ ва тарзи таъсиррасонии бевоситаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори он ба обекти идорашаванда дар идоракунии давлати фаҳмида мешавад.

Барои усулҳои идоракунӣ чунин хусусиятҳо хосанд:

1) Онҳо дар ҷараёни идоракунии давлати амали мешавад, ки ба самти фаъолияти мақомоти иҷроия алоқаманданд.

2) Онҳо аз ҷониби субектони ҳокимияти иҷроия ба сифати омили амалисози фаъолияташон истифода мешаванд, ки аз ваколати онҳо бармеояд.

3) Усулҳои идоракуни дар шакли ҳуқуқи ифода меёбанд, ки ба онҳо характери ҳатмигиро медиҳад.

4) Усулҳои идоракуни ифодаи худро дар санадҳои меъёрии идоракунӣ меёбанд.

Усулҳои маъмури ҳуқуқӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

1) аз рӯи истифода ваколатҳои ҳокимияти ба усули боваркунонӣ ва маҷбурсозӣ.

2) аз рӯи тарзи таъсиррасонӣ ба, усулҳои маъмурӣ ва ққтисодӣ.

3) аз рӯи дараҷаи таъсиррасонӣ ба усулҳои танзим, роҳбарӣ ва идоракунии бевосита.

Дар байни усулҳои маъмури ҳуқуқӣ ҷои асосиро маҷбурсозии маъмурӣ мегирад. Маҷбурсозии маъмурӣ намуди махсуси маҷбурсозии давлати мебошад, ки хусусияти ҳуқуқӣ дошта аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдор татбиқ карда мешавад. Маҷбурсозии маъмуриро вобаста ба мақсад ва роҳи таъминнамои он ба объекте, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон кардааст ба 2 гурӯҳ тақсим мешавад:

1) Огоҳсозии маъмурӣ (контрол ва тафтишҳои назоратӣ, азназаргузаронии шахсӣ, тафтиши ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи шахсият, ҷори кардани карантин ва ғайра).

2) Чораҳои пешгирии маъмурӣ (таъсиррасонии бевоситаи ҷисмонӣ, истифодаи воситаҳои махсус, дастгиркунии маъмурӣ, табобати маҷбурӣ, боздоштани фаъолияти ташкилотҳо ва ғайра).

5. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

Мутобиқи моддаи 17 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқи ва гунаҳкоронаи, шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқи мебошад, ки содир намудани он тибқи кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боиси ҷавобгарии маъмури мегардад. ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан ё аз беэҳтиёти содир карда мешавад. Шахси ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шарте ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки барои риояи меъёру қоидаҳое, ки тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барояшон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст, имконият доштанаш муқаррар шуда бошад, вале ӯ барои риояи онҳо на ҳамаи чораҳоро андешидааст. Ба шахси ҳуқуқӣ таъйин кардани ҷазои маъмурӣ шахси воқеии гунаҳгорро ба сабаби ҳуқуқвайронкунии мазкур аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намекунад ва ҳамзамон ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ё

ҷиноятӣ кашида шудани шахси воқеӣ шахси ҳуқуқиро аз ҷавобгарии маъмурӣ ба сабаби ин ҳуқуқвайронкунӣ озод намекунад.

Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дорои аломатҳои зерин аст:

1) содир шудани кирдор дар шакли амал ё беамалӣ.
2) ба ҷамъият хафнок будани кирдор.
3) зиддиҳуқуқи будани кирдор.
4) гунаҳкорона содир шудани кирдор.
5) барои ин кирдор ҷавобгарии маъмурӣ пешбини шуд бошад.

Мавҷуд набудани як аз аломатҳои таркиби дар кирдори субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боиси аз ҷавобгари озод шудани он мегардад. Таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмури дорои чор элемент зерин мебошад: 1) объект, 2) тарафи объективӣ, 3) субъект, 4) тарафи субъективӣ.

Объекти умуми ҳуқуқвайронкунии маъмуриро муносибатҳои ҷамъиятии дар соҳаи идоракунии давлатӣ ки бо меъёрҳои маъмурӣ ва меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзим мешаванд, ташкил медиҳад. Инчунин ба сифати объекти ҳуқуқвайронкунии маъмури, шахсият ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ ва давлатӣ, моликият бехатирии ҷамъиятӣ, ва тартиботи идоракуни дохил мебошад.

Тарафи объективӣ ҳуқуқвайронкунии маъмуриро кирдори ҳуқуқвайронкунанда дар шакли амал ё беамалӣ, ки ба вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи равона шудааст ташкил медиҳад.

Субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони воқеӣ, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеие кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад.

Шахси ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардидаанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Шахси ҳуқуқӣ ҳамчунин метавонад барои кирдори (амал ё беамалии) шахси воқеие, ки дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гунаҳкор дониста шудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, дар ҳаққи онҳо ҷазои маъмурӣ татбиқ гардад, ба шарте, ки муқаррар карда шавад, ки ин шахси воқеӣ ҳамчун намояндаи (узв, роҳбар) шахси ҳуқуқӣ кирдори ғайриқонуниро ба манфиати онҳо содир кардааст.

Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро гуноҳ дар шакли қасдан ё аз беэҳтиёти содир кардан ташкил медиҳад. Мувофиқи моддаҳои 18 ва 19 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, агар шахси ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содиркарда хусусияти зидди ҳуқуқӣ доштани кирдори (амал ё беамалии) худро донад, оқибати зарарноки онро пешбинӣ карда, чунин оқибатро хоҳад ё дидаю дониста ба содиршавии он роҳ дода бошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қасдан содиршуда эътироф мегардад.

Адабиёт:

1. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. – Душанбе: «Деваштич», 2007. – 404с.
2. Имомов А.И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҶТ. – Душанбе, 2007. – 448с.
3. Административное право. Конспект лекций. / Редактор: С.А. Новиков, Е.Г. Четверникова. – М.: «Приор-издат», 2005. – 128с.
4. Административное право: Учебник /Под ред. проф Ю. М. Козлова. – М.: Юрист, 1999.- 728с.

Махмудова Мухаббат Хамидовна– к.э.н., доцент кафедры экономической теории МУТПТ

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОЛНЕЧНОЙ ЭНЕРГИИ-БУДУЩЕЕ ЧЕЛОВЕЧЕСТВА

Без энергии жизнь на планете невозможна. Физический закон сохранения энергии говорит о том, что энергия не может возникнуть из ничего и не исчезать бесследно. Энергия может быть получена из природных ресурсов, таких как уголь, уран, природный газ и т.д. и превращена в тепло или свет. В окружающем нас мире, мы можем находить различные формы накопления энергии, но важнейшим для человека является энергия, которую дают солнечные лучи- солнечная энергия. Солнечная энергия относится к восстанавливаемым источникам энергии, то есть восстанавливается без участия человека, естественным путем. Это один из экологически безопасных энергетических источников, который не загрязняет окружающую среду. Возможности применения солнечной энергии практически неограниченны и учёные всего мира работают над разработкой систем, которые расширяют возможности использования солнечной энергии.

Ученые подсчитали, что один кв.м. солнца излучает 62.900 квт. энергии, это примерно соответствует мощности работы 1 млн. электрических ламп. Впечатляет такая цифра- солнце дает земле ежесекундно 80 тыс. млрд. кВт., то есть в несколько раз больше, чем все электростанции мира. Перед современной наукой стоит задача- научиться наиболее полно и эффективно использовать энергию солнца, как наиболее безопасную [1,с.2].

Ученые считают, что повсеместное использование солнечной энергии- это будущее человечества.

В своём выступлении Президент Узбекистана отметил, что «экономический рост без достаточных источников энергии не будет ни в одной стране и что настало время перейти к ресурсосберегающей модели экономики». Эти слова полностью относятся и к нашей экономике.

Республика Таджикистан только начинает работать в этом направлении. В Республике Таджикистан, увеличивается население, растет количество промышленных предприятий, электромобилей становится все больше, происходит цифровизация экономики. Всё перечисленное требует большого объема электропотребления.

Согласно исследованию, проведенному Всемирным банком совместно с Министерством энергетики и Ассоциацией возобновляемой энергии Республики Таджикистан, технический потенциал солнечной энергии в Республике Таджикистан на неиспользуемых земельных участках (а их более 7.300 кв. км) составляет почти 370 тыс. МВт. А валовый потенциал составляет примерно 650 тыс.МВт.

Это очень большие показатели. Для сравнения общая мощность генерации всех имеющихся гидроэлектростанции в стране составляет 6 тыс.

МВ т. Если будет запушена Рогунская ГЭС, то этот показатель увеличится до 9.600 МВт [2,с.3].

В настоящее время, солнечная энергетика является одной из самых быстрорастущих отраслей в мире. Солнечная электростанция может использоваться как для нужд государства, муниципальных властей, коммерческих предприятий, так и в быту. К примеру, она может снять часть нагрузки с других энергоносителей и позволит экономить на электроэнергии.

Для стран СНГ и особенно для Республики Таджикистан использование солнечной энергии является весьма необходимой, так как в Таджикистане есть условия для её применения, особенно в быту и в сельском хозяйстве.

За последние несколько десятилетий из 13 тысяч ледников Таджикистана, являющихся основным источникам формирования до 60% водных ресурсов Центральной Азии, полностью растаяли 1000 ледников. Предполагается, что к 2050г. до 1/3 ледников в Центральной Азии полностью исчезнут и уменьшаться их ресурсы. Это ещё одна причина необходимости в будущем перейти к использованию солнечной энергии в Центральной Азии и особенно в Республике Таджикистан.

Таджикистан относится к наиболее уязвимым к изменению климата странам. Повышение температуры привело к таянию ледников и изменению характера осадков. Это становится острой проблемой для гидроэнергетической системы страны, которая производит более 98% электроэнергии в стране, 98% всей производимой электроэнергии вырабатывается на гидроэлектростанциях. Поэтому, стране необходимо активнее использовать альтернативные способы производства электроэнергии для того, чтобы жители имели постоянный доступ к ней [2,с.6].

Возникает вопрос, что дает солнечное энергия стране? Экологи отмечают, что необходимо искать альтернативные энергетические ресурсы, поскольку полагаться на один источник опасно, Ведь, вода-это возобновляемый источник энергии, но есть риск, что под воздействием изменения климата её объёмы постепенно с годами будут снижаться с учётом стремительного таяния ледников. Поэтому нужно, чтобы было альтернатива, а для этого нужна правительственная поддержка и субсидирование.

Энергию солнца можно использовать не только для преобразования в электроэнергию, но и как источник тепла. Высокий КПД (до 95%) позволяет использовать её в бытовых водонагревательных и отопительных системах. Они особенно эффективны для высокогорных регионов, где очень яркое солнце даже зимой.

Солнечный свет используется и для приготовления пищи и нагревы воды.

Солнечные кухни-это неприхотливое устройство, напоминающее параболическую тарелку со свежеотражающей поверхностью. Они являются простым решением для регионов, испытывающих проблемы с электричеством.

Однако, на пути широкого применения солнечной энергии и широкому распространению доступных солнечных технологии в Таджикистане имеются ряд проблем[1,с.2]:

- затраты на таможенные процедуры при их завозе в страну. Конечная стоимость продукции увеличивается до 30%;
- среди всего ассортимента завозимых устройств, работающих от энергии солнца много и некачественной продукции, что зачастую рядовой покупатель не всегда осведомлен, какую солнечную панель приобрести.

В заключении следует отметить, что в ближайшие 5-10 лет Таджикистан может добиться значительных изменений в области развития солнечной энергетики.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОЛНЕЧНОЙ ЭНЕРГИИ-БУДУЩЕЕ ЧЕЛОВЕЧЕСТВА

В данной статье, рассматривается одна из важнейших проблем экономики использование солнечной энергии-будущее человечества. Большое внимание уделено анализу использования солнечной энергии в республиках Центральной Азии и возможности их применения в экономике Республики Таджикистан. Отмечены проблемы применения солнечной энергии в республике.

Ключевые слова: энергия солнца, гидроэнергетика, солнечные панели, экономический рост.

ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ ОФТОБИ –ОЯНДАИ ИНСОНИЯТ

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, истифодаи энергияи офтоби –ояндаи инсоният баррасӣ мешавад.

Ба таҳлили истифодаи энергияи офтоб дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва имкониятҳои дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ истифода бурдани онҳо диққати калон дода шудааст. Муаммоҳои истифода бурдани энергияи офтоб дар ҷумҳурӣ қайд карда шудаанд.

Калидвожаҳо: энергияи офтоб, гидроэнергетика, панелҳои офтобӣ, рушди иқтисодӣ.

THE USE OF SOLAR ENERGY IS THE FUTURE OF HUMANITY

This article examines one of the most important economic issues: the use of solar energy—the future of humanity. Much attention is paid to the analysis of the use of solar energy in the republics of Central Asia and the possibility of their use in the economy of the Republic of Tajikistan. The problems of using solar energy in the republic are noted.

Keywords: solar energy, hydropower, solar panels, economic growth.

Литература.

1. Солнечная энергетика: потенциал есть, грамотного подхода нет –Хабар Азия// Азия-Плюс № 27, 25 июля 2024 г.

2. А.Хамидулина. Неиспользованный потенциал.// Азия Плюс №2,16.01.2025 г.
3. М.Камолова. Послание-путь к достойной жизни.//Народная газета. № 4 15.01.205 ст

ХОЛИҚОВА М.Ғ. - ассистенти кафедраи ҳуқуқи ДБССТ

АСОСҲОИ МУКАМАЛГАРДОНИИ ШАРОИТИ ТАРТИБИ ХАЗМАТ ДАР МАҚОМОТИ ГУМРУК

Хизмат дар мақомоти гумрук намуди хизмати махсуси шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки фаъолияти касбиро ҷиҳати татбиқи вазифа, ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои мақомоти гумрук мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунад. Тартиби адои хизмат дар мақомоти гумрук тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Корманди мақомоти гумрук он шаҳрванди қобили амали Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад, ки синнаш аз 20 кам ва аз 35 зиёд набошад, дорои таҳсилоти миёнаи махсус ё олӣ бошад, забони давлатиро донад, ва бо сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, касбӣ ва вазъи саломатии худ аз ўҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда барояд. Дохил шудани шаҳрвандон ба хизмати мақомоти гумрук ихтиёрӣ буда, он мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти хусусиятҳои хоси пешбининамудаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ба вазифаи мақомоти гумрук шаҳрвандони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ қабул карда мешаванд.

Барои дохил шудан ба хизмат дар мақомоти гумрук ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст:

- аризаи шахсӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилоти касбӣ;
- хулосаномаи тиббӣ дар бораи коршоям будан ба хизмат.
- тарҷимаи ҳол ;
- пешниҳоди дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Талабот нисбати саломатии шаҳрвандоне, ки ба хизмати мақомоти гумрук меоянд, тибқи меъёрҳои барои хизматчиёни ҳарбӣ муқарраршуда муайян карда мешавад. Ҳангоми дохил шудан ба хизмат дар мақомоти гумрук мӯҳлати санҷиш то шаш моҳ, бидуни додани рутбаи махсус муқаррар карда мешавад.

Барои хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки онҳоро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба таҳсил фиристодааст ё барои онҳое, ки аз дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомигардонидашуда гузаштаанд, мӯҳлати санҷиш муқаррар карда намешавад. Ба хизмати гумрукӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доштанд ё доранд (сарфи назар аз мӯҳлати адои ҷазои таъиншуда, озод кардан аз адои минбаъдаи ҷазо, қабул ва татбиқи санади авф, ба истиснои онҳое, ки аз тарафи суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд), қабул карда намешаванд. Шахсони дорои ўҳдадории ҳарбӣ, ки ба хизмати мақомоти гумрук омадаанд, мувофиқи тартиби муайяншуда аз қайди ҳарбӣ баромада, ба қайди махсуси мақомоти гумрук гузошта мешаванд.

Бо мақсади таъмини техникии фаъолияти мақомоти гумрук дар воҳидҳои кории онҳо вазифаҳои дахлдори озоди кормандони кирояи мақомоти гумрук (минбаъд кормандон ва хизматчиён) пешбинӣ карда мешавад. Номгӯи вазифаҳои мазкур аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешавад. Муносибатҳои меҳнатии ҳайати кормандони кирояи (кормандон ва хизматчиёни) мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Номгӯи вазифаҳои ҳайати хурд, миёна ва калони роҳбарикунандаи мақомоти гумрук ва талаботи тахассусӣ нисбати кормандони мақомоти гумрук, ки вазифаҳоро ишғол намудаанд аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ карда мешавад.

Адои хизмат дар мақомоти гумрук дар парвандаи шахсии кормандони мақомоти гумрук дарҷ карда мешавад. Парвандаи шахсии кормандони мақомоти гумрук аз тарафи мақоми кадрии хадамоти гумрук пеш бурда мешавад ва ҳангоми гузаштани корманд ба маҳали дигари хизмат ба он ҷо фиристода мешавад. Тартиби пешбурди парвандаҳои шахсии кормандони мақомоти гумрукро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд. Ҳангоми қабул ва хизмат дар мақоми гумрук шаҳрванд бояд аз қайди давлатии дактилоскопӣ гузаронида шавад.

Шахсони мансабдори мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд, ки:

- ягон кори муздноки муштаракро ба истиснои фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгорӣ иҷро намоянд;
- ба фаъолияти соҳибкорӣ шахсан ё ба воситаи миёнарав машғул шаванд;
- мустақилона ва ё тавассути намоянда дар идораи субъектҳои хочагидорӣ ширкат варзанд;
- дар корҳои шахси сеюм дар мақомоти гумрук шахси боваринок ё намоянда бошанд;
- корҳои вобаста ба фаъолияти гумрукиро тибқи қарордоди дорои хусусияти ҳуқуқи шаҳрвандӣ ба ҷо оваранд;
- ба шахсон бар ивази подош, хизматрасонӣ ва имтиёзҳо бо истифода аз вазифаи хизматӣ ҳар гуна кӯмаки дар қонун пешбининашударо расонанд;
- вазифаи хизматии худро ба манфиати ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ барои таблиғи муносибат бо онҳо истифода намоянд (дар мақомоти гумрук ташкили сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин иттиҳодияҳои динӣ манъ аст) ;
- корпартоӣ ташкил кунанд ва дар гузаронидани онҳо иштирок намоянд.

Нисбати кормандони хадамоти гумрук инчунин дигар маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Кормандони мақомоти гумрук вазифадоранд дар давраи адои хизмат дар мақомоти гумрук ҳиссаи шахсии худ (пакети саҳмия)-ро дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идораи эътимоднок супоранд. Ба кормандони мақомоти гумрук, ки хешу акрабои наздик ё ба ҳам наздиканд (падару модар, зану шавҳар, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон, ҳамчунин

бародарону хоҳарони падару модар, фарзандони зану шавҳар) агар он ба тобеияти бевосита ё таҳти назорати бевосита алоқаманд бошанд, адои хизмат дар ҳамон мақоми гумрук манъ аст.

Кормандони мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд ҳар сол ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даромаду амволе, ки моликияти шахсии онҳо мебошанд, аз ҷумла дар бораи саҳмияҳояшон, ҳиссаи сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқие, ки объекти андозбандӣ мебошанд, маълумот пешниҳод намоянд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал ба вазифа таъин мегарданд, баъди ду моҳи додани рутбаи аввали махсус савганди зеринро ёд мекунанд: «Савганд ёд мекунам, ки ҳангоми иҷрои вазифаи шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конститутсия ва қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бечунучаро риоя карда, истиқлолият ва амнияти иқтисодии Тоҷикистонро ҳимоя намуда, вазифаҳои хизматии худро софдилона баҷо меоварам, талаботи интизоми хадамоти гумрукро риоя мекунам».

Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва муовинони онҳо, сардорони шӯъбаҳои воҳидҳои сохтории мақоми ваколатдори гумрук оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, роҳбарони идораҳои гумрукии минтақавӣ, гумрукхо, дидбонгоҳҳои гумрукӣ ва муовинони онҳо дар асоси қарордод бо фармоиши мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба вазифа таъин карда мешаванд. Сарнозирон, нозирони калон ва нозирони воҳидҳои сохтории мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, сарнозирони идораҳои гумруки минтақавӣ, гумрукхо ва дидбонгоҳҳои гумрук дар асоси қарордод бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, ба вазифа таъин карда мешаванд.

Нозирони калон, нозирон ва нозирони хурди идораҳои гумруки минтақавӣ, гумрукхо ва дидбонгоҳҳои гумрук аз тарафи роҳбари идораҳои гумруки минтақавӣ дар асоси қарордод бо розигии роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ бо фармоиши роҳбари идораи гумруки минтақавӣ ба вазифа таъин карда мешаванд.

Бо шахсони мансабдори мақомоти гумруки дар Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати то се сол шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баста мешавад. Барои шахсони мансабдори мақомоти гумрук, ки бори аввал ба ин вазифа таъин мешаванд, мӯҳлати санҷиш 6 моҳ муқаррар карда мешавад.

Кормандони мақомоти гумрук, ки мавриди санҷишҳои хизматӣ қарор гирифтаанд, метавонанд муваққатан, аммо на зиёда аз ду моҳ аз иҷрои вазифаҳои мансабиашон бо нигаҳдории музди миёнаи меҳнат дур карда шаванд. Қарори муваққатан аз вазифа дур кардани кормандони дар Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикршударо роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, аммо кормандони дар Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашударо роҳбари идораи гумрукии минтақавӣ қабул менамояд.

Аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук барои ҳалли масъалаи мувофиқати кормандони мақомоти гумрук ба вазифаи ишғолкардаашон

гузаронида мешавад. Аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук як маротиба дар давоми 3 сол гузаронида мешавад.

Тартиби аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук бо Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи кормандони мақомоти гумрук, ки аз тарафи роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тасдиқ мегардад, гузаронида мешавад. Кормандони мақомоти гумрук баъди дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ интихоб ё таъин шуданашон дар ҳайати мақомоти гумрук мемонанд.

Қоидаҳои тартиботи дохилӣ дар мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва идораҳои минтақавии он аз тарафи роҳбарони ин мақомот тасдиқ карда мешавад. Давомнокии вақти хизмати ҳафтаинаи кормандони мақомоти гумрук набояд аз давомнокии ҳафтаинаи вақти кории муайяннамудаи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад.

Кормандони мақомоти гумрук барои иҷрои вазифаҳои таъхирнопазир ё ғайричашмдошти хизматӣ метавонанд барои иҷрои вазифаҳои худ илова аз меъёри вақти хизматии муайяншуда, ҳамчунин шабонгоҳ, рӯзҳои ид ва истироҳат бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шаванд.

Барои кормандони мақомоти гумрук, ки вазифаҳои худро дар шароити зараровар иҷро менамоянд, вақти кории кӯтоҳи хизматӣ муқаррар карда мешавад.

Адабиётҳои истифодашуда

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе 2016;
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе 1998.
3. Санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4. Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 2016с.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31октябри соли 2008 таҳти № 525 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. Фармоиши Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 таҳти № 36 «Оид ба тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
7. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, КВД «Матбаа» - и ХГ ҲҶТ, 2005. – 354 саҳ.
8. Фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №53-ф аз 7 марти соли 2010 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои бехатарии системаҳои иттилоотии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе. Нашриёти КВД «Матбаа» - и Хадамоти гумрук, 2011. – 18 саҳ.
9. Фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 151- ф аз 12 августи соли 2011 Қоидаҳои муваққатии пешниҳод ва қабули декларатсияи электронӣ, инчунин дигар намудҳои мубодилаи маълумоти электронӣ вобаста ба расмиёти содирот, воридот ва транзит. Душанбе. Нашриёти КВД «Матбаа» - и Хадамоти гумрук, 2010. – 42 саҳ.

10. Фармоиши Сардори хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 163 - ф аз 20 октябри соли 2009 «Дастурамал оид бв тартиби ҳисоб кардан ва ситонидани пардохтҳои гумрукӣ». Душанбе. Нашриёти КВД «Матбаа» - и Хадамоти гумрук, 2010. – 34 саҳ.

Нуров Н.Қ. - муалими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ТАҲКИМ ВА ТАВСЕАИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАВУ БИСЁРҶОНИБА

Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад [**1**].

Мавриди ба зикр аст, ки вақте сухан дар бораи муносибат меравад мо зуҳуроти бештар пухта расидаи муносибатҳои муайянеро дар назар дорем, ки дар байни тарафҳо ба вуҷуд омадаанд. Ин муносибатҳо набояд якдафъаина, муваққати, тасодуфӣ бошанд, балки аз ҳодисаю равандҳое иборат бошанд, ки мазмуни дохилии устувор ва такроршаванда доранд.

Маълум аст, ки ин муносибатҳои дар дохили мамлакат ба амал омада муносибатҳои дохилиро ифода мекунанд.

Муносибатҳои байни давлатҳо, албатта, муносибатҳои байналмилалиро инъикос мекунанд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин, дигар шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Амрико ҷойгоҳи хосса дорад.

Чунин рӯйкарди ба оянда нигаронидашуда асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и Тоҷикистонро ташкил медиҳад [**2]**.

Воқеияти даҳаи дуюми садаи XXI баёнгари он аст, ки рушди муносибатҳои байналмилалӣ ҳамоно дар давраи гузариш қарор дошта, низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ дар ҳоли ташаккул мебошад. Дар манзари геополитикии ҷаҳони муосир, дигаргуниҳои амиқи сиёсиву иқтисодӣ сурат гирифта, боиси тағйироти муассир дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд [3].

Фаъолияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои дурнамои наздик ва ҳам барои ояндаи тӯлонӣ ҷавобгӯи манфиатҳои аслии мардуми он аст. Аз ин хотир сиёсати хориҷии сулҳхоҳона, сареҳ, возеҳ, пешбинипазир, созанда ва амалгарои моро аксарияти мутлақи аҳолии кишвар пуштибонӣ намудааст ва он ҳамчунин аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст.[4:**5**]

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мамлакати эътиқодманди усулҳои ҳамгироии иқтисодӣ омодаи ҳамкориҳои созандаву муассир бо кишварҳои ҷаҳон мебошад ва дар муносибатҳои байналмиллалӣ сиёсати «дарҳои кушодар»- ро пайгирона пеш мебарад.[***5: 164***]

Бояд зикр намуд, ки нақши дипломатия дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи махсусро касб мекунад, зеро он воситаи асосии муошират ва ҳамкории давлатҳо ба ҳисоб меравад. Он яке аз муҳимтарин вазифаҳои сиёсати берунии давлат буда, ба воситаи он манфиатҳои берунии сиёсию иқтисодии кишвар таъмин карда мешаванд. Дар тӯли таърихи тӯлонии давлатдории халқи тоҷик, самти асосии таваҷҷӯҳи ин миллати соҳибфарҳанг дустию рафоқат ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ буд. Зеро рушду

амнияти кишвар бештар ба сиёсати фаъоли хориҷӣ вобаста буд. Принсипи баробарҳуқуқии муносибатҳои байни давлатҳо дар муносибатҳои хориҷии дипломатӣ бештар аз чиҳати захираҳои моддию табиии он, мавқеи географӣ, инчунин иқтидори ҳарбию моддии мамлакат муайян карда мешуд.

Аз ин рӯ, муносибатҳои байналмилалӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ ва дигар муносибатҳои байни давлатҳоро ифода мекунанд. Умуман муносибатҳои байналмилалӣ на ба муносибат ба ҳодисаю ҷараёнҳои дохилии ҳар як давлат, балки бештар ба зуҳроти пухтарасидаи фаъолият ва муносибатҳои онҳо бо чаҳони беруна дахл доранд. Аз ин рӯ, субъекти муносибатҳои байналмилалӣ маҷмӯи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, дипломатӣ ва дигар муносибатҳои дар ҷаҳони байналмилалӣ мавҷудбударо инъикос мекунад.

Агарчи истилоҳи «дипломатия», тавре ки маълум аст, бори аввал соли 1645 дар Британияи Кабир истифода шуда буд, дипломатияи тоҷик таърихи хеле қадимтар аз онро дорад. Бо назардошти он ки пайдоиши дипломатия ба сифати «илм дар бораи муносибатҳои мутақобилаи давлатмардон ва давлатҳо» ба пайдоиши давлату давлатдорӣ вобастагӣ дорад ва таърихшиносон пайдоиши нахустин давлатҳоро дар сарзамини мо ба асрҳои IX-VII пеш аз милод нисбат медиҳанд, метавон гуфт, ки дипломатияи тоҷик таърихи беш аз 3000 соларо соҳиб мебошад [**6:3**].

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ маҷмӯи иқтисодиёти кишварҳои алоҳида мебошад, ки бо низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ба ҳам пайвастанд. Онро ҳамчун натиҷаи объективии афзоиши иктисодиёт, натиҷаи саъю кушиши ба даст овардани самараи мусбати иқтисодӣ, таъсири мутақобилаи омилҳои пешбарандаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ, тақсимоти меҳнат, махсусгардонӣ, ҳаракати озоди мол ва сармоя дар фазои геоиқтисоди дидан мумкин аст.

Он инчунин ҳамчун фазои умумиҷаҳонӣ, глобалӣ, геоиқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар он молҳо, хизматрасонӣ ва сармояи инсонӣ, молиявӣ, илмӣ ва техникӣ ба мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро озодона муомилот мекунанд. Вай организми умумиҷаҳонии иқтисодиро ифода мекунад, ки дар он алоқаи байниҳамдигарии ҳамаи мамлакатҳо ва халқҳои сайёра инкишоф ёфта ва меафзояд. Ба вай афзудани байналмилаликунонии қувваҳои истеҳсолкунанда, ба вуҷуд омадани низоми гуногуни муносибатҳои байналмилалии иктисодӣ, инкишоф додани механизмҳои байналмилалӣ, ки мубодилаи иқтисодии байни мамлакатҳоро танзим мекунанд, хос аст.

Мавриди ба зикр аст, ки дар давраи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои назаррас ва бесобиқа ноил гаштааст. Махсусан дар соҳаи иқтисодӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Тоҷикистон бо шарикони худ дар ҳоли рушд аст. (Ҷадвали 1)

Ҷадвали 1

	1991	*2000*	*2005*	*2010*	*2015*	*2017*	*2018*	*2019*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*
Гардиши савдои хориҷӣ ҳамагӣ	**131,1**	**1459,3**	**2238,8**	**3851,6**	**4326,2**	**3972,9**	**4224,3**	**4523,7**	**4557,8**	**6359,1**	**7309,5**	**8328,9**
Содирот - ҳамагӣ	67,9	784,3	908,7	1194,7	890,6	1198,0	1073,3	1174,4	1406,8	2149,6	2142,0	2448,8
Воридот - ҳамагӣ	63,2	675,0	1330,1	2656,9	3435,6	2774,9	3151,0	3349,3	3150,9	4209,5	5167,5	5880,1

Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон(*млн. доллар*) [7]

Аз ҷадвали дар боло овардашуда маълум мегардад, ки робитаҳои хориҷӣ, махсусан ҳаҷми содирот ва воридот ба таври назаррас афзоиш ёфтааст (Расми 1).

Расми 1



Савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (*млн. доллар*) [7]

Аз таҳлилҳои овардашуда маълум мегардад, ки рушди равобити иқтисодии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ бо суръати бесобиқа пешрафт намудааст. Яъне савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 131,1 млн.доллари соли 1991 то ба 8328,9 млн.доллари соли 2023 расидааст.

Густариши бесобиқаи ҷараёни ҷаҳонишавӣ ҳамчун яке аз вижагиҳои асосии давраи ҳозира шинохта мешавад. Дар баробари кумак ба робитаҳои

мутақобилаи наздики байни миллатҳо ва давлатҳо ва ташаккули як шабакаи васеи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ин раванд метавонад оқибатҳои манфиро низ ба вуҷуд орад.

Дар ин замина, амиқтар шудани тафовут байни кишварҳои рушдёфта ва қафомонда, афзоиши фишор ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии мардум ва дигар масъалаҳо аз ҷумлаи онҳоянд. Зиёда аз ин, зери таъсири мустақими раванди ҷаҳонишавӣ, мушкилот, хатарҳо ва чолишҳои замони муосир низ характери умумиҷаҳонӣ пайдо карда, ба омилҳои нигаронкунандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил меёбанд.

Ҷаҳонишавӣ як зуҳуроти бебозгаштест, ки ҳам шароиту имкониятҳои нав ва дар баробари ин мушкилотро низ метавонад ба вуҷуд биёрад. Дар ин арса, кишварҳое комёб мешаванд, ки метавонанд аз ин имкониятҳо самаранок ва ба манфиати худ истифода намуда, оқибатҳои манфии онро аз байн баранд.

Ҳифзи фарҳанги миллӣ, пешрафти иқтисоди мутавозин ва дипломатияи фаъол шартҳои муҳими ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва таъмини тараққиёти устувор дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб мераванд.

Адабиёти истифодашуда:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» Душанбе-28.12.2023

3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. аз 27 январи соли 2015, № 332

4. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Саҳ. 5

5. Эмомлӣ Раҳмон. Уфуққои Истиқлол.- Душанбе: “Ганҷ-нашриёт”, 2018-436 саҳ. Саҳ. 164

6. Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода. Дипломатияи муосири тоҷик, Душанбе, Ирфон 2006, 224 саҳ. Саҳ. 3

7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024

8. ([https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston)](https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston)].

Аннотатсия

Мақсади таҳқиқот дар мақола муайян намудани нақши муносибатҳои байналмилалӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Дар мақола

таҳлили муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи натиҷаҳои рушди ин муносибатҳо ва таъсири он ба иқтисодиёти Тоҷикистон гузаронида шудааст. Инчунин дар мақола маълумотҳо оиди аҳамияти ташаккули муносибатҳои самараноки байналмилалӣ ва бо ин роҳ ноил шудан ба рушди иқтисодиёт оварда шудааст.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, муносибатҳои дуҷониба, муносибатҳои бисёрҷониба, ҳамкорӣ, амният ва субот, созмонҳои байналмилалӣ, дипломатия, манфиатҳои миллӣ.

Аннотация

Целью исследования в статье является определение роли международных отношений в социально-экономическом развитии страны. В статье анализируются международные отношения Республики Таджикистан, сравниваются результаты развития этих отношений и их влияние на экономику Таджикистана. Также в статье представлена информация о важности формирования эффективных международных отношений и достижения экономического развития.

Ключевые слова: глобализация, международные отношения, двусторонние отношения, многосторонние отношения, сотрудничество, безопасность и стабильность, международные организации, дипломатия, национальные интересы.

Annotation

The purpose of this article is to determine the role of international relations in the country's socioeconomic development. It analyzes the Republic of Tajikistan's international relations, compares the development of these relations, and their impact on the Tajik economy. The article also presents information on the importance of developing effective international relations and achieving economic development.

Keywords: globalization, international relations, bilateral relations, multilateral relations, cooperation, security and stability, international organizations, diplomacy, national interests.

Файзализод А.Ф. - ассистенти кафедраи идоракунии давлати ва маҳалии ДБССТ

САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ФАЪОЛГАРДОНИИ НАҚШИ ЗАНОН ДАР ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба идоракунии давлатӣ дар эморӣ давлатдории муосир ва ташаккули соҳаи хизмати давлатии касбӣ аз баракати Истиқлоли Тоҷикистон ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо азму талош дар марҳилаи навини давлатсозӣ ба бонувон ҳамчун ба қишри асосии ҷомеа такя намуда, ҷиҳати бештар намудани саҳми онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, манзур карда мешавад.

Калидвожаҳо. хизмати давлатӣ, хизматчии давлатӣ, идоракунии давлатӣ, ҷобаҷогузории кадрҳо, стратегия, консепсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, мақомоти марказӣ, мақомоти маҳаллӣ.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини фаъолияти худ ба ҳайси сарвари давлат ба бонувон ҳамчун ба қишри асосии ҷомеа такя намуда, ҷиҳати бештар намудани саҳми онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии давлатӣ тавассути тарбияи кадрҳои баландихтисос аз ҳисоби бонувони лаёқатманд ва фаъолу навовар ва ҷалби онҳо барои фаъолият дар ташкилотҳо ва мақомоти давлатӣ, аз ҷумла таъин ба мансабҳои роҳбарикунанда дар меҳвари сиёсати худ қарор додаанд.

Дар яке аз суханрониҳои худ Президенти кишвар таъкид намудаанд, ки «Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар якчанд барномаи давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, неруи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем».

Дар партави ин сиёсати созанда бо мақсади тақвият бахшидани иштироки бонувон дар кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ силсилаи тадбирҳои муассир роҳандозӣ гардиданд. Вобаста ба иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, аз ҷумла, ҷалби занон ба хизмати давлатӣ, пеш аз ҳама, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар

бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» нақши муҳим дошта, барои таҳкими сиёсати гендерӣ заминаи устувор гузошт.

Бо мақсади иҷрои фармони мазкур мақомоти давлатӣ масъалаи ба ҳайати роҳбарикунанда, аз ҷумла, дар вазифаи яке аз муовинони роҳбари мақомоти давлатӣ ва ҷамоатҳо таъин (интихоб) намудани занонро роҳандозӣ ва тақвият бахшиданд.

Бо мақсади ноил шудан ба баробарҳуқуқии воқеии мардон ва занон ва бартараф намудани як қатор монеаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва афкори умум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89 қабул гардид, ки масъалаҳои таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарии ҳуқуқу имкониятҳои мардону занонро ба танзим медарорад.

Минбаъд ҳам, дар ин самт қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016», аз 29 майи соли 2010, №269 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», аз 29 августи соли 2015, №548 «Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва аз 1 апрели соли 2017, №158 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кардҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» ба тасвиб расидаанд, ки ҳамагӣ барои иштироки бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар нигаронида шудаанд.

Ба масъалаи ҷалби занон ба хизмати давлатӣ дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006, аз 25 апрели соли 2008, аз 24 апрели соли 2010, аз 20 апрели соли 2011, аз 23 апрели соли 2014, аз 21 январи соли 2015 ва аз 22 декабри соли 2016 низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 қайд гардид, ки «Имрӯз бонувон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ қисми зиёди кормандонро ташкил карда, аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 23 фоизро занон ташкил медиҳанд. Зарур аст, ки дар оянда дар муассисаҳои низоми бонкӣ, хадамоти алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ бештар занону духтарон ба кор ҷалб карда шаванд».

Инчунин ҷиҳати мусоидат ба фарогирии бештари бонувон ба хизмати давлатӣ ва мансабҳои роҳбарикунанда Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони шаҳри Душанбе санаи 15 феврали соли 2017 дастур дода, дар сафари корӣ ба ноҳияи Данғара ва мулоқот бо фаъолони вилояти Хатлон рӯзҳои 12-13 майи соли 2017 суханронӣ намуда, ба раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва Агентии хизмати давлатиро супориш доданд, ки ҷиҳати ҷалби бештари занон ба хизмати давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат, кордону соҳибмаърифат ва забондон тадбирҳои мушаххас андешида, ҳар нимсола ба Ҳукумат мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.

Пешвои миллат бо ифтихор қайд карданд, ки Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки барои боло бурдани мақоми занон шароити мусоид фароҳам оварда, баробарии гендериро дар сатҳи сиёсати давлатӣ таъмин кардааст. Ин талошҳо, бояд идома ёбанд, то ки ҳар як зан ҳамчун модари меҳрубон, тарбиятгари насли нав ва ҳамзамон, як қувваи созанда дар ҷомеа тавонад фаъолият намояд.

Дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби бештари занон ва ҷавонони лаёқатманд ба низоми хизмати давлатӣ ва дигар соҳаҳои идоракунии давлатӣ саҳми назаррас дорад.

Рӯйхати адабиёт

1. А.Я. Кибанов. – Основы управления персоналом: Масква, 2007. – 447с

2. А.Я. Кибанов, И.Б. Дуракова. – М.: Издательство “Экзамен”, 2004. – 416с

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. №22. М.297; 2007. №3. М.166; 2007. №6. М.429.

4. «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ». Душанбе 2021. – 412 саҳ.

5. Зенков, М.Ю.Зарубежный опит управления: Государственная служба: Учебное пособие. – Новосибирск: НГАУ, 2004. – 130с

6. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷкистон. (Дастури таълимӣ). – Душанбе: “Эҷод” 2009. – 120 саҳ.

7. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи расмии https://www.president.tj.

Бобоназарова Сайёҳат Менгбобоевна - ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБСТ

СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР РУШДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Фаъолияти соҳибкорӣ барои дилхоҳт кишвар ҳамчун фишанги асоси рушдиҳандаи сатҳи иқтисодиёташ мебошад. Аз ин рӯ, аксар маврид барои пешрафти ин намуди фаъолият аз ҷониби давлатҳо имтиёзҳо муқаррар карда мешавад.

Мақсади асоси фаъолияти соҳибкорӣ ин ба даст овардани фоида буда, соҳибкор ҳамеша талош менамояд то даромади хубро ба даст орад. Аслан фаъолияти соҳибкорӣ аз омилҳое вобаста аст, ки ба воситаи онҳо заминаи мусоид ҷиҳати гирифтани фоида ба миён меояд.

Ба ақидаи иқтисодчии маъруф Адам Смит “Соҳибкор шахси сармоядоре мебошад, ки бо мақсади гирифтани фоидаи пешгӯйишаванда фаъолияти худро ба роҳ мемонад ва дар марҳилаҳои гуногун тибқи нақшаи муайян пеш меравад” [4].

Воқеан барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама сармояи кофӣ зарур аст ва соҳибкор бе сармоя фаъолияти худро ба роҳ монда наметавонад. Ба ғайр аз ин фаъолияти соҳибкорӣ аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

1. Пайдо намудани идеяҳои нав ҷиҳати ташкили фаъолияти соҳибкорӣ;
2. Пайдо намудани сарчашмаҳои молиявӣ ҷиҳати ташкили ин фаъолият;
3. Муайянсозии макон, ҷой ва мавҷудияти истеъмолкунадагон;
4. Ташкили фаъолияти рекламавӣ ва таблиғотӣ;
5. Мавҷудияти шарикон дар раванди ташкили фаъолият.

Мавриди зикр аст, ки бе мавҷудияти идеяи мушаххас, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз имкон берун хоҳад буд ва аз ин рӯ дилхоҳ соҳибкор пеш аз фаъолият ба саҳеҳияти бизнес нақша диққати махсус медиҳад.

Нуктаи муҳими дигаре, ки бояд қайд намоем барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пеш аз ҳама, ташаббускорӣ нақши марказиро ишғол менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкор пеш аз ҳама бояд ташаббускор бошад, то фаъолияти соҳибкориро хуб ба роҳ монда тавонад.

Ҳамагуна фаъолияти иқтисодиро, ба категорияи соҳибкорӣ шомил кардан мумкин нест ва фаъолияти соҳибкорӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба худ касб намояд:

- Ба дӯш гирифтани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби тоҷирон;
- Бақайдагирӣ ва қонунигардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби соҳибкорӣ;
- Соҳибкор бояд қобилияти хуби эҷодӣ ва ташкилиро дошта бошад;
- Фаъолияти соҳибкорӣ бояд мунтазам ба роҳ монда шавад, то ки самраи хубро ба бор оварад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Толибов Қ.К. “Соҳибкории хурд - ин фаъолияти иқтисодии шаҳрвандони инфиродӣ ва корхонаҳо мебошад, ки бо як è якчанд меъèри мушаххас тавсиф карда мешавад” [9].

Яъне, соҳибкории хурд ҳамчун фаъолияти иқтисодие муаррифӣ мегардад, ки шаҳрвандон ба таври инфиродӣ метавоанд роҳандозӣ намоянд.

Соҳибкорон пеш аз ҳама ҷиҳати даст ёфтан ба дастовардҳои хуб, бояд механизми ташкилии фаъолиятро хуб роҳандозӣ намоянд, то ки ба натиҷаи дилхоҳ бирасанд, ки натиҷаи асоси он гирифтани фоида мебошад.

Дар шароити муосир барои рушд додани фаъолияти соҳибкорӣ якчанд усулҳо ва методҳои мушаххас андешида мешавад. Самаранок истифода бурадани сармояи дар ихтиёрдоштааш соҳибкор метавонад новобаста аз рақобати шадид дар бозор доираи фаъолияти худро васеъ намояд.

Тақозои асосии фаъолияти муназзами соҳибкорӣ ин ташкили низмои махсусгардонидашудаи тиҷоратӣ мебошад. Аксаран соҳибкорони муваффақ бештар маврид аз низоми самараноки идоракунӣ истифода мебранд, ки натиҷаи дилхоҳро ба бор меоварад.

Омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ имрӯзҳо дар кишвар бештару бешатар гардида, мавриди доираи таҳқиқи табақаи зиёди олимон қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ мо низ тасмим гирифтем, ки дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Муҳаққиқи дигар Забиров Н. Х. соҳибкориро асоси рушди бемайлони иқтисодӣ шомил намуда, чунин мешуморад, ки дар замони муосир ҳеҷ низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, махсусн дар низоми иқтисоди бозорӣ бидуни ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ғайримкон аст [3].

Воқеан имрӯзҳо фаъолияти пурсамари соҳибкорӣ рушди иқтисодиёти миллиро ба миён оварда, зина ба зина омили асосии ташаккули дигар соҳаҳоро фароҳам овардааст.

Пеш аз ҳама фаъолияти соҳибкорӣ инъикоскунадаи иқтисодиёти миллӣ буда, дар ҳама давру замонҳо ҳамчун маҳаки асосӣ барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ равона карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ тамоми инфрасохтор таъсис дода шуда, заминаи қонунгузории он низ муҳайё гардидааст.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» “соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст” [7].

Гуфтан ба маврид аст, ки шахсонеро ҳамчун соҳибкор эътироф намудан мумкин аст, ки тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ худро расман ба қайд гирифтаанд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Соҳибкор пеш аз ҳама бояд фаъолияти худро ба самти муайян равона намуда, меъёрҳои муайяншударо риоя намояд. Дар сурати худсарона ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, ин намуди фаъолиятро ҳамчун соҳибкорӣ эътроф намудан аз имкон берун хоҳад буд.

Соҳибкорӣ ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар инфрасохтори он дуруст ба роҳ монда шавад.

Соҳибкории истеҳсолӣ яке аз шаклҳои маъмултарин маҳсуб ёфта, барои ҳали масъалаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

- ✓ таъмини бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти ватанӣ;
- ✓ таъмини ҷойҳои нави корӣ;
- ✓ коҳиш додани сатҳи бекорӣ;
- ✓ баландбардории сатҳи иҷтимоӣ;
- ✓ паст кардани раванди воридоти маҳсулотҳо аз хориҷ.
- ✓ ташаккули механизми истеҳсолоти дохилӣ ва ғ.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳади миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, рушди соҳибкории истеҳсолӣ омили асосии баландбардории сатҳи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки натиҷаи он рушди устворо таъмин менамояд [10].

Мавриди зикр аст, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар марҳила ба марҳила рушд ёфта, заминаҳои асосии он то дараҷае пуриқтидор гардидааст. Баъди бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани ҳадфи чоруми миллӣ, яъне санотикунони босуръати иқтисодиёи кишвар соҳибкории истеҳсолӣ боз ҳам инкишоф ёфт. Соҳибкории истеҳсолӣ омилии асосии коҳишдиҳандаи маҳсулотҳои воридотивазкунандаи ба содиротнигаронидашуда мебошад, зеро бо рушди ин намуди фаъолият истеҳсолоти дохилӣ низ руш меёбад.

АДАБИЁТ

1. Белов В.Н. К вопросу о российской инновационной политике. Зарубежный опыт // Инновациооная политика и инновационный бизнес в России. Аналитический Вестник. -2006. -№ 5/-С. 16-27

2. Гончар К.Р. Иновационные поведение промышленности : разрабатывать нельзя заимствовать // Вопросы экономике.-2009.- № 12. -С.125-141.

3. Забиров Н.Х. Развитие предпринимательство и его регулирование в условиях переходной экономики Республики Таджикистан / Автореферат диссертации на соискание уч. степени к.э.н.- Душанбе: 2004- С.7.

4. Кантильон Р. Очерки о природе коммерции. Написана в 1730 г, а опубликована в 1755 г. - с. 42

5. Кодирзода Д.Б., Джумаев У.М. Организационно-экономический механизм развития инновационной деятельности в промышленности Республики Таджикистан // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2019. -№ (64). - С. 118

6. Климова Н.В., Ларина Н.В. Зарубежный опыт стимулирования инновационной деятельности в промышленном секторе// Фундаментальные исследования.-2014, -№6-7. -С. 1442-1446;

7. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (АМОҶТ с.2014, №7, қ.2, мод. 404; с.2015, №3, мод.216)

8. Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир. - Душанбе, 2017. -№3 (53). - С. 19.

9. Толибов К.К. Приоритетные направления развития малого предпринимательства в Республике Таджикистан// Автореферат дисс. кан. экон. наук - Душанбе, 2004. – с. 9.

10. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МОМН. -Душанбе, 2017. - С.8.

Одинаев Қосимҷон Очилдиевич – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории ДБССТ. Тел:(+992) 903104363 E-mail: kosim-1989@mail.ru

ДИПЛОМАТИЯИ САЙЁҲӢ: МЕХАНИЗМИ “ҚУДРАТИ НАРМ” ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ

Дар ҷаҳони муосир, ки бо мушкилоти геополитикӣ ва ихтилофоти фарҳангӣ рӯбарӯ аст, сайёҳии байналмилалӣ на танҳо як фаъолияти иқтисодӣ, балки воситаи пуркуввати дипломатияи халқӣ ё дипломатияи сайёҳӣ мебошад. Ин раванд таъсири бевосита ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ мерасонад, зеро он имкон медиҳад, ки одамон аз фарҳангҳои гуногун ба таври мустақим муошират кунанд, таассуроти мусбӣ ҳосил намоянд ва тафаккури "ман"-у "ту"-ро ба "мо" табдил диҳанд.

Имрузҳо сайёҳии байналмилалиро дар соҳаи геополитика ба яке аз усулҳои “қудрати нарм” меҳисобанд. Ёдовар мешавем, ки истилоҳи "қудрати нарм" (Soft Power), ки аз ҷониби Ҷозеф Най пешниҳод шудааст, ки чунин шарҳ дода мешавад, яъне қобилияти як кишвар барои таъсир расонидан ба дигарон тавассути ҷаззобият, арзишҳои фарҳангӣ ва сиёсати беруна, на тавассути маҷбурсозӣ “қудрати сахт” (Hard Power), ишора мешавад [1].

Мисоли Мушаххас Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Чин (Дипломатияи Пинг-Понг) гарчанде ки "Дипломатияи Пинг-Понг" асосан ба варзиш марбут аст, он намунаи барҷастаи истифодаи мубодилаи ғайрирасмӣ, ки сайёҳӣ як ҷузъи асосии он аст барои тағйир додани муносибатҳои байнидавлатӣ мебошад. Яъне соли 1971 ҳангоме, ки дастаи варзиши теннисӣ рӯӣ мизии (пинг-понг)-и ИМА дар Ҷопон қарор дошт, ғайричашмдошт аз тарафи дастаи Чин сафари фарҳангиро қабул намуда ба кишвари Чин ҳамчун як намуди сайёҳии махсус ташриф оварданд. Бояд гуфт, ки дар он вақт мунсибатҳои ҳар ду кишвар хуб набуда ҳама гуна тамосҳои сиёсӣ қатъ шуда буданд ва якдигаро душман меҳисобиданд. Баъди ин сафар аввалин тамос байни шаҳрвандони ин ду кишвар дар тӯли даҳсолаҳо гардид. Ин сафари дастаи пинг-понгӣ ба як "гармкунӣ"-и азими сиёсӣ табдил ёфт. ВАО-и ҷаҳонӣ ба ин рӯйдод таваҷҷӯҳи зиёд доданд, ки ин тасвири сиёсии Чинро дар Ғарб тағйир дод [2].

Ҳамагӣ чанд моҳ пас аз ин сафар, мушовири амнияти миллии ИМА, Ҳенри Киссинҷер, ба Чин сафари махфӣ анҷом дод. Пас аз ин соли 1972, Президенти ИМА Ричард Никсон ба Чин сафари таърихӣ анҷом дод, ки дар натиҷаи он муносибатҳои расмии ду кишвар барқарор гардиданд [3].

Дипломатияи Пинг-Понг нишон дод, ки мубодилаи байнишахсӣ, ҳатто дар сатҳи варзишӣ ва ё сайёҳӣ, метавонад яхбандии сиёсиро шикаста, заминаи гуфтушунидҳои сатҳи баланд-ро фароҳам оварад. Сайёҳӣ ва мубодилаи фарҳангӣ ҳамчун як василаи бетараф кор мекунад, ки метавонад эътимодро пеш аз он ки сиёсатмадорон ба расмиёт шурӯъ кунанд, бунёд намояд.

Сайёҳон, ки ба як кишвар сафар мекунанд, тасвири онро дар асоси таҷрибаи шахсӣ (меҳмоннавозӣ, амният, фарҳанг) ташаккул медиҳанд. Ин

тасвири мусбӣ ба кишвар имкон медиҳад, ки дар арсаи ҷаҳонӣ дастгирии бештар пайдо кунад.

Ҳар як сайёҳ сафири фарҳангӣ аст. Онҳо на танҳо дар бораи кишвари мизбон маълумот мегиранд, балки фарҳанг, анъана ва забони кишвари худро низ интиқол медиҳанд. Ин мубодилаи дуҷониба эҳтиром ва фаҳмиши мутақобиларо меафзояд [4].

Мушкилоти асосии муносибатҳои байнидавлатӣ аксар вақт дар набудани эътимод ва тарс аз ношиносӣ зоҳир мешаванд. Барои бартараф намудани ин ин мушкилотҳо дипломатияи сайёҳӣ чунин монеаҳоро бартараф мекунад:

- Муошарати Бевосита. Бар хилофи муносибатҳои сиёсии сатҳи баланд, ки расмӣ ва маҳдуданд, сайёҳӣ муносибатҳои инсонӣ-ро ба вуҷуд меорад, яъне тамос бо мардуми маҳаллӣ таассуроти манфиро, ки аз ҷониби ВАО ё сиёсат ташаккул ёфтаанд, аз байн мебарад.
- Созиш дар Манфиатҳои Умумӣ. Сайёҳӣ манфиатҳои иқтисодӣ ва фарҳангиро барои ҳарду ҷониб — кишвари фиристанда ва кишвари қабулкунанда — таъмин менамояд. Ин манфиати мутақобила заминаи мустаҳкаме барои ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии оянда мегузорад [5].

Сайёҳӣ метавонад дар минтақаҳое, ки ихтилофот ва ҷангу ҷидол ба вуҷуд омадааст саҳми худро расонад, яъне дар минтақаҳое, ки дар он ҷо муносибатҳои сиёсӣ муташанниҷанд, дипломатияи сайёҳӣ ҳамчун пайвастагии ягона хидмат карда метавонад. Масалан:

- Дарк намудани мардум. Сафар ба минтақаҳое, ки таърихи мураккаб доранд, ба одамон имкон медиҳад, ки дарди якдигарро беҳтар дарк кунанд ва ба ин васила, ба таври ғайрирасмӣ, заминаи сулҳро бунёд намоянд.
- Лоиҳаҳои Муштарак. Барномаҳои сайёҳии экологӣ ё сайёҳии фарҳангӣ, ки дар сарҳади ду кишвари даргир таҳия мешаванд, маҷбуранд, ки ҳамкории амалӣ ва ҳамоҳангии маҳаллиро ба вуҷуд оранд [6].

Хулас дипломатияи сайёҳӣ як воситаи нозук, вале ниҳоят муассир дар хазинаи сиёсати хориҷӣ мебошад. Он ба ҷои таваҷҷӯҳ ба мухолифатҳои байниҳукуматӣ, ба пайвастагиҳои байнишахсӣ ва дарки фарҳангӣ диққати мардумро равона мекунад. Таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ тавассути сафарҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сайёҳӣ як сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ва ҳам ба сулҳи ҷаҳонӣ мебошад.

РУЙХАТИ АДАБИЁТ:

1. Джозеф Най. “Soft Power and Great-Power Competition. 2023. саҳ. 168.
2. Лукин А. В. "Публичная дипломатия: государственная пропаганда или гражданская инициатива?" // Дипломатический ежегодник. — М.: Весь мир, 2013. — С. 56–86.
3. Киссинджер Г. / Kissinger H. "Годы в Белом доме" / "White House Years" (1979)
4. Сапрунова В. Б. "Туризм: эволюция, структура, маркетинг" (Сайёҳӣ: таҳаввулот, сохтор, маркетинг). Соли нашр: 1997.

5. Кушнарева Е. В. / Кушнарёва Е. В.Мавзӯъ: "Туризм как инструмент публичной дипломатии" (Сайёҳӣ ҳамчун воситаи дипломатияи ҷамъиятӣ). 2010 сол.

6. Жаде З. А. / Жаде З. А. "Геополитические аспекты развития туризма" (Ҷанбаҳои геополитикии рушди сайёҳӣ). 2008 сол.

Каримзода Ш.А. - ассистенти кафедраи сйёҳӣ ва бизнеси меҳмондории ДБССТ

АФЗАЛИЯТҲОИ РУШДИ САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯз сайёҳӣ экологӣ дар индустрияи ҷаҳонии сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ мавқеъи муҳимро ишғол менамояд. Дар асоси пешгӯиҳои экспертҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС), дар асри XXI низ болоравии ин нишондиҳандаҳо дар назар дошта шудааст. Дар асоси пешгӯиҳои ин созмон сайёҳии экологӣ ба қатори панҷ равияҳои асосии стратегии рушд то соли 2020 дохил мешавад. Даромад аз ин соҳа барои пешравии иқтисодиёти бисёр давлатҳо, хусусан давлатҳои рӯ ба тараққӣ саҳми калон мегузорад. Ин бошад барои ба танзим даровардани болоравии иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои боқимонда, пеш аз ҳама ноҳияҳои кӯҳӣ асос мешавад. Бесабаб соли 2002 аз тарафи Созмони Миллали Муттаҳид “Соли сайёҳии экологӣ ва соли кӯҳҳо” эълон карда нашуда буд. [4, с. 45] Сайёҳии экологӣ ё экосайёҳиро бори нахуст олими Мексикоӣ Этороли Себальосон-Ласкурайном дар нимаи аввали солҳои 80 асри XX ба миён оварда.[11] Экосайёҳӣ бо маънои томаш – саёҳат ба табиат ба мақсади омӯзиш ва ҳаловат бурдан аз табиат буда, дар таркиби он омӯзиши ҷойҳои таърихӣ бо иштироки мардуми маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Экосайёҳӣ ягона самти афзалиятноки сайёҳӣ мебошад, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад муҷассамаҳои табии олами наботот ва ҳайвонотро омӯзад. Сайёҳии экологӣ имконият медиҳад, ки сайёҳон таърих, маданият, этнография, анъанаҳои миллии мавзею мамлакатҳо шинос шаванд. Саёҳати экологӣ як принсипи умумӣ дорад ва маънои он «Саёҳат бояд ба табиат зарар наоварад». [5]

Дар шароити табиати зебои Тоҷикистон сайёҳии экологиро дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ривоҷ додан, иқтисоди давлат ва ноҳияи кӯҳии ҷумҳуриро баланд мебардорад. Даромадҳои пулӣ аз сайёҳии экологӣ метавонад мақсади асосии ин соҳа, яъне ҳифзи табиатро иҷро намояд.

Дар табиати зебои кишвари мо кушодани меҳмонхонаҳо, кемпингҳо ва ошхонаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақаҳои кӯҳӣ имкониятҳо мавҷуд ҳастанд. Дар ҷаҳон сохтани чунин меҳмонхонаҳо хеле маъмур аст, ва бисёр сайёҳон аз чунин меҳмонхонаҳо истифода мебаранд. Чунки онҳо дар шаҳрҳои худ аз истифодаи хунуккунакҳои сунъӣ, ғизоҳои таркибаш моддаҳои кимиёвӣ дошта ва ғ. монда шудаанд ва мехоҳанд истироҳати худро дар табиати тоза, бо истифодаи манбаҳои табиӣ гузаронанд. Меҳмонхонаҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро бо назардошти вайрон накардани табиат, истифодаи барқ ва гармӣ аз истифодаи истеҳсоли неру аз нурҳои офтобӣ, бод ва об, истифодаи маҳсулоти сохтмонии гармимуҳофиз ва гармӣ кам харҷкунанда ба роҳ мондан мумкин аст. Барои ин соҳибкорони маҳаллӣ метавонанд саҳм гузоранд. Ба соҳибкорон барои бунёди меҳмонхонаҳои миллӣ, марказҳои иттилоотӣ, чойхонаҳои

[11] Ҳамроев Ф.Б., Шарифов А. Рушди деҳоти Тоҷикистон бо истифодаи имкониятҳои сайёҳӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе, 2021. – С. 66

миллӣ, мағозаҳои фурӯши маҳсулоти дастидухт ва сувенирҳо дар минтақаҳои куҳӣ имтиёзҳо пешниҳод, ва аз тарафи бонкҳои ҷумҳурӣ барномаи додани қарзҳои дарозмуддат ва имтиёздорро ба роҳ мондан бамаврид аст. Дар сурати иҷрои ин пешниҳодҳо ҳам соҳибкорон соҳиби даромад мешаванд, ҳам ба буҷети ноҳияҳо даромади иловагӣ ворид мешаванд, ки боиси равнақи иқтисодии ин ноҳияҳо шуда метавонад.

Қаиқронӣ дар ҷаҳони индустрияи сайёҳӣ васеъ ба роҳ монда шудааст, ва яке аз самтҳои даромади кишварҳои сайёҳиро дар бар мегирад. Дар шароити табиати Тоҷикистон, ки дорои кӯлҳо ва обанборҳои зебо мебошад ба мисоли кӯли Каракӯл, Искандаркӯл, Булункӯл, обанбори Норак ва Қайроқум ва ғ. ба роҳ мондаи чунин намуди хизматрасонӣ даромади иловагӣ ба сокинон ва ноҳияҳо мебошад. Дар ҷаҳон миллионҳо сайёҳони мухлиси қаиқронӣ ҳастанд ва барпо намудани чунин намуди хизматрасонӣ омили ҷалби чунин сайёҳон ба кишвари мо шуда метавонад.

Дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ дар айни замон аҳолӣ асосан ба чорводорӣ, боғпарварӣ ва кишоварзӣ машғуланд ва маҳсулотҳои ин соҳаҳо, аз он ҷумла гӯшт, себу ангуру нок, маҳсулоти ширӣ ва кишоварзӣ даромади асосии ҳар оила мебошад. Маҳсулоти дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳури аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошанд ва роҳи фурӯши онро ба таври замонавӣ ба роҳ мондан фоидаи калон ба аҳолии ҷумҳурӣ мебиёрад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва роҳҳои магистралии кишвар кушодани мағозаҳои махсуси фуруши маҳсулоти аз ҷихати экологӣ тоза, маҳсулоти органикӣ, бе моддаҳои кимиёвӣ иловашуда ба маврид аст. Дар Амрико, Европа ва бисёр мамлакатҳои дигар маҳсулоти мағозаҳои аз ҷихати экологӣ тоза нисбат ба дигар маҳсулоти мағозаҳо нисбатан қиматтар аст, ва бисёр сокинони ин кишварҳо имконияти харидани маҳсулотҳои тозаро надоранд.

Асосан дар хатсайрҳори куҳӣ ба сайёҳон сокинони маҳаллӣ бе ивази гирифтани ҳаққи хизмат маҳсулоти худро ба мисоли ҷургот, қаймок, қурут, чака ва маҳсулоти ширӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад, пешниҳод мекунанд, ки ин меҳмоннавозии хоси тоҷиконро нишон медиҳад. Аммо бо кушодани мағозаҳои мухсуси маҳсулоти экологӣ тоза сокинони минтақа метавонанд ин маҳсулоти худро ба фурӯш монанд ва даромади иловагӣ ба даст оранд. Фақат ҷиҳати пешниҳоди маҳсулотро ба хориҷиён ба таври замонавӣ ба роҳ мондан даркор аст. Масалан, дар шиша ва куттиҳои тоза бо тарзи упаковка, на он ки дар зарфҳои чиркин, бо чунин тарз маҳсулотро ба дигар давлатҳо низ содир кардан мумкин аст. Сайёҳон ва сокинони ҷумҳурӣ метавонанд маҳсулоти ин мағозаҳоро харанд ва истеъмол кунанд. Ин ҳам як намуди даромади иловагӣ ба сокинони ин маҳалҳо ва андози иловагӣ ба буҷетӣ ноҳияҳо шуда метавонад.

Рушди инфрастуруктураи кӯҳҳои Тоҷикистон ин омили асосии ҳифзи муҳити зисти ин минтақа низ шуда метавонад. Вақте, ки сатҳи зиндагии сокинони ин минтақа аз ҳисоби даромади сайёҳӣ, мевапарварӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ ва моҳипарварӣ баланд шуд, вайрон кардани табиат, буридани дарахтҳо, ки барои гарм кардани хонаҳо васеъ истифода бурда мешавад низ аз байн меравад. Сокинони минтақаи кӯҳҳои ҷумҳурӣ худ дарк мекунанд, ки ин

табиати зеборо, ки худованд ато кардаст, ҳамчун манбаи даромад истифода кардан мумкин аст ва барои равнақу тараққиети он ва ҳифзи табиати зебоаш саҳм мегузоранд.

Тоҷикистон сарзамини қуҳсор аст, 93% масоҳаташ қӯҳ мебошад.

Рушди кӯҳсори Тоҷикистон ин рушди иқтисодии кишвар ва аҳолии дар минтақаҳои кӯҳии кишвар зиндагонӣ дошта мебошад. Кӯҳҳо ва табиати зебои Тоҷикистон имкониятҳои зиёд барои тараққиёти соҳаҳои сайёҳӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ, мевапарварӣ, моҳипарварӣ, инкишофи коркарди гиёҳҳои шифобахш мебошад. Пешниҳодҳо оиди рушди минтақаҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ ин чораҳои зарурӣ оиди пешгирии нестшавии табиати зебои кишвар мебошад. Пеш аз ҳама роҳҳои баланд бардоштани маданияти экологии ҷомеа, роҳҳои истифодаи технологияи истифодаи истеҳсоли нерӯ аз манбаъҳои зарарнарасони табиат, тараққиёти сайёҳӣ экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мебошад.

Адабиёт

1. Гулаҳмадов Ҳ.Ш., Боев Р.Д. Дастури методӣ оид ба масъалаҳои маърифати экологӣ ва омӯзиши экологӣ дар доираи Конвенсияи СММ оид ба гуногунии биологӣ. -Душанбе, ДТТ, 2010, 26 саҳ.
2. Ниёзов Р.М. Пешомадҳо ва имкониятҳои сайёҳӣи экологӣ. - Маҷмӯи маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Сиёсати инноватсионӣ дар бахши беҳдошти захираҳои туристӣ-рекреатсионнӣ ва масоили рушди сайёҳӣ». -Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. -Душанбе. -2013.-с.112-114
3. Хоҷаева А. Сухане роҷеъ ба Искандаркул. – Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назарявии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва коршиносони соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон бахшида ба Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Кумитаи Ҷавонон, Варзиш ва Сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавонони Тоҷикистон.-Душанбе.-2013.-с.108-114
4. Ҳамроев Ф.Б., Шарифов А. Рушди деҳоти Тоҷикистон бо истифодаи имкониятҳои сайёҳӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе, 2021. – С. 66
5. Ашуралиев М.И. Ташкили сайёҳӣ барномавӣ (Дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳои олӣ).- Душанбе: ҶДММ Ашуриён.-2018- с.229
6. Мамадризохонов А.А. Сайёҳӣ экологӣ дар минтақаҳои кӯҳстони Тоҷикистон.- Душанбе 2013.- с 494.

Rijabekov Nozir Chorshanbievich -Assistant of the Department of tourism and Hospitality of the International University Tourism and Entreprenerurship of Tajikistan

DIPLOMATIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES (CIS)

The Commonwealth of Independent States is the largest regional and international organization and organization in the post-Soviet space. The Commonwealth of Independent States was established in December 1991 with the aim of facilitating the process of resolving the most important issues in the process of forming independent states and preserving the historical ties of the member states. The Commonwealth (CIS) currently functions as a favorable environment for strengthening dialogue between the member states, for discussing and considering political, economic, social and humanitarian issues.

On December 8, 1991, in Viskul, the residence of the Belarusian Government in the Belovezhskaya Pushcha, the heads of state of Belarus, Russia and Ukraine signed the Agreement on the establishment of the Commonwealth of Independent States. On December 21, 1991, in Almaty (Kazakhstan), in addition to Georgia and the Baltic states, the leaders of 11 independent states signed the Protocol to this Agreement, which stated: The Republic of Azerbaijan, the Republic of Armenia, the Republic of Belarus, the Republic of Kazakhstan, the Kyrgyz Republic, the Republic of Moldova, the Russian Federation, the Republic of Tajikistan, Turkmenistan, the Republic of Uzbekistan and Ukraine "establish, on the basis of equality and as Conforming Parties, the Union of Independent States". The Almaty Declaration was also adopted at that stage.

After gaining state independence on September 9, 1991, the Republic of Tajikistan entered a new stage in the formation of its foreign policy. The main direction of this policy is the strengthening of relations with neighboring countries, regional and international partners. In this context, cooperation with the Commonwealth of Independent States (CIS) occupies a special place, since the CIS was established as a new form of post-Soviet integration to maintain economic and political ties between the republics of the former Soviet Union.

From the above, it follows that we and you should continue to understand the concept of the Commonwealth of Independent States as an international organization that was created separately, taking into account the needs of the time, without the use of force, in compliance with the requirements and requests of international norms and the independent decision of the member states, and as a high-ranking structure, does not interfere in the internal politics of the member states, but regulates economic relations between its member states.

In recent years, a number of CIS member states and the European Union have strengthened their mutual relations by establishing political, economic and cultural dialogue. In this regard, the agreements on partnership and bilateral cooperation between Russia, Ukraine and other CIS countries with the European Union, as well

as the activities of interparliamentary and intergovernmental structures, were beneficial. The decision of the European Union of April 27, 1998 on recognizing the market status of Russian enterprises exporting products to European markets was very important in this regard.

At the current stage, the Commonwealth of Independent States proves its relevance and stability with its real activities. A comprehensive legal and regulatory framework has been developed, a mechanism for cooperation and a system of joint relations in the economy, culture, and strengthening stability and security has been established. Given this, the activities of the CIS as a successful organization and its role in expanding integration processes, preventing threats to national and regional security, developing the economy and investment, science and culture among member states can be positively assessed.

Tajikistan, within the framework of CIS-related organizations, including the Collective Security Treaty (CST), actively contributes to ensuring security and combating global threats, such as terrorism, extremism, drug trafficking and cross-border crime. This cooperation is of particular importance for the country's internal stability and border security.

In the economic sphere, Tajikistan has established mutually beneficial relations with the CIS member states. The establishment of a free trade zone, increased trade in goods and services, and the implementation of energy and transport projects are among the important achievements. Tajikistan operates within the framework of economic agreements to attract investment and develop transport infrastructure.

To this end, the Republic of Tajikistan pursues a policy of friendship, good neighborliness, and non-interference in each other's internal affairs in interstate relations with neighboring and regional countries, and gives full priority to resolving controversial issues, including border, water, and energy issues, through peaceful resolution, that is, negotiations and negotiations.

The leadership of the Tajik state considers broad regional cooperation to be the most important means of resolving economic, social, and environmental issues and ensuring security and stability in Central Asia, and has repeatedly demonstrated this approach in its political practice over the past 34 years.

References

1. https://prezident.tj/event_by_theme/international_structures/cis/48014

2. https://www.mfa.tj/ru/main/view/148/tadzhikistan-i-sodruzhestvo-nezavisimykh-gosudarstv

3. https://www.nti.org/education-center/treaties-and-regimes/commonwealth-independent-states-cis/

4. https://tajmedun.tj/tj/nazare-ba/i-timoiyet/um-urii-to-ikiston-uzvi-faoli-itti-odi-davlat-oi-musta-il534213/

5. Ojmahmadov Mahmadamin.Ittihodi Davlathoi Mustaqil va soxtori içroijai on.(https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/itti-odi-davlat-oi-musta-il-va-sokhtori-i-roiyai-on.html) "Ittihodi Davlathoi Mustaqil" Duşanвe 2018. 50-54 sah.

6. Independent States" Dushanbe 2018. 50-54 pp.

Ғафурв Сорбон Хушдилович-устоди калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, тел.: 93-417-66-65; email: sorbon9314@mail.ru.

МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИ ИҚТИСОДИЁТ

Муҳтаво. Дар мақолаи мазкур роҳҳои муосири таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, инчунин бо мақсади дуруст баҳо додани вазъи муосири рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ якчан тавсияву хулосаҳои илман асоснок аз ҷониби муаллифон пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо. механизм, рақобатпазирӣ, истеҳсолот, соҳибкорӣ, такмилдиҳӣ, субъект, самаранокӣ, такмилдиҳӣ

Гафуров Сорбон Хушдилович- страший преподаватель кафедры государственного и местного управления Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана.734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада 48/5, тел.: 93-793-70-93; email: sorbon9314@mail.ru

МЕХАНИЗМ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ

Аннотация. В данной статье рассмотрены современные пути обеспечения конкурентоспособности субъектов промышленного предпринимательства в условиях глобализации, а также в целях корректной оценки современного состояния конкурентоспособности субъектов промышленного предпринимательства дан ряд научно обоснованных рекомендаций и выводов. представлены авторами.

Ключевые слова. механизм, конкурентоспособность, производство, предпринимательство, совершенствование, сущность, эффективность, совершенствование

Ghafurov Sorbon Khushdilovich- senior lecturer of the department of state and local management of the International universitiy of tourism and entrepreneurship of Tajikistan. 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad avenue 48/5, tel.: 93-417-66-65; email: sorbon9314@mail.ru.

MECHANISM OF STATE SUPPORT FOR PRODUCTION ENTREPRENEURSHIP IN THE CONDITIONS OF INNOVATIVE ECONOMIC DEVELOPMENT

Annotation. This article discusses modern ways to ensure the competitiveness of industrial business entities in the context of globalization, and in order to correctly assess the current state of the competitiveness of industrial business entities, a number of evidence-based recommendations and conclusions are given. presented by the authors.

Keywords. mechanism, competitiveness, production, entrepreneurship, improvement, essence, efficiency, improvement

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи индустриалию инноватсионӣ имконпазир мебошад, ки навбати худ татбиқи амалии он ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуда, дар ин замина ҳаёти шоистаи аҳолии мамлакатро таъмин менамояд.

Бояд иброз намуд, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводи сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока муайян карда шудаанд.

Дар ин росто, ҷиҳати таъмини рушди бахши воқеии иқтисодиёт дар стратегияву барномаҳои давлатӣ дар мамлакат масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидорҳои саноатӣ, дороиҳои миллӣ, махсусан нерӯи инсонӣ ва воситаҳои асосӣ самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи такмил додани механизми ташкилӣ-иктисодии он имконпазир мебошад.

Ба шумораи зиёди таҳқиқоти проблемаҳои марбут ба баландбардории рақобатпазирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ нигоҳ накарда, масъалаи мазкур дар таъмини рушди иқтисодии мамлакат доимо аҳамият ва мубрамияти хосро доро мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир зарурати гузаронидани таҳқиқот доир ба масоили баландбардории рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла механизми ташкилӣ-иктисодии он бо сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолнамудаи он дар дохил ва хориҷи мамлакат алоқаманд мебошад.

Бо дарназардошти сатҳи пасти рақобатпазирии молҳои истеҳсолшаванда, соҳибкорон мавқеи рақибии худро дар бозорҳои дохилӣ ва бурунӣ ишғол карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, дар шароити муосир устуворӣ ва самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории ватанӣ таҳти таъсири омилҳои ба ҳам мухолифи шароити бозор ва танзими давлатӣ ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, дар баробари таҳқиқи механизми ташкилӣ-иктисодии таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, омӯзиши омилҳои ба ҳам мухолифи шароити бозор ва танзими давлатӣ муҳияти хосро касб менамояд ва бояд дар алоқамандӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Қабл аз таҳқиқи механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ зарур аст, ки моҳият ва мундариҷаи рақобатпазирии фаъолияти онҳо мавриди омӯзиш қарор гиранд.

Бояд зикр намуд, ки моҳият ва мундариҷаи мафҳуми рақобатпазирӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст, вале миёни муаллифон гуногунандешӣ ҷой дорад.

Ҷанбаҳои назариявии рақобат дар асарҳои иқтисодшиноси англис Ҷ.В.Робинсон ва иқтисодшиноси амрикоӣ Э. Чемберлин васеъ таҳқиқ карда шудааст. Ҷ. В. Робинсон нишонаҳои рақобатро мураттаб кардааст, ки на танҳо омилҳои нарх, балки омилҳо ба монанди обрӯ, шартҳои қарз, хароҷоти нақлиёт, сифати маҳсулот, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва ғайраро дар бар мегиранд[12].

Тадқиқоти асосӣ дар ин самт аз ҷониби олимони рус бори аввал дар солҳои 90-уми асри 20 анҷом дода шудаанд, аз ҷумла асарҳои чунин муҳаққиқон, ба монанди Р.А.Фатхутдинов, Г.Л. Азоев, А.Ю. Юданов, П. Завялов ва дигарон ба омӯзиши масоили рақобат, таъмини рақобатпазирӣ, инчунин таҳия ва татбиқи стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирӣ бахшида шудаанд.

Масъалаи рақобат ва баландбардории рақобатпазирии корхонаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ дар асарҳои чунин иқтисодшиносони тоҷик, ба монанди Н. Қ. Қаюмов, Х. Умаров, А. Рауфӣ, Ҷ.С. Пиризода, А.Б. Мирсаидов, М.М. Шарифзода, С. Садридинов ва дигарон мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст.

Аз ҷумла, академик Н. Қ. Қаюмов дар таҳқиқоти монографи худ рақобатро ҳамчун “арзёбии ҳамаҷонибаи маҳсулоти мушаххас барои қонеъ гардонидани бозор дар давраи муайян” маънидод намудааст[13].

Ба ақидаи Х. Умаров «рақобатпазирӣ – ин қобилияти объект ё предмети муайянест, ки дар шароити бозор аз рақибон бартарӣ дорад»[14].

Олими дигари тоҷик А. Рауфӣ рақобатро чунин маънидод намудааст: “мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷое, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ғолибият муяссар шуда метавонад”[15].

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки моҳияти назариявии мафҳуми “рақобатпазирии корхона” хислати духӯра дорад. Аз як ҷониб, категорияи иқтисодии мазкур натиҷаи фаъолияти хоҷагидории самаранок мебошад, ки бидуни он иштирок дар рақобати бозорӣ ғайриимкон мебошад. Аз ҷониби дигар, омили асосӣ, захира ва иқтидори баландбардории самаранокии субъектҳои хоҷагидорӣ ва фаъолияти корхонаҳо мебошад.

---

[12] Робинсон Дж. Экономическая теория несовершенной конкуренции [Текст] / Дж. Робинсон. - М.: Прогресс, 1986. – С. 139.

[13] Каюмов Ф.К. Эффективность АПК в условиях перехода к рынку [Текст]: монография / Н.К. Каюмов. - Москва, Издательство «Колос» – 1992. – С. 106-107.

[14] Умаров Х.У. Агробизнес и эффективность землепользования в регионах Таджикистана [Текст] / Х.У. Умаров, Т.А. Имомназарова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – №3-2. – С. 10-14.

[15] Рауфӣ А. Рақобат ва рақобатпазирӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ [Текст] / А. Рауфӣ //Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. - № 3. - С. 49-59; Рауфӣ А. Конкурентная экономика [Текст] / А. Рауфи. - Душанбе «Дониш», 2014. - 608 с.

Вобаста ба фаҳмиши рақобатпазирӣ ҳамчун захира ва иқтидори рушд, унсурҳои ташкилии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст, ки дар худ самаранокии низоми идоракунӣ, ташкилӣ, банақшагирӣ, пешгӯӣ ва амалисозии стратегияҳоро ҷиҳати ноилгардӣ ба ҳадафҳои рушди фаъолият ифода менамояд.

Мо чунин мешуморем, ки андеша ва равишҳои зикршуда маҳдуд иброз гардиданд ва дар ин маврид бояд равиши муназзам доир ба маънидоди моҳият ва мундариҷаи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҷой дошта бошад. Равиши мазкур бояд ба таври маҷмуӣ унсурҳои ташкилӣ-иқтисодии субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро ифода намояд ва барои муайянсозии иқтидорӣ воқеии коркард, истеҳсолот ва фуруши маҳсулоти онҳо дар шароити рақобати шадиди бозор имкон фароҳам созад.

Ҳамин тавр, хислати духӯрагии рақобатпазирӣ ба он оварда мерасонад, ки барои баландбардории вай механизми фарогири унсурҳои таркибии ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ таҳия ва татбиқ гардад (расми 1).

Муҳаққиқон Васюхин О.В. ва Павлова Е.А. дар таҳқиқоти хеш қайд менамоянд, дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба вуҷуд омада, ҳалли онҳо омӯзиш ва назарияи мувофиқро талаб мекунад[16]

Ҳар як шакли муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои саноатӣ бо унсурҳои муҳити он як масъалаи мубрами фаъолияти онҳоро дар бар мегирад.

Омӯзиши адабиёти илмӣ ва назарияҳои ҷойдошта имкон фароҳам месозад, як қатор фарзияҳое ташаккул дода шаванд, ки истифодаи онҳо барои интихоби намуди мувофиқи стратегия вобаста ба ҳолат ва динамикаи омилҳои муҳити фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ имконпазир бошад[17].

Айни замон, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва зуҳури буҳронҳои мухталиф дар назди субъектҳои соҳибкории истеҳсолии мамлакат масъалаи таъмини рақобатпазирӣ ва нигоҳдории бартариятҳои рақибӣ қарор дорад. Бинобар ин, дар чунин шароит масъалаи баландбардории рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ масъалаи хеле муҳим арзёбӣ гардида, таҳия ва амалисозии механизми самарабахши идоракунии онҳоро тақозо менамояд.

Дар ин маврид, тавре олимон Баутин В.М. ва Шаталов М.А. барҳақ зикр менамоянд, вазифаи асосии баландбардории рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ бо зарурати аксуламали фаврӣ ба тағйирёбии вазъи бозор дар шароити ҷаҳонишавӣ ва зуҳури буҳронҳо, мутобиқшавии саривақтӣ

[16] Васюхин О.В., Павлова Е.А. Стратегия формирования и развития инновационного потенциала промышленного предприятия // Научно-технический вестник СПбГУ ИТМО. – 2010. – №2(66). – С. 113– 119.

[17] Фатхутдинов Р.А. Методика разработки и реализации стратегии повышения конкурентоспособности организации [Текст] / Р.А. Фатхутдинов. - М:Синергия, 2011. - 31 с.; Юданов А.Ю. Конкуренция. Теория и практика [Текст] / А.Ю. Юданов. - Издательство: ГНОМ и Д, 2001. – 304 с.; Голиков И.А. Особенности содержания понятий «конкуренция» и «конкурентоспособность» [Текст] / И.А. Голиков // Российское предпринимательство. – 2016. – Том 17. – № 10. – с. 1251–1264; Бутко Г.П. Оценка конкурентоспособности предприятия на основе маркетингового подхода [Текст] / Г.П. Бутко, П.П. Корсунов, Я.А. Матвеева, К.А. Машков // Фундаментальные исследования. – 2015. – № 5 (часть 1) – С. 180-184;

ба тағйироти ҷойдошта, татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот алоқаманд мебошад[18].

Расми 1. Механизми баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ

Сарчашма: *таҳияи муаллифон*



Низоми фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ бояд фарогири низоми маҷмуии ҳамкории мутақобилаи воҳидҳои сохтории корхона бошад ва ба тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ, баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ ва молиявӣ, инчунин мутобиқсозии мунтазами фаъолияти корхона ба шароитҳои муҳити берунӣ мусоидат намояд.

Дар заминаи таҳқиқи масъалаи мавриди назар ваомӯзиши адабиёти илмӣ, бо дарназардошти густариши фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоягузорӣ барои тавсеаи фаъолияти онҳо, баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ ва молиявӣ, инчунин мутобиқсозии мунтазами фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба шароити муҳити берунӣ чунин низоми таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкориро дар шароити муосир пешниҳод менамоем.

[18] Баутин В.М., Шаталов М.А. К вопросу о необходимости реализации стратегии диверсификации в условиях нестабильности внешней среды // Наука. Образование. Техника. 2015. № 3-4 (53-54). С. 245-254.

Низоми таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ омилҳои микро- ва макромуҳитро фаро гирифта, бартариятҳои рақибии устувори онҳоро нигоҳ медорад ва ҳамзамон дар маҷмуъ афзун менамояд.

Дар баробари ин, бо дарназардошти зуҳуроти буҳронӣ ва таъсири манфии омилҳои ҷаҳонишавӣ ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноатӣ дар чорчӯбаи низоми болозикр стратегияҳои мухталифи пешбурди фаъолият ҷиҳати баландбардории рақобатпазирии онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки дар доираи низоми мазкур идоракунии рақобатпазирӣ дар сатҳи корхонаҳои ҷудогона маҳдуд нагардида, балки фарогири сатҳҳои баланди иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои алоҳида мебошад. Ҳамзамон, низоми идоракунии рақобатпазирии соҳа ба сифати яке аз нишондиҳандаҳо танзими давлатии рақобатпазирии корхонаҳоро дар бар мегирад.

Дар баробари самтҳои зикршуда, низоми мазкур бо ҳадафи баландбардорӣ ва таъмини рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ бояд ба таҳкими фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, ташаккул, рушд ва мукаммалсозии иқтидори кадрии

корхонаҳо тавассути дигаргунсозии низоми таҳсилоти касбӣ, истифодаи самараноки захираҳо, инчунин ба муосиргардонии истеҳсолоти амалкунанда нигаронида шавад.

Ҳамин тавр, зарурати баландабардории рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ қабл аз ҳама, барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои миллӣ ва стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи таъмини самарабахшии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва зуҳур кардани буҳронҳои мухталиф ва татбиқи таҳримҳо байни мамлакатҳои мухталифи хоҷагии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Ба андешаи мо, татбиқи босамари самтҳои асосӣ ва усулҳои пешниҳодшуда, инчунин мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба баландбардории рақобатпазирии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда:

1. Бек Н.Н. Методы стратегического анализа: Материалы к лекциям и практическим занятиям. Ч. 3. - М.: ГУ-ВШЭ, 2003. – с. 152-153
2. Васюхин О.В., Павлова Е.А. Стратегия формирования и развития инновационного потенциала промышленного предприятия // Научно-технический вестник СПбГУ ИТМО. – 2010. – №2(66). – С. 113– 119.
3. Виханский О.С. Стратегическое управление: Учебник. -2-е изд., перераб. и доп. - М.: Гардарики, 2002. – С. 125.
4. Исайченкова В.В., Новиков П.В., Новикова А.В. Методика оценки бизнес-процес сов машиностроительных предприятий с использованием ключевых показателей эффективности // Вестник Брянского государственного технического университета. – 2017. – № 4 (57). – С. 172–177. – doi: 10.12737/article_5a02fa129994e6.32467435 .

5. Крейнер С. Ключевые идеи менеджмента. - М.: ИНФРА-М, 2002. – с. 32-34
6. Маркова В.Д., Кузнецова С.А. Стратегический менеджмент: Курс лекций. - М.: ИНФРА-М; Новосибирск: Сибирское соглашение, 2003. – С. 158.
7. Рубцов С.В. Уточнение понятия "Бизнес - процесс" // Менеджмент в России и за рубежом. - 2001. - № 6. – с. 142
8. Davenport T.H., Short J.E. The New Industrial Engineering: Information Technology and Business Process Redesign // Sloan Management Review, 1990, (Summer), p. 11-27.
9. TeleManagement Forum. Telecom Operations Map. Evaluation Version 2.1. - Morristown, NJ: TMForum, 2000. – p. 61-63

Шомаҳмадзода Ф.Ш. – мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

КАСРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Даромадҳои давлатӣ аз рӯи хусусиятҳои ҷамъоваришавандаашон ба даромадҳои мутамарказ – манбаҳои молиявии дар буҷетҳо ҷамъ оварда шуда ва манбаҳои молиявии ғайримутамарказ - маблағҳо ва пардохтҳои дар ихтиёри корхонаву ташкилотҳои давлатӣ буда ҷудо карда мешаванд. Даромадҳои мутамаркази давлат асосан аз ҳисоби андоз, пардохтҳои ғайри андозӣ, фоида аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва пардохтҳои аҳолӣ ташкил карда мешавад. Даромадҳои ғайримутамарказӣ давлатӣ бошанд аз ҳисоби даромадҳои пулӣ ва андӯхти корхонаҳо ташкил меёбанд.

Мақсад аз тақсими даромадҳои давлатӣ ба даромади мутамарказ ва ғайримутамарказ муайян намудани таносуби сарчашмаҳои талабот ва ҳавасмандии умумидавлатӣ ва коллективӣ мебошад. Яке аз вазифаҳои асосии имрӯза таъмин намудани таносуби мувофиқи тақсими даромадҳои давлат бо мақсади амалӣ намудани талаботи гуногуни давлатӣ ва баланд бардоштани таъсири даромадҳои давлатӣ ба самаранокии хоҷагидорӣ мебошад. Нақши асосиро дар даромадҳои мутамарказӣ давлатӣ даромади буҷетӣ мебозад. Дар як марказ андӯхтани даромадҳои давлатӣ дар шакли буҷетҳои гуногун имкон медиҳад, ки сиёсати ягонаи молиявӣ нисбат ба аз навтақсими воситаҳои барои инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт, ки қодиранд мустақилияти иқтисодӣ ва талаботи соҳаҳои ғайриистеҳсолиро қонеъ гардонанд, таъин гардад.

Давлат тараққиёти мунтазам ва мутаносиби хоҷагии халқ, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, мудофиаи мамлакат ва таъмини дигар талаботҳои ҷамъиятро ба роҳ мемонад. Барои иҷрои ин вазифаҳо давлат фондҳои пулиро истифода мебарад. Яке аз намудҳои истифодабарии фондҳои пулӣ аз тарафи буҷети давлатӣ сурат мегирад.

Барзиёдии хароҷоти буҷет нисбати даромади он касри буҷет мебошад. Зиёд будани даромади буҷет нисбат ба хароҷоти он барзиёдии (профисити) буҷет мебошад.

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти мамлакат ба маблағи 7 млрд. Доллари ИМА зарар расида буд. Аз соли 1991 то 1996 ММД – и Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба 67,4 % кам шуд. Дар ҳамин муддат истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти хоҷагии халқ ба 52,8% расид.

Имрӯзҳо дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ иқтисодиёти кишвар барқарор шуда истодааст. Солҳои охир тараққиёти устувори тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба назар мерасад. Дараҷаи ММД сол то сол зиёд шуда, касри буҷети давлатӣ зери назорати қатъӣ қарор гирифт.

Таи солҳои охир афзоиши ҳаҷми касри буҷети давлатӣ чунин аст:

- ✓ соли 2019 – 2,0% ММД = 1596119 ҳазор сомонӣ.
- ✓ Соли 2020 –3,7% ММД = 3106500 ҳазор сомонӣ

- ✓ Соли 2021 –0,8% ММД = 736455 ҳазор сомонӣ
- ✓ Соли 2022 – 0,6% ММД = 623904 ҳазор сомонӣ
- ✓ Соли 2023 – 0,8% ММД = 1030749 ҳазор сомонӣ
- ✓ Соли 2024 – 0,8% ММД = 1151560 ҳазор сомонӣ

Тағйирёбии касри буҷет дар диаграммаи 1. акс ёфтааст.

Диаграммаи 1.

Нишондиҳандаҳои касри буҷети давлатӣ (ҳаз. сомонӣ)



Сарчамша: муаллиф ҷадвалро дар асоси маълумотҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2019 – 2024» таҳия намудааст.

Дар соли 2019 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 24387600 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 25983719 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 1596119 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар ин давра ба маблағи 1596119 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 2,0 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд. Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: даромад аз хусусигардонӣ, суди саҳмияҳои давлатӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 25000 ҳазор сомонӣ, даромад аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ - 100000 ҳазор сомонӣ, иҷрои барзиёдии нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ - 11719 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба 1 январи соли 2019 - 100000 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 1,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 1211652 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ 590450 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби бароришӣ векселҳои давлатӣ, ҷалби қарзҳои (грантҳои) созмонҳои байналмилалии молиявӣ, маблағҳои баргардонидашуда аз рӯи қарзи асосии созишномаҳои зеркарзӣ, бақияи маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба 1 январи соли 2019 ва Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 621202 ҳазор сомонӣ муайян карда шудааст.

Дар соли 2020 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 23577532 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 26043341 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 264101 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар соли 2020 ба маблағи 3106500 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 3,7 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд. Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: аз ҳисоби хусусигардонӣ, иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ ва суди саҳмияҳои давлатӣ - 25000 ҳазор сомонӣ, аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ - 100000 ҳазор сомонӣ, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 - 34000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ ва грантии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 2922564 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2021 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 27645795 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 28382250 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 288599 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар ин давра ба маблағи 736455 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 0,8 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд. Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 24000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби фоидаи соф ба ҳиссаи давлат дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва суди саҳмияҳои давлатӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ - 31000 ҳазор сомонӣ, аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ - 100000 ҳазор сомонӣ, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 - 10000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ (дохилӣ, беруна) ва грантии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - **526330** ҳазор сомонӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ - 30000 ҳазор сомонӣ ва иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ -15124 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 33002852 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 33626756 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 623904 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар ин давра ба маблағи 623904 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 0,6 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд. Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 32000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби фоидаи соф ба ҳиссаи давлат дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва суди саҳмияҳои давлатӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ - 90000 ҳазор сомонӣ, аз фурӯши векселҳо - 100000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2022 - 100000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 245728 ҳазор сомонӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ - 40000 ҳазор сомонӣ ва

иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ - 16176 ҳазор сомонӣ иборат мебошад.

Дар соли 2023 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 37072956 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 38103705 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 1030749 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар ин давра ба маблағи 1030749 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 0,8 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд.

Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 32000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби фоидаи соф ба ҳиссаи давлат дар ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва суди саҳмияҳои давлатӣ дар ҷамъиятҳои саҳомӣ - 90000 ҳазор сомонӣ, аз фурӯши векселҳо - 100000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 - 100000 ҳазор сомонӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ - 124654 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 520601 ҳазор сомонӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ - 40000 ҳазор сомонӣ ва иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2023 - 23494 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2024 даромади буҷети давлатӣ ба маблағи 42956463 ҳазор сомонӣ ва хароҷоти он ба маблағи 44108023 ҳазор сомонӣ, яъне бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 1151560 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст.

Андозаи ниҳоии касри буҷети давлатӣ дар ин давра ба маблағи 1151560 ҳазор сомонӣ муқаррар гардида, 0,8 % - и Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил менамояд. Касри буҷети давлатӣ бо таносуби зерин аз рӯи чунин манбаҳо рӯйпӯш карда мешавад: аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ - 50000 ҳазор сомонӣ, аз фурӯши векселҳо - 100000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 - 100000 ҳазор сомонӣ, иҷрои барзиёди нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ - 150000 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои грантию қарзии созмонҳои байналмилалии молиявӣ - 664056 ҳазор сомонӣ, сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатӣ - 50000 ҳазор сомонӣ ва иҷрои барзиёди нақшаи даромад ва маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 - 37504 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

МЕХАНИЗМИ ИҶРОИШИ КАСРИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА РОҲҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН

Имрӯзҳо, муаммоҳои касри буҷети давлатӣ дар ҳар як кишвари дунё ҷой дорад ва ба яке аз муаммоҳои актуалии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ба андешаи муҳақиқон воситаҳои ҷалбшудаи буҷети давлатӣ бояд танҳо барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ равона гарданд. Касри буҷети давлатиро, ки аз ҳисоби

барномаҳои иҷтимоӣ пайдо шудааст, ки бояд танҳо тариқи фурӯши моликияти давлатӣ рӯйпӯш менамояд.

Калидвожаҳо: буҷет, қарз, андоз, даромад, хароҷот, маблағгузорӣ, касри буҷет, иқтисод ва сиёсати буҷет.

ДЕФИЦИТ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА И ПУТИ ЕГО РЕШЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Сегодня проблемы дефицита государственного бюджета существуют во всех странах мира и считаются одной из самых острых экономических проблем. По мнению исследователей, привлеченные средства госбюджета должны быть направлены только на инвестиционные проекты. Дефицит государственного бюджета, вызванный социальными программами, должен покрываться только за счет продажи государственного имущества.

Ключевые слова: бюджет, долг, налог, доходы, расходы, финансирование, дефицит бюджета, экономика и бюджетная политика.

STATE BUDGET DEFICIT AND ITS SOLUTIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Today, problems of government budget deficit exist in all countries of the world and are considered one of the most pressing economic problems. According to researchers, raised funds from the state budget should be directed only to investment projects. State budget deficits caused by social programs should be covered only through the sale of state property.

Key words: budget, debt, tax, revenues, expenses, financing, budget deficit, economics and fiscal policy.

АДАБИЁТ

1. Иброҳимзода, И.Р., Камолзода, И.А., Камолов, С.А. Такмили низоми пешгӯинамоии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи гузариши ба иқтисоди рақамӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / И.Р. Иброҳимзода, И.А. Камолзода, С.А. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 3. – С. 90-101

2. Исматов, А.Ф. Нақши воридоти андозҳо дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ / А.Ф. Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 162-169

3. Каримов, Б.Х. Механизм разработки и внедрения учетной политики экономических субъектов в условиях МСФО / Б.Х. Каримов // Светоч науки. – 2025. – № 1. – С. 257-264

4. Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2233

5. Шомахмадзода, Ф.Ш. Формирование и использование государственного бюджета Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 2. – С. 58-63

6. Одинаев Ф.Ф., Шомахмадзода Ф.Ш. Матрица оценки прогресса в области финансирования здравоохранения Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук 2024. №12. –С.- 5-12

7. Молияи Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ 2024 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 121 с., с. 13-21, с. 37-45

8. Ҳисобот оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2233.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шомаҳмадзода Фирдавс Шомаҳмад – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru Тел.: +992 972346688.

Сведения об авторе: Шомахмадзода Фирдавс Шомахмад – Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой банковское дело. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru Тел: +992 972346688.

About the author: Shomahmadzoda Firdavs Shomahmad – International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, PhD in Economics, Associate Professor, Head of the Banking Department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: firdavsbekov-1985@mail.ru Tel.: +992 972346688.

Мерганзода Манучеҳр Бекназар –номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забон ва фарҳанги ДБССТ

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҲИФЗУ ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Тоҷикон дар масири таърих бар асари тохтутозҳои аҷнабиён ва манфиатҳои шахсии онҳо асолату ҳувият ва муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла марзу бум, ҷашнҳои миллӣ, андешаи миллӣ ва дину оинашонро қисман аз даст доданд. Ин тохтутозҳои аҷнабиён пайдарпай ба вуқуъ омада, ба мардуми бумии тоҷик зарари моддӣ ва маънавии зиёд расониданд. Ҳуҷуми мақдуниҳо, арабҳо, муғулҳо ва туркҳо аз ҷумлаи чунин ҳамалот ва амалиёти таҷовузкорона ва истилогарона буданд, ки бар асари онҳо фарҳангу маданият ва дину оини мардуми форсу тоҷик аз байн рафта, расму оин ва дини аҷнабиён бар тоҷикон таҳмил гардид.

Вале бо вуҷуди чунин ҳамалоту тохтутозҳои аҷнабиён ниёгони мо дар масири таърих кӯшиш кардаанд, ки муқаддасоту арзишҳои миллӣ, мисли забони тоҷикӣ, ҷашнҳои миллӣ (Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон) ва андешаи миллиашон ҳифз гардад, то ояндагон беасолату беҳувият намонанд.

Аз ҷумла, Сомониён дар асри IX-X ба забону фарҳанги ниёгон арҷ гузошта, барои эҳё, рушду густариши таъриху фарҳанг ва забони тоҷикӣ корҳои бузург анҷом доданд. Онҳо ба забони тоҷикӣ мақоми расмӣ-коргузорӣ ва давлатӣ доданд. Илова бар ин, забони тоҷикиро шоирону нависандагон ва олимон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷалолиддин Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон бо осори адабиву илмии безаволашон умри ҷовидона бахшиданд.

Баъд аз шикасти Сомониён сулолаҳои туркнажод роҳу равиши онҳоро сармашқи корҳои давлатдории худ қарор дода, аз забони тоҷикӣ ҳамчун забони расмӣ-коргузорӣ истифода намуданд. Забони тоҷикӣ дар масири таърих барои халқу миллатҳои гуногун ба ҳайси забони байналмилалӣ хизмат намудааст. Он пас аз забони арабӣ ба ҳайси забони шеър, илму адаб ва дину оини мусалмонони ғайриараб интихоб шуда, дар тули таърих бо имконоти фарохаш на танҳо барои мардуми форсу тоҷик хизмат кардааст, балки барои мардуми ғайритоҷик низ қобили пазириш ва эҳтиром будааст.

Ин боис гардид, ки аз миёни ҳамаи муқаддасоти миллӣ ва рукнҳои асосии давлати тоҷикон танҳо **забони тоҷикӣ** пас аз шебу фарозҳои бисёре нисбатан дар амон монд. Бо вуҷуди ин, забону фарҳанг ва дину оинҳои аҷнабиён чунон таъсир карданд, ки ҷойи қисме аз вожаҳои забони тоҷикиро калимаву ибораҳои забонҳои арабӣ ва туркӣ гирифтанд, ки ин аз як тараф, агар таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ гардонида бошад, аз тарафи дигар, имконот, таровату зебоӣ, равониву содагӣ ва шевоии онро маҳдуд карда, ба душвору мураккабшавии забони тоҷикӣ мусоидат намудааст.

Забони тоҷикӣ дар 70 соли ҳукмронии Иттиҳоди Шуравӣ бинобар сабаби мақоми давлатӣ надоштанаш ба мушкилоти ногувор дучор шуд. Гузашта аз ин, адибону шоирон, олимон ва роҳбарони Тоҷикистон, аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Убайд Раҷаб, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулназар Келдӣ, Муъмин Қаноат ва дигарон ба ҳимояву дифои забони тоҷикӣ бархостанд, бо осори безаволашон адабиёти пурғановатеро бо забони тоҷикӣ офариданд, ҷойгоҳу мақоми забони тоҷикиро ҳифзу нигоҳ доштанд.

Яке аз чеҳраҳо ва шахсиятҳои беназир ва фарзанди фарзонаи миллати тоҷик – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар таърихи давлатдории муосири тоҷикон мақому ҷойгоҳи арзанда дорад.

Албатта, кору хизматҳои шоистаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар муддати 34 соли Истиқлол бешумор мебошанд ва ба тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар тааллуқ доранд. Дар ин мақола кӯшиш намудем, ки перомуни нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзу густариши забони тоҷикӣ (дар замони Истиқлол) ибрози андеша намоед.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати Истиқлол шакли давлатдории ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявию ягонаро интихоб намуд ва ба устувору таҳким бахшидани пояҳои давлатдорӣ, махсусан, муқаддасоти миллӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва ҷашнҳои миллӣ оғоз кард.

1. Истиқлол, пеш аз ҳама, ба забони тоҷикӣ имконияту озодӣ ва руҳу равони тоза бахшид, роҳи рушду густариши минбаъдаи онро устувору пойдор намуд, яъне истиқлолу озодии Тоҷикистон истиқлолу озодии забони тоҷикист. Ба ин маънӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» ишора намудааст: «Забони мо бо Истиқлоли Ватани мо пайванди ногусастанӣ дорад. Яъне, вақте ки Ватани мо озод ва мустақил будааст, забони мо ҳам шукуфо ва истиқлол доштааст ва баръакс. Гузашта аз ин, аз ҳамон ибтидои пайдоиш забон яке аз авомил ва ангезаҳои асосии ҷунбишҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ буд. Барои ниёгони мо мафҳуми Ватан ва забон ҳамеша ҳаммаъно будааст» [4, 13].

2. Бешубҳа, забон унсури меҳварии шукӯҳу шаҳомат ва бақои ҳар халқу миллат мебошад. Забони тоҷикӣ дар масири таърих омили асосии пояндагиву боландагӣ, ҳувияту асолати миллӣ, ватану ватанпарастӣ ва озодихоҳии мардуми ориёӣ будааст. Ба андешаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳарчанд мардуми тоҷик дар таърих борҳо шикаст хӯрда, истиқлоли худро аз даст дода бошанд ҳам, ҳеҷ амиру ҳоким дар ҳеҷ давру замон натавонист руҳи истиқлолталабӣ ва ишқу муҳаббати онҳоро нисбат ба забони модариашон халалдор кунад [1, 15]. Ҷунбиши озодихоҳиву истиқлолхоҳии тоҷикон дар нимаи дуюми садаи XX маҳз аз истиқлолу озодии забони тоҷикӣ

сарчашма гирифта буд, ки он дар ашъори шоирони шинохтаи тоҷик Муъмин Қаноат «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» (1963), Лоиқ Шералӣ «Забонгумкарда» (1987), Убайд Раҷаб «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» (1967), Бозор Собир «Забони модарӣ» (1975), Гулназар «Агар як лаҳза хории забон бинам» ба таври назаррас ба мушоҳида мерасад.

3. Дар шароити имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таҳким ва рушду инкишофи забони тоҷикӣ тадбирҳои назаррас андешида шуда истодаанд. Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таҳким ва рушду густариши забони тоҷикӣ ҷолиби диққат ва шоистаи таҳсин аст. Чунонки пештар ишора кардем, он аз аҷдодони бонангу номус, адолатпарвару боасолат ва бофарҳангу мутамаддин, махсусун Ҳахоманишиён, Тоҳириён у Саффориён, Сомониён ва дигарон сарчашма мегирад, ки хусусияти демокративу озодихоҳона дорад. Масалан, дар мавриди забони давлатӣ дар боби якум ва моддаи дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст... Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд, аз забони модариашон озодона истифода кунанд» [2, 8]. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақалиятҳои миллии ҳудуди кишвар ҳуқуқ додааст, ки аз забони модариашон озодона истифода намоянд. Ин ба он маъност, ки фарҳанги мардуми ориёӣ, махсусан, забони форсӣ-тоҷикӣ хусусияти демократию озодипарварона ва сулҳгароёнаву дӯстона, баҳамоварӣ ва ваҳдатофарӣ дошта, дар тули таърих «...донистан ва ё омӯхтани ин забон ба ҳеҷ қавми дигар таҳмил нашуда буд» [4, 20].

4. Забони форсӣ-тоҷикӣ аз тавонотарину қудратмандтарин забонҳои дунёст, ки дар сиёсату идоракунӣ, илму адабиёт ва дин собиқаи тулонӣ дорад. **Тавоноӣ ва рақобатпазирии забони форсӣ-тоҷикӣ** ба он ҳадде буд, ки сарҳадоти корбурдашро убур карда, на танҳо барои халқу миллатҳои бисёре ҳамчун забони сиёсату давлатдорӣ, илму адабиёт, фарҳангу ҳунар ва дину мазҳаб хидмат намудааст, балки ба ҳайси забони байналмилалӣ ба кор рафтааст.

5. Бо шарофати Истиқлоли Тоҷикистон забони тоҷикӣ тавонотару қудратмандтар гардида, ҷойгоҳу мавқеи худро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии кишвар ҳифз намуда истодааст. Дар зарфи 34 соли соҳибистиқлолӣ дар самти сиёсати забон корҳои бисёре, аз ҷумла қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», гиромидошти Рӯзи забони давлатӣ (ҳамасола 5 октябр), таҳияи барномаҳову фарҳангҳо, таҷдиди имлои забони тоҷикӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ ва ғайраҳо анҷом ёфтаанд, ки онҳо ҷиҳати рушду инкишофи забони тоҷикӣ мусоидат намуданд.

Воқеан, сиёсати забони давлатӣ дар замони Истиқлол дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад ва баҳри рушду инкишофи он қонуну санад ва барномаҳо қабул карда шудаанд. Моҳият ва мубрамтарин масоили сиёсати

забони давлатӣ дар суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ дарҷ гардидаанд. Ташаббусу ибтикороти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар самти сиёсати забони давлатӣ дар даврони Истиқлол ба чанд бахш ҷудо мумкин аст:

1. Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ҳарчанд бори аввал 22-уми июли соли 1989 ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуда бошад ҳам, аммо он ба оғози Истиқлоли Тоҷикистон рост омад ва зарурати таҷдиди он дубора дар замони соҳибистиқлолӣ пеш омад, ки 5-уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Қонуни мазкур истифода, ҳимоя, рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигарро таъмин менамояд [3]. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти татбиқи қонуни мазкур, ҳамгунсозии истилоҳот ва назорати меъёрҳои забони адабиро бар уҳда дорад.

2. Таъйин ва тачлили Рӯзи забони давлатӣ дар замони Истиқлол. Бо ташаббус ва ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири бузургдошту гиромидошти забони тоҷикӣ санаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 5-уми октябр, ҳамасола «Рӯзи забони давлатӣ» бо шукӯҳу шаҳомати беандоза ҷашн гирифта мешавад.

3. Суханрониҳо ва маърузаҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи забони тоҷикӣ. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола ба хотири посу эҳтироми ин рукни ҳувиятсозу муттаҳидсоз ва ҳаётбахш – забони тоҷикӣ дар ҳузури намояндагони ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва махсусан, аҳли зиёи кишвар – шоирону нависандагон суханронӣ менамояд. Суханронӣ ва маърузаҳои ба Рӯзи забони давлатӣ бахшидаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, асосан масъалаҳои зеринро фаро мегиранд:

3.1. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, дар ин суханрониҳо масъалаҳои гиромидошту эҳтиром, рушду густариш, омӯзишу донистан, поку беолоиш, ҳифзу пуштибонӣ, тавоноиву имконоти забони ширину гуворои тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор додааст [7, 2008, 2009].

3.2. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон забони давлатиро рамзи муқаддасу ҷовидонаи ҳастии миллат, муҳимтарин нишонаи давлатдории миллии тоҷикон ва асоситарин омили ваҳдату сарҷамъии мардуми Тоҷикистон номида, нақши онро дар сарнавишти миллат таъкид кардааст [7, 2015, 2019].

3.3. Дар суханрониҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ сарчашмаву маншаи ҳувияту худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихору боландагии миллати тоҷик муаррифӣ шуда, сабаби ташаккули андешаи миллии мардуми ориёӣ ба он вобаста дониста шудааст. [7, 2001, 2015, 2019].

3.4. Дар ин маърузаҳои нахуст омӯзиши забони тоҷикӣ муҳиму мубрам дониста шуда, сипас дар баробари он, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ борҳо таъкид шудааст [7, 2001, 2012, 2014, 2019].

3.5. Дар суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ба пояи забони илми муосир расонидани забони тоҷикӣ ба таври фаровон ишора шудааст. Дар ин замина бо ташаббусу ибтикори Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ кард ва унвонҷӯёну докторантҳо рисолаҳои илмии худро ба забони тоҷикӣ дар ҳамаи соҳаҳои илм таълиф намуда истодаанд [7, 2019].

3.6. Яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати забони тоҷикӣ эҳёи номҳои миллии тоҷикӣ, таҳияи фарҳангномаҳо ва номҳои ҷуғрофӣ мебошад. То имрӯз дар масъалаи номгузории фарзандон, таҳияи фарҳангномаҳо ва номгузории шаҳру ноҳияҳо корҳои зиёде анҷом ёфтааст. Ба андешаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон: «Асолати миллӣ доштани номи инсон омили неруманди ташаккули шахсият ва эҳсоси худогоҳиву хештаншиносии ӯ ба шумор меравад. Бегонапарастӣ дар самти номгузорӣ наслҳои ояндаро аз асолати таърихӣ дур мекунад, худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳоро коҳиш медиҳад» [7, 2015, 2019].

3.7. Истилоҳу истилоҳпазирӣ, иқтибосгирӣ ва таҳияи фарҳангҳои истилоҳоти илмӣ аз масъалаҳои муҳимми сиёсати забони тоҷикӣ мебошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳсозӣ ҳамчун омили тавонбахши забон дар замони пешрафти бесобиқаи илму техника андеша ронда, таъкид намудааст, ки ба хотири ҳифзи асолати забон ҳангоми истифодаи истилоҳот ва истилоҳпазирӣ ҳам имкониятҳои забони модарӣ ва ҳам иқтибосгирии оқилонаву санҷида ба инобат гирифта шуда, аз истилоҳоти иқтибосии бемавқеъ худдорӣ карда шавад [7, 2009, 2019].

Яке аз барномаҳои ФБА барои кишварҳои нав аъзошуда ин расондани ёрӣ барои рафъи оқибатҳои муноқишаҳо мебошад. Ин дастгирӣ дар шакли маҷмуи ёриҳои техникӣ, маишӣ ва машваратҳои тахассусӣ ифода меёбад. Дар соли 2010 ФБА барои боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ барои Тоҷикистон 237,5 млн. дол. ИМА ёрӣ дод.

Дар байни 82 кишвари дар ҳоли рушд ҳадафдошта Тоҷикистон аввалин кишварест, ки соли 2005 барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола бо дастгирии СММ “Самтҳои асосии Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2007-2015”-ро таҳия намуд. Дар ин лоиҳа таваҷҷуҳи асосӣ барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ тавассути рушди тамоми соҳаҳои маҷмааи энергетикӣ равона шуда буд.

Дар ин давра Тоҷикистон аллакай бо 130 кишвари дунё муносибатҳои дипломатӣ барпо карда буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист робитаҳои фаъол ва самарабахшро бо шарикони хориҷии худ ба роҳ монад. Мавқеи байналмилалии кишвар, махсусан пас аз иштироки фаъоли Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба кишварҳои соҳили дарёҳо дар доираи "Даҳсолаи амал: Об барои ҳаёт" барои

солҳои 2005-2015 ва раисии ӯ дар иҷлосияи 18-уми Маҷмааи Умумии СММ, афзун гардид.

Дар шароити мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ, роҳбарияти кишвар стратегия ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлатро ба таври возеҳ муайян намуд. Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст, Тоҷикистон аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикӣ ба панҷ минтақаи калидии сиёсӣ шомил мешавад: аввалан, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки новобаста аз душвориҳои ибтидоии ташаккулёбӣ, роҳи ҳамкории воқеиро пеш гирифтааст; дуввум, минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар марҳалаи ҳозира ба ҳамгироии иқтисодию сиёсӣ тамоюл дорад; саввум, кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги форсизабон, ки онҳоро гарчи алоқаҳои муассири сиёсиву иқтисодӣ пурра муттаҳид накарда бошанд ҳам, умумияти таърихӣ, забон ва дин ба ҳам мепайвандад; чорум, доираи кишварҳои Шарқи Исломӣ, ки онҳоро, илова ба умумияти мазҳабию фарҳангӣ, зарурати рушди муштарак низ муттаҳид месозад; ва ниҳоят, панҷум, ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки робитаҳои он бо Тоҷикистон рӯз аз рӯз таҳким ёфта, моро ба фарҳанги ягонаи умумибашарӣ наздиктар мекунад [91.С.222].

Тоҷикистон дар ин минтақаҳо аз рӯи муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мавқеи устувор ёфта, бо тамоми давлатҳо ҳамкориҳои самимӣ ва шаффофро ба роҳ монд.

Дар ин раванд 16 октябри соли 2004 Президенти ФР В.В. Путин бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон омад. Дар натиҷаи ин сафари расмӣ Созишнома дар бораи ҳамкории дарозмуддат байни Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи “Русский Алюминий” ба имзо расид. ҶСК “Русский Алюминий” уҳдадор шуд, ки ба рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, химия ва дар тайёр намудани мутахассисони ин соҳаҳо мусоидат хоҳад намуд.[145.С.1].

Дар даврони истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои гуногунсоҳаи худро бо Ҷумҳурии Мардумии Чин бунёд ва таҳким бахшид. Аз соли 2000 инҷониб, ин муносибатҳои шарикӣ ба сатҳи сифатан ҷадид баромаданд ва заминаи мусоиде барои рушди ҳамкориҳои судманд фароҳам оварданд.

Созишномаи дуҷониба оиди “Сохтмони хатти барқи 500 кВт /с. “Ҷануб-Шимол” ба дарозии 350 км ва созишнома оиди “Сохтмони хатти барқи 220 кВт/с. ”Лолазор- Хатлон” ба дарозии 90 км” имзо карда шуд. Лоиҳаи Хатти Интиқоли Баландшидати 500 кВт/с. “Ҷануб-Шимол” тақрибан ба маблағи 281, 3 млн. дол. ИМА, қарз-267,2млн.дол.ИМА, муҳлати анҷом-3 сол ва муҳлати пардохти қарз-7 сол муайян шуда буд[62]..

Яке аз лоиҳаҳои калидӣ, ки дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин роҳандозӣ гардид, сохтмони хати интиқоли барқи 500 кВт/с. бо номи “Ҷануб-Шимол” буд. Арзиши ин хат дар он зоҳир мешуд, ки он имкон дод як қисми вилояти Суғд, ки қаблан ба низоми алоҳидаи таъминоти барқӣ шомил буд ва танқисии шадиди нерӯи барқро эҳсос мекард, ба низоми ягонаи энергетикии марказии кишвар пайваст карда шавад. Дар натиҷаи ҳали ин масъала имкон

пайдо мешуд, ки рушди ояндаи саноати минтақа аз ҳисоби нерӯи барқи ин шабака таъмин карда шавад.

Дар моҳи июни соли 2008 ду пойгоҳ-“Лолазор” ва “Хатлон” дар шаҳрҳои Данғара ва Кӯлоб ба истифодаи ХИБ 220 кВт/с. “Лолазор -Хатлон” супорида шуд. Он 4 трансформатори баландшиддат ва 133 такягоҳҳоро дар бар мегирифт. Хатти интиқоли барқ дар давоми сол 4 млрд. кВт/с. неруи барқро, ки дар НБО-ҳои Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда-1 ва 2 истеҳсол мешуд, интиқол дода метавонад. [36.С.28]. Сабаби пешравиҳои соҳаи энергетика ва рушди муносибатҳои сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ин аз хатти ягонаи энергетикӣ дар соли 2009 канда шудани ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамин мушкилот буд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ барои татбиқи ҳадафҳои худ як қатор барномаву конунҳоро дар соҳаҳои энергетика қабул ва баррасӣ амалӣ намуд. Дар ин раванд ҳукумати ҷумҳурӣ аз мушкилоти тақсимоти ягонаи энергетикӣ ба осонӣ баромад.

Дар ҳамкории Ҳукумати Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ оиди масъалаҳои энергетикӣ ду дастовард нақши калидӣ пайдо намуданд. Пеш аз ҳама, тибқи "Консепсияи рушди бахшҳои маҷмааи энергетикӣ барои солҳои 2003-2015", неруи истеҳсолшаванда дар рушди устувори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар нақши калидӣ бозид. Дар марҳилаи баъдӣ, нерӯи барқи изофӣ ба бозорҳои энергетикии кишварҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ барои содирот равона карда шуд.

Дар ояндаи наздик, пайвасти доимии нерӯгоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, ба итмомом расиданд ва инчунин НБО-и Роғун, ки дар ҳоли сохтмон қарор дорад, бо шабакаҳои энергетикии Қазоқистон, Федератсияи Россия ва кишварҳои дуртар, аз ҷумла Афғонистон, Покистон, Чин ва Ҳиндустон, амалӣ хоҳад шуд.

Акнун Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фурӯши қувваи барқ имкониятҳои бештаро фароҳам оварда, дар муносибатҳои сиёсӣ ва амниятии энергетикӣ шарикони стратегии худро пайдо хоҳад кард. Бо мақсади содироти нерӯи барқ аз нерӯгоҳҳои барқи обии Роғун, Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, инчунин интиқоли изофаи барқи истеҳсолшавандаи мавсимии тобистон, дар ин давра таҳияи лоиҳаи сармоягузории хатти интиқоли барқи баландшиддати 750 кВт/с. бо масири “Роғун-Хоруғ-даҳлези Вахон-Ҷиргатол-Пешовар” дар назар дошта шуд[67.С.140]. Дар моҳи майи соли 2006, бо ҳадафи татбиқи чорабиниҳои ба нақша гирифташуда, дар шаҳри Исломободи Покистон конфронси аввали рушди бозори савдои нерӯи барқ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ баргузор гардид. [148.С.12]. Баъди ба истифода додани НОБ-Роғун ва Шӯроб мавқеи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баро ҳамкории минтақавӣ хеле боло хоҳад рафт. Чунки энергетика барои кишварҳои минтакаи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ дар пешрафти минбаъдаи ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо нақши муҳимро мебозад.

Пӯшида нест, ки дар ҳалли ин масъала Ҳукумати Тоҷикистон мушкилоти зиёди сиёсӣ ва иқтисодиро пушти сар карда, дар байни кишварҳои минтақа амнияти энергетикии кишварро таъмин намуд, то ин ки аз муҳтоҷии дохилии энергетикӣ раҳоӣ ёбад. Бо итминон метавон гуфт, ки баъди ба кор андохтани агрегатҳои нав дар нерӯгоҳи барқи обии Роғун, ин мушкилоти таъмини

кишвар бо нерӯи барқ ҳалли худро пайдо хоҳад кард ва имконият барои содироти нерӯи барқ ба дигар давлатҳо низ бештар мегардад. Тавре маълум аст, Тоҷикистон мамлакати пуркӯҳ буда, дорои захираҳои зиёди об мебошад. Дарёҳо, рӯдхонаҳо ва чашмаҳои зиёд имконият медиҳанд, ки мутахассисони соҳаи энергетика сохтмони нерӯгоҳҳои хурдро дар минтақаҳои кӯҳӣ афзалтар шуморанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки татбиқи ин иқдом на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки иҷтимоии назаррас низ дорад. Зеро ҳадафи асосии сиёсати давлат дар самти энергетика на танҳо таъмини рушди бахши саноат ва истеҳсолот мебошад, балки беҳтар кардани шароити зист ва зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва фарҳангии сокинонро низ дар бар мегирад.

Мавриди қайд аст, ки масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои хурди баркӣ ҳанӯз дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, аниқтараш охири солҳои чил ва ибтидои солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба миён омада буд. Вале бо сабаби ба авлавият баромадани зарурати афзоиши истеҳсоли пахта ва васеъ намудани заминҳои кишоварзӣ, таваҷҷуҳ ба иншооти хурди энергетикӣ коҳиш ёфт. Он давра мардуми манотиқи кӯҳистон ба водиҳои ҳосилхез кӯчонида шуданд, деҳаҳо холӣ гашта, барномаи бунёди нерӯгоҳҳои барқи хурд аз миён рафт. Дар он марҳила, сиёсати энергетикӣ ба сохтмони нерӯгоҳҳои калонҳаҷм равона карда шуд, ки ҳадафи аслии онҳо таъмини нерӯи барқи кофӣ барои саноати рушдёбандаи кишвар буд.

Маҳз ҳамин омил боис гардид, ки то оғози солҳои 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 69 нерӯгоҳи хурди баркӣ, танҳо панҷто фаъол буданд ва боқимондаашон бинобар беэътиноӣ ва набуди нигоҳубин аз фаъолият бозмонда буданд[147.С.

Дар доираи ин барномаҳо, то аввали соли 2002, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор созмонҳои байналмилалӣ созишномаҳои шарикӣ ва ҳамкориро ба имзо расонид. Тибқи ин созишномаҳои консорсионӣ, ки муҳлати амалашон 25 солро дар бар мегирифт, татбиқи барномаҳои энергетикии ВМКБ ба масъулияти ширкати “Помир Энержи” гузошта шуд. Ҳамзамон, барои рушди минбаъдаи энергетикаи хурд дар ҷумҳурӣ асосҳои зарурии ҳуқуқӣ, меъёрӣ, саноатӣ ва молиявӣ ба вуҷуд оварда шуданд, ки заминаи мусоид барои пешбурди ин соҳа ва таъмини нерӯи барқ ба аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ гардиданд.

Дар натиҷаи ҳамкории муштарак ва маблағгузории Хазинаи Оғохон, дар давоми ин солҳо 21 нерӯгоҳи хурди баркӣ бо иқтидорҳои аз 30 то 100 киловатт дар як соат сохта ва ба истифода дода шуданд. Ҳамзамон, 11 нерӯгоҳи дигар бо иқтидори аз 250 то 600 киловатт тавассути сармоягузории ҶСШК “Барқи Тоҷик” бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтанд. То аввали соли 2007 шумораи умумии нерӯгоҳҳои хурди баркӣ, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолият доштанд, ба 33 адад расид[147.С.22.23]..

Ин барнома бо маблағгузории грантии Бонки Исломии Рушд (БИР) амалӣ карда шуд. Ҳадафи асосии он муайян кардани ҷойҳои муносиб барои сохтмони нерӯгоҳҳои хурд, арзёбии имкониятҳои истифодаи захираҳои

гидроэнергетикии маҳаллӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба интихоби технологияҳои сохтмонӣ, гузаронидани таҳлили молиявӣ ва муайян намудани самаранокии иқтисодии истеъмоли нерӯи барқ буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари идома додани корҳои сохтмонии НБОХ доир ба бунёди НБО-ҳои калон низ чораҳои муҳим роҳандозӣ кард. Масалан, 24 майи соли 2002 бо "Ҷамъияти энергетикии Помир" (ҶЭП) шартномаи консессионӣ баста шуд, ки дар асоси он тамоми тавозунҳои молию техникии ХИБ ва НБО-ҳои дар қаламрави ВМКБ амалкунанда ба муддати 25 сол ба ҶЭП вогузор карда шудаанд. Дар ин марҳала ҶЭП, мувофиқи шартнома, бояд неругоҳҳои кӯҳна ва ХИБ-ҳоро дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ медошт, вилоятро бо қувваи барқ таъмин мекард ва сохтмони НБО-ҳои навро давра ба давра давом медод. [72.С.113].

Таъмин намудани рушди босуботи сиёсӣ, иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар дар оғози даврони соҳибистиқлолият то ба имрӯз ҳадафҳои асосии давлат қарор гирифтааст. Дар ин фосилаи кутоҳи таърихӣ Тоҷикистон тавонист, ки пояҳои давлатии навбунёди худро мустаҳкам намуда, сиёсати энергетикии худро дар доираи ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ таҳрези намояд ва дар ин роҳ ба муваффақиятҳо ноил гардад.

Махсусан НБО–и Роғун бузургтарин ва муҳимтарин иншооти гидроэнергетикии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бе неругоҳи Роғун рушди босуръат ва ояндаи сиёсати энергетикиро дар Тоҷикистон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Иқтидори лоиҳавии неругоҳи Роғун бо 6 чарха 3600 мВт буда, сарбанди обанбораш бояд 335м бардошта шавад. Ҳаҷми умумии оби обанбор 13,3 км^3 ташкил ҳоҳад дод, ки дар давоми 15-17 сол ҷамъоварӣ мешавад.

Таҳлили иқтидорҳои табии ва захираҳои мавҷудаи энергетикии Тоҷикистон, бараъло аз он далолат медиҳад, ки чи раванди ҳаёти сиёсӣ ва чи муносибатҳои сиёсю иқтисодӣ ва ояндаи Тоҷикистон асосан аз минбаъд ҳам тараққӣ додан ва истифодаи васеи имконияти гидроэнергетикӣ, пеш аз ҳама бунёди неругоҳҳои бузурги обӣ вобастагии зич дорад. Маҳз НБО-и Роғун метавонад дар ҳама фаслҳои сол ниёзҳои рӯз аз рӯз афзояндаи Тоҷикистонро бо неруи барқ қонеъ гардонад ва истиқлолияти энергетикии кишварро таъмин намояд. Неругоҳи барқӣ обии Роғун ҳамчунин метавонад Тоҷикистонро ба муҳимтарин кишвари интиқолдиҳанда неруи барқ табдил дода, рушди бесобиқа ва босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин намояд.

Неругоҳи барқи обии Роғун на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои кулли кишварҳои минтақа аҳамияти хосса дорад, зеро ки баъди анҷоми сохтмони иншоот ва ба истифода додани он кишвари мо неруи арзони аз ҷиҳати экологӣ безарар, неруи «сабз»-ро дар ҳаҷми калон истеҳсол намуда, ҳамзамон кишварҳои поёнобро ҳатто дар солҳои камбориш бо оби нӯшокию кишоварзӣ таъмин менамояд. Дигар фазилати НБО-и Роғун ин аст, ки кишварро аз буҳронҳои барқӣ наҷот медиҳад. Пурра ба кор даромадани НБО-и Роғун ва таъмини барқи доимӣ дар кишвар, иқтидори корхонаҳои истеҳсолиро афзоиш дода, диққати сармоягузорони дохилию хориҷиро дар

Тоҷикистон, бо мақсади бунёди ҷойҳои нави корӣ ва сохтани корхонаҳои хурду бузург зиёд хоҳад кард.[7.С.58].

Рӯзи 16 ноябри соли 2018 ҳамчун санаи таърихӣ ва сарнавиштсоз дар раванди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардид. Маҳз дар ҳамин рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо баргузории маросими бошукуҳ аввалин агрегати Неругоҳи барқи обии Роғунро расман ба истифода доданд. Бо ба кор андохтани ин иншооти бузург, давраи нави рушди бахши энергетикаи кишвар оғоз ёфт, ки дар таҳкими пояҳои иқтисоди миллӣ нақши калидӣ мебозад.

Ҳамчунин, санаи 9 сентябри соли 2019, ки ба солгарди истиқлоли давлатӣ рост меояд, боз як қадами муҳиму таърихӣ дар самти расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ гузошта шуд. Ифтитоҳи марҳилаи дигари нерӯгоҳи Роғун нишон дод, ки Тоҷикистон дар самти истифодаи босамари захираҳои гидроэнергетикии худ пешравии назаррас дорад. Ин пешрафт имкон медиҳад, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандии кишварҳои истеҳсолкунандаи неруи барқи аз манбаъҳои барқароршаванда дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам мустаҳкамтар гардад.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ба хотири расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва ҳадафҳои неки таъмини зиндагии шоиста барои мардуми тоҷик бо дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва татбиқи як силсила нақшаю барномаҳо ба роҳ монда шуда, истифодаи оқилонаву сарфакоронаи захираҳои гидроэнергетикӣ сохтмону таҷдиди неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ оғоз гардида ва хатҳои баландшиддати интиқоли нерӯи барқ ва зеристгоҳҳои барқӣ бунёд карда шуданд.[83.С.170]. Бо пура ба кор даромадани НБО- Роғун ва амалӣ гаштани сиёсати энергетикии ҷумҳурӣ дар муносибатҳои сиёсии минтақа Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи бузургро пайдо мекунад.

Таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳудуди як минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ҳар сол 130 млрд.кВт/с. неруи барқ истеҳсол мегардад ва ин ҳам барои аксари давлатҳои минтақа басанда нест, баъд аз даҳ сол 180 млрд.кВт/с.ва баъд аз 15 сол 210 млрд.кВт/с. барқ лозим мегардад. Танҳо дар соли 2013 ҳамсоякишвари мо Хитой ҳар моҳ 445-450 млрд.кВт/с. неруи барқ сарф мекунад. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки сохтмони неругоҳҳои барқии обии бузург на фақат барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвари худ, балки барои тақвияти ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя низ зарур аст.[66.С.156].

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои рафъи мушкилоти мавҷуда дар соҳаи энергетика ва рушди он 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 57,2 млрд. сомонӣ роҳандозӣ карда шудааст. Ҳоло дар ин самт беш аз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 16,4 млрд. сомонӣ татбиқ гардида истодааст. Дар ин давра зиёда аз 2000 мегават иқтидорҳои нав ба кор андохта, ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ аз 17 млрд. кВт/с. соли 1991 ба 21 млрд.кВт/с. дар соли 2019 афзоиш дода шуд. Бо ҳадафи расидан ба истиқлолияти пурраи энергетикӣ дар солҳои наздик ва таъмини талаботи аҳолӣ ва бахши иқтисоди

миллӣ бо нерӯи барқ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи барномаҳои муҳими сохтмон ва навсозии як қатор иншооти энергетикии хурду бузургро роҳандозӣ намудааст. Ҳамзамон, барои содироти нерӯи барқи изофӣ дар мавсими тобистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, лоиҳаи минтақавии CASA-1000 таҳия ва амалӣ гардид.

Дар ин лоиҳа Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба сифати фурӯшандагони неруи барқ, ки онҳо дар давраи фаровонии неруи барқ аз моҳи апрел то моҳи октябр 5 млрд.кВт/с. (аз ҷумла, тақрибан 3 млрд. кВт/с. аз Тоҷикистон ва 2-млрд. кВт/с. аз Қирғизистон) метавонанд барқро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон интиқол диҳанд. Воқеан ҳам татбиқи ин Лоиҳаи минтақавӣ имконият медиҳад, ки иқтидори бузурги қувваи барқи зиёдатӣ ба ин кишварҳо ва умуман ба минтақа барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум содирот карда шавад.

Дар натиҷа, метавон хулоса кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои фаровони манбаъҳои барқароршавандаи нерӯи барқи обӣ ва дигар сарчашмаҳои тавлиди энергия бархурдор мебошад. Агар ин имконот ба таври самаранок истифода шаванд, кишвар на танҳо ниёзҳои дохилии худро ба нерӯи барқ пурра таъмин хоҳад кард, балки имконияти содироти онро ба давлатҳои дигар низ пайдо менамояд. Ин иқдом метавонад ба рушди устувори иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ бахшад. Илова бар ин, пешрафти сатҳи зиндагии аҳолӣ ва тараққиёти соҳаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ ба пешрафти бахши энергетика зич вобаста мебошад. Дастовардҳои солҳои истиқлолият аз он далолат медиҳад, ки Тоҷикистон дар кори амалӣ гардонидани яке аз самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ- ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва бо ҳамин минвол мустаҳкам кардани пояҳои давлатдори миллии худ дилпурона қадам мегузорад.

Хулоса, ин ҳама дастовардҳои даврони истиқлолият дар сиёсати энергетикии ҷумҳури ва низоми муносибатҳои сиёсиро дар минтақа мустаҳкам хоҳад намуд. Манбаъҳои энергеткӣ яке аз пояи асосии рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ва ҳамкории он бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мебошад.

Адабиёт

1. Ҳотамов, Н.Б. История таджиского народа [Текст]:новейшая история / Н.Б. Ҳотамов . – Душанбе.: Империал – Групп, 2011. – Т.6. – С. 433-434.
2. Поздняков, А.И., Попенков, В. И. Геополитическое соперничество в современном мире [Текст]: история и перспективы /А.И. Поздняков, В.И. Попенков. – М.: ВАГШ, 1998.
3. Заявление О государственном суверенитете Республики Таджикистана [Текст] // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.]. – Душанбе, 2013. – Ҷ. 1. – С. 3, 8, 14.
4. Ҳотамов, Н. Б. История таджиского народа [Текст]: новейшая история / Н. Б. Ҳотамов. – Душанбе.: Империал – Групп, 2011. – Т.6. – С. 450.

5. Раҳмон Э. Понздаҳ марҳалаи истиқлолият. Народная газета [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2006. – С. 22. 20 сент.

6. Аз Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси кишвар [Матн] // Народная газета. – 2010. – С 4. – 28 апр

7. Таджикистан – неотьемлимая часть мирового сообщества [Текст] /М.А. Акмалова. – Душанбе, 2008.

8. Неру [Текст]. – 2004. – №2 (02), декабри

9. Маҳмадназаров, Р.Р. Тоҷикистон ва CASA-1000 [Матн]: дурнамои ҳамгироии энергетикӣ / Р. Р. Маҳмадназаров. – Душанбе: Маркази

11. Гидроэнергетика Таджикистана [Текст]: ресурсы и перспективы. таҳқиқоти минтақавӣ, 2021. – 64 с.

12. Нозир Ёдгорӣ. Энергетикаи Тоҷикистон [Матн]: дирӯз, имрӯз ва фардо / Ёдгорӣ Нозир. – Душанбе.: Эҷод, 2006. – С. 42.

13. Назарзода, А. Гидроэнергетикаи Тоҷикистон [Текст] /А. Назарзода. – Душанбе, 2014. – С. 155-156.

14. Раҳмон Озода Эмомалӣ. Пешвои муаззами миллат [Матн]: Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Истиҷлолияти давлатӣ /Раҳмон Озода Эмомалӣ. – Душанбе, 2019. – С. 170.

Ошурмамадова Нурия Гадомамадовна - ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилали ва сиёсатшиносӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

МУҲОҶИРАТ ЗЕҲНИ ВА РАВАНДИ СИЁСИИ ДАР ШАРОТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола ҷанбаҳои сиёсии равандҳои муҳоҷират, ҷузъи сиёсии муҳоҷират, ҷузъи муҳоҷиратии равандҳои сиёсӣ ва таъсири ин равандҳо ба амнияти миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Барои таҳлили фарогири ин муаммо ба моҳияти мафҳуми «амният», «амнияти миллӣ» ва дарки моҳият ва дараҷаи мувофиқати мафҳумҳои «амнияти миллӣ», «амнияти иҷтимоӣ», «амнияти иктисодӣ» ва дигар намудхои амният муқарарот ворид карда шудааст.Таҳдид ба амниятро ҳамчун мавҷудияти омилҳое, ки тартиботи муқарраршударо вайрон мекунанду сатҳи шиддати иҷтимоиро дар фазои сиёсиву иҷтимоӣ афзун мекунанд, барассӣ шудааст. Вобаста ба ин таҳдидҳое, ки раванди муҳоҷират ба амнияти миллӣ рӯи кор меорад, муаяйн карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили равандҳои муҳочират ба хулосае омадааст, ки дар замони муосир, аз як тараф, сиёсатгардии равандҳои муҳоҷират сурат гирифта истодааст, аз тарафи дигар, равандҳои сиёсӣ вобаста ба мавҷҳои муҳоҷират таъғир меёбад, ки он дар табдили муҳоҷират ба унсури ҷудонашавандаи системаи амнияти миллӣ инъикос меёбад. Асосенок карда шудааст, ки раванди муҳоҷират ба дӯши худ бори сиёсиро, дар натиҷаи фишор ба институтҳои сиёсии муқарраршуда бо табодули аломатҳои асосии сиёсӣ бо таҳдид ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ, гирифтааст.

Калидвожаҳо: муҳоҷиратшиносии сиёсӣ, сиёсати муҳоҷират, равандҳои муҳоҷират, заминаи сиёсӣ равандҳои муҳоҷират, ҷузъи сиёсии муҳоҷират, ҷузъи муҳоҷиратии равандҳои сиёсӣ, амнияти миллӣ, амнияти иҷтимоӣ, таҳдиди муҳҷират ба амнияти миллӣ.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар радифи таҳдидҳои асосӣ ба рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон арзиши баланди иҷтимоии муҳоҷирати меҳнатӣ масъалаи бадшавии мушкилоти иҷтимоӣ дар оилаҳои муҳоҷирон, ки дар кишвар боқӣ мемонанд, боиси ба миён омадани падидаи иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирон дар онҷо кӯдакон овора мегардад қайд шудааст[1С.34-36]. Қайд кардан ба маврид аст, ки барои паст намудани сатҳи ин таҳдид ба рушди ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат айни замон марҳила ба марҳила татбиқи “Стратегияи миллии муҳоҷирати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даввраи то соли 2030” идома ёфта истодааст, интихоби сиёсати мақсаднок ва самараноки муҳоҷират, таҳкими заминаи қонунгузории миллӣ ва низоми давлатии идоракунии он, инчунин таҳияи созишномаҳои ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва бо ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади таъмини амният ва раванди муҳоҷират вазифаи асосии Стратгия низ мебошад.

[2 С.7-9]

Муҳоҷират аз замони аён шудани он ҳамчун падидаи хоса ҳамеша дар доирааи илмҳои иқтисодӣ, сотсиология, таърих, демографӣ баррасӣ мешуд. Муҳоҷиратро ба мисли ҳама гуна падидаҳои иҷтимоӣ, на ба як замина, балки дар пояи заминаҳои хеле гуногун метавон зери тавзеъу тавсиф қарор дод. Ҳарҷанд олимон татқикот карда истодаанд, ки ҳамаи заминаҳо фаро гирифта шаванд, аммо дар амал, ин кор мушкил аст. Ҳалли баъзе вазифаҳои таҳлилӣ муҳоҷират метавонад дар як замина ва ё контекст баррасӣ карда шавад интихоби дурусттарин дар сурате рӯи кор меояд, ки таваҷҷӯҳи тадқиқот дар заминаи, ки барои замону макони муайян муҳим аст тамаркуз шуда бошад. Яъне масаъла ва ё муаммоҳои илмии муҳоҷират ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Метавон таъкид намуд, ки дар заминаи сиёсӣ равандҳои муҳоҷират хеле кам омӯхта шудаанд. Бинобар он, ин ҷо мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҷузъи сиёсии муҳоҷирати меҳнатиро мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Аз оғози солҳои 1970-ум таназзули иқтисодӣ ва коҳиш ёфтани бозорҳои меҳнат дар мамолики Аврупо водор кард, ки ба муҳоҷирон ва захираҳои меҳнатӣ аз Осиё ва Африқо, дар робита бо сиёсати «Дарҳои боз» бо истифода аз робитаҳои оилавию ҳамватанон бо диаспорахои афзоянда ҷалб шуда, дар ҷомеаи мамлакатхои мутараққӣ як тоифа хеле калонро ташкил медоданд, ки нигоҳи нав пайдо кунанд.

Бо мурури вақт афзудани шумораи муҳоҷирон тафовутҳои фарҳангӣ бештар ба назар расида дар бозори меҳнати ин кишварҳо рақобат байни аҳолии маҳаллӣ ва ғайримаҳаллӣ шиддат гирифт. Ба аксари муҳоҷирон афзоиши ҷиноят ва паҳншавии баъзе бемориҳо рабт доштанд, ки дар натиҷа ҳузури доимии нуфузи хеле зиёди онҳо ҳамчун таҳдид ба шаклҳои гуногуни амният эътироф карда шуд. Тадриҷан ин масъала ба таври ғайримустақим дар сиёсати нави муҳоҷирати солҳои 80-90 инъикоси худро ёфт ва дар тасаввуроти аҳолии маҳаллӣ ва элитаҳои сиёсии кишварҳои мутараққи ҳамчун самти қатъии маҳдудкунанда, ҳамчун як раванди идоранашаванда, мушкилоте, ки оқибатҳои дорои аҳамияти ҷаҳонӣ доранд, ташаккул ёфт, .

Ин раванд, яъне зарурати рабдодани раванди мухочират бо амният баъди поён ёфтани ҷанги сард ва пошхурии низоми ҷаҳонии сотсиализм ва СССР нерӯи нав гирифт. Ба фаъолгардии ин раванд, аз як тараф, кӯшиши таҳияи консепсияи нави амният, ки ба тағйироти куллии дар ҷаҳон ба амаломада мутобиқ бошад ва аз тарафи дигар, ҳарос аз вуруди беназорати муҳоҷирон аз кишварҳои Шарқ буд. Бо мурури замон ин ду сабаҳо барои бошууронаи инъкос кардани масаълаи муҳоҷират дар заминаи амният, мусоидат намуд. Дар ин ё он замон доираи таҳлили равандҳои муҳҷират асосан дар фазои кишварҳои пешрафта маҳдуд буд, зеро тахминан пешгӯи мекардаанд, ки ин раванд дар ояндаи наздик чанд миллионаро касб кунад.

Амалан муҳоҷират аз кишварҳои пасошӯравӣ ба кишварҳои Ғарб хусисияти фарогир надошт. Сабаби ин ҳолат на танҳо ба далели омода набудани нуфузи калони аҳолӣ ба ин гуна ҳаракатҳо, балки асосан аз он

сабабе, ки сиёсати маҳдудкунандаи кишварҳои қабулкунанда фаъол буд, алоқаманди дошт.

Ин омилҳо ба муҳоҷирати зеҳнии кишварҳои Шарқр таъсир расонида ва ба фирори кадрҳои баландихтисос оварда расонидааст, ки ин ҳолат ба амнияти кишварҳои асл, на ба кишварҳои қабулкунанда боиси ташвиш ованда аст. Аммо бояд таъкид намуд, ки ба равандҳои ҷаҳонӣ шомил шудани мамлактҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла муҳоҷират барои кишварҳои қабулкунанд низ паёмадҳои муайяни манфие дошт. Масалан, дар Ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ки муҳоҷират рушд ёфт бинобар ин сабабҳои пайдоиши таҳдидҳои ҷиноии фаромилли зиёд гашт.

Бояд қайд намуд, ки барои кишварҳои Ғарб таҳдидҳои марбут ба равандҳои муҳоҷират бо сабаби кушода шудани "Пардаи оҳанин" аз моҳиятан нав набуда ва пешгӯишаванд буд, аммо кишварҳои пасошуравӣ ба тағироти куллии рӯи кор омада комилан омода набудани вазъияти ба вуқӯомада барои онҳо фоҷиавор ҳам буд.

Дар ибтидо Русия худ барои қабули мутамаддини муҳоҷирон шароити объективӣ надошт, зеро дар давраҳои тӯлонӣ вай таҷрибаи сиёсати муҳоҷиратро ба ҷуз сиёсатҳои истисноӣ, ки аз низоми шӯравӣ боқи монада буд, надошт. Табодули муҳоҷиратӣ бо Ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ сифати байнидавлатӣ гирифт. Вай бори нахуст ба вуруди нуфузи калони муҳоҷирон аз кишварҳои ба истилоҳ “Хориҷи дур” дучор шуд, ки миёни кишварҳои пасошӯравӣ аслан танҳо кишвари қабулкунанда буд. Бештари ҷараёнҳои муҳоҷират табиатан хусусияти ғайриқонунӣ ё экстремалӣ (аз минтақаҳои офатҳои экологӣ, муноқишаҳои мусаллаҳона, ҳаяҷони байни миллатҳо ба минтақаҳои депрессияи Шимол) дар ин ҳолат метавон дар бораи мубрамияти омӯзиши муҳоҷират аз нуктаи назари амният – шахсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ, таъкид намуд. Барои таҳлили фарогири ин муаммо зарур аст, ки ба моҳияти мафҳуми «Амният», «Амнияти миллӣ» ва дарки моҳият ва дараҷаи мувофиқати мафҳумҳои «Амнияти миллӣ», «Таъминоти иҷтимоӣ», «Амнияти иктисодӣ» ва дигар намудхои амният муқарарот ворид намоем.

Таҳдид ба амниятро метавон ҳамчун мавҷудияти омилҳое, ки тартиботи муқарраршударо вайрон мекунанд, ки сатҳи шиддати иҷтимоиро дар фазои сисёсиву иҷтимоӣ афзун мекунанд. Метавон гуруҳҳои зерини хатарҳоеро, ки ба соҳаи иҷтимоӣ таҳдид мекунанд, ҷудо кард:

- хатраҳое, ки аз дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа (сиёсат, иқтисод ва ғайра) бармеояд;
- хатраҳое, ки худи сохаи ичтимоӣ нуҳуфта мебошад.

Тамоюлу равандҳо ва суръати афзоиши шароити номусоиди сохтори иҷтимоӣ, муносибатҳои субъектҳо ва таъминоти иҷтимоии фаъолияти ҳаётии мардум нишондиҳандаи асосии таҳдидҳои эҳтимолии иҷтимоӣ мебошад.

Аамнияти иҷтимоиро метавон ҳамчун шароитҳои нигоҳдорӣ ва фаъолияти принсипҳои асосии низоми мавҷудаи иҷтимоиро, ки бо фаъолияти унсурҳои алоҳидаи системаи иҷтимоӣ институтҳои махсуси он

алоқаманданд, дарк намуд. Эҳсоси шиддати иҷтимоӣ, ҳолати ҷомеае, ки аз хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ ба амнияти низоми иҷтимоӣ нороҳат менамояд ин худ зуҳуроти воқеии хатар мебошад. Фаро расидани дараҷаи баланди ҳаяҷони иҷтимоӣ хатар эҷод мекунад ва ба амнияти ҷомеаву давлат, соҳаҳои он ва аъзоёни ҷомеа таҳдид мекунад.

Дар таърихи афкори сиёсӣ аз замони пайдоиши давлат масаълаи амнияти давлату ҷомеа ба миён омада, то имрӯз дар мубоҳисаҳои сиёсии муосир ҳалношуда маҳсуб мешавад.

Масаълаи амният дар гузаштаи наздик асосн амнияти миллиро ҳифода мекард, бештар бо мафҳуми муҳофизати давлат аз таҷовузи беруна, риояи манфиатхои миллию марзи ва гайра рабт дошт. Дар тафаккуру конесепсияи муосир самтҳои васеъи ин мафҳум муаян карда шуд:

- аз амнияти миллат то амнияти гурӯҳҳои иҷтимои ва фардҳо;
- аз амнияти миллӣ то амнияти низоми байналмилалӣ;
- аз амнияти истисноии ҳарбӣ - то сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва ғайра;

Мафҳуми «Амнияти миллӣ» давлати миллӣ, ки агентҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ мебошанд, алоқаманд аст. Бинобар он дар амнияти миллӣ, ки дар он манфиатҳои миллӣ (давлатӣ) ифода меёбад, бо захираҳои молияви ва саъю кӯшишҳои давлат таъмин карда мешавад. Мувоффиқан дар амнияти иҷтимоӣ манфиатҳои ҷомеа ифода мегарда ва метавонад бо манфиатхои давлат комилан мувофиқат кунад. Таъмини амнияти ичтимоиро метавон тавассути густариш додани институтҳо ва сохторхои давлативу ҷамъияти амалӣ кард.

Дар мавриди таснифоти ҷузъҳои асосии соҳаҳои амнияти ичтимоӣ чунин самтҳоро ҷудо намудан ба мақсад мувфофиқ аст:

- Соҳаи маънавӣ, ки озодии виҷдон, эътиқод, сатҳ ва сифати таҳсилот;
- Соҳаи этникӣ – соҳаи муҳими ва мушаххаси этникӣ;
- Соҳаи иқтисодӣ –таъмини низоми иҷтимоӣ бо зиндагии шоиса дар шароит ва дараимуайян;
- Соҳаи табақаҳои иҷтимоӣ – соҳаи муносибатҳои эҳтирому рақобат миёни табақаҳои (қишрҳои) гуногуни иҷтимоии ҷомеа;
- Соҳаи демографӣ - соҳае, ки ба муаммоҳои ҳаракати аҳолии ҳудуди муаяйн (бо сабаби равандҳои муҳоҷират, таркишхои демографй ва гайра) ва дар натича паст шудани сатҳи рушди ичтимоию иктисодии ахолии минтақаҳо;
- Соҳаи экологӣ – масаълаҳои афзоиши шиддати иҷтимоӣ вобаста ба омилҳои муҳити зист;
- Соҳаи сиёсӣ – масаълаҳои татбиқи мутавозин иродаи коллективӣ ё қонунии фард дар ҳаёти иҷтимоии;
- Соҳаи ҳарбӣ –ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз таҷовузи дигар системаҳои иҷтимоӣ;
- Соҳаи илмию техникӣ – таъмини дараҷаи кофии рушди илм ва техника, ки ба ҷомеаи муосир имкони ҳаёти устуворро таъмин намояд;

- Соҳаи иттилоотӣ, ки дар ҷомеаи муосир дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши калидӣ дорад[3 С.142-149].

- Вазъияти умумии амнияти миллӣ дар шуури аъзоёни чамъият ифода меёбад, ки он ба онҳо эҳсоси хатар ва таҳдиду ва номуайяниро ташаккул медиҳад. Андоза ва миқёси ҳиссиёту эхсосоти манфӣ, паҳншавии онҳо, ки аслан ба хусусияти хиссиёти иҷтимоии чамъият алоқаманд мебошад, мустақиман аз рӯи нишондиҳандаҳои вазъияти ичтимой бахо додан мумкин аст. Дар ин росто метавон нишондиҳандаҳои зерини амнияти иҷтимоиро қайд нмуд:

- Ба меъёрҳои миёнаи мамлакат мутобиқашавии сатҳ ва тарзи зиндагии аҳолӣ;

- Афзоиши сарвати минтақаҳои мамлакат ва манбаъҳои молиявӣ, ки татбиқи сиёсати иҷтимоиро таъмин менамояд;

- Афзоиши иқтидори гуногуни минтақа ба мақсади истифодаи самараноки захираҳо, ҷойҳои корӣ, сатҳи илмӣ ва маърифатии аҳолӣ;

- Рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ки ташаккулу рушди робитаҳои дохилиминтақавӣ ва байниминтақавии аҳолиро таъмин менамояд;

- Сатҳи суботу устувории вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва миллию этникии минтақаҳои мамлакат.

Ба ҳамаи ин нишондиҳандаҳои асосии амнияти иҷтимоӣ, ки номбар кардем, равандҳои муҳоҷират таъсир мерасонанд. Ин вазъият махсусан дар вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ ва миллию этникии кишварамон хеле аён зохир мешавад.

Таҳлили равандҳои муҳочират ба хулосае меорад, ки дар марҳалаи имрӯзи мамлакат, аз як тараф, сиёсатгардии равандҳои муҳоҷират сурат гирифта истода бошад, аз тарафи дигар, равандҳои сиёсӣ вобаста ба мавҷҳои муҳоҷират таъғир меёбад, ки он дар табдили муҳоҷират ба унсури ҷудонашавандаи низоми амнияти миллӣ инъикос меёбад.

Дар замони муосир тамоюлу равандҳои муҳоҷиратро модернизатсияи сиёсӣ, ҷаҳонишавӣ, давраи нави назорат бар макону фазо (ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ) муаяйн намудааст. Раванди муҳоҷират ба дӯши худ бори сиёсиро, дар натиҷаи фишор ба институтҳои сиёсии муқарраршуда бо табодули аломатҳои асосии сиёсӣ бо таҳдиди ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ, гирифтааст.

Чуноне, ки сармушовири Созмони Байналмилалии Муҳоҷират Б.Гнош қайд карда буд, муҳоҷирати фаромарзӣ ба як чолишҳои глобалии тамаддуни муосир табдил ёфтааст[4С.107-134]. Якчанд сабабҳоро метавон муайян кард, ки муҳоҷирати фаромарзӣ ба дараҷаи мушкилоти ҷаҳонӣ баромадаст. Яке аз ҷузъҳои асосие, ки муҳоҷиратро ҳамчун мушкилоти глобалӣ тасниф менамояд – ин ҷузъи экологӣ-сиёсии он мебошад.

Пеш аз ҳама ба фарқияти мафхумхои «Раванди Ҷахонӣ» ва «Муаммоҳои чахонӣ» равашани додан лозим аст. Муаммои глобалӣ натиҷаи равандҳои муайян буда имконияти глобалӣ шудан ва ё нашуданро доранд. Баъзе равандҳои глобалӣ дар зинаи табдил ёфтан ба мушкилоти ҷаҳонӣ қарор доранд. Муаммоҳои асосии глобалии замони мо ба халли масаълаҳои

мавчудият, нигох доштан ва инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ вобаста аст. Ба ин муаммоҳо метавон самтҳои зеринро ҷудо намуд:

- Ҷустучуи роххои рушди устувори иктисодиёт аз сабаби ба хадди ниҳои расидани сохторхои технологии муосир. Ҷаҳонишавии иқтисод ба афзоиши одамони маргиналӣ, махсусан дар миёни ҷавонон, занон, муҳоҷирон ва бекорон аён аст, ки давраи нави камбизоатӣ ва дар натиҷа, афзоиши сатҳи шиддатнокии иҷтимоӣ ва мега иҷтимоӣ оварда мерасонад;
- Технологияи табиатғунҷоишаш баланд, ки дар асоси иктисодиёти муосир мавкеи худро аз даст надодаасту ба паст шудани сатҳу сифати мухити зисти инсон, мубориза барои зинда мондан ва гайра боис гаштааст, яъне шиддат гирифтани номутобиқатии байни манфиатҳои ҳифзи муҳити зист бо ҳадафҳои иқтисодӣ;
- муаммоҳои ҷанг ва сулх, таъмини амнияти байналмиллалӣ, камкунии ярок, мустахкам намудани боварӣ ва хамкории байни миллатҳои ҷаҳон;
- Бӯҳрони экологӣ бо сабабҳои коҳиш додани вазъи имрӯзаи табиат то дараҷаи аз имкон бкрун барои таъмини афзоиши истеҳсолот, таркишҳои демографӣ дар қисми ҷануби олам ва тамаркузи аҳолӣ дар шаҳрҳо мебошанд, ки мувозинати экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро фалаҷ намудаанд. Дар шаҳрҳо, ки қисми зиёди сарватро ба худ ҷалб мекунанд ба маркази ташаннуҷи байни як гурӯҳи хурди одамони сарватманд ва шумораи зиёди одамони камбизоат ёфтаанд. Аҳолии деҳот, ки дар шаҳр ҷой наёфтаанд, соҳибкорону коргарони муфлисшуда, ки аз кор маҳрум шудаанд, дурнамои надоштани ояндаро шадидан эҳсос мекунанд ва ноумедии худро дар таркишҳои хушунатомез баён мекунанд. Дар ҳамаи ин муаммоҳо як асос қарор дорад — Табиат ва аниктараш вайрон кардани мувозинати табий, ки ба нобудшавии инсон (Homo sapiens)с хамчун намуд тахдид мекунад.

Камбизоатӣ яке аз сабабҳои муҳоҷират аст, ки дар навбати худ боиси афзоиши фишор ба муҳити зист мегардад. Тибқи маълумоти Development and Environment (N.Y.,1992), як қисми камбизоати ҷаҳон дар мавриди шуғл ба кишоварзӣ маҷбур мешаванд, ки зироатҳои номувофиқро парвариш кунанд, ки ҳосилашон паст медиҳанд. Аз сабаби нарасидани сармоя барои нигох доштани ҳосилхезӣ ва муҳофизати замин онҳо боз ҳам камбағалтар мешаванд ва муҳити зист, атрофро ба таври фалокатовар вайрон мекунанд. Қисми дигар камбизоатон дар атрофи шаҳрҳо мутамарказ шудаанд ва набудани шароити мусоиди зиндагӣ ва маблағ барои зиндагӣ боиси ифлосшавии баланди муҳити зист тавассути партовгоҳҳо ва сӯзонидани ҳезум мегардад. Ин ба афзудани буридани ҷангалҳои атрофи шаҳрҳо ва дарахтони дохили онҳо, барои пухтупаз ва гармидиҳӣ боис мегардад..

О.Янитский қайд намудааст, ки раванди мутобиқшавии муҳоҷирон ба шароити нав ҳамеша бо қуввахои табиат ба вуҷуд меояд ва боиси пайдоиши хатарҳои нави иҷтимоӣ мегардад[5 С.73-76]. Зери мафҳуми хатар ҳодисаеро дар назар дошта мешавад, ки мавҷудияти як гурӯҳи иҷтимоӣ ё умуман ҷомеа дар шароити таъсири таҳдидҳои гуногуни доимии беруна ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-психологии онҳо (хатари низоъҳои ҳарбӣ, табаддулоти сиёсӣ,

оташфишонии интизории вулқон, зарбаи иқтисодӣ, эпидемия ва ғ.).қарор доранд.

Хавфҳое, ки дар низом рӯй мезанад, ба муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ партофта мешаванд, ки дар навбати худ аз сабаби сарбории хатарҳо худашон низ тавлидгари хатарҳо мешаванд. Хавфҳои шиддатнок афзоянда ба парокандагии давлату ҷомеа дар ҳама мавқеъҳои пуштибонӣ, хароб шудани институтҳои мавҷудаи амният ва ҳифзи иҷтимоӣ боис мегардад. Ҳамаи ин, ба ибораи О.Яницкий бо хориҷ шудани массахои азими энергияи таназзул ҳамрох мешавад. «Энергияи таназзул сифати амалҳои оммавӣ дошта ҳама гуна тартиботи иҷтимоӣ, сохтори меъёрӣ, арзишӣ ва институтсионалии онро вайрон мекунанд. Баровардани энергияи таназзул ин амалишавии хавфи иҷтимоӣ дар шакли амалҳои беназорати субъектҳои иҷтимоӣ, коллективӣ ва фардӣ мебошад”[6С.55-59]. Илова бар ин, энергияи таназулли иҷтимоӣ метавонад дар натиҷаи офатҳои табиӣ ё таъсири антрогенӣ пайдо шавад. Ҷараёни муҳоҷирони дохилӣ ва гурезаҳо, афзоиши шумораи бехонумонҳо, бекорон вуҷуд дошта, ҷангҳои маҳаллӣ, задухӯрдҳои ҷиноӣ, терроризм ва ғайра манбаи энергияи таназзул бошад.

Агар иқтидори бардошти экосистема, ки дар он муҳоҷирони манъшуда шомил шудаанд, марҳалаи ниҳонии низоъ ба миён меояд ва ҷомеа падидаи «Мурғобиҳои ваҳшӣ»-ро ба вуҷуд меорад. «Ин ё он тарз, одамоне, ки аз макони экологии худ дур шудаанд ва дар вазъияти шадид қарор доранд, ҳеҷ гоҳ ба назар намегиранд, ки дар ҷомеа бояд замину фазои «Ҳеҷ кас» (мамнӯъгоҳҳо), ки аз истифодаи ҷамъиятӣ ё хусусӣ гирифта шудааст, бошад. Шароити паст будан ва ноустуворӣ ҳамеша ба ҳам мепайвандаду бо нафрат сӯи таваккал мешитобад, новобаста аз он ки сифати техногонӣ ва социогенӣ дошта бошад»[7С.16.17].

Бо гуфтаи Кумитаи миллии иктишофии ИМА, тамоюлҳои асосии рушди ҷаҳониро дар понздаҳ соли оянда урбанизатсия ва муҳоҷирати фаромарзӣ ташкил медиҳад. Дар ояндаи наздик беш аз 50 фоизи аҳолиро аҳолии шаҳрӣ ташкил хоҳад дод, ки ба ин тамоюл нақши муҳочират бузург аст. Дар замони муосир сарфи назар аз таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги муколамаи аврупоиҳо, аммо дар бисёре аз кишварҳои аврупоӣ афзоиши нажодпарастӣ, бегонаситезӣ ва фоҷияи муҳоҷирон эҳсос мешавад. Муҳоҷирон ҳамчун «Унсури хатарноки вайрон кардани сифати якҷинсии этноиҷтимоӣ ва сохтори мавҷудбуда дар рафтори онҳо ҳамчун беэҳтиромӣ ба меъёрҳо ва анъанаҳои фарҳангие, ки онҳо дар он муҳит афтодаанд қарор доранд, ва беэътиноӣ ба арзишҳо ва асосҳои ташаккулёфта баррасӣ карда мешаванд» [8С.512-514]. Масалан, дар Швейтсарияи таҳаммулпазир, аҳолии норозӣ аз муҳоҷирон, ташаббуси маҳдуд кардани ҳиссаи муҳоҷирон дар шумораи умумии ҳоли то 18%-ро ба миён гузоштанд. Радикалҳои рости Олмон дар марказии ғоя ва сиёсати худ ҳанӯз дар солҳои 1980-ум душманӣ нисбат ба хориҷиён ҷой гирифт ва ки барои асоснок кардани он аслан далелҳои экологӣ ҷалб карда шуданд. Дар манифести Гейдельберг, ки соли 1980 интишор шуда аст чунин қайд кард: «Ба ватани таърихии худ, яъне Республикаи Федеративии Германия баргаштани хоричиён щамчун яке аз

мамлакатҳои зиҷии аҳолиаш баланд дар ҷаҳон на танҳо ба вазъияти иҷтимоӣ, балки ба вазъияти экологӣ таъсир мерасонад." Экологҳо таъкид менамоянд, ки тамоми муаммоҳои соҳаи иқтисодӣ (бекорӣ ва ғайра), соҳаи иҷтимоӣ (аз ҷумла муҳоҷирон) аз назари нигоҳ доштан дар оянда асосҳои табии ҳаёт барасси шаванд

Ҳамин тариқ, барои ворид шудани падидаи муҳоҷират ба соҳаи сиёсӣ (ба падидаи «сиёсӣ» алоқаманд бошад) бояд дар он шароити ташаккули институтҳои асосӣ ва ё шароити табдили онҳо мавҷуд бошад. Аслан мазмуни сиёсии равандҳои муҳоҷират бо таъсири онҳо ба якпорчагии давлат, мавҷудияти он ҳамчун як раванди сиёсӣ рабт дорад. Бинобар он на танҳо сиёсатмадорон, балки сиёсатшиносон ба ин масъала таваҷҷӯҳи ҷиддӣ қарор доранд. Зеро, равандҳои муҳоҷират ба падидаҳои сиёсӣ ба ҳаёту тартиботи сиёсӣ таъсир мерасонанд[9С.54-60].

Мафҳуми сиёсатгардии раванди муҳоҷират гирифтани нақши бартаридоштаи падидаи муҳоҷиратро дар раванди институтсионализатсия, табодули воқеияти сиёсии ҷомеаи қабулкунанда/фиристанда дар назар дорад. Ин раванд аз чихати мохияти худ сифати объективӣ дорад.

Зери унсур ва ё ҷузъи сиёсии раванди муҳоҷират нишондиҳандаҳоеро фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи фаъолияти субъективии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё намояндагони алоҳидаи он вобаста ба иҷрои вазифаҳои стратегӣ ё тактикӣ, татбиқи манфиатҳои сиёсии онҳо дар шароити муносибатҳои мавҷуда ё тағйирёбандаи муносибатҳои ҳокимиятиву иерархӣ дар олами сиёсӣ, ичтимой, иктисодӣ, маънавӣ ва мадании чамъияти кабулкунанда, ба вуҷуд меояд. Ба ин муносибатҳо метавон сатҳи шиддати иҷтимоӣ, сатҳи низоъ, фаъолияти сиёсӣ, суботи сиёсӣ, бетартибии иҷтимоӣ ва ғайраҳоро дохил намуд.

Шиддати иҷтимоӣ, яъне ҳолати ҷомеае мебошад, ки аз хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ ба амнияти системаи иҷтимоӣ нороҳатиро эҳсос мекунад боиси зуҳуроти воқеии ҳисси хатари ҷомеа мегардад. Фарорасии сатҳи кулминатсионии ташаннуҷи иҷтимоӣ хаву хатар эҷод мекунад ва ба амнияти ҷомеа, давлат ва соҳаҳои онҳо таҳдид мекунад. Ба ҳамаи нишондиҳандаҳои амнияти иҷтимоӣ равандҳои муҳоҷират таъсири худро мерасонанд. Ин ҳолат дар вазъияти чамъиятию сиёсӣ ва миллию мамлакатамон барало зохир мегардад.

Адабиёт

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, С.1-88.

2. Стратегияи миллии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даввраи то соли 2030, С.1-94.

3. Белозеров В.С. Миграции титульных народов стран Южного Кавказа на Северный Кавказ //Кавказский географический журнал. Тбилиси. - 2002, Вып. 1- С.3-354.

4. См. например: Ghoch B. Movements of people as a global challenge and the European dilemma // Non-military aspects of international security / UNESCO. – 1995, P.2-268.

5. Яницкий О.Н. Экологические движения в России. //Критический анализ. - Масква., 1996 - С.2-396.

6. Яницкий О. Россия: экологический вызов //Общественные движения, наука, политика. Новосибирск, 2002, С.2-265.

7. Международный семинар, организованный Центром демографии и экологии человека при поддержке ЮНЕСКО, г.Москва, 2001, С.3-187.

8. Кожемяко С.В., Алпатова Э.С., Современные проблемы и преспективы развития рынка труда //Московский экономический журнал № 3 2023, С.3-583.

9. Мирсаидов А.Б.Мирсаидов Ф.А.Теоретические основы государственной политики в области миграции высококвалифицированных специалистов//Вестник педагогического университета № 5-2 (66), 2015, С.2-284 ISSN -2219-5408.

Мусаев М. К. - Бухарский Государственный университет

ПАЛОМНИЧЕСТВО ПО СЛЕДАМ ИМАМА АЛЬ-БУХАРИ

Паломнический туризм является одной из древнейших форм путешествий, объединяющей религиозные, культурные и исторические аспекты. В исламском мире он имеет особое значение, так как способствует укреплению веры, духовному развитию и межкультурному диалогу. В этом контексте Узбекистан, обладая богатым наследием, связанным с выдающимися исламскими учёными, имеет уникальные возможности для развития религиозного туризма.

Имам аль-Бухари (полное имя — Абу Абдуллах Мухаммад ибн Исмаил аль-Бухари) — автор сборника «*Сахих аль-Бухари*», который считается второй по значимости книгой в исламе после Корана [3, с. 25]. Его жизнь и научное наследие оставили глубокий след в исламской цивилизации, а город Бухара, где он родился и город Самарканд, где он был похоронен, стали местами притяжения миллионов мусульман всего мира.

Следует отметить, что сегодня, несмотря на международную известность Имама аль-Бухари, в Бухаре отсутствует хорошо структурированный и комплексный туристический пакет, посвящённый его жизни и деятельности. Почти вся информация об Имаме аль-Бухари находится в месте его захоронения, в Самарканде. Для создания благоприятного паломнического условия для паломников этого сегмента туристического рынка, нами сделана попытка разработки нового туристического маршрута. Маршрут нами назван «*Святые места, связанные с Имамом аль-Бухари*», который объединит ключевые локации Бухары и Самарканда в единый паломнический продукт.

Историческая справка: Бухара и Самарканд во времена Имама аль-Бухари. В IX веке Бухара являлась одним из ведущих культурных и образовательных центров исламского мира. Здесь действовали десятки медресе, библиотеки и кружки передачи знаний. В эту среду в 810 году родился Имам аль-Бухари. Его детство прошло в махалле, расположенной рядом с мечетью Хужа Зайниддин в Бухаре. Именно здесь он начал изучать Коран и хадисы.

С ранних лет будущий учёный проявил необычайную память и стремление к знаниям. В возрасте 10 лет он начал учиться у известных бухарских учёных — Мухаммада ибн Салама аль-Пойканди, Абдуллоха ибн Мухаммада аль-Муснадий и других [5, с. 33–36]. Однако, кругозор Имама быстро перерос рамки местного образования, и он отправился в путешествия по исламскому миру, собирая хадисы.

Самарканд того времени также был важным культурным центром, связанным с политической и религиозной жизнью региона. Здесь, в селении Хартанг, Имам аль-Бухари был похоронен в 870 году. Место его захоронения впоследствии стало одним из главных святых мест Центральной Азии.

Предлагаемый нами инновационный маршрут «Святые места, связанные с Имамом аль-Бухари» включает в себя несколько ключевых объектов как в Бухаре, так и в Самарканде, имеющие историческую и духовную ценность:

1. *Место рождения* — район мечети Хужа Зайниддин в городе Бухаре, где находилась махалля семьи Имама.
2. *Мечеть Калон* — центр религиозной и образовательной жизни города Бухары.
3. *Могилы первых учителей* — Чашмаи Айюб на окрестностях парка культуры и отдыха г. Бухары, где покоятся Мухаммад ибн Салам аль-Пойканди и Абдулло ибн Мухаммад аль-Муснадий. *Мемориальная экспозиция в районе Чашмаи Айюб* — современный памятник, посвящённый Имаму.
4. *Посещение святыни Абу Хафс Кабир – Хазрати Имам (Хожатбарор)* — учителя Имама.
5. *Бухарская областная библиотека им. Абу Али ибн Сино* — предлагается проведение ознакомительный семинар, посвященный жизни и наследии Имама для паломников.
6. *Бухарский драматический театр* — постановка, посвящённая высылке Имама из Бухары.
7. *Мемориальный комплект «Имам аль-Бухари» в Самарканде.*

В Самарканде, в селе Хартанг, расположен мемориальный комплекс Имама аль-Бухари. Комплекс включает мавзолей, мечеть, медресе и музей, посвящённый его жизни и научному вкладу. За последние десятилетия здесь были проведены масштабные реставрационные работы, что сделало его одним из наиболее посещаемых религиозных объектов Узбекистана.

Новый туристический маршрут и его ценности.

Новый маршрут «*Святые места, связанные с Имамом аль-Бухари*» будет включать последовательное посещение Бухары и Самарканда, что позволит паломникам ознакомиться с жизненным путем учёного.

Ценности маршрута:

- духовное обогащение паломников;
- сохранение историко-культурного наследия;
- укрепление международного имиджа Узбекистана как центра исламской цивилизации.

Разработанная нами карта маршрута (рис.1) представлена в качестве наглядного материала, позволяющего посетителю визуально проследить последовательность посещаемых объектов, их географическое расположение и взаимосвязь.

Картографический материал не только дополняет текстовую часть исследования, но и облегчает восприятие маршрута, помогая потенциальным паломникам и туристам заранее представить логику путешествия, оценить расстояния и временные затраты, а также лучше понять культурно-исторический контекст каждого пункта остановки.

Рис. 1. Карта паломнического маршрута «Паломничество по следам Имама аль-Бухари»[19]

Ниже, в таблице 1 представлена подробная смета маршрута, отражающая структуру расходов на его организацию и реализацию. Данный расчет включает затраты на транспорт, размещение, питание, экскурсионное сопровождение, входные билеты и дополнительные сервисы, что позволяет оценить экономическую обоснованность проекта. Публикация сметы в рамках статьи обеспечивает прозрачность финансовой стороны маршрута, дает возможность сравнить стоимость с аналогичными турами и служит ориентиром для потенциальных партнеров, инвесторов и туристических операторов.

Таблица 1. Расчетные цены на маршрут «Паломничество по следам Имама аль-Бухари»[20] (в долларах США)

Форма турпакета	Количество человек	Транспортные расходы	Услуги гида	Питание	Гостиница	Прочие расходы	Ставка турфирмы (20%)	Общая стоимость*
Групповой	20	1150	300	300	3000	670	1084	6504

[19] Источник: Разработка автора.
[20] Источник: Разработка автора.

Итого: 6504 долларов США на группу из 20 человек.

* Цены, указанные в таблице рассчитаны исходя из действующих тарифов на основе прейскурантов цен предприятий поставщиков услуг по состоянию на 12.08.2025 г. В случае изменения стоимости услуги, цена турпакета может быть пересмотрена.

The second tourism model is the development of Polish scientists Malakauskaite, A. and Naviskas, V. which is named the “Clustered Tourist Destination Model” [7]. The definition of this module is that intersectoral interaction directly contributes to increasing the long-term competitiveness not only of the companies included in the cluster, but also of the territory where the tourist cluster operates - the tourist destination. The scope of the distribution area of the tourist destination can be different in it. This model, unlike other models, includes the element “tourist territory (destination)”, and its presence is one of the necessary features of the tourist model [8]. The disadvantage of the model is that it does not take into account destination management and marketing, and the value chain is not reflected in the structure of the model in our opinion. Similar to the above model, it also combines sufficient indicators for a pilgrimage cluster with necessary indicators.

The next model in the evolution of tourist clusters was developed by the Russian scientist Boyko, A [9], and is called the “System Model of a Tourist Cluster”. This model reflects the systematic nature of the cluster, the interdependence and complementarity of its elements. It aims to be used for any region or group of regions. However, we consider to note that the structure of the

model does not take into account the presence of holy places and the participation of pilgrims in the cluster from the necessary signs of pilgrimage clusters to the signs of geographical concentration and internal competition, as well as from the sufficient signs.

The fourth compared model for the formation of tourist clusters was chosen by Russian scientists Morozov and Lvova as "Geographical Model of a Tourist Cluster" [10]. This model is based on the "Cartographic Taxonomy" approach, which depends on the location of the clusters. The geographical description of the tourist destination model is presented as arrays of tourist clusters by consumer segments, where clusters are formed in accordance with the requirements of consumers' resources and infrastructure, depending on the motives of travel. It was revealed that this cluster model does not correspond to the characteristics of "Public-Private Partnership" and "Internal Competition", which form clusters in economic sectors, "Creation of a Technological Chain of Intangible Tourist Products" and "Dominance of Travel Agencies and Troperators in the Territory" for the formation of clusters in the field of tourism, and "Presence of Attractive Pilgrimage Destinations (Territories)" and "Participation of Pilgrims in the Cluster", which form clusters in pilgrimage tourism.

The fifth comparative model of the tourist cluster was created by Uzbek scientists Navruz-Zoda, B., and Ibragimov, N, which is defined as the "Destination Management Model" of the tourist cluster [11]. This model consists of four areas: the marketing front, related to the study of the market of tourist services and the behavior of tourists, the identification of targeted tourist segments and the determination of the goals of the trip; the organizational and territorial front, aimed at the selection of tourist attractions and destinations and the formation of tourist destinations for travel; the production front, related to the creation of an integrated system of tourist offers of tourist regions; the organizational and managerial front, related to the organization of the process of attracting tourist flows to tourist attractions.

Considering that the methodological basis for the formation of clusters is the organization of territorial-geographical proximity and the possibility of creating a value chain as an important tool for ensuring the competitive advantage of clusters, we want to focus on the study of a new "organic structure" of a tourist cluster. It is advisable to distinguish two main criteria that form the organic structure of the cluster. If the first is the "territorial affiliation" of clusters, then the second is the connection of service providers in the cluster with the "value-added chain".

The multiplier "Organic structure of the cluster" represents the ratio of the amount of added value created in its type of activity to the scale of the territory in which this cluster is carried out, and we recommend calculating it using the following formula:

$$\mathbf{COS = AVA \backslash CTS}$$

Here: **COS** - cluster's organic structure; **AVA**- added value amount created within the cluster; **CTS** - cluster territory scale.

The "Organic Cluster Structure" multiplier represents the ratio of the amount of added value created in the cluster structure (cluster profit plus wages) to the size

of its territory (sales or hectares). The “Organic Cluster Structure” multiplier has the form of a coefficient. It represents the amount of added value per unit area. The higher the organic structure of the cluster, the greater the added value per unit area. For example, if, as a result of engaging in tourism activities in a traditional, non-cluster way to a sacred place occupying an area of 1 hectare, an income of 1.0 million sums corresponds, then in a cluster approach, due to the reduction of transactional costs (arising from the implementation of agreements) and the achievement of a synergistic effect in the organization of tourism activities in this area, the income of the pilgrimage territory will increase by 2-3 times. Thus, in order to accelerate the development of tourism, in the organization of this industry, it is necessary to implement all measures related to the widespread use of the cluster method in our opinion.

References:

1.Porter, M. (2020). *Конкурентное преимущество: как достичь высокого результата и обеспечить его устойчивость*. https://e-libra.ru/read/505455-konkurentnoe-preimuschestvo-kak-dostich-vysokogo-rezul-tata-i-obespechit-ego-ustoychivost.html

2.Кластеры в современном мире: рейтинг самых развитых стран. (2020, February 15). https: //yandex.uz /turbo? text=https% 3A% 2F% 2Fppt.ru%2Fnews%2F134649

3.*Кластер — Википедия*. (2019, November 30). www. wikipedia.org

4.Инструкция “Создание кластеров”. (2020, February 12). http://old.2spbg.ru/strp/libr/klaster.pdf

5.Porter, M. (1998, pp: 77-90). *Clusters and the new economics of competition*. Harvard Business Review. 76(6).

6.Kim, N. & Wicks, B. (2010, July 30). *Rethinking Tourism Cluster Development Models for Global Competitiveness.* International CHRIE Conference-Refereed Track, 28. ScholarWorks@UMass Amherst. http://scholarworks.umass.edu/refereed/CHRIE_2010/Friday/28

7.Malakauskaite, A. & Navickas V. (2010). *The role of clusters in the formation process of tourism sector competitiveness: conceptual novelties*. Economics and Management, 15, pp:149–154.

8.Rubtsova, N. (2014). *Концептуальная модель туристского кластера: история вопроса и современный подход*. Вестник ТГЭУ, 3 (71), pp: 49-70. https://cyberleninka.ru/article/n/kontseptualnaya-model-turistskogo-klastera-istoriya-voprosa-i-sovremennyy-podhod

9.Boyko, A. (2011). *Формирование кластеров как инструмент повышения конкурентоспособности туристских услуг*. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук, pp:24. Novosibirsk.

10.Morozov, M. & Lvova T. (2011). *Кластерный подход в моделировании туристских дестинаций (на примере Красной Поляны)*. Вестник Российского

государственного торгово-экономического университета. Научный журнал, 9 (57). Moscow, pp:93-105.

11.Navruz-Zoda, B. & Ibragimov, N. (2015). *Ways of Applying Destination Management Concepts to the Development of Internal Tourism in Uzbekistan.* International Tourism and Hospitality in the Digital Age. USA, pp: 174-192.

САТТОРИЁН БАҲРОМ АБДУРАҲИМЗОДА – унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: +992 900255555. E-mail: b.sattoriyon@moliya.tj

ГУЛЗОДА МУҲАММАДШОҲ ҲАСАН – унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: +992 900255555.

МУҚОИСАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҚОНУНГУЗОРИИ ИДМ ВОБАСТА БА САМТҲОИ АСОСИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ

СРАВНЕНИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА С ГОСУДАРСТВАМИ СНГ ПО ОСНОВНЫМ НАПРАВЛЕНИЯМ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ

COMPARISON OF THE LEGISLATION OF TAJIKISTAN WITH THE CIS STATES IN RELATION TO THE MAIN DIRECTIONS OF COUNTERING EXTREMISM

Методи ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (методи таҳқиқоти муқоисавии ҳуқуқӣ) яке аз усулҳои муҳими таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар замони муосир аҳамияти он, бахусус дар таҳияи рисолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳо, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Бахусус, истифодаи ин метод дар тамоми диссертатсияҳои самти ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба назар мерасад [1; 2; 3; 10; 11; 16; 24]. Моҳияти ин метод дар он аст, ки тавассути муқоиса ва таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва системаи ҳуқуқии кишварҳои гуногун, хусусиятҳои муштарак, фарқиятҳо, нуқсонҳо ва афзалиятҳои онҳо муайян карда мешавад.

Методи муқоисавии ҳуқуқшиносӣ имкон медиҳад, ки масъала ё падидаи ҳуқуқӣ аз ҷиҳати васеъ ва амиқ баррасӣ гардад ва асосноккунии илмӣ бо такя ба таҷрибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мукаммал гардад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, истифодаи методи муқоисавии ҳуқуқӣ дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз нигоҳи назариявӣ, он ба таҳкими заминаҳои илмии таҳқиқот мусоидат намуда, имконият медиҳад, ки қонунгузории миллиро дар радифи қонунгузории дигар давлатҳо, бахусус кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии муштарак, шарҳ ва арзёбӣ намуд. Ин имкон медиҳад, ки мафҳумҳо, категорияҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ ба таври амиқтар таҳлил шуда, таҷрибаи пешқадам ва камбудиҳои эҳтимолӣ равшан гардад. Аз ҷиҳати амалӣ, татбиқи методи муқоисавии ҳуқуқшиносӣ ба таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои воқеӣ барои такмили қонунгузорӣ, беҳтарсозии амалияи татбиқи ҳуқуқ ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои

шаҳрвандон мусоидат мекунад. Хусусан дар шароити ҷаҳонишавӣ, мутобиқсозии ҳуқуқ ва наздик намудани қонунгузории кишварҳо зарурати воқеӣ буда, таҳқиқоти муқоисавӣ василаи муҳими амалӣ намудани ин раванд ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, бахусус дар мавзӯъҳое, ки ба масъалаҳои ҳуқуқи муқоисавӣ, рушди қонунгузорӣ, танзими муносибатҳои байнидавлатӣ ва омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ марбутанд, методи муқоисавӣ на танҳо тавсияшаванда, балки ҳатмӣ арзёбӣ мегардад [8; 18]. Истифодаи дурусти он сатҳи илмият ва асосноккунии хулосаю пешниҳодҳои муҳаққиқро ба таври назаррас баланд мебардорад ва ба рисола арзиши воқеӣ ва аҳамияти амалӣ медиҳад.

Зарурияти гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба талаботи муҳими таҳкими ҳамкории ҳуқуқӣ ва рушди ҳуқуқсозии муттаҳид дар фазои пасошӯравӣ асос меёбад. Нахуст, давлатҳои ИДМ дорои мероси муштараки ҳуқуқӣ, ҳуқуқшиносӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии умумие мебошанд, ки дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ташаккул ёфтаанд. Аммо пас аз ба даст овардани истиқлолият, ҳар як давлат роҳи мустақили инкишофи ҳуқуқии худро пеш гирифт ва дар натиҷа, қонунгузорӣ дар самтҳои мухталиф, бахусус ҳуқуқи граждани, ҷиноятӣ, меҳнат, молиявӣ ва иқтисодӣ, фарқиятҳои назаррас пайдо намуд. Ин фарқиятҳо баъзан ба мушкилоти амалии ҳамкорӣ, иҷрои қарорҳои судӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон сабаб мегарданд. Дуюм, таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории давлатҳои ИДМ барои муайян кардани самтҳои умумӣ, таҷрибаи муваффақ ва нуқсонҳои амалии системаи ҳуқуқии ҳар як давлат имконият медиҳад. Бо истифода аз натиҷаҳои ин таҳқиқот, давлатҳо метавонанд беҳтарин таҷрибаҳои ҳамдигарро дар қонунгузории миллӣ татбиқ намоянд, ки ин боиси таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва субъектҳои иқтисодӣ мешавад. Саввум, ҳалли масъалаҳои марбут ба муҳоҷират, ҷиноятқорӣ, амнияти минтақавӣ ва мубориза бо экстремизм танҳо дар асоси ҳамоҳангсозии ҳуқуқӣ ва наздиккунии стандартҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст. Дар шароити афзоиши муҳоҷират ва мубориза бо хатарҳои умумиминтақавӣ, мувофиқати қонунгузорӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ ва муҳоҷират, аҳамияти афзалиятнок пайдо мекунад. Чорум, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии қонунгузорӣ инчунин ба тавсеаи ҳамкории илмӣ-ҳуқуқӣ ва таҳияи санадҳои ягонаи ҳуқуқӣ дар сатҳи ИДМ мусоидат менамояд. Ин раванд барои таҳкими эътимоди ҳуқуқӣ байни давлатҳо, осон кардани муомилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва рушди умумии минтақа замина фароҳам меорад. Панҷум, таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки масъалаҳои номукаммалии қонунгузории миллӣ ва минтақавӣ, омилҳои бездоранда ва монеаҳои ҳуқуқӣ барои ҳамкории мутақобила сари вақт муайян ва бартараф карда шаванд.

Аз ин рӯ, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории давлатҳои ИДМ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсат ва илмҳои ҳуқуқии муосир буда, ба таҳкими фазои ҳуқуқии ягона, рушди ҳуқуқи муосир ва таъмини манфиатҳои давлатҳо ва шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ вобаста ба самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм имрӯз беш аз ҳар вақти дигар аҳамияти хоса пайдо кардааст. Пеш аз ҳама, хатарҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм хусусияти фаромиллӣ доранд ва барои муқовимати муассир танҳо бо такя ба имкониятҳои дохилии ҳар як давлат наметавон натиҷаи устувор ба даст овард. Аз ин рӯ, омӯзиши муқоисавии таҷрибаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишварҳои минтақа воситаи зарурӣ барои таҳкими ҳамкории минтақавӣ, ягонагии стандартҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати зиддиэкстремистӣ мебошад. Дуввум, давлатҳои ИДМ дорои умумиятҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ташаккул ёфтаанд. Аммо, дар шароити истиқлолият ва таҷрибаи миллии рушд, низоми ҳуқуқии ҳар кишвар дар самтҳои муқовимат ба экстремизм гуногун ташаккул ёфт. Барои пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ, бартараф кардани холигӣ ва омода намудани тавсияҳои илмӣ ва амалии воқеӣ, таҳқиқоти муқоисавии ҳамаҷониба ногузир аст. Севвум, зарурати мазкур инчунин ба он вобаста аст, ки дар бисёре аз самтҳои танзими ҳуқуқии мубориза бо экстремизм, аз ҷумла назорати фаъолияти интернет, таблиғи идеологияи ифротӣ, ҷалби ҷавонон ва муҳоҷирон ба ҳаракатҳои тундгаро, таҷрибаи пешқадами кишварҳои минтақа ва ҷаҳон вуҷуд дорад, ки истифодаи он метавонад ба такмили қонунгузории миллии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи амнияти ҷамъиятӣ мусоидат намояд. Чорум, таҳқиқоти муқоисавӣ имконият медиҳад, ки мавҷудияти таҷрибаи номукаммал ва ё омилҳои бозdoранда дар қонунгузории миллии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ сари вақт ошкор ва бартараф карда шаванд. Ин ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор ва таъмини ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Панҷум, чунин таҳқиқот барои таҳияи тавсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва сиёсати миллии муқовимат ба экстремизм зарур аст. Он метавонад заминаи илмии таҳияи стратегияҳо, барномаҳо ва санадҳои нави ҳуқуқиро фароҳам оварад.

Ҳамин тавр, гузаронидани таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ дар самти муқовимат ба экстремизм на танҳо аз нуқтаи назари илмӣ, балки ҳамчун талаботи воқеии амнияти миллӣ ва рушди ҳуқуқии кишвар зарур ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ вобаста ба самтҳои асосии муқовимат ба экстремизмро мо вобаста ба сатҳ ва намудҳои санадҳо ба таври зерин таҳлил менамоем:

I. Сатҳи санадҳое, ки аз тарафи мақомоти ИДМ қабул шудаанд. Бо талошҳои доимии кишварҳои ИДМ, корҳо оид ба таъсиси сохторҳои ҳамоҳангсозӣ дар самти ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти салоҳиятдор барои муқобилият бо ҷиноятқорӣ пайваста ва ҳадафмандона амалӣ карда мешаванд. Ҳанӯз дар оғози ташаккули ИДМ, Шурои вазирони мудофиа (14.02.1992) ва Шурои фармондеҳони нерӯҳои сарҳадӣ (06.07.1992) ҳамчун ниҳодҳои оинномавӣ таъсис ёфтанд, ки бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар

самти ҳамкории соҳавӣ ҳамкорӣ намуда, фаъолиятҳои муштарак дар соҳаи амниятро ҳамоҳанг месозанд. Маҳз дар ҳамин давра, густариши ҷиноятқории муташаккил, ки пас аз пошхӯрии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ афзоиш ёфт, чораҳои фаврӣ ва муътадили вокунишро барои муқобилият бо вазъияти мураккаби криминалӣ тақозо менамуд. Ва маҳз дар ҳамин давра кишварҳои ИДМ фаъолиятҳои муштараки худро барои пайдо кардани роҳҳо ва воситаҳои муассири муқобилият бо ҷиноятқорӣ бо якҷоясозии талошҳои дохилии кишварҳо ва байналмилалӣ фаъол гардониданд [9. С. 381].

Дар Асамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДҲМ вобаста ба муқовимат ба экстремизм якчанд санадҳои тавсиявӣ қабул карда шудааст, аз ҷумла:

1) **Қонуни намунавӣ** “**Дар бораи муқовимат ба экстремизм”,** дар ҷаласаи пленарии сиюдуми Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ Қарор аз 14 майи соли 2009 №32-9 қабул шудааст [13]. Қонуни мазкур аз 4 боб ва 22 модда иборат аст. Дар м. 4 Қонуни мазкур, ки самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ном дорад чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст: муқовимат ба экстремизм аз рӯйи самтҳои асосии зерин, яъне пешгирии паҳншавии идеологияи экстремизм ва фаъолияти экстремистӣ, аз ҷумла ошкорсозӣ ва минбаъда бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба амалисозӣ ва паҳншавии он мусоидат мекунанд; ошкорсозӣ, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти экстремистии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, дигар созмонҳо ва шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад. Муқаррароти мазкур дар м. 5 Қонуни ҶТ “Да бораи муқовимат ба экстремизм” ҷойгир карда шудааст.

2) **Тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ дар соҳаи муқовимат ба экстремиз** бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 23 ноябри соли 2012, № 38-16 тасдиқ гардидааст. Мувофиқан ба банди 3.2 Тавсияи мазкур ба шумори самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм дар давлатҳои иштирокчии ИДМ тибқи муқаррароти Қонуни намунавии «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва қонунгузории миллии давлатҳои иштирокчии ИДМ дар ин самт, зерин мансубанд [17]:

а) ошкор ва минбаъда бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба амалисозӣ ва паҳншавии фаъолияти экстремистӣ мусоидат мекунанд;

б) пешгирии паҳншавии идеологияи экстремизм;

в) пешгирии амалисозии фаъолияти экстремистӣ;

г) ошкор ва қатъ намудани фаъолияти экстремистии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва дигар созмонҳо, инчунин шахсони воқеӣ;

д) фош ва тафтиш намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

Чораҳоеро, ки ба пешгирӣ ва профилактикаи экстремизм равона шудаанд, бояд онҳоро ҳамчун самти афзалиятнок эътироф намуд ва ин меъёр бояд дар қонунгузории миллӣ ҳамчун яке аз принсипҳои асосии муқовимат ба экстремизм мустаҳкам карда шавад. Ҳамзамон, профилактикаи экстремизм, қабл аз ҳама дар муҳити ҷавонон, бояд вазифаи доираи васеи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма бошад. Ин санад тавсия медиҳад,

ки яке аз механизмҳои асосии ҳалли вазифаҳои афзалиятнок дар самти профилактикаи экстремизм истифодаи усули барномавӣ-мақсаднок бошад, ки қабули барномаҳои мукаммалу комплексӣ ва татбиқи амалии онҳоро дар назар дорад [17].

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии корҳои пешгирии экстремизм дар қонунгузории миллӣи давлатҳои иштирокчии ИДМ метавонад таъсиси гурӯҳҳои кории доимамалкунанда (шӯроҳои ҷамъиятӣ) дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ гардад, ки ба онҳо кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, намояндагони доираи илмӣ ва зиёиёни эҷодӣ, шахсони фаъоли ҷомеа, намояндагони иттиҳодияҳои динӣ (мазҳабҳои анъанавӣ) дохил шаванд. Ба чунин гурӯҳҳо вазифаи назорат ва мониторинги зуҳуроти экстремизм ва таҳияи пешниҳодҳои мувофиқ барои безараргардонии онҳо вогузор мегардад.

Самти алоҳидаи низоми мониторинг бояд мониторинги доменҳои миллии интернетро дар бар гирад, ки ҳадафи он муайян кардани соҳибони сомонаҳо, провайдерҳо ва шахсони алоҳидаест, ки маводи дорои хусусияти экстремистиро нашр ва паҳн менамоянд. Дар робита ба ин, қонунгузории миллӣи давлатҳои иштирокчии ИДМ бояд муқаррароти дахлдорро дар бар гирад, ки механизмҳои бастани чунин сомонаҳоро, маҳдуд намудани дастрасии корбарон ба захираҳои интернетие, ки маводи экстремистӣ доранд, инчунин чораҳои масъулиятро барои нашри чунин мавод дар интернет муайян мекунанд.

3) Кодекси ҷиноятии намунави барои давлатҳои аъзои ИДМ. Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои давлатҳои аъзои ИДМ, ки бо мақсади тақриби қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узв таҳия шудааст, дар маҷмӯъ ҳамчун заминаи ҳуқуқии умуминтақавӣ ва воситаи мутобиқсозии стандартҳои ҳуқуқӣ қабул гардида бошад ҳам, дорои на ҳамаи тоаркибҳои ҷиноятҳои зарурӣ мебошад [14]. Дар таркиби он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои экстремизм ва зуҳуроти алоҳидаи марбут ба фаъолияти экстремистӣ пешбинӣ нашудааст. Ин дар ҳолест, ки экстремизм дар шароити муосир яке аз хатарҳои асосӣ ба амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ ва сохти конститутсионии кишварҳои ИДМ маҳсуб меёбад.

Набудани муқаррароти мустақил ва дақиқ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экстремистӣ дар КҶН боиси номутобиқӣ ва тафовути ҷиддии ҳуқуқии давлатҳои минтақа гардида, метавонад дар амалияи муқовимати муштарак ба экстремизм ва ҷиноятқории фаромиллӣ мушкилиҳои назаррас ба вуҷуд оварад. Илова бар ин, таҷрибаи қонунгузории миллии аксари кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигарон нишон медиҳад, ки дар кодексҳои ҷиноятии онҳо моддаҳои махсус вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои экстремизм ва шаклҳои гуногуни фаъолияти экстремистӣ вуҷуд доранд.

Аз ин рӯ, норӯшанӣ ва номукаммалӣ дар КҶН ИДМ дар ин самт ба ташаккули фазои ягонаи ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм халал мерасонад ва зарурати ислоҳи он, бо ворид намудани моддаҳои алоҳида оид ба экстремизм ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шаклҳои гуногуни он, хеле муҳим ва

саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Инчунин, чунин тағйирот метавонад ба таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ, наздиккунии қонунгузорӣ ва таъмини муборизаи муассиру ҳамоҳангшуда алайҳи экстремизм дар сатҳи минтақа мусоидат намояд.

II. Сатҳи қонунҳои махсус (қонунҳои соҳавӣ) ва санадҳои барномавӣ. Ин сатҳ қонунҳои махсусро дар бораи муқовимат ба экстремизм, терроризм ва ташкилотҳои ғайриқонунии динӣ ё сиёсиро дар бар мегирад. Дар ин сатҳ метавон таҳлил намуд, ки кадом самтҳои муқовимат ба экстремизм дар давлатҳои аъзои ИДМ амал мекунанд. Дар зер қонунгузорӣ ва санадҳои барномавии ҳар як давлатро таҳлил менамоем.

Федератсияи Россия. Дар ФР муқовимат ба экстремизм дар асоси Қонуни федералии Федератсияи Россия аз 25 июли соли 2002, № 114-ФЗ «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ», Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 2 июли соли 2021, № 400 «Дар бораи Стратегияи амнияти миллии Федератсияи Россия», Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 9 ноябри соли 2022, № 809 «Дар бораи тасдиқи Асосҳои сиёсати давлатии Федератсияи Россия оид ба ҳифз ва таҳкими арзишҳои маънавию ахлоқии анъанавии Россия», Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 31 марти соли 2023, № 229 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Россия» ва Стратегияи муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия бо Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 28 декабри соли 2024, № 1124 тасдиқ шудааст, ба танзим дароварда мешавад [20; 21; 22; 23].

Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия чунинанд [19]:

а) такмили қонунгузорӣ ва таъмини татбиқи самараноки он; мониторинги амалияи татбиқи ҳуқуқ; таҳкими назорат барои манъ кардани истеҳсол ва паҳнкунии маводи экстремистӣ, аз ҷумла дар интернет; беҳтарсозии механизмҳои мубориза бо фаъолияти ғайриқонунӣ ва зидди Россияи ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ; таҳияи барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ барои пешгирии экстремизм ва терроризм; қабули қарорҳо ва таҳияи санадҳои танзимкунанда бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва динӣ.

б) самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ барои муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия чунин аст: ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ошкор ва пешгирии экстремизм ва кӯшишҳои «инқилобҳои ранга»; коркарди муроҷиатҳои шаҳрвандон ва дигар иттилоот барои муқовимат ба экстремизм; пешгирии шахсони зери таъсири идеологияи экстремистӣ; таъмини ҷазои ногузир ва мутаносиб барои фаъолияти экстремистӣ; таҳкими мубориза бо истеҳсол ва паҳнкунии маводи экстремистӣ ва рамзу аломатҳои он; омода намудани кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор, пешгирӣ ва тафтишоти зуҳуроти экстремизм ва молиявии он; такмили ташхис ва коркарди маводи дорои аломатҳои экстремизм; ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон ҳангоми чорабиниҳои оммавӣ; ошкор ва қатъи манбаъҳо ва

роҳҳои маблағгузории экстремизм; муайянсозии шахсону ташкилотҳои алоқаманд бо экстремизм ва таҳияи рӯйхати онҳо; ҳамоҳангии мақомоти дахлдор дар қаламравҳои сарҳадӣ ва минтақаҳои нав ҷиҳати пешгирии воридшавии аъзои ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ; чораҳои ҷиддӣ барои пешгирии паҳншавии экстремизм, неонацизм ва украинанализми ифротӣ, махсусан дар минтақаҳои нави Федератсияи Россия; ташкили ташхис ва экспертизаи маводҳои иттилоотӣ, аз ҷумла дар интернет, барои муайян кардани аломатҳои экстремизм; ба қайд гирифтани шахсоне, ки барои иштирок дар ташкилотҳои экстремистӣ ё омӯзиш дар давлатҳои ғайридӯст ба хориҷ мераванд.

в) дар соҳаи сиёсати миллии давлатӣ барои муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия чунин аст: мониторинги доимии муносибатҳои милливу мазҳабӣ ва вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ҷиҳати пешгирии низоъҳо ва муайянсозии омилҳои экстремизм; чораҳои ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ барои пешгирии истифодаи омилҳои миллӣ ва динӣ дар интихобот; таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба таъсири омилҳои этникӣ ва динӣ ба радикализатсия; арзёбии фаъолияти субъектҳои муқовимат ба экстремизм дар пешгирии низоъҳои миллӣ ва динӣ; вокуниши фаврӣ ба низоъҳои миллӣ ва динӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; пешгирии ҳама гуна табъиз аз рӯйи аломатҳои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, идеологӣ ва динӣ; ташаккули радкунӣ ва маҳкумкунии идеологияи экстремизм, ксенофобия ва афзалияти миллӣ ё динӣ; пешгирии талошҳои барангехтани кинаву адовати милливу динӣ; мониторинги низоъҳои миллӣ ва минтақавӣ дар минтақаҳое, ки хусусиятҳои таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ доранд ва метавонанд сабаби ҷудоихоҳӣ шаванд; ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҷиҳати таҳкими ҳувияти шаҳрвандии ягона ва арзишҳои маънавию ахлоқии анъанавии Россия.

г) дар соҳаи сиёсати муҳофизати давлатӣ барои муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия чунин аст: такмили қонунгузории муҳофизат, аз ҷумла шадидтар намудани талабот барои гирифтани иҷозаи иқомат ва шаҳрвандӣ; чораҳои таблиғотӣ ва профилактикӣ барои пешгирии паҳншавии идеологияи экстремизм дар маҳаллаҳои зисти муҳофизон; бекор кардани шаҳрвандии бадастомада барои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ; таҳкими қарорҳо оид ба номатлуб будани иқомат ва будубоши шаҳрвандони хориҷӣ; пешгирии воридшавии аъзои ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ ва террористӣ тавассути ҷараёнҳои муҳофизат; таблиғи густурдаи тадбирҳои давлатии муҳофизат барои ҳамоҳангсозии муносибатҳои милливу динӣ ва коҳиши ксенофобия; рушди барномаҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии муҳофизони хориҷӣ, ҷалби корфармоён ба ин раванд; таъмини омӯзиши забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузорӣ барои муҳофизон ва аъзои оилаҳои онҳо; пешгирии сегрегатсияи фазоӣ ва ҷудошавии иҷтимоии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ; профилактикаи экстремизм дар муҳити муҳофизон ва коҳиши танишҳои иҷтимоӣ; чораҳои пешгирии зуҳуроти экстремистӣ дар раванди ҷобаҷогузории аҳолии аз лиҳози нерӯи корӣ изофадошта ба минтақаҳои муҳтоҷи нерӯи корӣ.

д) дар соҳаи сиёсати иттилоотӣ барои муқовимат ба экстремизм чунин аст: мубориза бо таблиғи идеологияи экстремизм дар воситаҳои ахбори омма ва интернет; мониторинги доимии ВАО ва шабакаҳои иттилоотӣ барои ошкор ва пешгирии паҳншавии маводи экстремистӣ ва даъватҳо ба фаъолияти ифротгароӣ; маҳдудсозии дастрасӣ ба захираҳои интернетие, ки чунин маводро паҳн мекунанд; такмили базаи маълумот оид ба маводи экстремистӣ; пешгирии воридот, истеҳсол ва паҳнкунии чунин мавод дар қаламрави Россия; истифодаи иқтидори ВАО ва интернет барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии миллӣ ва динӣ; ташкили шартномаҳои ҳамкорӣ бо ширкатҳои иттилоотӣ барои муқовимат ба экстремизм; пешгирии нақзи қонун аз ҷониби ВАО ва интернет-манбаъҳо; таблиғи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, бахусус ҷавонон; ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ барои шарҳ додани хатарҳои фаъолияти экстремистӣ; таҳияи системаҳои муосири мониторинг ва таҳлили иттилоот бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ; вокуниши фаврӣ ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ барои пешгирии паҳншавии маводи ифротгароёна; дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоии муҳим барои пешгирии экстремизм ва таҳкими ҳамдигарфаҳмии милливу динӣ; таблиғи паёмҳои зидди экстремизм дар ВАО ва интернет; ҷамъоварӣ ва паҳнсозии маълумот оид ба оқибатҳои амалҳои ифротгароёна бо мақсади ташаккули муносибати манфии иҷтимоӣ нисбат ба иштирокчиёни гурӯҳҳои экстремистӣ; муттаҳидсозии талошҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои илмӣ, динӣ ва фарҳангӣ барои таҳияи маводи иттилоотӣ ва таблиғотии зидди экстремизм ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифодабарандагони интернет.

е) дар соҳаи маориф ва сиёсати давлатии ҷавонон барои муқовимат ба экстремизм дар Федератсияи Россия чунин аст: дохил кардани чорабиниҳои тарбияи эҳтиром ба миллатҳо, динҳо ва фарҳангҳо ба барномаҳои маҳалливу минтақавии таълиму тарбия; ташкили шароити фароғати кӯдакон, ҷавонон ва оилаҳо, дастрасии онҳо ба фарҳанг, варзиш ва рушди эҷодӣ; таълими ватандӯстӣ, фарҳанги ҳамзистӣ, дӯстии миллатҳо ва динҳо дар муассисаҳои таълимӣ; нашри маводи таълимӣ барои рушди ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ; баланд бардоштани сатҳи огоҳии омӯзгорон оид ба муқовимат ба экстремизм; мониторинги муҳити иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳқиқи субкултураҳои ҷавонон; боло бурдани эътибори таълими динӣ дар дохили кишвар ва назорати омӯзиши шаҳрвандон дар муассисаҳои динӣ хориҷ аз кишвар; тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ; ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷавонон, клубҳои варзишӣ ва гурӯҳҳои ҷавонон барои пешгирии экстремизм дар муҳити ҷавонон; таҳияи чораҳо барои пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ дар муассисаҳои таълимӣ; ошкор ва пешгирии радикализатсияи ноболиғон; фаъолияти равоншиносони мактабҳо ва омӯзгорони касбӣ барои муайян кардани ҳолатҳои душвор ва кумак ба ноболиғони осебпазир; гузаронидани семинарҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ оид ба муқовимат ба ҷалб ба гурӯҳҳои радикалӣ; таҳияи барномаҳои инфиродии кор бо донишҷӯёни аз гурӯҳи хавф ва оилаҳои онҳо; ташкили шуғли муваққатии наврасон, аз ҷумла корҳои иҷтимоӣ ва таъмири ёдгириву маконҳои таърихӣ;

мониторинги шабакаҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои таълимӣ барои пешгирии паҳншавии маводи экстремистӣ; корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷавонон ва ВАО оид ба мақсадҳои воқеии ташкилотҳои экстремистӣ; назорати фаъолияти мактабҳо ва клубҳои варзишии муҳорибаҳои даставӣ; ворид кардани курси ягонаи таърихи Россия бо шарҳи воқеии таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба барномаҳои таълимӣ; баланд бардоштани нақши оила, эҷодиёт ва варзиш дар пешгирии ифротгароӣ; чорабиниҳо барои рӯзноманигорон ва донишҷӯёни ихтисоси гуманитарӣ оид ба муқовимат ба экстремизм; мусобиқаҳои минтақавии беҳтарин маводи илмӣ ва таълимӣ дар мавзӯи муқовимат ба экстремизм; дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоии НПО барои мутобиқгардонии шахсони зери таъсири идеологияи ифротгароӣ; таҳияи асосҳои илмӣ ва тавсияҳо барои муқовимат ба экстремизм; омӯзиши омӯзгорон ва равоншиносон барои кор бо ноболиғони мушкил; чорабиниҳои расмии варзишӣ барои ҷавонон; ташкил ва баргузории лагерҳои омӯзишии ҷавонон ва донишҷӯён бо иштироки ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ; таҳқиқоти илмӣ барои дастгирии қарорҳои муассир дар соҳаи муқовимат ба экстремизм; пешгирии воридшавии афроди радикалӣ ба муассисаҳои таълимӣ; таҳқиқоти илмӣ оид ба омилҳои таърихӣ ва иҷтимоии рушди ҳаракатҳои радикалӣ ва таҳияи тавсияҳо барои пешгирии онҳо.

ж) дар соҳаи сиёсати фарҳангӣ барои муқовимат ба экстремизм чунин аст: фароҳамсозии шароити мусоид барои ҳамкории мазҳабиву дохилимазҳабӣ ва таҳкими сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ; таблиғи идеяи ягонагии таърихии халқҳои Россия; дастгирии давлатӣ барои офариниши асарҳои адабӣ ва санъатӣ бо ҳадафи пешгирии зуҳуроти экстремистӣ; таҳкими фазои ягонаи фарҳангӣ бо эҳтироми гуногунрангии миллӣ; ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ғайритиҷоратӣ ба лоиҳаҳои фарҳангие, ки ба ташаккули ҳувияти шаҳрвандии ягона равона шудаанд; дастгирии чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ва эҷоди асарҳо барои пешгирии ҷалби шаҳрвандон ба гурӯҳҳои деструктивӣ; мубориза бо таблиғи фашизм ва неонацизм тавассути паҳн намудани маводи иттилоотӣ оид ба хатарнокии онҳо ва фаъолияти радикалҳои украинӣ; мусоидат ба мутобиқшавии фарҳангии аҳолии Донетск, Луганск, Запорожье, Херсон ва муҳоҷирони ин минтақаҳо ба ҷомеаи Россия; таблиғи дониш оид ба таърих ва фарҳанги миллатҳои Россия; ҳифзи мероси таърихӣ, анъанаҳои миллӣ ва ташаккули эҳтиром ба арзишҳои фарҳангии дохилӣ ва ҷаҳонӣ; дастгирии рушди забонҳои миллатҳои Россия ва истифодаи забони русӣ ҳамчун забони давлатӣ; таҳкими нақши мактаби умумӣ барои ҳифзи арзишҳои маънавию ахлоқии анъанавии Россия, фарҳанг, таърих ва забонҳои халқҳо; эътирофи робитаи урфу одатҳо ва дин, дастгирии фаъолияти сулҳҷӯёнаи иттиҳодияҳои динӣ; дастгирии офариниши асарҳои адабӣ ва санъатӣ барои тарғиби қаҳрамониҳои ҳарбӣ, ватандӯстӣ, фарҳанги ҳамзистӣ, дӯстии байни миллатҳо ва динҳо, ташаккули ҳувияти шаҳрвандии ягона ва ҳисси ифтихор аз Ватан.

з) дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ барои муқовимат ба экстремизм чунин аст: ташкили ҳамкории фаъол дар доираи СММ, БРИКС, ИДМ, САД, СҲШ, АСЕАН ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ; рушди ҳамкории

самараноки байналмилалӣ дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва эҳтироми баробарии давлатҳо; тақвияти нақши давлатҳо ва мақомоти онҳо дар мубориза бо экстремизм; пешбурди мавқеъ дар арсаи байналмилалӣ оид ба зарурати мубориза бо идеологияи экстремизм ва неонацизм, манъи сафедкунии терроризм ва экстремизм; муқовимат ба стандартҳои дугона ва истифодаи ҳамкории байналмилалӣ ҳамчун воситаи фишори сиёсиву геополитикӣ; тарғиби тадбирҳои сиёсиву дипломатӣ барои пешгирии истифодаи гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ҳамчун абзори дахолат ба корҳои дохилии давлатҳо; мубориза бо эҳёи неонацизм ва истифодаи он дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии баъзе кишварҳо; муқовимат ба дахолати хориҷӣ дар корҳои дохилии Россия ва кӯшишҳои дестабилизатсия; пешбурди ташаббусҳои Россия дар мубориза бо паҳншавии идеологияи экстремизм, бахусус тавассути интернет ва технологияҳои муосир; рушди ҳамкории байналмилалӣ, фарҳангӣ ва динӣ барои пешгирии экстремизм; такмили ҳамкории мақомоти давлатӣ бо сохторҳои хориҷӣ дар самти муқовимат ба экстремизм; иштирок дар мубодилаи таҷрибаи пешқадам; омода ва имзои созишномаҳои байналмилалӣ бо кишварҳои манфиатдор дар самти муқовимат ба экстремизм; чораандешӣ дар сатҳи СҲШ барои татбиқи мукаммали Конвенсияи муқовимат ба экстремизм; такмили ҳамкории сарҳадӣ бо кишварҳои дӯст; мониторинг ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо экстремизм; тақвияти ҳамкории ИДМ дар пешгирии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо ҳадафҳои экстремистӣ; чораҳо барои ислоҳи барномаҳои таълимии кишварҳои Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ ҷиҳати пешгирии паҳншавии русофобия, экстремизм, терроризм ва миллатгароии ифротӣ.

и) самтҳои асосии сиёсати давлатии Федератсияи Россия оид ба иштироки институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба экстремизм чунин аст: дастгирии давлатӣ ба ташкилотҳои иҷтимоӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки ба пешгирии экстремизм, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии миллӣ машғуланд; ҷалби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба лоиҳаҳо оид ба дӯстии байни миллатҳо ва динҳо, ҳифзи хотираи таърихӣ ва пешгирии рафтори иҷтимоии хавфнок; иштироки палатаҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои машваратӣ дар беҳтарсозии муносибатҳои миллӣ ва динӣ; фароҳамсозии шароити мусоид барои ҳамкории ташкилотҳои иҷтимоӣ бо ВАО, роҳбарони афкори ҷомеа ва муҳаққиқон ҷиҳати таблиғи васеи чораҳои зиддиэкстремистӣ; дастгирии ташкилотҳое, ки бо мутобиқсозии шахсони зери таъсири идеологияи экстремизм машғуланд ва фазои дӯстиву ҳамзистиро ташаккул медиҳанд; мусоидат ба рушди ташкилотҳои ҷамъиятии созанда, ки дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон фаъолият мекунанд.

Назар ба Стратегия дар Қонуни федералии Федератсияи Россия «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ» аз 25 июли соли 2002 самтҳои асосии муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ ба монанди Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» дар шакли маҳдуд пешбинӣ гардидааст. Ба монандӣ: қабули чораҳои профилактикӣ, ки ба пешгирии фаъолияти экстремистӣ равона шудаанд, аз ҷумла ошкор ва минбаъда бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба амалисозии фаъолияти экстремистӣ мусоидат

мекунанд; ошкор, пешгирӣ ва қатъи фаъолияти экстремистии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ .

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи Федератсияи Россия дар самти муқовимат ба экстремизм аҳамияти стратегӣ ва амалӣ дорад. Дар шароити афзоиши хатарҳои ифротгароӣ ва терроризм дар минтақа, бахусус дар Осиёи Марказӣ, истифодаи чунин таҷриба метавонад ба таҳкими амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат кунад. Муҳиммияти асосии ин таҷриба барои Тоҷикистон дар чанд самт зоҳир мешавад: а) такмили қонунгузории миллӣ ва ҳамоҳангсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ. Тадриҷан ворид кардани таҷрибаи Россия оид ба мониторинги амалияи татбиқи қонунҳо, назорати паҳнкунии маводи экстремистӣ, пешгирии таъсири ташкилотҳои ғайриқонунии хориҷӣ ва таҳияи барномаҳои махсус барои сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ метавонад самаранокии сиёсати зиддиэкстремистиро дар Тоҷикистон баланд бардорад; б) таҳкими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳамкории онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ. Бо назардошти таҷрибаи Россия, Тоҷикистон метавонад чорабиниҳои самаранок барои ошкор, пешгирӣ ва қатъи фаъолияти экстремистиро бо ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО роҳандозӣ намояд, бахусус дар самти ташкили мониторинг, муборизa бо маблағгузории ифротгароӣ ва таҳкими омодагии кадрҳо; в) таҳкими назорати муҳоҷират ва пешгирии радикализатсия дар муҳити муҳоҷирон. Бо назардошти нақши муҳоҷират дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи Россия оид ба пешгирии ифротгароӣ дар муҳити муҳоҷирон, таҳкими барномаҳои мутобиқшавӣ ва омӯзиши муҳоҷирон аҳамияти аввалиндараҷа дорад; г) истифодаи захираҳои иттилоотӣ ва ВАО барои муқовимат ба экстремизм. Таҷрибаи Россия дар самти муборизa бо таблиғи экстремизм дар интернет ва воситаҳои ахбори омма, ташкили мониторинг ва таҳияи маводи зиддиэкстремистӣ метавонад ба рушди сиёсати иттилоотии Тоҷикистон кӯмак расонад; д) ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ТҒҲ. Модели Россия дар самти дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва истифодаи потенсиали онҳо барои пешгирии экстремизм метавонад барои Тоҷикистон ҳамчун намуна хизмат кунад, бахусус дар заминаи ҳамкорӣ бо ВАО, ташкилотҳои динӣ, фарҳангӣ ва ҷавонон.

Хулоса, таҷрибаи муҳими Россия барои Тоҷикистон дар самти такмили қонунгузорӣ, таҳкими идоракунии хавфҳои экстремистӣ, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ, таълиму тарбия, фарҳанг ва ҳамкории байналмилалӣ метавонад ҳамчун асос барои таҳияи Стратегияи нави миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2026–2030 истифода шавад. Ин таҷриба махсусан дар шароити афзоиши таҳдидҳои ифротгароӣ дар минтақа ва эҳтимоли истифодаи Осиёи Марказӣ ҳамчун майдони транзити идеологияҳои ифротӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Ҷумҳурии Озарбойҷон. Қонуни Ҷумҳурии Озарбойҷон "Дар бораи муборизa бо экстремизми динӣ" 21 декабри соли 2015 аз ҷониби Парламенти Озарбойҷон қабул ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 4 январи соли 2016 ба имзо расонида шудааст [4]. Муттасифона самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм дар ин қонун дида насмешавад.

Ҷумҳурии Арманистон. Дар Ҷумҳурии Арманистон қонун ва барномаҳои махсус дар самти муқовимат ба экстремизм вуҷуд надоранд.

Ҷумҳурии Белорусия. Муқовимат ба экстремизм тавассути Қонуни Ҷумҳурии Беларус “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”, ки 4 январи соли 2007, таҳти № 203-З қабул шудааст, амалӣ мегардад. Мувофиқи м. 4 ин Қонун, ки самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ном дорад, он ба воситаи роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад: тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии кӯдакон ва ҷавонон, ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар ҷомеа; татбиқи чораҳои профилактикӣ; пешгирӣ, ошкор ва қатъи фаъолияти экстремистӣ[6].

Моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» самтҳои асосии сиёсати зиддиэкстремистиро муайян мекунад ва инъикосгари он аст, ки мубориза бо экстремизм на танҳо бо усулҳои ҷазодиҳӣ, балки пеш аз ҳама тавассути таъсири тарбиявӣ ва пешгирикунанда амалӣ мешавад. Аввалин ҷузъи муҳим — тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ — нишон медиҳад, ки муқовимат ба экстремизм аз кӯдакӣ ва ҷавонон оғоз меёбад. Ин тарбияи арзишҳои маънавӣ, эҳсоси масъулият ва ҳувияти миллӣ заминаи муҳими пешгирии радикализатсия мебошад. Самти дуюм — чораҳои профилактикӣ — мақсад дорад сабабҳо ва шароитҳое, ки ба пайдоиш ва паҳншавии экстремизм мусоидат мекунанд, бартараф намояд. Ин метавонад таблиғот, корҳои фаҳмондадиҳӣ, мониторинги муҳити иҷтимоӣ ва назорати интернетро дар бар гирад. Самти сеюм — пешгирӣ, ошкор ва қатъи фаъолияти экстремистӣ — маънои муборизаи мустақим бо гурӯҳҳо ва шахсоне, ки фаъолияти ифротиро пеш мебаранд, инчунин чораҷӯӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, моддаи мазкур нишон медиҳад, ки қонунгузории Беларус ба таври мукаммал ҳам тарафи профилактикӣ ва ҳам тарафи амалиётии мубориза бо экстремизмро фаро мегирад, ки таҷрибаи судманд барои дигар кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад.

Ҷумҳурии Қазоқистон. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 18 феврали соли 2005 № 31 амал мекунад. Мувофиқи м. 5-уми Қонун, самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм ном дорад, муқовимат ба экстремизм аз рӯйи самтҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад: татбиқи чораҳои профилактикӣ, ки ба пешгирии экстремизм равона шудаанд, аз ҷумла ошкор ва минбаъда бартараф намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба амалӣ шудани он мусоидат мекунанд; ошкор ва қатъи фаъолияти экстремистӣ; ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм [7].

Ҷумҳурии Қирғизистон. Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ» аз 24 феврали 2023 амал мекунад [5]. Дар Қонуни мазкур моддаи алоҳида вобаста ба самтҳои муқовимат ба экстремизм дида намешавад. Дар баробари ин Қонун, дар Қирғизистон Барномаи Кабинети Вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2023–2027 амал мекунад. Дар ин Барнома 6 самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба

муқовимат ба экстремизм ва терроризм пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла: 1. Пешгирӣ ва профилактикаи паҳншавии фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ**;** 2. Фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм**;** 3. Ташкили пойгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ, омӯзишӣ-методӣ ва иттилоотӣ**;** 4. Сиёсати иттилоотӣ ва ҳамкорӣ бо ВАО ва ташкилотҳои иттилоотӣ**;** 5. Рушди механизмҳои муосир ва равишҳо барои ресоциализатсияи шахсони зери таъсири идеологияи экстремистӣ ва террористӣ**;** 6. Чораҳо оид ба кам кардани оқибатҳои ҳамлаҳои террористӣ ба объектҳои стратегӣ ва шаҳрвандон**.**

Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қонуни махсус дар самти муқовимат ба экстремизм вуҷуд надорад. Лекин аз соли 2021 “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021–2026” [15] амал менамояд, ки дар он самтҳои муқовимат ба экстремизм нишон дода шудаанд. Самтҳои асосии Стратегияи миллии Ӯзбекистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм аз чунин қисматҳо иборатанд:

1) таблиғи ғояҳои ватандӯстӣ, арзишҳои анъанавӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаи муқовимат ба паҳншавии идеологияҳои экстремизм ва терроризм;

2) пешгирии паҳншавии ғояҳои экстремистӣ миёни ноболиғон ва ҷавонон;

3) ҳимояи ҳуқуқи занон ва таҳкими нақши онҳо дар муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

4) ҳимояи шаҳрвандоне, ки муддати дароз дар хориҷи кишвар қарор доранд, аз таъсири ғояҳои экстремизм ва терроризм;

5) мубориза бо истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ;

6) ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма дар мубориза алайҳи экстремизм ва терроризм;

7) такмили тадбирҳои ҷавобгарӣ ва муҷозот барои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ, инчунин маблағгузории онҳо;

8) такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм;

9) ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ.

Мақолароро ҷамъбаст намуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Қонунгузории аксари кишварҳои ИДМ (Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус) самтҳои асосии муқовимат ба экстремизмро дар қонунҳои махсус ба таври мустақим пешбинӣ мекунад, ки ин самтҳо то андозае шабеҳанд.

2. Бархе кишварҳо (Озарбойҷон, Арманистон, Ӯзбекистон) қонуни махсус ё пурраи комилан ҳамсон бо таҷрибаи кишварҳои пешрафта надоранд, ё самтҳои муқовимат ба экстремизм дар онҳо ё камтар муфассал ё қисман дар санадҳои дигар инъикос ёфтааст.

3. Тоҷикистон аз лиҳози мавҷудияти қонуни махсус ва муайянкунии самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм дар қонуни миллӣ аз таҷрибаи

ҳуқуқии ИДМ, бахусус Россия ва Қазоқистон, пайравӣ мекунад, вале то ҳол имкониятҳои васеи истифодаи таҷрибаи иловагӣ ва такмил додани қонунгузорӣ мавҷуд аст.

4. Таҷрибаи Россия дар самти васеъ кардани заминаҳои барномавӣ, ҷорӣ намудани сиёсати махсус дар соҳаҳои муҳоҷират, иттилоот, фарҳанг ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ барои Тоҷикистон ҳамчун самти стратегӣ арзёбӣ мегардад.

5. Норасоии Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ, ки ҷавобгарии мустақил барои экстремизмро пешбинӣ намекунад, як монеаи ҷиддӣ барои ҳамоҳангсозии амалияи ҳуқуқии кишварҳо дар самти муқовимати муштараки минтақавӣ ба экстремизм мебошад ва ислоҳи он зарур аст.

6. Дар асоси таҳлил муаллиф чунин самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамояд:

–пешгирии идеология ва фаъолияти экстремистӣ тавассути тадбирҳои иҷтимоӣ, таълимӣ ва иттилоотӣ.

–ошкор ва бартарафсозии сабабҳо ва шароитҳое, ки ба рушди экстремизм мусоидат мекунанд.

–таҳкими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба экстремизм.

–таҳияи чораҳои махсус барои пешгирии радикализатсия миёни ҷавонон ва наврасон.

–мубориза бо паҳншавии маводи экстремистӣ дар шабакаи интернет ва дигар воситаҳои ахбори омма.

–баланд бардоштани савияи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии аҳолӣ, бахусус ҷавонон.

–таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба экстремизм.

–такмили заминаи ҳуқуқии миллӣ дар самти муқовимат ба экстремизм бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ.

–пешгирии радикализатсия дар муҳити муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо.

–ҷалби муассир ва ҳамаҷонибаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди муқовимат ба экстремизм.

–таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ барои муқовимати муштарак ба экстремизм.

–бартарафсозии омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодие, ки метавонад замина барои радикализатсия гардад.

–муҳосираи маблағгузории гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои экстремистӣ тавассути механизмҳои молиявӣ ва назоратӣ.

–мониторинг ва таҳлили мунтазами вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ барои пешгӯии хавфҳои эҳтимолии экстремизм.

–интегратсияи сиёсати зиддиэкстремистӣ ба барномаҳои давлатии рушди маориф, ҷавонон ва фарҳанг.

–таҳкими сиёсати давлатии муҳоҷират ҷиҳати пешгирии паҳншавии идеологияи экстремистӣ.

–гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, сотсиологӣ ва ҳуқуқӣ барои дастгирии сиёсати зиддиэкстремистӣ.

–таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ ва тарбиявӣ барои мутобиқсозии шахсони аз муҳити ифротгароӣ баргашта.

–баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ.

–таблиғи пайвастаи арзишҳои таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ, дӯстии миллатҳо ва динҳо ҳамчун воситаи муқовимат ба экстремизм.

Ин 20 самт метавонанд асоси таҳия ва татбиқи сиёсати миллии самараноки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм гарданд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти муқоисавӣ нишон медиҳад, ки барои такмил додани сиёсати миллии зиддиэкстремистии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои ИДМ, бахусус Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, муҳим аст, вале ҳамзамон зарурати ислоҳи санадҳои минтақавии умумӣ, аз ҷумла Кодекси ҷиноятии намунавии ИДМ низ вуҷуд дорад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев, Н.С. Уголовная ответственность за преступления экстремистской направленности (на материалах Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.С. Абдуллаев. – Душанбе, 2021. – 175 с.

2. Акилова, М.М. Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: дис. ... барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.08 / М.М. Акилова. - Душанбе, 2023. - 208 с.

3. Аҳёзода Ш.Т. Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дис. ном. илм. ҳуқуқ. Душанбе, 2024. –

4. **Закон Азербайджанской Республики о борьбе с религиозным экстремизмом [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mia.gov.az/ru/legislation/1/view/53/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)**

5. Закон Кыргызской Республики "О противодействии экстремистской деятельности" от 24 февраля 2023 года №40 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/9115/135/9126/155/282/8957 (санаи мурочиат: 10.10.2025)

6. Закон Республики Беларусь “О противодействии экстремизму” [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: *https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=H10700203* (санаи мурочиат: 10.10.2025)

7. Закон Республики Казахстан "О противодействии экстремизму" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/9115/135/9126/155/281/7916 (санаи мурочиат: 10.10.2025)

8. Кузнецов А.П. Сравнительное правоведение в сфере уголовного права // Вестник Российского университета кооперации. - 2021. - № 3(45). - С. 125-129.
9. Қудратов Н.А. Криминология. Душанбе: Эрграф, 2025. С. 381
10. Қудратов, Н.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва Украина вобаста ба объекти ҷиноят / Н.А. Қудратов, М.М. Зоҳидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2020. – № 3(84). – С. 101-109.
11. Қудратов, Н.А. Такмилёбии муқовимат бо экстремимзм - ҳамчун кафили сулҳу субот ва пойдории давлатдорӣ / Н.А. Қудратов, З М. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 1(30). – С. 260-266
12. Кудратов, Н.А. Конституционная безопасность Республики Таджикистан: вопросы теории и практики / Н.А. Кудратов, К.А. Кудратов // Законодательство. – 2016. – № 1(21). – С. 24-28.
13. Модельный закон "О противодействии экстремизму" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/9115/135/9126/9129/250 (санаи мурочиат: 10.10.2025)
14. Модельный Уголовный Кодекс для государств - участников Содружества Независимых Государств[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/9115/135/9126/9129/241 (санаи мурочиат: 10.10.2025)
15. Национальная Стратегия Республики Узбекистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2021 — 2026 годы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://lex.uz/docs/5491628 (санаи мурочиат: 10.10.2025)
16. Раҳмонзода, М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст]: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / М.Ҷ. Раҳмонзода. - Душанбе, 2020. - 208 с.
17. Рекомендации по совершенствованию законодательства государств – участников СНГ в сфере противодействия экстремизму [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/public/upload/files/1/340.pdf (санаи мурочиат: 10.10.2025)
18. Сравнительное правоведение: национальные правовые системы. Т. 1. Правовые системы Восточной Европы / под ред. В.И. Лафитского. — М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ; Юридическая фирма «Контракт», 2012. – 528 с.
19. Стратегия противодействия экстремизму в Российской Федерации // Утверждена Указом Президента Российской Федерации от 28 декабря 2024 г. № 1124 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/411135491/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)

20. Указ Президента РФ от 2 июля 2021 г. N 400 "О Стратегии национальной безопасности Российской Федерации" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/401425792/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)

21. Указ Президента РФ от 31 марта 2023 г. № 229 "Об утверждении Концепции внешней политики Российской Федерации" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/406543869/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)

22. Указ Президента РФ от 9 ноября 2022 г. № 809 “Об утверждении Основ государственной политики по сохранению и укреплению традиционных российских духовно-нравственных ценностей” [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/405579061/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)

23. Федеральный закон от 25 июля 2002 г. N 114-ФЗ "О противодействии экстремистской деятельности" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.garant.ru/12127578/ (санаи мурочиат: 10.10.2025)

24. Ҳайдарзода, М.П. Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / М.П. Ҳайдарзода. - Душанбе, 2020. - 221 с.

ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: АЗ ИБТИДО ТО ЗАМОНИ МУОСИР

Ниёззода Саиднуъмони Саидҳомид – докторанти (PhD)-и Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон: Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44. Тел. (+992) 555510454; E-mail: abr.0093@mail.ru

Мақола таърихи ташаккул ва рушди Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил мекунад. Муаллиф ба марҳилаҳои ташкили низоми захираҳои моддӣ пас аз Истиқлолият, вазифаҳо ва функсияҳои Агентӣ, сохтори ташкилӣ ва ваколатҳои он таваҷҷӯҳ кардааст. Ин тадқиқот нишон медиҳад, ки Агентӣ ҳамчун маркази стратегӣ барои идоракунии захираҳои моддии давлатӣ нақши муҳим дорад, истифодаи самаранок ва назоратии захираҳоро таъмин мекунад ва ҳамоҳангсозии фаъолияти байниидоравиро фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: Агентии захираҳои моддӣ, захираҳои давлатӣ, идоракунии захираҳо, фаъолияти стратегии давлатӣ, назорати захираҳои моддӣ, ташкили низоми захираҳои давлатӣ, ваколат ва вазифаҳо, иқтисодиёти Тоҷикистон.

УПРАВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ МАТЕРИАЛЬНЫМИ РЕЗЕРВАМИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ОТ ИСТОКОВ ДО СОВРЕМЕННОСТИ

Ниёззода Саиднуамони Саидхомид – докторант (PhD) Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Айни, 44.Тел. (+992) 555510454; E-mail: abr.0093@mail.ru

В статье анализируется история и развитие Агентства материальных резервов при Правительстве Республики Таджикистан. Автор рассматривает этапы создания системы материальных резервов после обретения независимости, функции и задачи Агентства, его организационную структуру и полномочия. Исследование показывает, что Агентство играет ключевую стратегическую роль в управлении государственными материальными резервами, обеспечивая их эффективное использование и контроль, а также координацию деятельности между органами.

Ключевые слова: Агентство материальных резервов, государственные резервы, управление ресурсами, стратегические функции государства, контроль материальных резервов, создание системы государственных резервов, полномочия и задачи, экономика Таджикистана.

MANAGEMENT OF STATE MATERIAL RESERVES IN TAJIKISTAN: FROM THE BEGINNING TO THE PRESENT

Niyozzoda Saidnu'moni Saidhomid - doctor (PhD) Institute of Economics and Demography of the National academy of sciences of Tajikistan: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini, 44:Tel: (+992) 555510454; E-mail: abr.0093@mail.ru

The article analyzes the history and development of the State Material Reserves Agency under the Government of the Republic of Tajikistan. The author focuses on the stages of establishing the material reserves system after independence, the Agency's functions and responsibilities, its organizational structure, and powers. The study demonstrates that the Agency plays a key strategic role in managing state material reserves, ensuring their efficient and controlled use, and facilitating inter-agency coordination.

Keywords: State Material Reserves Agency, state reserves, resource management, strategic state functions, material reserves control, establishment of state reserve system, powers and responsibilities, economy of Tajikistan.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар 9 сентябри соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор гирифт. Фурӯпошии робитаҳои хоҷагидории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, коҳиши истеҳсолот, буҳрони таъминоти бозори дохилӣ ва хавфи афзояндаи офатҳои табиӣ зарурати ташкили захираҳои моддии давлатии мутамарказро ба миён овард. Дар ин марҳила масъалаи захираҳои моддӣ ҳамчун унсури муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тадриҷан дар сиёсати давлатӣ мавқеъ пайдо кард. Мавриди зикр аст, ки дар ҷумҳурии мо бинобар сабаби мавҷуд набудани базаҳои захираи давлатӣ маводҳои захирашаванда дар базаҳои махсуси ҷумҳуриҳои ҳамсояи Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Қазоқистон нигоҳ дошта мешуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум дар сохтори Кумитаи банақшагирии РСС Тоҷикистон (Госплан) шуъбае таъсис дода шуд, ки воридот, нигоҳдорӣ ва тақсимоти захираҳои моддии ба ҷумҳурӣ бо роҳи хариди давлатӣ ва кӯмакҳои башардустона ворид шударо ба танзим медаровард. Аммо вуҷуд надоштани системаи ягонаи захираи давлатӣ ба мушкилии таъминоти талаботи хоҷагии халқ ва аҳолӣ дар мамлакат, сари вақт бартараф нагардидани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда ва аз ҳама муҳим ба баландравии нархҳои маҳсулотҳои ғизоӣ оварда мерасонд.

Чи тавре, ки дар боло қайд гардид бо мақсади ба танзим даровардани соҳаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки иҷрои функсия ва вазифаҳои он таҳти назорати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидо дар назди собиқ Вазорати иқтисод ва молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1992, №194 тасдиқ гардида, ҳамчун шуъбаи захираи давлатӣ ва кори махсус фаъолият менамуд{1}.

Бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1993, №143 Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид, ки дар сохтори он шуъбаи балансҳои моддӣ, тақсимот ва сарфаи захираҳо вазифаҳои имрӯзаи Агентиро қисман амалӣ менамуд{2}.

Бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 1994, №283 Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, Вазорати иқтисод ва дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид ва дар сохтори он шуъбаи захираи давлатӣ ва корҳои махсус мавҷуд буд, ки ин ҳам қисман иҷрои вазифаҳои имрӯзаи Агентиро ба уҳда дошт{3}.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1998, №285 Вазорати иқтисод ва дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, Вазорати иқтисод ва робитаи иқтисоди берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид, ки дар сохтори он низ шуъбаи захираҳои давлатӣ ва корҳои махсус мавҷуд буд{4}.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2001, №77 Вазорати иқтисод ва робитаи иқтисоди берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам хурда, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки дар сохтори он Раёсати хариди давлатӣ ва савдо фаъолият менамуд ва вазифаҳои имрӯзаи Агентӣ қисман иҷро мегардиданд{5}.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №589 Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд{6}. Дар сохтори он Раёсати захираҳои давлатӣ ва сафарбарӣ мавҷуд буд ва он то таъсис дода шудани Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамуд.

Аз таҳлили рушди ташкилӣ ва таърихии Агентии захираҳои моддии давлатӣ бармеояд, ки фаъолияти ин ниҳод марҳила ба марҳила ва ҳамоҳанг бо тағйироти сохтории Вазоратҳои иқтисодӣ ва савдо таҳия шуда, ба ниҳодҳои гуногуни давлатӣ гузошта шудааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки таҳкими низоми захираҳои давлатӣ ва мутобиқшавӣ бо шароити навини иқтисодӣ ва сиёсӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як самти стратегӣ буд. Ҳамзамон, ин таҳаввулот таъкид мекунад, ки ҷалби ниҳодҳои махсус ва шуъбаҳои захираҳои давлатӣ ба самаранокии идоракунии захираҳо ва таъмини коркард ва тақсими онҳо аҳамияти калидӣ дорад. Аз ин рӯ, таъсиси мустақими Агентӣ на танҳо барои муттасилӣ ва марказнокии захираҳои моддӣ, балки барои баланд бардоштани шаффофият ва назорати самаранок дар идоракунии захираҳои давлатӣ аҳамияти стратегӣ дорад

Қайд намудан ҷоиз аст, ки бинобар сабаби марҳила ба марҳила барқарор гардидани иқтисодиёти ҷумҳурӣ баъд аз низоъҳои дохилӣ,

таъмини тамоюли устувори рушди соҳаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ ва ба миён омадани вазифаҳои нав вобаста ба созмон додан ва рушди соҳаҳои муосири иқтисодиёт дар ҳайати вазорат мавҷуд будани як раёсат оид ба идораи захираи моддии давлатӣ ва сафарбарӣ нокифоя буда, он ба талаботи замон ҷавобгӯ набуд.

Дар шароити муосир мавҷудияти захираи давлатӣ ҳамчун омили пурқиммат ба ҳисоб рафта, барои таъмини талаботи мобилизатсионии мамлакат ва корҳои авалиндараҷа ҷиҳати аз байн бурдани оқибатҳои ҳолатҳои фавқуллода, расонидани ёрии башардӯстона ва ба танзим даровардани бозори дохилии талабот ва пешниҳод, пешгирии болоравии нархи маҳсулотҳои ғизоӣ ва зироатҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Агентӣ аз соли таъсисёбӣ аъзои фаъоли Шӯрои машваратии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, ҳамасола ҷиҳати тарзи дуруст нигоҳ доштан ва захира намудани маҳсулотҳои ғизоӣ ва зироатҳои кишоварзӣ дар семинар-машваратҳои бо ташаббуси Шӯрои мазкур гузаронидашаванда иштирок намуда, дар доираи он ҳамзамон бо намояндагони дигар кишварҳо вохӯриҳои алоҳида гузаронида, таҷрибаи пешрафтаро дар ин самт мавриди татбиқи саривақтӣ қарор дода истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти ташкил ва идоракунии захираҳои давлатӣ ба уҳдаи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Агентӣ) вогузор гардидааст. Агентӣ соли 2007 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 652 аз 30 декабри соли 2007 ҳамчун мақоми алоҳидаи давлатӣ таъсис ёфтааст [7].

Мувофиқи низомномаи худ, Агентӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи захираи давлатӣ амалӣ менамояд. Фаъолияти Агентӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад [8].

Агентӣ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳои дахлдор амалӣ менамояд. Дар сохтори Агентӣ дастгоҳи марказӣ дар шаҳри Душанбе ва як қатор ташкилоту анборҳои зертобеъ дар минтақаҳои кишвар шомил мебошанд, ки тибқи қарорҳои дахлдор ба системаи Агентӣ дохил гардидаанд.

Дар сатҳи роҳбарӣ, Агентӣ дорои Директор ва муовинони директор мебошад, ки шумораи онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Теъдоди умумии воҳидҳои кории Агентӣ мутобиқи штати тасдиқнамудаи ҳукуматӣ муқаррар мегардад. Аз ҷумла, шумораи кормандони дастгоҳи марказии Агентӣ 45 воҳид муайян шуда буд [8]. Маблағгузории фаъолияти Агентӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад.

Функсияҳо ва вазифаҳои асосии Агентии захираҳои моддии давлатӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушаххас гардидаанд. - татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираи давлатӣ;

- ҳифзи амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи таъминоти методологии ҷараёни ташаккули сарватҳои моддии захираи давлатӣ;

- татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини идораи самараноки сарватҳои моддии захираи давлатӣ;

- таҳия ва тасдиқ намудани санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои методӣ доир ба масъалаҳои идораи сарватҳои моддии захираи давлатӣ;

- андешидани чораҳои зарурӣ барои хариди сарватҳои моддӣ баҳри ташаккули захираи давлатӣ;

- ташкил намудани ҷойгиркунӣ, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии захираи моддии давлатӣ;

- муайян намудани шароити нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатиро бо дарназардошти талаботи стандартҳои давлатӣ ва шароитҳои техникӣ;

- таъмини назорат аз болои миқдор, сифат, ҳолат ва ҳаракати сарватҳои моддии захираи давлатӣ.

Вазифаҳо ва функсияҳои Агентии захираҳои моддӣ равона ба мутобиқсозӣ ва идоракунии устувори захираҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо ҳам амалӣ ва ҳам назоратиро фаро мегиранд, ки ба таъмини истифодаи самаранок ва риояи стандартҳои техникию иқтисодӣ мусоидат мекунад, ва ин Агентиро ҳамчун маркази калидӣ барои идоракунии стратегӣ ва назоратӣ муайян менамояд.

Ваколатҳои Агентӣ чунин муқаррар карда шудааст:

- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Агентӣ дахл доранд, тавзеҳот медиҳад;

- тибқи тартиби муқарраргардида барои кор карда баромадани масъалаҳо мутахассисони мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳоро ҷалб менамояд;

- дар доираи салоҳиятҳои худ мақомоти машваратӣ ва ташхисиро (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳо) ташкил менамояд;

- аз дигар мақомоти давлатӣ маълумоти заруриро, ки барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳояш лозиманд, дархост менамояд;

- ваколати соҳибмулкиро нисбат ба моликияте, ки барои амалӣ намудани фаъолияти худ ҳамчун мақоми ҳокимияти иҷроия дар доираи сарватҳои моддии захираи давлатӣ заруранд, аз ҷумла моликияти барои идораи таъҷили ба корхонаҳои зертобеъи худ супоридааашро татбиқ менамояд; [7].

Фаъолиятҳои машваратӣ ва ҳамоҳангсозии Агентӣ нишон медиҳанд, ки он на танҳо вазифаи амалӣ ва назоратиро иҷро мекунад, балки ҳамчун маркази ҳамоҳангсозӣ ва таҳлилии байниидоравӣ низ амал мекунад. Ҷалби мутахассисон, ташкил ва идоракунии шӯроҳо ва комиссияҳо,

ҳамчунин истифодаи ваколатҳо дар доираи моликият ва захираҳои давлатӣ таъкид менамояд, ки Агентӣ ҳамчун ниҳоди стратегӣ барои қабули қарорҳои асоснок ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ нақши муҳими роҳбарикунанда дорад.

Бо мақсади татбиқи ин вазифаҳо, Агентӣ як қатор вазифаҳои амалиро иҷро менамояд. Аз ҷумла, Агентӣ санадҳои меъёрӣ ва ҳуҷҷатҳои методиро таҳия ва тасдиқ мекунад, хариди сарватҳои моддиро барои ташаккули захираи давлатӣ ташкил менамояд, равандҳои ҷойгиркунӣ, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии захираҳоро дар анборҳо ба роҳ мемонад, инчунин шароити нигоҳдории онҳоро бо дарназардошти талаботи стандартҳои давлатӣ муайян мекунад

- сарватҳои моддии захираи давлатиро бо мақсади навкунӣ, ивазкунӣ, қарзгирӣ ва аз ҳолати ҳифозат баровардарро таъмин менамояд;

- доир намудани озмунҳо, бастани қарордодҳои давлатӣ барои тақсими фармоишот ҷиҳати интиқоли мол, иҷрои кор ва хизматрасониро барои эҳтиёҷоти захираҳои давлатӣ таъмин менамояд;

- идоракунии сарватҳои моддии захираи давлатиро амалӣ менамояд;

- фаъолияти иқтисодии корхонаҳои зертобеъро таҳлил ва нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти онҳоро тасдиқ менамояд, дар корхонаҳои зертобеъ санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагиро анҷом медиҳад;

- дар доираи салоҳияти худ таъмини ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ доштаро таъмин менамояд;

- омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ, баланд бардоштани дараҷаи тахассус ва таҷрибаомӯзии кормандони Агентиро ташкил мекунад;

- қабули шаҳрвандон, баррасии саривақтӣ ва пурраи мурочиати шифоҳию хаттии шаҳрвандон, инчунин вобаста ба онҳо қабул кардани қарор ва ба мурочиаткунандагон фиристодани ҷавобҳоро таъмин менамояд; [8].

Илова бар ин, Агентӣ назорати доимиро аз болои миқдор, сифат, ҳолат ва ҳаракати сарватҳои моддии захираи давлатӣ таъмин намуда, баровардани онҳоро бо мақсади навкунӣ, ивазкунӣ, қарзгирӣ ва аз ҳолати ҳифозат амалӣ месозад. Агентӣ инчунин озмунҳо баргузор намуда, шартномаҳои давлатиро бо таъминкунандагон ҷиҳати интиқоли мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти захираҳои давлатӣ мебандад [8].

Дар доираи ваколатҳои худ, Агентӣ фаъолияти иқтисодии ташкилотҳои зертобеъро таҳлил намуда, нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти онҳоро тасдиқ мекунад, инчунин дар ташкилотҳои зертобеъ санҷишҳои молиявию хоҷагиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, Агентӣ вазифаи фармоишгари давлатии барнома ва лоиҳаҳои мақсаднок, илмию техникӣ ва инноватсиониро дар соҳаи фаъолияти худ иҷро менамояд.

Агентӣ инчунин вазифаҳои қабулкунанда ва тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетиро, ки барои нигоҳдорӣ ва татбиқи вазифаҳои ба он

вогузоршуда пешбинӣ шудаанд, амалӣ менамояд, ташкилотҳои давлатиро таъсис дода, оинномаҳои онҳоро тасдиқ мекунад ва ваколати соҳибмулкиро нисбат ба моликияти вобаста ба фаъолияти худ татбиқ менамояд.

Дар баробари ин, Агентӣ таъмини ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатиро дар доираи салоҳияти худ ба роҳ монда, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандонро ташкил мекунад, ҳамкории байналмилалиро бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ амалӣ месозад, корҳои бойгонӣ ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандонро тибқи тартиби муқарраргардида анҷом медиҳад.

Сохтори ташкилии дастгоҳи марказии Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳбарият, раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои соҳавӣ иборат мебошад.

Дар дастгоҳи марказии Агентӣ раёсатҳои зерин фаъолият мекунанд:

- раёсати таҳлил ва банақшагирии захираи давлатӣ;
- раёсати ташкил ва идораи захираи давлатӣ;
- раёсати молия ва муҳосибот;
- раёсати кадрҳо, хоҷагидорӣ ва корҳои махсус.

Бо мақсади таъмини фаъолияти ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ дар сохтори Агентӣ шуъбаҳои зерин амал мекунанд:

- шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ;
- шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ.

Илова бар ин, дар сохтори дастгоҳи марказӣ бахшҳои зерини соҳавӣ фаъолият менамоянд:

- бахши идораи захираи сафарбарӣ;
- бахши коргузорӣ ва назорат.

Чунин сохтори ташкилии Агентӣ имкон медиҳад, ки ваколатҳо ва масъулиятҳо байни воҳидҳои сохторӣ ба таври возеҳ тақсим гардида, раванди идоракунии захираҳои моддии давлатӣ мутобиқ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад .

Инчунин, дар назди Агентӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009, №93 корхонаҳои воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Захираи моддӣ», «Захираи нафтӣ», «Захираи моддии Суғд», «Захираи ғалла» ва «Захираи газ» таъсис дода шудааст. [8].

Таъсиси Агентии захираҳои моддии давлатӣ на танҳо барои муттасилӣ ва марказнокии захираҳои моддӣ аҳамият дорад, балки барои баланд бардоштани шаффофият, назорати самаранок ва таҳкими амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши стратегӣ мебозад. Агентӣ метавонад захираҳоро барои ҳолатҳои фавқулодда, чораҳои мобилизатсионӣ ва таъмини бозори дохилӣ самаранок истифода барад. Ҳамчунин, ҳамкории байналмилалӣ ва иштирок дар семинарҳо ва машваратҳо ба татбиқи таҷрибаи беҳтарин дар идоракунии захираҳои давлатӣ мусоидат мекунад

Дар маҷмӯъ, таҳаввулоти ташкилии Агентӣ нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими низоми захираҳои давлатӣ ва мутобиқшавӣ бо шароити нави иқтисодӣ ва сиёсӣ тадриҷан қадамҳои стратегӣ ва систематикӣ гирифтааст, ки ин ба таъмини устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат мекунад.

Рӯйхати адабиёт

1. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1992, №194 «Дар бораи тасдиқи сохтори Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».
2. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1993, №143 «Дар бораи барҳам додани Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».
3. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 1994, №283 «Дар бораи таъсиси Вазорати иқтисод ва дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1998, №285 «Дар бораи барҳам додани Вазорати иқтисод ва дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон».
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2001, №77 «Дар бораи таъсиси Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №589 «Дар бораи таъсиси Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 № 652 «Дар бораи таъсиси Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон».
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2021 № 254 «Дар бораи Низомномаи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон».

УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ СУБЪЕКТА НЕЗАКОННОГО СОБИРАНИЕ И РАСПРОСТРАНЕНИЕ ИНФОРМАЦИИ О ЧАСТНОЙ ЖИЗНИ

Олимов Шердил

соискатель отдела государственного права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Тел: +992 900255555. E-mail: b.sattoriyon@moliya.tj

Аннотация. Статья посвящена уголовно-правовому анализу субъекта незаконного собирания и распространения информации о частной жизни в контексте статьи 144 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Основное внимание уделено раскрытию содержания субъекта преступления как обязательного элемента состава, его соотношению с субъективной стороной и значению для установления уголовной ответственности. Рассматриваются общие признаки субъекта преступления — возраст и вменяемость, а также условия формирования специального субъекта при использовании служебного положения. Обосновано, что в условиях цифровизации и активного вовлечения несовершеннолетних в незаконный оборот конфиденциальных данных возрастной ценз уголовной ответственности в 16 лет требует научного переосмысления. Аргументируется целесообразность обсуждения вопроса о снижении возраста уголовной ответственности по ст. 144 УК РТ до 14 лет с учётом уровня цифровой социализации подростков, их способности осознавать общественную опасность своих действий и управлять ими. Особое внимание уделено квалифицирующему признаку использования служебного положения, который существенно повышает степень общественной опасности деяния и обусловливает усиленную уголовно-правовую оценку. Делается вывод о том, что правильное установление субъекта преступления имеет ключевое значение для справедливой квалификации, индивидуализации ответственности и повышения эффективности защиты права на неприкосновенность частной жизни.

Ключевые слова: субъект преступления; субъективные признаки; незаконное собирание информации; распространение сведений о частной жизни; статья 144 УК РТ; возраст уголовной ответственности; вменяемость; специальный субъект; служебное положение; цифровизация; конфиденциальная информация; право на частную жизнь.

A CRIMINAL-LAW ANALYSIS OF THE SUBJECT OF ILLEGAL COLLECTION AND DISSEMINATION OF INFORMATION ABOUT PRIVACY

Olimov Sherdil

PhD Candidate, Department of Public Law, A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science, and Law, National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel: +992 900255555. Email: b.sattoriyon@moliya.tj

Abstract. This article provides a criminal-law analysis of the subject of illegal collection and dissemination of information about private life in the context of Article 144 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The focus is on the subject of the crime as a mandatory element of the offense, its relationship to the subjective aspect, and its significance for establishing criminal liability. General characteristics of the subject of the crime—age and sanity—are considered, as well as the conditions for the formation of a special subject when using official position. It is substantiated that, in the context of digitalization and the active involvement of minors in the illegal circulation of confidential data, the age limit for criminal liability at 16 years requires scientific rethinking. The advisability of discussing the issue of lowering the age of criminal responsibility under Article 144 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan to 14 years is argued, taking into account the level of digital socialization of adolescents, their ability to recognize the social danger of their actions and manage them. Particular attention is paid to the qualifying feature of abuse of official position, which significantly increases the degree of social danger of the act and determines an enhanced criminal-legal assessment. It is concluded that the correct establishment of the subject of the crime is key to a fair classification, individualization of responsibility and increased effectiveness of the protection of the right to privacy.

Keywords: subject of the crime; subjective features; illegal collection of information; dissemination of information about private life; Article 144 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan; age of criminal responsibility; sanity; special subject; official position; digitalization; Confidential information; right to privacy.

К субъективным признакам состава преступления относятся субъект и субъективная сторона. Хотя уголовный закон не раскрывает содержание категории «субъект преступления», в уголовно-правовой науке она рассматривается как один из основных элементов состава. В УК РТ используется общее определение — «лицо, совершившее преступление». По существу, это понятия равнозначные, однако при юридическом анализе состава преступления применяется именно термин «субъект преступления» [4].

Каждое преступление как общественно опасное деяние совершается людьми и среди людей. Поэтому только лицо, совершившее общественно опасное деяние, признается субъектом преступления. В уголовном законодательстве термин «субъект преступления» не используется.

Для обозначения субъекта преступления в статьях УК РТ применяются такие слова, как «виновный», «лицо, совершившее преступление», «лицо, виновное в совершении преступления» и «осужденный». Быть субъектом преступления означает быть виновным в совершении общественно опасного

деяния, предусмотренного уголовным законом, умышленно или по неосторожности. По общим правилам уголовного права субъектом преступления является лицо, которое несет ответственность за совершенное преступление.

Из множества особенностей личности преступника уголовное право выделяет именно те, которые имеют наибольшее значение для решения вопроса об уголовной ответственности. К таким признакам относятся возраст и вменяемость. Возраст и вменяемость являются основными признаками субъекта преступления, так как они присутствуют во всех составах преступлений.

В более широком смысле, согласно теории уголовного права, субъектом преступления является вменяемое лицо, достигшее установленного законом возраста, которое непосредственно совершило преступление либо использовало для его совершения другое лицо.

Субъектом преступления может быть не каждый человек, а лишь лицо, обладающее определенными характеристиками. Именно поэтому правосудие учитывает только гуманистическую деятельность человека. Следовательно, наказание суда назначается лишь такому лицу, которое обладает психической способностью правильно осознавать свои общественно опасные действия и руководить ими.

Помимо признаков возраста и вменяемости, в ряде составов преступлений для субъекта устанавливаются дополнительные признаки. К ним относятся: повторное совершение преступления; совершение преступления особо опасным рецидивистом; наличие должностного положения; профессиональная деятельность и другие [6]. Дополнительные признаки относятся к специальному субъекту. Лицо, совершившее преступление, которое помимо основных признаков (вменяемости и возраста) обладает еще и дополнительными признаками, называется специальным субъектом.

Таким образом, субъектом преступления является лицо, которое умышленно или по неосторожности совершиАло предусмотренное законом общественно опасное деяние, достигло установленного законом возраста, является вменяемым и в отдельных случаях обладает иными специальными признаками, закрепленными в законе. Из этого следует, что малолетние и невменяемые лица не могут быть субъектами преступления. Из понятия субъекта преступления также следует, что субъектом преступления может быть только человек.

В статье 22 УК РТ установлено: «Только физическое вменяемое лицо, достигшее возраста, установленного настоящим Кодексом, подлежит уголовной ответственности».

Субъективные признаки в составе преступления традиционно охватывают субъект преступления и его субъективную сторону. В делах о незаконном собирании и распространении сведений о частной жизни именно субъективные признаки позволяют установить, кто именно может нести

ответственность, в какой форме вины выражены его действия, каковы мотивы и цели правонарушителя.

Субъектом выступает физическое вменяемое лицо, достигшее установленного законом возраста уголовной ответственности. Специальных требований к субъекту в подобных преступлениях законодатель, как правило, не выдвигает, однако в ряде случаев может иметь значение служебное положение (например, использование должностных полномочий для незаконного получения конфиденциальных сведений). В таком случае речь может идти о специальном субъекте.

Возраст субъекта представляет собой обязательный юридический признак, отсутствие которого исключает возможность наступления уголовной ответственности. Статья 144 УК РТ предусматривает, что уголовная ответственность за незаконное собирание и распространение информации о частной жизни наступает с достижения лицом 16-летнего возраста.

По мнению В. Д. Филимонова, возраст уголовной ответственности определяется с учетом того момента развития личности несовершеннолетнего, когда он способен осознать общественно опасный характер своих действий и контролировать их [3]. Аналогичной позиции придерживается и Л. М. Прозументов, указывая, что по мере формирования личности различные виды социальной ответственности становятся для нее внутренне присущими и посильными [5].

Предложение о снижении возраста субъекта по ст. 144 УК РТ с 16 до 14 лет логично вписывается в общую систему уголовного законодательства. Уже сегодня уголовная ответственность с 14 лет предусмотрена за преступления против собственности и личности (например, кража, грабёж, умышленное причинение тяжкого вреда здоровью). Нарушение права на частную жизнь в условиях цифровизации может обладать не меньшей общественной опасностью, чем указанные деяния, что делает оправданным включение его в перечень преступлений с пониженным возрастным цензом.

Современные подростки действительно являются активными пользователями социальных сетей и нередко вовлекаются в незаконные практики сбора, хранения и распространения конфиденциальных данных. Причём часто это делается умышленно: для буллинга, шантажа, вымогательства, дискредитации сверстников. В то же время именно подростки в силу своей доверчивости чаще становятся жертвами таких действий. Таким образом, понижение возраста ответственности будет способствовать не только усилению превенции, но и воспитанию цифровой культуры среди несовершеннолетних.

Несмотря на то, что подростковый возраст традиционно характеризуется незрелостью психики, эмоциональной импульсивностью и склонностью к экспериментам, в условиях цифровой среды подростки гораздо раньше приобретают навыки пользования технологиями и понимание последствий своих действий. В возрасте 14–15 лет они уже умеют:

а) различать личную и публичную информацию;

б) осознавать, что разглашение чужих данных может вызвать у другого лица негативные переживания;

в) целенаправленно использовать публикацию или передачу информации для достижения конкретных целей — например, унижения, насмешки, давления.

Таким образом, речь идёт не о простом «непонимании», а о вполне сознательном выборе модели поведения, что свидетельствует о наличии необходимого уровня вменяемости применительно к цифровым коммуникациям.

Исследования в области кибербуллинга, а также практики подростковых конфликтов в социальных сетях показывают, что:

а) размещение личных фото или сообщений сверстников нередко используется как инструмент шантажирования или психологического давления;

б) подростки осознают социальные последствия такого «слива» — потерю репутации, оскорбление чести, ухудшение отношений в коллективе;

в) такие действия редко носят случайный характер, напротив, они имеют выраженный умышленный характер.

Именно умысел, подтверждённый практикой, является аргументом в пользу обсуждения вопроса о снижении возраста уголовной ответственности до 14 лет в данной категории преступлений.

В ч. 2 ст. 144 УК РТ предусмотрено квалифицирующее обстоятельство — совершение незаконного собирания или распространения информации о частной жизни при использовании виновным своего служебного положения. Данный признак отражает повышенную общественную опасность деяния, поскольку лицо злоупотребляет доверием и полномочиями, предоставленными ему государством или организацией.

Под использованием служебного положения понимается использование любых преимуществ, которыми лицо обладает в силу занимаемой должности, исполнения тех или иных обязанностей по трудовому договору, выполнения профессиональных функций, вне зависимости от места осуществления указанных обязанностей (функций) [7]. Использование служебного положения может выражаться в различных формах. Например, в том, что лицо, располагающее сведениями о частной жизни другого лица или имеющее к ним доступ, продает либо распространяет их за определенную плату или из иной личной заинтересованности [1].

Служебное положение в уголовно-правовом смысле понимается как совокупность прав, обязанностей, компетенций и полномочий, которыми лицо наделено в силу занимаемой должности в системе государственной власти, органах местного самоуправления, а также в коммерческих и некоммерческих организациях. Этот статус закрепляется в нормативных и организационно-распорядительных актах и предполагает наличие у лица не только прав, но и обязанностей, связанных с его профессиональной деятельностью. Иными словами, служебное положение — это юридически закреплённый статус должностного или иного лица, который обеспечивает ему доступ к

информации, ресурсам и полномочиям, недоступным обычному гражданину. Именно обладание такими возможностями создаёт условия для злоупотребления ими во вред интересам общества и государства, что повышает степень общественной опасности деяния. Поэтому использование служебного положения при совершении преступления в уголовном праве рассматривается как квалифицирующий признак, усиливающий ответственность виновного. Так, работник медицинского учреждения, разглашающий сведения, составляющие врачебную тайну, сотрудник банка, продающий данные клиентов, или чиновник, незаконно передающий конфиденциальную информацию из государственных реестров, действуют не как частные лица, а как субъекты, использующие служебное положение вопреки целям и задачам своей деятельности. Именно поэтому законодатель выделяет использование служебного положения в качестве отягчающего обстоятельства и квалифицирующего признака, поскольку такие действия подрывают доверие к государственным органам и институтам гражданского общества.

Литература

1. Галыгина И.П. Нарушение неприкосновенности частной жизни, совершенное лицом с использованием своего служебного положения // Вестник Кемеровского госу дарственного университета. – 2010. – № 1 (41). – С. 125.

2. Криминологические основы уголовного права. – Томск: Томский ун–т, 1981. – С.167.

3. Миненок М.Г., Миненок А.И., Нажимов В.П. Филимонов В.Д.

4. Орлов В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву. М., 1958. С. 29.

5. Прозументов Л. М. Административно-правовое предупреждение правонарушений и преступлений несовершеннолетних. – Томск: Пеленг, 2001. – С.21.

6. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ [Матн] / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Ҳ.С. Салимов ва н.и.ҳ., дотсент Н.А. Ғаффорова. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 427 с.

7. Юрченко И.А. Нарушение неприкосновенности частной жизни // «Черные дыры» в российском законодательстве. – 2002. – № 2. – С. 78.

СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ ТОҶИК ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚОЛӢ

РУХСОРА РАСУЛЗОДА,
номзади илмҳои сиёсӣ, омузгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аннотатсия: Мақола равандҳои рушди дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият таҳлил мекунад. Муҳимтарин марҳилаҳои таъсис ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, таъсири вазъи дохилӣ ба сиёсати хориҷӣ, нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар омода кардани кадрҳои дипломатӣ ва рушди сиёсати хориҷии кишвар баррасӣ мешаванд. Дар мақола ҳамчунин иштироки Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ, сиёсати «дарҳои кушода», талошҳо барои ҳалли масоили обу иқлим ва амнияти минтақавӣ, ҳамгироӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва барқарорсозии сулҳ ва субот таҳлил шудаанд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, дипломатия, истиқлолият, сиёсати хориҷӣ, Эмомалӣ Раҳмон, СММ, «сиёсати дарҳои кушода», кадрҳои дипломатӣ, ҳамкорӣ

ВНЕШНЯЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РАЗВИТИЕ ДИПЛОМАТИИ ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ НЕЗАВИСИМОСТИ

РУХСОРА РАСУЛЗОДА,
кандидат политических наук, преподаватель кафедры политологии и связей с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Аннотация: Статья анализирует развитие дипломатии Республики Таджикистан в период независимости. Рассматриваются ключевые этапы становления и укрепления международных связей, влияние внутренней ситуации на внешнюю политику, роль Президента Эмомали Рахмона в подготовке дипломатических кадров и развития внешнеполитической деятельности страны. В статье также освещается участие Таджикистана в международных организациях, политика «открытых дверей», усилия по решению проблем водных ресурсов и изменения климата, обеспечение региональной безопасности, сотрудничество с соседними государствами, а также восстановление мира и стабильности.

Ключевые слова: Таджикистан, дипломатия, независимость, внешняя политика, Эмомали Рахмон, ООН, «политика открытых дверей», дипломатические кадры, сотрудничество

FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN'S DIPLOMACY UNDER INDEPENDENCE

RUKHSORA RASULZODA,
Candidate of Political Science, Lecturer in the Department of Political Science and Public Relations at the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan

Abstract: The article examines the development of diplomacy in the Republic of Tajikistan during the period of independence. It analyzes the key stages in the establishment and strengthening of international relations, the influence of domestic conditions on foreign policy, and the role of President Emomali Rahmon in the training of diplomatic personnel as a crucial component of the country's foreign policy. The article also highlights Tajikistan's participation in international organizations, the implementation of the "open-door policy," efforts to address water and climate-related issues, regional security cooperation, relations with neighboring countries, and the restoration of peace and stability.

Keywords: Tajikistan, diplomacy, independence, foreign policy, Emomali Rahmon, United Nations, open-door policy, diplomatic personnel, cooperation

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлоли давлатии худро эълон кард. Бо ба даст овардани соҳибихтиёрӣ, зарурати муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва ташаккули дипломатияи миллӣ ба миён омад. Дар ин замина, барпо намудани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳон, эътирофи байналмилалии давлат ва узвият пайдо кардан дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими ташаккули давлатдорӣ ба шумор мерафт.

Дар бораи таърихи рушди дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногун, таҳлили равобит бо кишварҳои ҷаҳон, узвият дар созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҳамкории иқтисодӣ бо ниҳодҳои молиявӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон олимон ва коршиносон, махсусан кормандону собиқадорони соҳаи хизмати дипломатӣ, мақолаҳо ва китобҳои зиёде нашр кардаанд. Аз ҷумла метавон С. Муҳриддин, Р. Алимов, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров, З. Сайидзода, А. Шарифзода, З. Қосимӣ, А. Шарифӣ, А. Сатторзода, В. Ниятбеков, А. Камолов, Ф. Шарифзода ва дигаронро номбар кард. Ҳамзамон, дар маҷаллаи сиёсӣ ва илмӣ-оммавии «Сиёсати хориҷӣ»-и Вазорати корҳои хориҷӣ низ мақолаҳои сершумор ба ин мавзӯъ мунтазам нашр мешаванд. Ин манбаъҳо на танҳо равандҳои ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистонро таҳлил мекунанд, балки саҳми намоёни Асосгузори дипломатияи тоҷик – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақши кишварро дар арсаи байналмилалӣ низ нишон медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки омилҳои дохилӣ, аз ҷумла вазъи сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, сатҳи рушди иқтисод ва таҳдидҳои амниятӣ дар ҳар давр ба хусусияти робитаҳои байналмилалӣ таъсири гуногун мерасониданд.

Дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ, дар ҳоле ки аксари кишварҳои дигари узви собиқи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Советии Сотсиалистӣ ба барқарор намудани ҳамкориҳои фаъол бо давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ машғул буданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давраҳои душвортарин ва фоҷианоктарини таърихи навини худро аз сар мегузаронд. Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ боиси кушта шудани даҳҳо ҳазор нафар, хароб гардидани иқтисоди миллӣ, инчунин бе хонаву дар мондан ва гуреза шудани садҳо ҳазор сокини кишвар гардид [4, 6]. Ин вазъият на танҳо раванди ташаккули давлатдорӣ ва дипломатияи миллиро ба мушкил рӯ ба рӯ сохт, балки мавҷудият ва бақои ҷумҳурии тозаистиқлолро низ зери хатари ҷиддӣ қарор дод.

Аз рӯзҳои аввали интихоб гардидан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мансаби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ором намудани вазъи сиёсию иҷтимоӣ, таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, доруворӣ ва сӯзишворӣ, чораҳои таърихӣ, қатъӣ ва сарнавиштсоз андешиданд [4, 7]. Дар чунин шароити бисёр ҳассос, Сарвари давлат ба зарурати ҷалби дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, дар муроҷиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон таъкид карданд, ки: «ман шахсан барои ба ҷумҳурӣ ёри расондан ба Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат мекунам» [8].

Роҳбари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиати худ ба муносибати солгарди ба узвияти СММ қабул шудани Тоҷикистон изҳор доштанд, ки «ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, Тоҷикистон дарҳои худро барои ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналхалқӣ кушодааст».

Новобаста ба мушкилиҳои он давр, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо кишварҳои гуногун муносибатҳои дипломатӣ барқарор намояд. Ҳамзамон, Тоҷикистон ба СММ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил узвият пайдо карда, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшид. Дар ин зимн, «Ҷумҳурии Тоҷикистон Оинномаи СММ, ҳуҷҷатҳои ниҳоии Хелсинки, хартияи Париж ва ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намуд» [4, 18].

Яке аз санадҳои муқарраркунанда ва роҳнамои масири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ» маҳсуб меёбанд. Ин санадҳо ҳамчун тадбирҳои ҷиддӣ барои фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии сиёсати байналмилалии давлат ва робитаҳои хориҷӣ қабул шуданд ва асосҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти низоми хадамоти дипломатии ҷумҳуриро муайян намуданд.

Бори нахуст дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 сентябри соли 1993, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз минбари 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ намуданд. Ин рӯйдоди таърихӣ оғози фаъолшавии дипломатияи муосири

тоҷик ба шумор меравад ва аз соли 2016 ин рӯз ҳамчун «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» [3] ҷашн гирифта мешавад.

Рушди дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлол ба омода намудани кадрҳои баландихтисос ва варзида сахт вобаста буд. Дар рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлол дар дастгоҳи Вазорати корҳои хориҷӣ мутахассисони соҳавӣ бо таҷрибаи амалӣ ва забондонӣ хеле камшумор буданд. «Дар он солҳо бо дастури Роҳбари давлат бо баъзе аз кишварҳои дӯст роҷеъ ба омода кардан ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ шартномаҳо ба имзо расид. Дар солҳои баъдӣ сохтори дастгоҳи марказии Вазорат муносиб бо пешомадҳои нави сиёсати хориҷӣ инкишоф ёфта, дар таркиби он раёсатҳои нав кушода шуд» [9]. Бо гузашти солҳо сохтори дастгоҳи Вазорат бо дарназардошти талаботи сиёсати хориҷӣ ва рушди робитаҳои байналмилалӣ такмил ёфт, раёсатҳои нав таъсис дода шуданд ва системаи омодасозии кадрҳо такмил ёфт. Имрӯз кадрҳои дипломатии тоҷик бо дониши баланд, таҷрибаи байналмилалӣ ва малакаи муошират байнисоҳавӣ омода ҳастанд ва Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор муаррифӣ мекунанд.

Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррар гардидани он ҳамчун «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» [1], барои рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои дипломатии кишвар заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам омад. Конститутсия самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлатро муайян намуда, Тоҷикистонро ҳамчун кишвари сулҳҷӯ муаррифӣ намуд. Тибқи муқаррароти Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон «сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад» [1].

Дар солҳои аввал ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияти сиёсати хориҷиро маҳдуд кард, вале талошҳои дипломатӣ барои расидан ба сулҳ ва оштӣ нақши калидӣ бозиданд.

Дар он солҳо аксари сафарҳои хориҷии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба мақсади ҳар чӣ зудтар расидан ба сулҳ равона шуда буданд. Мавзӯи сулҳ ва раванди музокирот асоси мулоқотҳои ӯ бо намояндагони давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалиро ташкил медод ва суханрониҳои Сарвари давлат аз минбарҳои байналмилалӣ низ бештар ба ҳамин мавзӯъ равона мешуданд.

«Иштироки фаъол ва саҳми арзандаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва давлатҳои нозир чун Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои исломии Эрон, Афғонистон ва Покистон, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва дигар созмону давлатҳо низ, пеш аз ҳама, аз талоши сулҳҷӯйӣ, дасту дили поки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва инчунин аз сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъдтар ба сатҳи «сиёсати бисёрсамтӣ» бардошта шуд, сарчашма мегирифт» [10, 59].

«Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғараз буда, зимни татбиқи он, Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои

тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад» [2].

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997), дипломатияи тоҷик ба таҳкими сулҳ, бозсозии давлатдорӣ ва барқарорсозии эътимоди байналмилалӣ равона шуд. Муносибатҳои дӯстона бо кишварҳои ҳамсоя, давлатҳои ИДМ ва дигар кишварҳои ҷаҳон густариш ёфтанд.

Дар солҳои 2000-ум, муносибати Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупову Амрико тақвият ёфт. Сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фаронса ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (соли 2002) ва кишварҳои дигари Аврупо, ҳамчунин сафарҳои пайдарҳами намояндагони воломақоми ин кишварҳо ба Тоҷикистон, намунаи возеҳи ин раванд мебошанд.

Дар ин давр, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ, бахусус дар соҳаи об шинохта шуд. Аз ҳамон солҳо кишвари мо барои дарёфти роҳҳои ҳалли масоили вобаста ба об, ки яке аз мушкилоти имрӯзу фардои сайёра маҳсуб меёбад, пайваста талош меварзад. Бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид доир ба об қабул гардиданд.

Агар дар солҳои аввали фаъолияти байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан масъалаҳои обро пешбарӣ мекард, дар солҳои минбаъда ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим диққати махсус дода мешавад. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки ҳамоҳангсозии сиёсати ҷаҳонӣ дар самтҳои технологияи нав ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро таъмин намояд. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон самтҳои нави таҳкими рушди устувор ва ҳуқуқи инсонро низ ба таври фаъол дар сатҳи байналмилалӣ пеш мебарад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар ҳалли масоили марзӣ бо ҳамсоягон рӯҳияи созандагӣ ва ба назар гирифтани манфиатҳои ҳама тарафҳоро пайгирӣ намудааст. Натиҷаи сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад сол ҳалнашударо бо роҳҳои дипломатӣ пурра бартараф кард. Ин иқдом на танҳо амнияти кишварро тақвият бахшид, балки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории босуботи минтақавиро низ таҳким дод. «Ҳамчунин соли 2025, шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкориҳои судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро фароҳам месозанд» [5].

«Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд» [2]. Ин сиёсати хориҷӣ ба таҳкими муносибатҳои дарозмуддат ва босубот, густариши дӯстӣ ва рушди ҳамкории мутақобилан бо тамоми кишварҳои ҷаҳон судманд равона гардидааст.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо 186 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард» [7]. Ҳоло дар 31 кишвари ҷаҳон 42 сафоратхона, намояндагӣ ва консулгарии Ҷумҳурии

Тоҷикистон фаъолият доранд. Ҳамзамон, 24 кишвари хориҷӣ ва созмонҳои зиёди байналмилаливу минтақавӣ намоядагии худро дар шаҳри Душанбе таъсис доданд, ки ин нишон аз рушди муносибатҳои дипломатӣ ва нуфузи байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Имрӯз дипломатияи муосири тоҷик бар принсипи эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлол ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид ба зӯрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдорӣ аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар асос меёбад.

Дар доираи як мақола баррасии ҳамаҷонибаи тамоми самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равандҳои рушди дипломатияи миллӣ аз лиҳози ҳаҷм имконнопазир мебошад. Бо вуҷуди ин, дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки марҳилаҳои асосӣ ва қадамҳои калидии ташаккул ва рушди онро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳем.

Имрӯз саҳми арзандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду пешрафти дипломатияи тоҷик ба таври возеҳ эҳсос мегардад. Дар давраи истиқлол низоми омодасозии кадрҳои баландихтисоси дипломатӣ ташаккул ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари фаъол ва ташаббускор дар ҳалли масоили умдаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Дар маҷмӯъ, рушд ва ташаккули дипломатияи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун раванди пурпечутоб, вале самаранок ва натиҷабахш арзёбӣ мегардад. Аз талошҳои ибтидоӣ барои эътирофи байналмилалӣ то пешниҳоди ташаббусҳои ҷаҳонӣ, дипломатияи кишвар ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва болоравии мақоми Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат намудааст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи 2015, № 332 тасдиқ шудааст [Сарчашмаи электронӣ] // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. — с. 2016, № 5, мод. 371; № 7, мод. 619; № 11, мод. 878.

4. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 208 с.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (16.12.2025) [Сарчашмаи электронӣ] // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: https://www.president.tj/event/missives/54181

6. Суханронӣ дар маҷлиси ботантана ба ифтихори 11-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 10-умин солгарди таъсиси Анҷумани

тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон (08.09.2002) [Сарчашмаи электронӣ] // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: https://www.president.tj/event/speeches/6242

7. Тарҷумаи ҳоли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. — URL: https://www.president.tj/president/biography

8. Садои мардум. – 1992. – 12 декабр. – №224 (474)

9. 5 қадам дар паҳнои олам[Матн] / Зери назари Сироҷидин Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016, - 220 с. ISBN 978-99975-0-590-3

10. Шарифзода, А. Асосгузори давлати навини тоҷикон / А. Шарифзода, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон» 2022. - 360 с. ISBN 978-99985-949-1-3

NEW TYPES OF DIPLOMACY IN THE 21st CENTURY: CULTURAL DIPLOMACY IN CONTEMPORARY INTERNATIONAL DISCUSSION

Mirsaidzoda F.A.
Associate Professor, Department of International Relations and Political Science, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

First-year Master's student, for specialist 230101.00: International Relations Yusupov Sh.Sh.

Abstract. *This article analyzes the concept of "cultural diplomacy" in contemporary international relations. The relevance of this theoretical and methodological revision stems from the growing role of culture in the international arena: references to culture and global cultural heritage are increasingly heard in the speeches of world leaders and found in foreign policy doctrines and strategies. The author examines this concept within the framework of humanitarian diplomacy, which is becoming particularly relevant in the research field as it is inextricably linked to the influence of the human factor on global politics as a whole. This article proposes studying cultural diplomacy as an independent form of diplomacy at this stage in the development of international relations, despite its close connection with such areas as public diplomacy, foreign cultural policy, soft power, propaganda, national branding, and foreign policy image. The article outlines the key principles of cultural diplomacy: respect and recognition of cultural diversity and heritage; intercultural dialogue; justice and equality; protection of international human rights; and global peace and stability. The article describes the key aspects through which cultural diplomacy can be studied, namely political, economic, and security issues.*

Keywords: *cultural diplomacy, international actors, foreign policy, soft power, diplomacy, international relations, humanitarian diplomacy.*

Аннотатсия. Дар ин мақола мафҳуми "Lипломатияи фарҳангӣ" дар муносибатҳои байналмилалии муосир таҳлил карда мешавад. Аҳамияти ин тағдиди назариявӣ ва методологӣ аз нақши афзояндаи фарҳанг дар арсаи байналмилалӣ бармеояд: ишораҳо ба фарҳанг ва мероси фарҳангии ҷаҳонӣ дар суханрониҳои пешвоёни ҷаҳон ва дар доктринаҳо ва стратегияҳои сиёсати хориҷӣ бештар шунида мешаванд. Муаллиф ин мафҳумро дар чаҳорчӯби дипломатияи башардӯстона баррасӣ мекунад, ки дар соҳаи тадқиқот махсусан муҳим мегардад, зеро он бо таъсири омили инсонӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар ин мақола омӯзиши дипломатияи фарҳангӣ ҳамчун шакли мустақили дипломатия дар ин марҳилаи рушди муносибатҳои байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, сарфи назар аз робитаи наздики он бо соҳаҳо ба монанди дипломатияи ҷамъиятӣ, сиёсати фарҳангии хориҷӣ, қудрати нарм, таблиғот, брендинги миллӣ ва имиҷи сиёсати хориҷӣ. Дар мақола принсипҳои асосии дипломатияи фарҳангӣ шарҳ

дода шудаанд: эҳтиром ва эътирофи гуногунрангӣ ва мероси фарҳангӣ; муколамаи байнифарҳангӣ; адолат ва баробарӣ; ҳифзи ҳуқуқи байналмилалии инсон; ва сулҳу суботи ҷаҳонӣ. Дар мақола ҷанбаҳои калидие, ки тавассути онҳо дипломатияи фарҳангӣ омӯхта мешавад, яъне масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ тавсиф шудаанд.

Калидвожаҳо: дипломатияи фарҳангӣ, субъектҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, қудрати нарм, дипломатия, муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатияи башардӯстона.

Recently, we have increasingly observed the active use of the concept of "culture" in international discourse. Numerous studies have emerged: on the foreign cultural policies of individual countries and international organizations, as well as in their theoretical understanding; on intercultural relations between states and regions (as foreign policy cooperation between states); on cultural diplomacy (as a kind of demonstration of cultural achievements at the international level). Sometimes the above-mentioned concepts are used synonymously, while at other times scholars distinguish between them, which, in our opinion, is entirely fair. The ambiguity and fuzziness of interpretations stems from the complex and multifaceted understanding of culture itself. However, despite the intertwined terms associated with culture and foreign policy, the general trend remains the active involvement of culture in the foreign policy discourse of almost all European states and international organizations, such as UNESCO and the European Union. This is explained by the growing interest in the economic component of the cultural sphere, and the role of culture as the only instrument for international interaction in some cases (in situations where other types of interaction are impossible due to conflicts), as well as a shift in the angle of studying diplomacy from the perspective of human capital.

One solution to fill this research gap could be the introduction into the international discourse of the umbrella concept of humanitarian diplomacy as "an integrated complex of the following parameters: an appeal to universal values and moral demands of justice, preserving the dignity of the communicating parties; the use of attractive social, educational, scientific and other programs to achieve political loyalty; activities to expand cultural exchange, promote national culture (traditional and modern) and language, develop tourism; protect the rights and freedoms of citizens, comply with international law; participate in the non-violent resolution of political and social conflicts, peacekeeping activities; organize state and volunteer activities at the international level to improve the living conditions of vulnerable groups of people in times of disasters, wars and conflicts; "activities aimed at preventing crimes against humanity (genocide) and opposing various forms of discrimination" (Rusakova, O.F., Rusakov, V.M., 2017, pp. 65-66). In other words, we are witnessing a shift from a military-political to a humanitarian ("human") interpretation of diplomacy. In this regard, culture, science, and education are beginning to play a significant role in the analysis of international relations. Researchers are increasingly considering cultural, scientific, educational, sports, and gastronomic diplomacy as effective tools for realizing the "soft power" of foreign states or international organizations. Articles on the role of science and culture in

international relations are appearing with increasing frequency. It is worth noting that research interest in this type of diplomacy is steadily growing. Thus, the following can be distinguished:

1) studies related to theoretical reflections on the nature and structure of cultural diplomacy (Filimonov G. Yu., Fedotova K.E., Borodin D.A.);

2) analysis of the implementation of cultural diplomacy by various countries, international and regional organizations (Kosenko S.I., Vasilenko E.V.); 3) articles devoted to the activities of individual organizations, communities, and individuals engaged in external cultural relations and the promotion of their culture internationally (Popov A.D., Yagya V.S.);

4) works examining specific, successfully implemented projects as examples of effective mechanisms for implementing cultural diplomacy (V.G. Podkorytov, M.A. Nesterova).

This article will examine the concept of "cultural diplomacy."

The generally accepted idea is that cultural diplomacy typically refers to the exchange of cultural practices between different states with the goal of strengthening mutual understanding and, consequently, enhancing international stability. Almost all researchers studying this type of diplomacy note that the difficulty in categorizing this concept is due to the heterogeneity of the definition of culture itself. At the same time, the concept of culture is also undergoing change: it is becoming more commercial, politicized, and, in some cases, militarized.

The phenomenon of cultural diplomacy itself is not new and has been actively used since the time of the Roman Empire. Civis romanus sum—the idea of Roman citizenship—is an example (although the term itself emerged only in the 20th century). However, the current geopolitical situation in the global community—namely, the emergence of new political entities (beyond classical nation-states), the shaping of global public opinion, the creation of cyberspace, and the emergence of "asymmetrical" conflicts that threaten not only human lives but also symbolic capital and entire cultures—all of this is leading to a reconsideration of the role and goals of cultural diplomacy as a whole. Beyond pursuing national interests, cultural diplomacy fosters intercultural dialogue aimed at increasing tolerance and respect for other cultures and religions.

Cultural diplomacy can also be used as part of an intellectual containment strategy to block the influence of problematic states.

Cultural diplomacy in practice encompasses all models that have been practiced throughout history by individuals, communities, states, and institutional actors to facilitate and improve relations and cooperation between disparate cultures. These models include various cultural exchange programs implemented by international delegations (e.g., American jazz ambassadors) or sporting competitions, as well as major events such as international exhibitions. Such models can influence intercultural or interfaith dialogue and promote reconciliation and stability.

Before examining existing definitions of cultural diplomacy, it is worth noting that before embracing any scholarly approach to this concept, researchers must first define what culture means to them and whether it can influence diplomacy. This question arises because diplomacy must always be aligned with the interests of each

country. In reality, the influence of culture on diplomacy is difficult to measure. It's worth recalling that international political science research has developed the concept of strategic culture, which explores the security landscape and various cultural strategies: how culture can influence diplomacy and war. As K. Booz (2005) notes, "strategic culture shapes behavior patterns in addressing issues of war and peace... and helps shape the overall picture of actors' interactions in the security sphere" (p. 25). One can recall numerous historical examples of how monuments of world culture have been preserved during conflicts and wars (despite the brutal bombing by the US during World War II, and despite the city of Kyoto being designated as the primary target for an atomic attack, it was spared). Or, conversely, libraries and museums were the first targets (the bombing of Dresden).

Another controversial issue is the problem of intercultural communication during diplomatic events. Intriguing in terms of the relationship between culture, communication, and diplomacy is the "Diplomatic Iceberg" presented by S. Ryan (2015), which clearly demonstrates that much of our communication process is unconscious and based on what might be called deep culture. Real-time communication is too complex and time-consuming to explore the cultural values and norms that underpin it. It is also impossible to process all the multitude of stimuli we encounter every second of every day. As a result, we are forced to simplify and stereotype, using our cultural schema to help us make quick decisions and judgments about high-level events (p. 69). For example, a diplomat who relies on unconscious deep cultural norms of "uncertainty avoidance" (e.g., Germany) will expect and perceive communication differently than a diplomat with a cultural schema of "uncertainty neutrality" (e.g., India).

Cultural diplomacy is a state policy aimed, within the framework of foreign policy, at exporting representative national cultural data and at interacting with other countries in the same cultural sphere. Since regional preventive foreign policy is formulated by a state seeking to defend its interests in the international arena, it is not surprising that the cultural sector is most often interpreted in the form of cultural cooperation agreements between representatives of two states for the conduct of joint events.

It is believed that the term "cultural diplomacy" itself was coined by the American researcher F. Barghoorn in the 1930s in relation to Soviet policy, who interpreted it as "the manipulation of cultural materials and personnel for propaganda purposes" (Barghoom, 1960, p. 26). Subsequently, the concept itself underwent a number of changes: acquiring an increasingly neutral connotation, it evolved to the perception of cultural diplomacy as "the exchange of ideas, information, values, traditions, beliefs and other aspects of culture that can contribute to better mutual understanding" (Cummings, 2003, p. 1). As P. Grasso (2013) notes, the concept of cultural diplomacy is born "from the intersection of two different dimensions: the formalization of diplomacy and the freedom of culture, which develops outside rigid and clearly defined patterns, nevertheless, culture plays a fundamental role in the diplomacy of countries" (p. 33). Italian politician F. Rutelli defines cultural diplomacy as "the use of tangible and intangible assets (from language and cultural heritage to events held under the slogan "made in") as a tool for presenting national

identity at the international level, as well as a tool for mediating the interaction of different cultures" (Francesco Rutelli e la diplomazia culturale, 2018). Another interesting definition is the statement of the German diplomat A. Enders, who stated that cultural diplomacy should be viewed as "an instrument that serves political purposes, and although it sets its own goals, these follow from the general goals of foreign policy" (Enders, 2002, p. 174). In the same context, the term "cultural diplomacy" is defined by the Czech author V. Hubinger, who considers it "an important instrument of state foreign policy related to the presentation, promotion and positive construction of the image of the state through cultural activities." Similarly, the Slovak scholar and diplomat M. Kuruc defines cultural diplomacy as a specific activity focused on the exchange of cultural values in accordance with foreign policy goals. Finally, another definition of cultural diplomacy was proposed by the British scholars G.R. Berridge and A. James define cultural diplomacy as the promotion of a state's cultural achievements abroad (for more details, see E. Pajtinka's article "Cultural Diplomacy in the Theory and Practice of Modern Relations," 2014). Slovak researcher E. Pajtinka defines cultural diplomacy as "a special part of diplomacy that is focused on realizing a state's foreign policy interests, primarily in the field of cultural policy" (Pajtinka, 2015, p. 112). As we can see from the above definitions of cultural diplomacy, in international discourse this type of diplomacy is inextricably linked with such thematic fields as diplomacy, public diplomacy, foreign cultural policy, soft power, propaganda, national branding, and political image.

The modern system of cultural diplomacy is independent and extends beyond public diplomacy and foreign cultural policy. It is naturally linked to the cultural heritage of countries, their continuous cultural development, and their historical past, using them as resources to build a positive foreign policy image and enhance the prestige of the state. It is worth noting that, compared to public diplomacy, which often deals with specific and urgent diplomatic projects, such as trade tensions or security cooperation between countries, cultural diplomacy focuses its activities more on cultural, educational exchanges, and everyday culture.

Another interesting definition, in our opinion, is the one proposed by the Institute of Cultural Diplomacy: "A course of action that is based on and utilizes the exchange of ideas, values, traditions, and other aspects of culture or identity, whether to strengthen relations, expand sociocultural cooperation, or advance national interests and beyond; Cultural diplomacy can be practiced by the public sector, the private sector, or civil society... the goal of cultural diplomacy is to promote peace and stability through intercultural relations."

The same organization identified the following principles of cultural diplomacy: 1) respect and recognition of cultural diversity and heritage; 2) intercultural dialogue; 3) justice and equality; 4) protection of international human rights; 5) global peace and stability.

The actors in cultural diplomacy, depending on the diplomatic track, are typically: employees of the Ministry of Foreign Affairs and the Ministry of Culture (diplomatic missions and cultural institutes), international socio-political and cultural-educational organizations that receive organizational and political support

and, in part, financial assistance from their states and coordinate their activities with diplomatic missions. However, they operate quite autonomously, adopting independent strategies and finding funding (sponsors, paid consulting and educational services); Directly involved cultural figures (artists, artists, dancers, musicians, etc.).

To summarize, it should be said that cultural diplomacy, as a form of foreign policy activity, is a priority for strengthening one's influence abroad, especially against the backdrop of the general crisis of the geopolitical framework and the model of traditional international relations. Theoretical and methodological research into this type of activity is necessary for more effectively communicating national values internationally and blocking the excessive promotion of foreign cultural and social values. It is becoming clear that there is no single, universal model of cultural diplomacy: all models described by various researchers are national in nature, i.e., we can speak of French, Italian, American, Korean, and other models.

Cultural diplomacy. Tools: international cultural cooperation agreements, declarations and conventions of international organizations, cultural and educational exchange programs; exhibitions, festivals, tours, public lectures, and master classes.

Thus, it can be concluded that cultural diplomacy is a new, well-forgotten old form of diplomacy. It is new because, in its modern interpretation, cultural diplomacy has been "cleaned up" from its direct connection with propaganda; today, a strict separation of the domestic cultural policies of ministries of culture and ministries of foreign affairs is no longer required. This interdepartmental approach, uniting, in particular, the ministries of foreign affairs, culture, national education, industry, and higher education, promotes international support for national cultural industries, operating in such diverse fields as art, music, literature, design, architecture, video games, film, and others.

BIBLIOGRAPHY

1. Lebedeva, M.M. (2018). Development of social and humanitarian issues in international studies: the Russian perspective. Bulletin of MGIMO-University, 1(58), 7-25. doi: 10.24833/2071-8160-2018-1-58-7-25
2. Barghoorn, F.C. (1960). The Soviet Cultural Offensive. The role of Cultural Diplomacy in Soviet Foreign Policy. Princeton: Princeton University Press.
3. Booth, K. (2005). Strategic Culture: Validity and Validation. The Oxford Journal on Good Governance, 2(1). 25-28.
4. Cummings, Milton C., Jr. (2003) Cultural Diplomacy and the United States Government. Washington: Center for Arts and Culture.
5. Enders, A. (2002). Indirekte Außenpolitik: Die Arbeit der Kulturreferate. Opladen: Auswärtiges Amt. Diplomatie als Beruf.
6. Francesco Rutelli e la diplomazia culturale, il soft power per il rilancio dell'Italia. (2018, June 2). Retrieved from https://www.key4biz.it/ilprincipenudo-francesco-rutelli-e-la-diplomazia-culturale-il-soft-power-per-il-rilancio-dellitalia/224857/
7. Grasso, P. (2013). Il potere della diplomazia culturale per il dialogo, la cooperazione internazionale e la pace. Roma: ARACNE editrice S.r. l.

THE ROLE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN THE DEVELOPMENT OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sultonov M.A.
First-year Master's student, for specialist 230101.00: International Relations IUTET.

The article dwells on the role of international political organizations in the political development of the Republic of Tajikistan. The prerequisites and motives of Tajikistan’s activities in the areas of its cooperation with international political organizations are analyzed. It was revealed that international political organizations played an important role in the political development of Tajikistan in various directions. International organizations are recognized as an important platform for self-presentation of Tajikistan at the international level. The normative role of international organizations is assessed as important in the political development of Tajikistan. The role of international political organizations in the process of democratization and strengthening its elements in Tajikistan, as well as in the process of peacemaking, post-conflict reconstruction, legitimization of political power, strengthening and development of civil society, ensuring stability, political and institutional reforms was also highly appreciated. It is noted that during the period of independence, Tajikistan’s cooperation with international political organizations changed under the influence of various temporary factors.

Key-words: international political organizations, political development, foreign policy, national interests, ensuring regional and international security, socio-political cooperation

Нақши созмонҳои сиёсии байналхалқӣ дар рушди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Заминаҳо ва ангезаҳои Тоҷикистон дар самти ҳамкории кишвар бо созмонҳои сиёсии байналхалқӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Ошкор карда шудааст, ки созмонҳои сиёсии байналхалқӣ дар самтҳои мухталиф дар рушди сиёсии Тоҷикистон нақши муҳим гузоштаанд. Созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун майдони муҳим барои худмуаррифии Тоҷикистон дар сатҳи байналхалқӣ дониста шудаанд. Нақши меъёрофарии созмонҳои байналхалқӣ дар таҳаввулоти сиёсии Тоҷикистон муҳим баҳогузорӣ шудааст. Ҳамчунин нақши созмонҳои сиёсии байналхалқӣ дар раванди демократикунонӣ ва таҳкими унсурони он дар Тоҷикистон, раванди сулҳофаринӣ, барқарорсозии пас аз низоъ, машруиятбахшии ҳокимияти сиёсӣ, таҳким ва тақвияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, таъмини суботу оромӣ ва бароҳмонии ислоҳоти сиёсӣ ва ниҳодӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Зикр карда шудааст, ки зери таъсири омилҳои мухталифи замонӣ сиғаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои сиёсии байналхалқӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тағйир пазируфтааст.

Калидвожаҳо: созмонҳои сиёсии байналхалқӣ, рушди сиёсӣ, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳамкориҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ

In the current conditions of its political development, the Republic of Tajikistan has become an active participant in the system of international relations and is at the stage of searching for an appropriate scheme of bilateral and multilateral relations with other subjects of the system of international relations. Tajikistan's entry into the international political system and comprehensive protection of its interests are considered an important goal of developing national statehood and ensuring the further development of the country, since it is within the framework of the international political system that the necessary resources and opportunities for bilateral and multilateral cooperation are created. One of the important aspects of the foreign policy of the Republic of Tajikistan is the development of multilateral relations and cooperation with various international political organizations. This point is clearly stated in the main legal documents of the Republic of Tajikistan. In particular, the Constitution of the Republic of Tajikistan states that Tajikistan may join and withdraw from international associations and organizations depending on the supreme interests of the people [1]. In the direction of developing cooperation with international organizations, the Republic of Tajikistan pays special attention to international political organizations. In particular, to this day we are witnessing the fact that our country has developed beneficial cooperation with international political organizations such as the UN, OSCE, CIS, SCO, SADC, SCO, SCO (Economic Cooperation Organization), Asian Cooperation Dialogue, Conference on Interaction and Confidence Building Measures in Asia, etc. Cooperation with these organizations is important for our country in many ways, and to date, Tajikistan has been able to resolve many of its political, economic and security issues within their framework. Our country is motivated by various motives for cooperation with various international political organizations. Below we will try to consider some of them. In our opinion, the following motives motivate the Republic of Tajikistan to cooperate with international political organizations:

- the influence and influence of international organizations; their significant contribution to solving political problems;
- the experience of international organizations;
- civilizational and geopolitical factors;
- a favorable platform for cooperation with member countries;
- the consistency of the country's goals with the programmatic goals of the organizations economic, social and political interests;
- the opportunity to present oneself within the organizations;
- the effectiveness of the organization's activities;
- the availability of the necessary conditions and resources, etc.

The Republic of Tajikistan established its cooperation with the UN and the OSCE primarily because they were influential international and regional organizations in the new conditions of our country's independence. Through membership in these

organizations, our country was able to present itself as a full-fledged member of international relations. In particular, the political motive and the solution of political problems were important for our country in terms of membership in these influential international organizations. Of course, most of the aforementioned motives are consistent with Tajikistan's cooperation with the UN and the OSCE. In our opinion, such motives as the experience of cooperation with members, geopolitical factors, existing infrastructure, military factors, solving political problems, political conditions, etc. were more influential for Tajikistan's cooperation with the CIS. For membership in the SCO, political, economic and social motives, security problems, geopolitical, etc. were more influential. Membership in the CSTO, in our opinion, has more security, political, military and geopolitical motives. Under the influence of civilizational motivation, our country, as a part of the Islamic world, has established mutual cooperation with the SCO in order to establish good and beneficial relations with Muslim countries on its platform. It is worth noting that international political organizations have played an effective role in the political development of the Republic of Tajikistan. On the basis of cooperation with them, our country has been able to carry out significant work in the field of political reforms during the period of independence.

First, we can mention the normative role of international organizations, which have had a profound impact on the political developments of our country. By joining international organizations, the Republic of Tajikistan undertook to ratify and accept their charters and some international conventions. In particular, after joining the OSCE and the UN, Tajikistan was forced to accept some international conventions that were also of a political nature. For example, in 1992, our country ratified the Universal Declaration of Human Rights, the Helsinki Final Act and the Paris Declaration, in 1993 the International Covenant on Civil and Political Rights, in 1996 the Vienna Convention on Diplomatic Relations and the Vienna Convention on the Law of Treaties. It is important to note that the Charters of international organizations and international conventions have had a significant impact on the formation of the legal system of Tajikistan. In particular, in the development of the Constitution of Tajikistan and the adoption of current laws, international norms are taken into account, which in itself reflects the role of international political organizations in the formation of a new political system in our country. Moreover, international legal instruments recognized by Tajikistan form an integral part of the legal system of the republic, and in the event of inconsistency of existing laws with them, the norms of international instruments apply [1]. After gaining state independence, the Republic of Tajikistan has embarked on a path of democratic development. Of course, the role of international political organizations in the process of democratization and strengthening its elements in the country is significant. In most cases, those democratic elements that are reflected in the Constitution of Tajikistan and the legislation of the country are reflected in international legal instruments and Charters of international political organizations. International political organizations also made a significant contribution to the implementation of democratic principles in Tajikistan. For example, on the basis of advisory assistance and financial support from the UN Center for Human Rights, the

OSCE Office for Democratic Institutions and Human Rights, Tajikistan sought to ensure the rights and freedoms of citizens in the republic. In his book entitled "Independence of Tajikistan and the Revival of the Nation," the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, noted that in the direction of democratization, the Government of the Republic of Tajikistan had identified the following priority tasks: - restoring legislative and administrative bodies, law enforcement structures to perform their functions, implementing measures to protect the dignity and security of the population of the republic; - respecting the rights and freedoms of citizens in accordance with the principles defined in the Final Act of the Conference on Security and Co-operation in Europe, the Paris Declaration and other international treaties.

Thus, it can be noted that after gaining independence, the Republic of Tajikistan has established cooperation with international political organizations in order to ensure political development. The expansion of this cooperation is considered important for solving various political problems of the country and strengthening its political system. On the basis of cooperation with international political organizations, the Republic of Tajikistan was able to escape from the abyss of internal conflict and political crisis, achieve peace and stability, undergo post-conflict reconstruction and create a basis for economic and social development. In addition, on the basis of this cooperation, democratic elements, institutions and values have gradually strengthened in Tajikistan, which have become the basis for strengthening the political system in the country.

LITERATURE.

1. Constitution of Kumchuria Tojikiston. Moddai 10. URL: http://www.mmk.tj

2. Rahmon E. Independence of Tajikistan and the revival of the nation. T.1. E. Rakhmon. – Dushanbe: Irfon, 2006. – 480 p.

3. Elomiyai umumii huquqi bashar.URL: https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (sanai muroqiat 07/04/2022).

4. Assisting nations to cultivate peace after conflict. The work of the United Nations peace building support offices. New York, 2002. 15p

ТАҲАВВУЛОТИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИН ДАР САМТИ АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ ҚИТЪАИ ЗАМИН ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ

Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,
докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Тел.: (+992) 904-25-26-30. E-mail: tojidinov_9898@mail.ru

Аннотатсия: Мақолаи зерин ба танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи шуравӣ бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии замони шуравӣ ба монанди Декрет «Дар бораи милликунонии замин», Кодекси замини ҶШФСР (соли 1922), Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС (соли 1968), Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970), Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС (соли 1990) ва Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ бахшида шудааст. Дар доираи имконият баъзе аз масъалаҳои умумият ва тафовути байни асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ошкор гардида, муаллиф дар охир ҷиҳати такмили қонунгузории замини амалкунанда бо ба инобат гирифтани танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур дар давраи шуравӣ хулосаҳои зарурӣ бароварда, таклифҳои асоснок пешкаш намудааст.

Калидвожа: Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон, қитъаи замин, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, қонунгузории замин, заминистифодабаранда, истифодаи қитъаи замин, қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.

ЭВОЛЮЦИЯ ЗЕМЕЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ЧАСТИ ОСНОВАНИЙ ПРЕКРАЩЕНИЯ ПРАВА ПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫМ УЧАСТКОМ В СОВЕТСКИЙ ПЕРИОД

Тоджидинов Махмараиб Абдулвохидович,
докторани PhD кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами юридического факультета Таджикского национального университета.
Тел.: (+992) 904-25-26-30. Эл. почта: tojidinov_9898@mail.ru

Аннотация: Данная статья посвящена правового регулирования основам прекращения права пользования земельным участком в советский период с учетом анализа нормативных правовых актов советского периода, таких как Декрет «О национализации земель», Земельный кодекс РСФСР (1922 г.), Основы земельного законодательства СССР (1968 г.), Земельный кодекс Таджикской ССР (1970 г.), Основы земельного законодательства СССР (1990 г.) и Земельный кодекс Таджикской ССР (1990 г.), а также трудов отечественных и зарубежных ученых.

В рамках данной возможности были выявлены некоторые общие вопросы и различия между основаниями прекращения права пользования земельными участками, и автор, наконец, сделал необходимые выводы и внес обоснованные предложения по совершенствованию действующего земельного законодательства с учетом правового регулирования данного вопроса в советский период.

Ключевые слова: Земельный кодекс ССР Таджикистан, земельный участок, право использования земельным участком, земельное законодательство, землепользователь, пользование земельным участком, прекращение право пользование земельным участком.

THE EVOLUTION OF LAND LEGISLATION IN TERMS OF THE RIGHT TO USE A LAND PLOT IN THE SOVIET PERIOD

Makhmaraib Abdulvohidovich Tojidinov,
Candidate of Law, Associate Professor, Department of Transport Law and Natural Resource Use Law, Faculty of Law, Tajik National University.
Tel.: (+992) 904-25-26-30. Email: tojidinov_9898@mail.ru

Annotation: This article is devoted to the basics of termination of the right to use a land plot in the Soviet period, taking into account the analysis of normative legal acts of the Soviet period, such as the Decree «On the Nationalization of lands», the Land Code of the RSFSR (1922), the Fundamentals of land legislation of the USSR (1968), the Land Code of the Tajik SSR (1970), the Fundamentals of land legislation of the USSR (1990) and the Land Code of the Tajik SSR (1990), as well as the works of domestic and foreign scientists.

Within the framework of this opportunity, some common issues and differences between the grounds for termination of the right to use land plots were identified, and the author finally drew the necessary conclusions and made reasonable proposals to improve the current land legislation, taking into account the legal regulation of this issue during the Soviet period.

Keywords: Land Code of SSR Tajikistan, land plot, right to use a land plot, land legislation, land user, use of a land plot, termination of the right to use a land plot.

Марҳилаи шуравии танзими муносибатҳо ва инкишоф ёфтани қонунгузорӣ дар соҳаҳои муҳим, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқи замин аз аҳаммият холӣ нест. Зеро омӯзиши таҷрибаи батанзимдарории муносибатҳои марбут ба замин дар марҳилаи шуравӣ метавонад ба таҳқиқ ва такмили муносибатҳо дар шароити кунунӣ аз нигоҳи нави инкишоф ва рушди қонунгузории соҳа мусоидат намояд. Алалхусус масъалаҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин дар радифи дигар падидаҳои ҳуқуқи замин аҳаммиятнок ва зарур шуморида мешавад [16, с. 174].

Ҳамин тавр, ҳанӯз дар давраи пеш аз инқилоб тамоюли ба низом даровардани асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ва ташаккули институти мустақил – институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин мушоҳида карда мешуд.

Дар қонунгузории давраи низоми ҳуқуқи империявӣ, ҳуқуқи замин ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо карда нашуда буд, бинобар ин институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ҳамчун институти ҳуқуқ ташаккул наёфта буд. Дар айни замон, Л.Л. Кассо дар соли 1906 аллакай якчанд асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқ ба истифодаи заминро муайян карда буд:

– қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин дар натиҷаи анҷом додани аҳдҳо ба он;

– қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин дар натиҷаи харобшавии замин, дар натиҷаи фурӯпошӣ ё заминҷунбӣ;

– қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин ҳангоми хариди умумӣ;

– дар сурати маҷбуран бегона кардани (экспроприатсияи) замин катъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин [8, с. 142].

Дар кишвари мо институти қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин ҳамзамон баробари ба як соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо кардани ҳуқуқи замин ташаккул ёфт. Яке аз аввалин декретҳои ҳокимияти шуравӣ – Декрет «Дар бораи милликунонии замин» аз 19 феврали соли 1918 [4] буд, ки асосҳо ва тартиби қатъ гардидани ҳуқуқи замин, аз ҷумла, барҳам додани тамоми шаклҳои моликият ба замин ва ба ихтиёри тамоми меҳнаткашон барои истифода додани заминро пешбинӣ мекард. Санади мазкур дар ҳамбастагӣ ба Декрет «Дар бораи замин» аз 26 октябри соли 1917 [3], ки тамоми шаклҳои ҳуқуқи моликият ба заминро барҳам дод, таҳия ва қабул гардидааст.

Мутобиқи Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин ба инҳо дода шудааст: давлат дар симои мақомоти шуравӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коммунаҳои хоҷагии қишлоқ, рафоқатҳои хоҷагии қишлоқ, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, оилаҳои алоҳида ва шахсони алоҳида, корхонаҳои тиҷоратӣ-саноатӣ ва нақлиётӣ.

Декрет «Дар бораи милликунонии замин» минбаъд аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро иҷозат намедод. Бояд гуфт, ки дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ду категорияи асосӣ барои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин пешбинӣ гардида буд:

1) ба таври қатъӣ ва комилан қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин нисбати шахси муайян;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи замин нисбат ба қитъаи муайян. Ҳамин тавр, ҳамаи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба замин аз рӯйи аломатҳои субъективӣ ва объективӣ тақсим карда шуданд.

Қатъи пурраи (ниҳоии) ҳуқуқ ба замин дар сурати вафоти шахс, қатъ гардидани фаъолияти он ё бинобар ба таври воқеӣ ё ҳуқуқӣ надоштани ҳуқуқи истифодаи замин (маҳрум кардани ҳама ҳуқуқҳои маданӣ ба тариқи судӣ) сурат мегирад. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешуд:

– ба таври расмӣ даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

– ошкоро майл надоштан ба истифодаи қитъаи замин, агарчи аризаи расмии заминистифодабаранда вуҷуд надошта бошад;

– истифодаи қитъаи замин бо мақсадҳое, ки қонун манъ намудааст;

– истифодаи қитъаи замин бо тартибе, ки қонун манъ намудааст;

– истифодаи қитъаи замин бо расонидани зарар ба хоҷагидории ҳамсоя.

Аз ҳамаи асосҳои дар боло зикршудаи қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сарфи назар аз мавҷудияти панҷ асос барои қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» онҳоро ба ду гурӯҳ муттаҳид кардан мумкин буд:

1) қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо сабаби даст кашидан аз он;

2) қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бинобар вайрон кардани талаботи қонун ва ҳуқуқи шахсони сеюм.

Дар баробари ин, дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ба ҳеҷ вақҳ тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбинӣ нагардида буд, вале дар он муайян гардида буд, ки идоракунии захираҳои замин вобаста ба таъиноташон аз тарафи уездҳо, губернияҳо, мақомотҳои вилоятӣ ва федералии ҳокимияти шуравӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин тавр, аз 19 феврали соли 1918 тартиби қатъ кардани ҳуқуқи истифодаи замин бевосита аз тарафи мақомотҳои давлатӣ, ки дар бораи қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин қарор қабул менамуданд, муайян карда шуд.

Профессор Ф.Т. Тоҳиров иброз медоранд, ки «пеш аз моҳи апрели соли 1928 қабул гардидани Кодекси ҶШС Ӯзбекистон оид ба замин ва 16 июни ҳамон сол дар қаламрави Тоҷикистони мухтор ҷорӣ шудани он ҳуқуқи заминдории ҷумҳурӣ дар асоси Кодекси замини ҶШФСР [7], ки дар қаламрави собиқ ҶМШС Туркистон бо тағйироту иловаҳо амал мекард, сурат гирифта буд» [15, с. 189].

Ҳамзамон Т.Ф. Яшук низ муътакид аст, ки Кодекси замини ҶШФСР як санади умумӣ ва ягонаи мураттабгаштае боқӣ монд, ки дар тамоми ҳудуди ҶШФСР амал мекард [17, с. 952].

Комитети Иҷроияи Марказии Умумироссиягии ҶШФСР дар анҷумани IV 30 октябри соли 1922 Кодекси заминро, ки дар таърихи Россия аввалин санади танзимкунандаи муносибатҳои замин буд, тасдиқ кард ва он аз 1 декабри соли 1922 мавриди амал қарор гирифт [5, с. 37]. Кодекси замини соли 1922 бар хилофи Декрет «Дар бораи замин» ва Декрет «Дар бораи милликунонии замин» мавҷуд будани ҳуқуқи моликият ба қитъаи заминро пешбинӣ мекард. Аммо аз ин ҳуқуқ танҳо як субъект – давлати коргару деҳқон бархӯрдор буд, дар сурате, ки ба дигар субъектҳои муносибатҳои замин қитъаи замин ё дар асоси ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин ва ё дар асоси ҳуқуқи иҷораи меҳнатӣ дода мешуд.

Ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин ҳуқуқи асосӣ ба замин буд, ки дар Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 пешбинӣ шуда буд, бинобар ин қонунгузор асосҳо ва тартиби қатъи ин ҳуқуқро ба замин муфассалтар танзим

намуд. Мувофиқи м. 18 Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 ҳуқуқи истифодаи меҳнатии замин дар мавридҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ихтиёран аз замин даст кашидани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ (хонавода). Дар баробари ин даст кашидан аз ҳуқуқ бо ризоияти умумии ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ сурат гирифта, бо пешниҳоди ариза ба номи ҷамъияти замин ё мақомоти заминсозӣ сурат мегирад;

2) ба таври пурра қатъ намудани хоҷагидории мустақил;

3) бесоҳиб (беворис) мондани хоҷагӣ;

4) ниҳоят ба ҷойи дигар кӯчондани ҳавлӣ бо қатъ намудани хоҷагии мустақил дар ҷойи пештара. Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми кӯчонидан танҳо пас аз он ки ба заминистифодабаранда дар ҷойи нав қитъаи замин ҷудо мегардид, ба амал меомад;

5) маҳрум намудан аз ҳуқуқи истифодаи замин аз ҷониби суд барои содир намудани ҷиноят. Дар ҳамин асос қатъ гардидани ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин пеш аз ҳама дар натиҷаи анҷом додани муомилот бо қитъаҳои замин ба амал омад, зеро дар м. 27 Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 анҷом додани аҳдҳо бо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо мақсади тарси беэътибор донистани ин аҳд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидану аз ҳуқуқи истифодаи замин маҳрум кардани заминистифодабаранда, манъ карда шуда буд;

6) гирифтани замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ.

Бояд гуфт, ки номгӯйи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки дар соли 1922 Кодекси замини ҶШФСР пешбинӣ карда буд, мукаммал буд, ки ин хизмати бечунучарои қонунгузории шуравӣ мебошад, зеро ин қоида устувории вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои заминро дар ҳамон давра таъмин намуд.

Дар заминаи таҳлили асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки дар Кодекси замини ҶШФСР соли 1922 пешбинӣ шуда буд, чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Ба монанди Декрет «Дар бораи милликунонии замин» дар Кодекси замини ҶШФСР соли 1922 ҳамаи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин ба ду гурӯҳ тақсим карда шуда буданд: ба сабаби қатъ гардидани фаъолияти субъекти заминистифодабаранда ва бо сабаби қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замини муайян.

2. Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 номгӯйи асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро, ки дар Декрет «Дар бораи милликунонии замин» ифода ёфта буд, васеъ карда, имконияти гирифтани қитъаи заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ пешбинӣ мекунад.

Инкишофи минбаъдаи падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сарзамини мо ба давраи тасдиқи **«Асоси умумии заминистифодабарӣ ва сохтори замин» тибқи қарори КИМ ИҶШС аз 15 декабри соли 1928** [14] рост меояд. Ин ҳуҷҷатро мақомоти қонунгузории Иттиҳоди Шуравӣ қабул карда буд, ки истифодаи он дар ҳудуди ҳамаи ҷумҳуриҳое, ки дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ шомил буданд, ҳатмӣ буд.

Меъёрҳои муҳимми Асоси умумии заминистифодабарӣ ва сохтори замин аз он иборат буд, ки онҳо хусусияти бемуҳлати истифодаи заминро дар

баробари тартиб додани қоидаҳои Кодекси замини ҶШФСР дар соли 1922 муқаррар карда буданд. Асоси умумии заминистифодабарӣ ва заминсозӣ асосҳои зерини қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро пешбинӣ мекард:

1) ихтиёран аз замин даст кашидани ҳамаи аъзоёни ҷамъияти замин, хоҷагӣ ё коллективи хоҷагии қишлоқ;

2) бе сабабҳои узрнок дар муҳлати муқарраркардаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз замин истифода накардани ҷамъияти замин, хоҷагӣ ва ё коллективҳо;

3) бесоҳиб (беворис) мондани хоҷагӣ;

4) кӯчонидан ба ҷойи дигар бо қатъ гардидани хоҷагии мустақил дар ҷойи пештара баъди гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ;

5) анҷом додани аҳдҳое, ки оғози милликунонии заминро вайрон мекунанд (хариду фурӯш, гарав, васиятнома, мубодилаи замин ва ғайра);

6) ғайриқонунӣ ба иҷора додани замин;

7) гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

8) дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ.

Ҳамин тариқ, Асоси умумии заминистифодабарӣ ва сохтори замин аз тақсими асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин аз рӯйи аломатҳои субъективӣ-объективӣ (қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини субъекти заминистифодабаранда ва қатъ гардидани ҳуқуқ ба объекти истифодаи замин) даст кашида, дар як навбат хусусияти маҷбуран қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро ҳамчун муҷозот барои анҷом додани аҳдҳо бо қитъаи замин муайян намуд. Мисли пештара даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо роҳи содир намудани кирдорҳои воқеие, ки аз ҳуқуқи даст кашидани шахс шаҳодат медиҳад ва пешниҳоди аризаи дахлдор дар бораи даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин асосҳои мустақили қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин дониста мешуданд.

Муҳаққиқи рус Е.Л. Минина дар хусуси «Асоси умумии заминистифодабарӣ ва сохтори замин» иброз медорад, ки он барои таҳия ва қабули кодексҳои замини ҷумҳуриҳои иттифоқӣ санади ягонаи асосӣ ба ҳисоб меравад [13, с. 26]. Махсусан таҳия ва қабул гардидани Кодекси замини ҶШС Ӯзбекистон (с. 1928), ки ҶМШС Тоҷикистон қисми таркибии он буд, ба меъёрҳои ин санади муҳим асос ёфта буд.

Ба масъалаи кодификатсияи қонунгузорӣ дар ҳудуди ИҶШС танҳо дар миёнаи солҳои 50-ум таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Баробари инкишофи муомилоти хоҷагидорӣ, тағйирот дар танзими тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ногузир буд. **Дар солҳои 60-уми асри гузашта оид ба Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ кор бурда мешуд ва ниҳоят 13 декабри соли 1968 ин ҳуҷҷат қабул карда шуд [1]**. Дар ин ҳуҷҷат моликияти истисноии давлат будани замин пешбинӣ гардид, ки замин ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ танҳо дар асоси ҳуқуқи истифодаи он дода мешуд.

Дар «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 асосҳои мустақили қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замини

шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шуданд. Ҳамин тариқ, тибқи м. 14 ин санад ҳуқуқи истифодаи шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин метавонист қатъ карда шавад:

1) бартараф гардидани зарурат дар қитъаи замин;

2) ба охир расидани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ;

4) ба вуҷуд омадани зарурати гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

5) дар давоми ду сол мунтазам истифода набурдани қитъаи замини додашуда;

6) истифода набурдани қитъаи замин мувофиқи таъиноташ, инчунин дар ҳолатҳои нодуруст (бепарвоёна) истифода бурдани замин.

Моддаи 15 Асосҳо бошад, дар навбати худ барои қатъ гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба қитъаи замин чунин асосҳоро пешбинӣ менамуд:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

2) гузаштани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) ба дигар ҷойи истиқоматӣ ба таври доимӣ кӯчонидани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ ё оила;

4) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба он қитъаи замини хизматӣ дода шудааст;

5) вафот кардани ҳамаи аъзоёни хоҷагӣ ё оила;

6) ба миён омадани зарурати гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

7) аз ҷониби шаҳрванд анҷом додани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо қитъаи замин ё аз ҷониби шаҳрванд мунтазам вайрон кардани қоидаҳои истифодаи замин;

8) дар давоми ду сол истифода набурдани қитъаи замин ё мувофиқи таъиноти мақсаднок истифода нашудани он.

Инчунин, м. 50 Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ масъалаҳои ҷавобгарии заминистифодабарандагонро барои вайрон кардани қонунгузории замин танзим менамуд, ки дар он имконияти қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сурати мунтазам вайрон кардани қоидаҳои истифодаи замин пешбинӣ гардида буд.

Марҳилаи дигари инкишофи қонунгузории замин дар Тоҷикистон ба қабул гардидани Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 17 декабри соли 1970 [11] (мавриди амал қарор гирифтани он аз 1 июли соли 1971) рост меояд. Кодекси мазкур аз 12 фасл ва 192 модда иборат буд ва тамоми он муносибатҳоеро, ки аз истифодаи замин ба амал меомаданд, танзим менамуд.

Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон нуктаҳоеро, ки дар «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 пешбинӣ шуда буданд, мукаммал намуд. Аз ҷумла, он ҳоло ҳам мавҷудияти моликияти истисноии давлатии заминро пешбинӣ мекард ва дигар

иштирокчиёни муносибатҳои замин қитъаҳои заминро таҳти ҳуқуқи истифодабарӣ нигоҳ медоштанд, ки онҳо ҳам бемуҳлат ва ҳам муваққатӣ буда метавонист (м. 10).

Дар айни ҳол истифодаи муваққатии замин ҳам кутоҳмуддат (то се сол) ва ҳам дарозмуддат (аз се то даҳ сол) буда метавонист. Қитъаҳои замини барои чарогоҳ додашуда ба муҳлати то 25 сол ба истифода дода мешуданд. Дар баробари ҳамин дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз соли 1970 пешбинӣ гардида буд, ки муҳлати истифодаи муваққатии қитъаи заминро дар сурати зарурати истеҳсолӣ дароз кардан мумкин аст (м. 12).

Дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон, монанди Асосҳои қонунгузории замин асосҳои қатъи ҳуқуқи замини шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои мустақил ҷудо гардида, бори аввал муқаррар гардид, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин метавонад пурра ва қисман қатъ карда шавад.

Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз соли 1970 номгӯйи асосҳои қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба таври алоҳида ба монанди «Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» дар соли 1968 муқаррар намуд.

Мутобиқи м. 37 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои истифодаи замини ба онҳо додашуда дар мавридҳои зерин мувофиқан бояд тамоман ё қисман қатъ карда шавад:

1) агар ба қитъаи замин дигар эҳтиёҷ намонад;

2) агар муҳлате, ки қитъаи замин ба муддати он дода шуда буд, тамом шавад;

3) агар корхона, муассиса ва ташкилот барҳам дода шавад;

4) агар барои дигар эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ гирифтани қитъаи замини дахлдор зарур шуморида шавад;

5) агар қитъаи замини додашуда дар давоми ду сол пай дар пай аз худ карда нашавад;

6) агар қитъаи замин мувофиқи мақсаде, ки барои он дода шуда буд, истифода бурда нашавад.

Дар м. 38 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон бошад асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин нисбати шаҳрвандон ба таври пурра ва ё қисман чунин муқаррар гардида буд:

1) дар ҳолати аз истифодаи қитъаи замин ихтиёран даст кашидан;

2) дар вақти ба охир расидани муҳлате, ки қитъаи замин ба он муддат дода шуда буд;

3) дар мавриди ба дигар ҷой барои истиқомати доимӣ кӯчида рафтани ҳамаи аъзоёни хонавода ё оила;

4) агар муносибатҳои меҳнатие, ки вобаста ба онҳо аз ҷойи хизмат порчаи замин дода шуда буд, қатъ гарданд, ба шарте, ки қонунҳои ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон қоидаи дигар пешбинӣ накарда бошанд;

5) агар ҳамаи аъзоёни хонавода ё оила вафот кунанд;

6) агар барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ гирифтани қитъаи замини дахлдор зарур шуморида шавад.

Агар шаҳрвандон амалиётеро, ки дар м.м. 185, 186 ва 190 Кодекси мазкур пешбинӣ гардида буд, содир кунанд, инчунин қитъаи замин дар давоми ду сол пай дар пай истифода бурда нашавад ё ин ки мувофиқи мақсаде, ки барои он дода шуда буд, истифода бурда нашавад, дар ин гуна мавридҳо низ ҳуқуқи истифодаи замин қатъ карда шуданаш мумкин буд.

Ҳарчанд дар ин давра Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» аз 6 марти соли 1990 [6] қабул мегардад, вале он барои як марҳилаи муайян ҳуқуқи моликият ба заминро барои шаҳрвандон кафолат намедиҳад (м. 7). Зеро дар ин марҳила ҳануз ибтидои раванди гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ буд, аз ин рӯ, ба шаҳрвандон танҳо ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи қитъаҳои замин дода шуд.

Бо қабули **Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин аз 28 феврали соли 1990** [2] номгӯйи ҳуқуқҳое, ки замин аз рӯйи онҳо ба субъектҳои муносибатҳои замин дода шуда метавонист, васеъ карда шуд, ки ин ба асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бетаъсир намонд. Дар ин давра гарчанде ки асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросӣ ва иҷораи қитъаи замин якхела буданд, аммо бинобар хусусияти уҳдадорӣ доштани ҳуқуқи иҷора он метавонист дар сурати бекор кардани шартномаи иҷора қатъ карда шавад.

Ҳамин тариқ, мувофиқи м. 9 Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар бораи замин аз соли 1990 ҳуқуқи соҳибӣ ва истифодаи тамоми қитъаи замин дар мавридҳои зерин қатъ карда мешавад:

1) ихтиёран даст кашидан аз истифодаи қитъаи замин;

2) гузаштани муҳлате, ки дар давоми он қитъаи замин ба истифода дода шудааст;

3) қатъ гардидани фаъолияти корхона, муассиса, ташкилот, хоҷагии деҳқонӣ;

4) мувофиқи таъинот истифода нагардидани қитъаи замин;

5) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба он қитъаи замини хизматӣ дода шудааст;

6) самаранок истифода набурдани қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ аз сатҳи меъёр пасттар (аз рӯйи баҳои кадастрӣ);

7) истифодаи қитъаи замин бо тарзҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии хок, олудашавии химиявию радиоактивии онҳо, бад шудани вазъияту ҳолати он мегарданд;

8) дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор мунтазам насупоридани андози замин, инчунин дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи иҷора напардохтани маблағи иҷора;

9) дар давоми як сол истифода набурдани қитъаи замине, ки барои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дода шудааст ва ду сол – барои истеҳсолоти ғайрикишоварзӣ;

10) гирифтани қитъаи замин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Дар баробари ин дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин дар соли 1990 барои татбиқи асосҳои муайяни қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин маҳдудиятҳо муқаррар карда

шуданд. Масалан, қитъаи заминеро, ки ба шаҳрвандон таҳти соҳибии якумраи меросӣ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дода шуда буд, ҳангоми дар давоми се сол аз рӯзи додани қитъаи замин дар сурати ғайриоқилона истифода бурдани қитъаи замин ё истифода набурдани қитъаи замин қатъ кардан мумкин набуд.

Ҳамин тавр, мо мебинем, ки дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи замин дар соли 1990 номгӯйи асосҳои қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин, ки дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон дар соли 1970 пешбинӣ шуда буд, бо илова кардани чунин асосҳо, ба монанди мунтазам напардохтани ҳаққи истифодаи қитъаи замин (андози замин ва иҷорапулӣ) ва истифодаи ғайриоқилонаи қитъаи замин бо истиснои чунин асоси қатъи ҳуқуқ ба қитъаи замин – муомилоти ғайриқонунӣ бо қитъаи замин муқаррар карда шуд. Дар баробари асосҳо инчунин усулҳои истифодаи қитъаи замин, ки сабаби қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин гардидаанд, номбар шудаанд, аз ҷумла, усулҳое, ки боиси паст шудани қабати хосилхезии хок, олудашавии химиявию радиоактивии онҳо ва вайроншавии муҳити экологӣ мегарданд.

Ба принсипҳои муносибатҳои бозорӣ гузаронидани иқтисодиёти Тоҷикистон танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои моликиятро тақозо мекунад. Дар ин марҳила дар ҶТ низ дар заминаи Қонуни ИҶШС «Дар бораи моликият дар ИҶШС» бо мақсади танзими муносибатҳои марбут ба моликият **Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 1990, №164** [12] қабул карда мешавад.

Моддаи 5 Қонуни мазкур замин, сарватҳои зеризаминӣ, олами набототу ҳайвонот, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, ашёҳои фарҳангӣ ва моддию маънавӣ, пул, коғазҳои қиматнок ва чизу чораи дигарро, ки қонун манъ намекунад, ба ҳайси объектҳои ҳуқуқи моликият эътироф менамояд. Дар м. 11 Қонуни мазкур, ки объектҳои ҳуқуқи моликияти шаҳрвандонро муқаррар менамуд, мутаассифона замин дар қатори дигар молу мулк дар моликияти хусусии шаҳрвандон кафолат дода нашуд. Зеро дар м.м. 25 ва 32 замин ва дигар боигариҳои табиӣ ҳамчун моликияти ҶШС Тоҷикистон муқаррар карда шуд.

Аз ин бармеояд, ки дар ҶТ ба монанди давраи шуравӣ сиёсати давлатӣ оид ба замин бо равиши таъмини соҳибмулкии давлат аз болои сарватҳои ҳаётан муҳими табиӣ таъмин карда шуд. Дар ин марҳила ҳамзамон ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар заминаи Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар бораи замин санадҳои кодификатсионӣ оид ба танзими муносибатҳои заминро қабул менамоянд.

Бо ин мақсад **Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1990, №215** [10] қабул карда мешавад. Дар м. 2 Кодекси мазкур муқаррар гардид, ки замин дар ҶШС Тоҷикистон моликияти ҷумҳурият – сарвати халқҳое мебошад, ки дар ҳудуди он истиқомат мекунанд. Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти он ба шаҳрвандон замин барои истифодаи муҳлатнок ва бемуҳлат дода шуда, муносибатҳо оид ба иҷораи замин ба Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи иҷора» аз соли 1990 ҳавола карда мешавад.

Азбаски замин таҳти соҳибӣ ва истифодаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошт, дар м. 17 Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон чунин асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин ё як қисми он муқаррар карда шуд:

1) даст кашидан аз қитъаи замин;

2) қатъ гардидани фаъолияти заминистифодабарандагон;

3) қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ;

4) нодуруст истифода бурдани қитъаи замин, ки барои заминҳои кишоварзӣ дар дараҷаи ҳосилнокӣ нисбат ба меъёри муқарраргардида (мувофиқи баҳои кадастрӣ) ифода меёбад;

5) мувофиқи мақсад истифода набурдани замин;

6) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин, бо маводи химиявӣ, радиоактивӣ ва дигар маводҳо заҳролуд шудани он ва бад шудани вазъи экологӣ шуда бошад;

7) ба охир расидани муҳлати истифодаи қитъаи замин;

8) мунтазам насупоридани андози замин дар муҳлатҳои муқарраркардаи қонунҳои ҶШС Тоҷикистон;

9) истифода нашудани қитъаи замини барои истеҳсоли кишоварзӣ додашуда дар давоми як сол ва қитъаи замини барои истеҳсолоти ғайрикишоварзӣ додашуда дар давоми ду сол;

10) мусодираи замин дар ҳолатҳои пешбиникардаи ҳамин Кодекс.

Ҳамзамон, аз мазмуни меъёри м. 19 Кодекси мазкур бармеояд, ки асоси дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ин фурӯши молу мулки ғайриманқули дар он ҷойгиршуда мебошад, зеро мутобиқи моддаи мазкур баробари гузаштани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ мегузарад.

Тавре ки дар санадҳои қаблии танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба замин ба монанди Асосҳои қонунгузории замини ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин Кодекси замини қаблӣ ба назар мерасид, масъалаи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар боби алоҳида мавриди танзим қарор мегирифтанд.

Бо ин тартиб дар Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар боби 4 (м.м. 20-23) мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта буд. Аммо дар ин кодекс дар тафовут ба Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970) асосҳои пешбинигардидаи қатъи ҳуқуқи истифодаи замин ҳам барои шахсони воқеӣ ва ҳам барои шахсони ҳуқуқӣ ба таври ягона пешбинӣ гардид. Яъне онҳо ба таври алоҳида муқаррар нагардиданд.

Ҳамин тариқ, тибқи Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин кафолати устувории мақоми субъектҳои муносибатҳои замин буд, дар ҳоле, ки қатъи фаъолияти субъект, ки ба ӯ қитъаи замин дода шудааст, ҳамчун асоси қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин эътироф карда шуд.

Дар баробари ин гарчанде ки Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) на танҳо ба муомилоти озоди қитъаҳои замин роҳ надод, балки анҷом

додани аҳдҳои ғайриқонунӣ бо қитъаи заминро низ ҳамчун асоси дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбини накард.

Ҳарчанд дар қатори дигар асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин гирифтани онро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва дар боби алоҳида танзим гардидани онро муқаррар намуд, вале бинобар сабаби дар моликияти давлатӣ қарор доштани замин асосҳои дигар ба монанди реквизитсия ва мусодираи қитъаи заминро бошад истисно намуд.

Новобаста аз ҳолатҳои болозикр, яке аз бартариятҳои Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1990) дар он аст, ки он нисбат ба Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон (соли 1970) тартиби қатъи ҳуқуқ ба қитъаи заминро муфассалтар танзим кардааст.

Ҳамин тавр, марҳилаи шуравии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин бо соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла, ҶТ ва қабули Конститутсия, инчунин **Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326** [9] ба анҷом мерасад.

Дар заминаи таҳлили мавзуи мазкур якчанд хулосаҳои зарурӣ баровардан мумкин аст:

1. Тафовути марҳилаи шуравӣ аз давраҳои низоми ҳуқуқи мусалмонӣ ва империявӣ дар он ифода меёбад, ки дар ин давра аллакай онҳо дар сатҳи санадҳои қонунгузорӣ ба таври мушаххас мустаҳкам гардиданд. Ҳамзамон, дар заминаи онҳо тартиби қатъ намудани ҳуқуқи истифодаи замин ба амал бароварда мешуд, ки ин амали қонунӣ ва одилонаи мақомоти давлатиро таъмин менамуд.

2. Доираи танзими муносибатҳои вобаста ба замин, махсусан дар қисмати асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар қонунгузории ҶШС Тоҷикистон ба санадҳои дорои аҳаммияти умумииттифоқӣ асос меёфтанд. Махсусан он меъёрҳое, ки дар Асосҳои қонунгузории ИҶШС дар соҳаи замин муқаррар мегардид, айнан дар қонунгузории ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ифода меёфтанд. Бо ин назардошт бо таҳаввулоти дар ҳаёти ҷамъиятии халқҳои шуравӣ бамиёномада, махсусан гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX асосҳои нав барои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин ба миён омаданд.

3. Дар қонунгузории давраи шуравӣ пешбинӣ гардидани асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар натиҷаи қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ, вафоти заминистифодабаранда, мунтазам напардохтани андози замин ё маблағи иҷора аз зумраи асосҳое мебошанд, ки дар шароити кунунӣ пешбинӣ гардидани онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ зарурати воқеӣ доранд.

Масалан, истифодабарандагони замин солҳои дароз қитъаи заминро истифода мебаранд вале пардохтҳоеро, ки қонунгузорӣ барои истифодаи он муқаррар намудааст, анҷом намедиҳанд. Ҳол он ки дар шароити номуайянии иқтисодӣ пардохти маблағӣ истифодаи замин (андози замин) барои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, пешбинӣ гардидани чунин чораи қонунии таъсиррасонӣ ба монанди қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо сабаби мунтазам напардохтани андози

замин дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба бартараф намудани ҳолатҳои болозикр мусоидат менамояд.

4. Бо дарназардошти таҳлили санадҳои қонунгузории ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон дар давраи шуравӣ пайхас намудан мумкин аст, ки падидаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин вобаста ба таҳаввулоти дар ҳаёти ҷомеа бавуҷудомада такмилу таҷдид гардидааст ва ниҳоят он ба таъмини истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои замини кишвар равона шудааст. Дар як навбат онҳо зимни таҳия ва қабули Кодекси замини ҶТ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар заминаи воқеии амалию ҳуқуқӣ гузоштанд.

Адабиёт:

[1]. «Основы земельного законодательства СССР и союзных республик» от 13 декабря 1968 г. №3401-VII // ВВС СССР. – 1968. – №51. – Ст. 485.

[2]. «Основы земельного законодательства Союза ССР и союзных республик» от 28 февраля 1990 г., №1251-1 // ВСНД СССР и ВС СССР. – 1990. – №10. – Ст. 129. – №10. – Ст. 130.

[3]. Декрет ВЦИК от 26 октября 1917 г. «О земле» // СУ РСФСР. – 1917. – №1. – Ст. 3.

[4]. Декрет ВЦИК от 19 февраля 1918 г. «О социализации земли» // Собрание узаконений РСФСР. – 1918. – №25. – Ст. 346.

[5]. Ерофеев Б.В. Советское земельное право. – М.: Высшая школа, 1965. – 394 с.

[6]. Закон СССР «О собственности в СССР» от 6 марта 1990 г. // Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. – 1990. – №11. – Ст. 164.

[7]. Земельный кодекс РСФСР (утв. Постановление ВЦИК от 30 октября 1922 г. «О введении в действие Земельного кодекса, принятого на 4 сессии IX созыва») // СУ РСФСР. – 1922. – №68. – Ст. 901.

[8]. Кассо Л.Л. Русское поземельное право. – М., 1906. – 260 с.

[9]. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.10.2025).

[10]. Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 15 декабри соли 1990, №215 // Ведомостҳои Совети Олии ҶШС Тоҷикистон. – 1991. – №1 (1086).

[10]. Кодекси замини ҶШС Тоҷикистон аз 17 декабри соли 1970 // Ведомостҳои Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон. – 1970. – №24. – мод. 142.

[12]. Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон» аз 5 декабри соли 1990, №164 // Ведомостҳои Совети Олии ҶШС Тоҷикистон. – 1990. – №24 (1085).

[13]. Минина Е.Л. Становление и развитие земельного законодательства в нормативных актах советской эпохи // Аграрное и земельное право. – 2016. – №7 (139). – С. 16-29.

[14]. Собрание законов СССР. – 1929. – №69. – Ст. 642.

[15]. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1994. – 260 с.

[16]. Тоҷидинов М.А. Ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи шуравӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №3 (39). – С. 171-190.

[17]. Ящук Т.Ф. Земельный кодекс РСФСР 1922 года – первый кодифицированный акт в истории российского земельного законодательства // Вестник РУДН. – 2022. – Т. 26. – №4. – С. 938-958.

Мундариҷа

Пешгуфтор.....		3
1.	**Ҷуразода Х.Ҳ.** Таҳлили фаъолияти соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои базавӣ (2019-2021)	5
2.	**Мирсаидзода Ф.А.** Ҷанбаҳои консептуалии таҳқиқӣ раванди муҳоҷирати зеҳнӣ	10
3.	**Джумаев Б.М.** Вопросы обеспечения внешнеэкономической безопасности Республики Таджикистан в условиях его интеграции в мировую экономику	21
4.	**Назаров Х.Д.** Ғурури миллӣ дар симои қаҳрамонони осори мардумӣ	26
5.	**Ҷамшедов М.** Созмони умумиҷаҳонии савдо: афзалиятҳо, муаммоҳои он дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ, “сабз” ва инноватсионӣ	30
6.	**Шарифова Г.А.** Тарҷумаи бадеӣ ва нақши адабиёти классики форсу тоҷик дар он	47
7.	**Худоёров Ш.Х.** Эволюция маркетинга и дистрибуции на фоне цифровизации экономики таджикистана	52
8.	**Шарипова Ф.** Самтҳои асосии рушди сайёҳии тиҷоратӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт	58
9.	**Курбонова З.М.** Роль Республики Таджикистан в реализации целей устойчивого развития и формировании "зеленой" дипломатии	63
10.	**Kurbonova Z.M.** The role of the Republic of Tajikistan in achieving sustainable development goals and advancing "Green" diplomacy	67
11.	**Ҳотамова М.Ғ.** Пешвои миллат ва ташаккули сиёсати хориҷии кишвар	72
12.	**Самиров Б.А.** Рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии ҷумҳурии тоҷикистон дар шароити узвият ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ва ҷаҳонишавӣ	76
13.	**Исматова Н.Ш.** Ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон	80
14.	**Икромова М.Н.** Таджикистан 17 целей устойчивого раз.вития: от стратегии до реализации	90
15.	**Қурбонзода Д.Қ.** Таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ба сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон	94
16.	**Чилаев Р.С.** Нақши НБО -Роғун дар муносибатҳои сиёсии минтақа	106
17.	**Абдуллоева Л.М.** Хусусиятҳои асосии идоранамоии сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон.	114
18.	**Ҳасанзода Ф.Ш**. Моҳият, қонуниятҳои таъсис ва сохтори кластерҳои агросаноатӣ	122
19.	**Саидова М.С.** Нақши соҳибкорӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҷумҳурии тоҷикистон	126
20.	**Ҷалолов А.А.** Низоми идоракунии харидҳои давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ: механизмҳо ва воситаҳо.	129
21.	**Одиназода К.С.** Усулҳои таҷрибаи хориҷӣ - идоракунии раванди бозори меҳнатӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон	133
22.	**Джалилов Р.Р.** Вопросы обеспечения экономической безопасности в условиях глобализации.	139
23.	**Шарипов Ҳ.А.** Моҳият, зарурат ва хусусиятҳои инкишофи истеҳсолоти саноатӣ	146
24.	**Худойқулова Ё.К.** Нақши техналогияи иттилоотӣ-телекамуникатсионӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмиллалӣ	150

25.	**Пирова Ш.С.** Нақши истиқлоли давлатӣ дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.	154
26.	**Қаландаров А.А.** Нақши президенти ҷумҳурии тоҷикистон дар рушди иқтисодиёти кишвар.	161
27.	**Исмоилова М.Б., Саркорбобоева М.М.** Рушди сиёсати хориҷӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар.	168
28.	**Абдуллоева А.Х.** Правление финансовых ресурсов коммерческих банков.	175
29.	**Бабаханова Ф.Р.** Инновационные процессы в системе педагогического образования: адаптация к цифровой среде и дистанционное обучение.	179
30.	**Абдуллоева А.Х.** Финансовые потоки: сущность, структура и роль в экономическом развитии.	183
31.	**Абдуллоева Л.М.** Масъалаҳо ва пешомади идоранамоии сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон.	187
32.	**Очилова М.И., Эмомов И.Б.**Мавқеи забони англисӣ дар ташаккули муҳити касбӣ ва иқтисодии муосири Тоҷикистон.	195
33.	**Зокирова Д.Ғ., Имомова Ф.С.** Асосҳои ҳуқуқи маъмури дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.	203
34.	**Махмудова М.Х.** Использование солнечной энергии-будущее человечества.	215
35.	**Холиқова М.Ғ.** Асосҳои мукамалгардонии шароити тартиби хазмат дар мақомоти гумрук	219
36.	**Нуров Н.Қ.** Сиёсати хориҷии тоҷикистон ҳамчун таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба.	224
37.	**Файзализод А.Ф.** Саҳми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фаъолгардонии нақши занон дар идоракунии давлатӣ.	229
38.	**Бобоназарова С.М.** Соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди идоракунии давлатӣ.	232
39.	**Одинаев Қ.О.** Дипломатияи сайёҳӣ: механизми “қудрати нарм” дар муносибатҳои байнидавлатӣ.	236
40.	**Каримзода Ш.А.** Афзалиятҳои рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.	239
41.	**Rijabekov N.Ch.** Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Commonwealth of Independent States (CIS).	242
42.	**Гафуров Сорбон Хушдилович.** Механизм государственной поддержки производственной предпринимательской деятельности в условиях инновационного развития экономики.	244
43.	**Шомаҳмадзода Ф.Ш.** Касри буҷети давлатӣ ва роҳҳои ҳалли он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.	251
44.	**Мерганзода М.Б.** Нақши Пешвои миллат эмомалӣ раҳмон дар ҳифзу густариши забони тоҷикӣ.	257
45.	**Бабаханова Ф.Р.** Пути решения проблем международных отношений в современных условиях.	266
46.	**Кушакова И.А.** Возникновение дипломатии и семантика слова «дипломатия».	272
47.	**Чилаев Р.С.** Сиёсати энергетикии ҷумҳурии тоҷикистон дар замони рушду инкишофи даврони истиқлолият”	276
48.	**Ошурмамадова Н.Г.** Муҳоҷирати зеҳни ва раванди сиёсии дар шароти ҷаҳонишавӣ.	288
49.	**Мусаев М.К.** Паломничество по следам имама Аль-Бухари	297
50.	**Нарзиева Д.У.** Роль художественной литературы в воспитании и формировании мировоззрения учащихся старших классах	302

51.	**Латипов А.А.** Фазовая семантика в аспектуальности: сравнительное исследование на материале английского и узбекского языков	305
52.	**Sevinch Keldibek qizi Kochimova.** State initiatives on education and the protection of women's rights: achievements and challenges	309
53.	**Saida Y.T. Rashidova O.Kh.** Factors of developing professional competences of future teachers	314
54.	**Pokiza N.** The importance of linguistic-syntactic pattern annotation and corpus creation in the uzbek language	319
55.	**Komilova F.** The role of amir temur in world history and his significance as a literary figure	322
56.	**Ergasheva S.O., Xalova M.A.** The role of the short story genre in revealing human, social, and moral issues	325
57.	**Aminjonova R.D., Abdullaeva A.F.** The role of digital technologies in enhancing english language teaching	329
58.	**Sevinch K.K.** State initiatives on education and the protection of women's rights: achievements and challenges	335
59.	**Mardiyeva R.** The impact of integrated lessons on the development of studen thinking skills	339
60.	**Kilichov M.** Measuring sustainability in tourism through heritage indicators	342
61.	**Навруз-Зода Б.Н.** Инновационная модель устойчивого развития туризма	349
62.	**Navruz-zoda Zebiniso Bakhtiyorovna.** The models of tourist clustering and cluster's organic structure	355
63.	**Сатториён Б.А., Гулзода М.Ҳ.** Муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ вобаста ба самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм	360
64.	**Ниёззода С.С.** Идоракунии захираҳои моддии давлатӣ дар тоҷикистон: аз ибтидо то замони муосир	377
65.	**Олимов Ш.** Уголовно-правовой анализ субъекта незаконного собирание и распространение информации о частной жизни	385
66.	**Рухсора Р.** Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди дипломатияи тоҷик дар шароити соҳибистиқолӣ	391
67.	**Mirsaidzoda F.A., Yusupov Sh.Sh.** New types of diplomacy in the 21st century: cultural diplomacy in contemporary international discussion	398
68.	**Sultonov M.A.** The role of international organizations in the development of the foreign policy of the Republic of Tajikistan	404
69.	**Тоҷидинов М.А.** Таҳаввулоти қонунгузории замин дар самти асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи шуравӣ	408

Ба чопаш 15.10.2025 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60х84 1/8. Коғази офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 22,90. Адади нашр 100 нусха.